ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# П А Ё М И
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
*(маҷаллаи илмӣ)*

## СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

№3/4(170)

# ВЕ С Т Н И К
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
*(научный журнал)*

## СЕРИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2015

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Абдулазизов В. - зам. гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент**
**Амонов Н.К. - кандидат психологических наук, доцент**
**Зокиров Г.Н. - доктор политических наук, профессор**
**Назаров Р. - доктор философских наук, доцент**
**Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент**
**Насурдинов Э.С. - кандидат юридических наук, доцент**
**Расулиён К. - кандидат исторических наук, доцент**
**Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент**
**Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент**

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015**
**Вестник Таджикского национального университета, 2015**

# АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МАВҚЕИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ОН

*С.Н. Ҷамолов*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Забон аз унсурҳои аслии ҳастии ҳар як халқу миллат ба шумор меравад. Бе забони ҷудогонаву мукаммал офаридани давлати мустақил ғайриимкон аст.

Муҳаққиқи олмонӣ Якоб Гримм гуфта буд, ки «аз тамоми офаридаҳои инсонӣ, ки одамон онро тибқи анъанаҳо аз насл ба насл мерос мегузоранд ва он аз рӯйи одату рафтори эшон ташаккул ёфтааст, забон ба шумор меравад, ки бузургтарин, олитарин ва азизтарин дастоварди башарият аст. Маҳз забон аст, ки баробари марҳилаҳои таҳаввули тафаккури мардум пеш рафта, ба ёдгории арзишманд бадал гардидааст ва ҳоло бидуни он ҳастии одамият номафҳуму бемаъно менамояд. Забон мисли ҳаво зарур аст, ки бе он зистани касе имкон надорад ва ҳакки соҳиб шудану аз он истифода бурданро ҳамагон моликанд» [2, 64].

Аз ин рӯ, ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ забони миллатҳои гуногун бо гузашти садсолаҳо сайри ташаккул ва таҳаввулро аз сар гузаронида, ба унвони рукни меҳварии халқу давлат шинохта мешаванд. Дар тӯли мавҷудияти худ забон бо падидаҳои гуногуни маънавию фарҳангӣ, сиёсиву иктисодӣ ва иҷтимоиву мазҳабӣ рӯ ба рӯ омада, аз нигоҳи сохтор ва таркиб тағйир меёбад.

Забони тоҷикӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои эронӣ ва оилаи ҳиндуаврупоӣ шомил аст, сайри дарози таърихиро аз сар гузаронидааст. Ин матлабро кулли осори хаттии аҳди бостон, ки аз як наҳустзабони муштараки эронӣ ба вуҷуд омадааст, собит месозад. Истилоҳи адабиёти Эрони кадим, адабиёти порсии бостон, адабиёти кадими тоҷикон таърихан айни як мафҳумро ифода менамоянд.

Бино ба таъкиди донишманди тоҷик Додихудо Саймиддинов «эронӣ» ҳамчун сифати мансуб ба номи сарзамини Эрон аст, ки дар форсии миёна ба гунаи Екап ҳам ба маънои Эрон ва ҳам ба маънои сарзамини эрониён ба кор рафтааст». Муҳаққиқи мазкур мегӯяд: «Ин шакл идомаи мустакими ҳолати генетивӣ, ҷамъ аз эронии бостон akiyanam маҳсуб мешавад. Истилоҳ ё номи akiya дар эронии бостон дар мисоли «Авесто» aikya, катибаҳои форсии бостон akiya ва «Ригведо» akiya номи мардумони ориёӣ, ҳам ориёиҳои эронӣ ва ҳам ҳиндӣ буда, ин вожа дар таркиби номҳои таърихии кабоил, ашхос ва номҳои ҷуғрофӣ ба кор рафтааст» [4, 6].

Ин санад дар осори хаттии аҳди Хахоманишӣ, бавижа дар катибаҳои Дориюши I (522 -486 п.а.м.), аз ҷумла дар нақши Рустам чунин сабт ёфтааст: «Ман шоҳ Дориюш… порсӣ, писари порсӣ, ориёӣ, аз нажоди ориёӣ (ҳастам)». Ин навъ баёни асли қавмияти ориёиҳо дар катибаи Хишоёршо (480-465 п.а.м.) писари Дориёши I низ такрор шуда, шоҳони ин сулола худро нахуст порсӣ ва баъдан, ориёӣ номидаанд [4, 6].

Илова бар он ки дар осори бозмондаи гузаштагони мо миллату қавмияти худро ориёӣ мегеянд, ҳамчунон далели собит ориёӣ будани забони онҳо низ бархост. Дар бораи Дориюши I дар катибаи Бесутун (сутуни IV, 88-90) чунин омадааст: «Шоҳ Дориюш гӯяд: Ба хости Аҳурамаздо ин навиштаи ман (аст), ки ман кардам, ҳам кардам, ҳамчунин, ба ориёӣ буд, ҳам дар лавҳ, ҳам дар чарм нигошта шуд» [4, 6].

Мисоли зикршуда далолат аз он дорад, ки забони форсии бостон ва ё забони мардумони Порс дар аҳди Хахоманишиён бо номи ориёӣ машҳур буд.

Дар замони салтанати Сосониён (224-651 милодӣ) тамоми анвои илму санъат рушд карда, дар замони ҳукумати зиёдтар аз чаҳорасраи ин хонадон забони мо дар заминаи тарҷумаи китобу рисолаҳои юнониву лотинӣ, ҳиндиву чинӣ, бобуливу сурёнӣ ғаноманд гардид. Таърихнависон пешрафти ҳамаҷонибаи илмҳои гуногунро дар замони ҳукмронии Анӯшервони Одил (531- 579 милодӣ) ва вазири ҳакими ӯ Бузургмеҳри Бахтакон бо маълумоти фаровон исбот менамоянд.

Забони форсии миёна дар замони Сосониён мақоми давлатӣ ва диниву дарбориро дошт. Вусъати империатории Сосониён ба ҳадде буд, ки дар ин каламрав алифбоҳои зиёде, чун алифбои паҳлавӣ, алифбои монавӣ, алифбои авастоӣ мавҷуд буданд ва аз ин навъи хатҳо нишонаҳои мероси хаттӣ ба даст омадааст [7, 5].

Бештари олимон, аз ҷумла шарқшиноси амрикоӣ Р.Фрай ба ин назаранд, ки кавмҳои форсинажод баъди ҳуҷуми арабҳо низ аз равнақ намонд. Сокинони минтақаи кӯнунии мавсум ба Осиёи Марказӣ баъди дубора зери як давлат, яъне хилофат иҷборан як шудан аз лиҳози забону лаҳҷаҳои эронии бозмонда ба ҳам пайвастанд. Ин даъворо мавҷудияти забони китобии мардуми хоразмиву суғдӣ ва кешонии бохтарӣ собит месозад.

Муаллифи китоби «Мероси Осиёи Марказӣ» фарзияҳои зиёдеро доир ба забони мардуми минтақаи ҳамноми китоб ба гунаи забони бурушаскӣ ёдовар мешавад, ки гӯё, қабл аз кӯчидани мардуми ҳиндуориёӣ ба ин сарзамин василаи муоширати сокинони ин маҳал будааст. Ин тахминро олими ёдшуда дар заминаи таърихи мардуми бурушаскизабони хунза- шимоли Покистон, ки гузаштагони онҳо дар

минтакаи Ёрканд - Хутани минтакаи Синтзян то омадани мардумони ҳиндуаврупоӣ зиндагӣ мекарданд, ёдрас мешавад [8,32].

Академик Бобоҷон Ғафуров дар зимни паҳну парешон шудани таърихи мардуми ҳинду эронӣ менависад: «…ақидаи нисбатан маъмул ва ба ҳакикат наздик он аст, ки аҷдоди тоифаҳои мухталифи ҳиндуэронӣ то замони азҳамҷудошавӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он зиндагӣ ба сар бурда, сипас, як гурӯҳи ҳиндуориёӣ аз ин ҷо ба ҳиндустон кӯчидааст ва гурӯҳи дигар, дар Осиёи Пеш маскан гирифта, тақрибан дар миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод осори нутқ ва маданияти худро боқӣ гузоштааст. Ҳамчунин, тоифаҳои эронӣ, аҷдоди мидиҳо, форсҳо ва ғайра ба самти Эрони ғарбӣ ҳаракат карда, дар он ҷо сукунат ихтиёр намудаанд. Чунин нуқтаи назарро аксари муаррихон ва донишмандони забонҳои эронӣ тарафдорӣ мекунанд» [3, 45-46].

Ин баҳсҳо доир ба забони мардуми форсинажод ё умуман ориёӣ маънои онро дорад, ки баробари забонҳои асосии давлатии давлатҳои императорӣ аз даврони кадим шурӯъ карда, забону лаҳҷаҳои зиёди маҳаллӣ низ мавҷуданд. Ин лаҳҷаву шеваҳо бо гузашти вақт бо забони давлатӣ пайванду омезиш ёфтанд, ё бар асари ғаразҳои сиёсиву мазҳабӣ тадриҷан аз миён рафтанд.

Агар аз ин дидгоҳ ба сарнавишти забони форсии дарӣ рӯй оварем, ҳамин ҳақиқати таърихӣ, яъне бархӯрди ин забон бо падидаву ҳодисаҳои гуногуни сиёсии ҷуғрофӣ зиёд ба чашм мерасад.

Дар давраи нави таърихӣ, баъди замони фурӯпошии давлати бузурги Сосонӣ забони форсии дарӣ ба дигаргуниҳои куллии овоиву навишторӣ рӯ ба рӯ шуд. Агарчи дар давоми дусад сол он ба як роҳи печида ворид шуд, вале бо вуҷуди пазируфтани таъсироти забони арабӣ дубора ба василаи талошҳои пайгиронаи хонадонҳои сиёсии миллии тоҷикон, амсоли Саффориён ва Сомониён эҳё гардид. Аз миёни ин ду хонадон, хусусан ба амирони Сомонӣ насиб гардид, ки марҳилаи комилан ҷадид ва сарнавиштсозеро дар таърихи тоҷикон падид оваранд.

Мо дар ин мақола давлати Тоҳириёнро ҳамчун давлати миллӣ аз он ёд накардем, ки арабгароии онҳо дар марҳаъҳо бамаротиб ёд шудааст. Чунонки дар «Тазкират-уш-шуаро» –и Давлатшоҳи Самаркандӣ омадааст: «Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳукм кард, тамоми кутуби Эрон барбод доданд ва бад-ин ҷиҳат, шоирии форсӣ то замони Оли Сомон дар пардаи хуфо боқӣ монда» [1, 359].

Муаррих ва бостоншиноси маъруф Р.Фрай айнан ҳамин ақидаи Давлатшоҳи Самарқандиро таъкид месозад: «Агар давраи фармонравоии Тоҳириёнро мутолиа кунем, мадраке, ки далолат кунад Тоҳириён форсиро бар арабӣ тарҷеҳ медоданд, намебинем. Балки комилан баръакс, чанд тан аз умарои ин силсила худ ба забони арабӣ неку менавиштанд ва неку шеър месуруданд. Шакке нест, ки онҳо бо ҳарду забон ошноӣ доштанд, аммо арабӣ забони расмии қаламрави онон буд» [1, 374].

Баръакси ин ақида, яъне майл доштани Саффориён ба забони форсиро ин маълумоти «Таърихи Сиистон» равшан менамояд: «Пас, шуароеро (Яъкуби Лайси Саффорӣ - С.Х.) шеър гуфтандӣ ба тозӣ ... Чун ин шеър бархонданд, е олим набуд, дарнаёфт. Муҳаммад ибни Васиф ҳозир буд ва дабири расоили ӯ буд, адаб неку донист ва бад-он рӯзгор номаи порсӣ набуд. Пас, Яъкуб гуфт: Чизе, ки ман андар наёям, чаро бояд гуфт? Муҳаммад Васиф шеъри порсӣ гуфтан гирифт» [1, 374].

Донишманди ҳинд аллома Шиблии Нуъмонӣ ба чунин самтгирии корӣ арабҳо низ дар мавриди нобуд сохтани мероси аҷамиён ба ин равиш ишора менамояд: «Зоҳир ин аст, ки ашъори қадими шуарои Аҷам ба сабаби ғалабаи араб аз байн рафта, чунон ки машҳур аст, тамоми кутуб ва таворихи аҷамиёнро аъроб сӯзониданд ва аз кутуби қадима чизе бар ҷой нагузоштанд, магар калиле, ки пинҳон доштанд ва чун мардумро қадағани балиғ намуданд, қоидаи сухани форсӣ дар шеър матрук гардид, то муддате гузашт ва авзоъ ба таври дигар гашт» [1, 360].

Падид омадани давлати Сомониён барои ҳифозати шеваю лаҳҷаҳои марказии забони форсии дарӣ корсоз омад. Агарчи тарҳи куллии қадимии забон аз байн рафта, хатти мехӣ ба хатти паҳлавӣ, тадриҷан хатти паҳлавӣ ба монавӣ ва дар зимни оромӣ хатти арабӣ пайдо шуд, вале решаҳои забони порсии дарӣ, ки аз сарчашмаҳои даврони пеш аз мелодӣ об мехӯрд, аз равнақ боз намонд.

Масъалаи мавриди назарро профессор С.Абдуллоев чунин шарҳ медиҳад: «Ин решаҳои амиқи таърихӣ ва ғизо гирифтани забони порсии дарӣ аз суннатҳои чандинасраи фарҳанги зодбуми хеш доираи муомилоти забонҳои маҳаллиро танг намуд ва мунтаҳо бар онҳо мусаллат гардид. Дар иртибот бо ин масъала бояд афзуд, ки ривоҷи забони порсии дарӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон, на дар ғарби Эронзамин, низ аз мавҷудияти решаҳои бостонии забони мазкур шаҳодат медиҳад. Дигар иллати тавсеа пайдо накардани забони порсии дарӣ дар ғарби Эронзамин фаровонии забону лаҳҷаҳои басо гуногуни маҳаллӣ дар манотики мухталифи ин сарзамин буд» [1, 372].

Бо вуҷуди он ки забони порсии дарӣ ҳамчун забони расмию давлатии Олӣ Сомон пазируфта шуда, дар ташаккули ваҳдат ва ягонагии қавмҳои ориёӣ, амсоли суғдиҳову хоразмиҳову бохтариҳо нақши фавқулодда муҳим боқӣ гузошт, вале бештари аносири сарфию наҳвии ин забонҳо аз миён рафт.

Муаллифи «Тоҷикон» дар мавриди аз байн рафтани забонҳои кадимаи бумӣ навишта буд: «Пас аз асрҳои XIII–XIV мо дигар аз мавҷудияти забони хоразмӣ ҳеҷ як мадраке дар даст надорем. Мумкин аст, аз он вақт дере нагузашта, ин забон бо

таъсири лаҳҷаҳои туркӣ тамоман аз байн рафта, аҳолии дар собиқ эронизабони Хоразм комилан туркзабон гардида бошад. Шеваҳои туркӣ (ӯзбекӣ ва туркманӣ), ки дар заминаи забони хоразмӣ инкишоф меёфтанд, як миқдор калимаҳои кадимаи хоразмиро низ дар бар гирифта буданд (чунончи, агна – канали калон, уав – канали хурд ва амсоли инҳо дар шеваи ӯзбекии Хоразми ҳозира то ҳол маҳфузанд). Калима ва истилоҳоти кадимаи эронӣ дар номи маҳалҳои ин ноҳия хеле фаровон ба назар мерасанд (аз қабили ҳазорасп)» [3, II; 40].

Маҷмӯи андешаҳои академик Б.Ғафуров дар фасли «Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик» ба таври муфассал баррасӣ гардидааст [3,I; 501-511].

Масъалаи умумият ёфтани чанд забонро дар зери мафҳуми забони форсии дарӣ ашъори Рӯдакиву ҳамасрони ӯ собит месозад. Ба забони шеър ворид шудан ва роҳ ёфтани вожаҳои маҳаллӣ ва аносири луғавии забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва ғайра муҷиби зуҳури тафовутҳои ҷузъӣ дар гуфтори мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ва қисмати ғарбии Эронзамин гардид. Ин даъворо мақолаи суғдишиноси маъруф А.Л.Хромов равшан тавзеҳ медиҳад [9, 222-226].

Ин маълумот шаҳодат аз он медиҳад, ки чунин унсурҳои луғавӣ танхо хосси забони суғдист ва дар осори аҳли адаби навоҳии дигар ҳеҷ ёфт намешавад.

Бино ба иттилои таърихнигор С.Абдуллоев «забони порсии дарӣ (форсӣ, тоҷикӣ) на танҳо ҷойгузини иддае аз забонҳои эронӣ гардид, балки бо забони арабӣ ҳамовардӣ намуда, нуфузи онро дар Мовароуннаҳру Хуросону Сиистон ва дигар манотики Эронзамин маҳдуд гардонид. Донишманди араб Муҳаммад ибни Абдуси Хаҳшиёрӣ дар китоби арзишманди худ «ал-Вузаро ва-л-куттоб» роҷеъ ба вазъи дабирон дар даврони ҳафтумин халифаи уммавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик (731-745) навиштааст, ки дар он ҳангом бештари муншиёни Хуросон зардуштӣ буданд ва ҳисобҳо ба порсӣ навишта мешуд. Бо вуҷуди тазйику таассуби хулафои араб, ки дар баробари дин забони хешро низ ба сари кавмҳои мафтеҳ таҳмил кардан мехостанд (ва дар кишварҳои зиёде дар ин касди худ пирӯз ҳам шуданд), забони форсии тоҷикӣ ҳуввияташро ҳифз намуд ва заминаҳое барои рушди баъдинаи худ фароҳам овард.

Забоншиноси тоҷик А.Ҳасанов дар хусуси таърихи пурбори забони тоҷикӣ, илми забоншиносӣ ва хидматҳои олимон чунин менависад: «Забоншиносии тоҷик таърихи тӯлониву бой дошта, решаҳои он ба даврони пеш аз истилои араб мерасад. Ҳанӯз дар аҳди Сосониён дар иддае аз луғатномаҳо, мисли «Фарҳанги оим-евак» қайдҳои сарфию наҳвии фаровонеро метавон дучор шуд. Ниёгони мо на танҳо дар таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавӣ, овозӣ ва сарфиву наҳвии забони хеш ишораҳои ҷолиб кардаанд, балки боз бунёдгузорони илми баъзе ақвоми ғайриэронӣ низ маҳсуб мешуданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки нависандагону муаррихони асримиёнагӣ чун Ибни Сино, Форобӣ, Ибни Мукаффаъ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Фахри Розӣ, Ҷурҷонӣ, Истахрӣ ва да[[о фузалои дигари эронинажод рохеъ ба инъикоси хусусият[ои грамматикаи забони арабӣ хизмати шоистаеро ба ҷо овардаанд. Дар ағлаби осори чунин аҳли илми асрҳои миёна ҳодисаҳои ҷудогонаи забон шарҳу эзоҳ дода шуда, мақсади эшон омӯзонидани қироати беғалати матн, мавридшиносона истифода кардани воҳидҳои луғавӣ, огоҳона баён намудани андешаҳангоми тарҷумаи иборави хумлаҳо ва монанди инҳост» [10, 52].

Аз маҷмӯи баррасиҳои болоӣ ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки баробар бо таъсиси давлатҳои мустақил ва ниммустақили эронӣ дар ибтидои асри IX муросилоти девонӣ, яъне ҳуҷҷатгузории идориву давлатӣ ба забони форсӣ сурат мегирифт. Дар ин маврид, амирони Сомониён барои рушди забони форсии тоҷикӣ корҳои муҳимро ба сомон расонида, ин забонро ба маънои комили сухан ба забони расмии сиёсиву давлатӣ ва фарҳангиву диннӣ бадал сохтанд.

Дар баробари иктидори сиёсӣ пайдо кардани давлати Сомониён забони форсии дарӣ дар натиҷаи шукуфти тафаккури маънавӣ аз Бухорову Самарканд, Балху Ҳирот, Марву Нишопур, Хучанду Хатлону Бадахшон ба нумӯъ омада, худ барои рушди маънавии ҷомеа замина омода сохт.

Бино ба ақидаи академик Муҳаммадхон Шакурии Бухороӣ «Лаҳҷаи Балху Бухоро ба покиву софӣ ва зебоӣ шуҳрат дошт ва Бухоро хушсаликатарин намояндагони лаҳҷаҳои гуногунро як ҷо гирд оварда ва дар домани давлатдории худ парварда, муҳимтарин имконоти ҳамаи онҳоро барои ба вуҷуд овардани забони адабӣ ба кор гирифт. Бухоро зодгоҳи форсии дарии адабӣ ва якумин нумӯъгоҳи адабиёти форсии нав шуд» [11, 33].

Истилоҳҳои форсии дарӣ ва тоҷикӣ танҳо дар мавриди умумият бахшидани якчанд шеваю лаҳҷаҳо дар гузашта ба кор мерафтанд. Беҳуда нест, ки дар муқаддимаи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ин забонро «порсӣ ва дарии роҳи рост» сабт кардаанд [6, 4].

Имрӯз тақсим кардани як забон ба се шоха ва тафриқагузорӣ байни конуниятҳои куллии сарфию наҳвӣ ва овоии он кори беҳуда менамояд. Мавсум ба форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ гардидани забони ягона на ба ихтилофи қавму халкиятҳои дохили як забон, балки ба сифат ва маънии этимологии калимаҳо низ вобастагӣ дорад. Масалан, дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» калимаи дарӣ дар шакли мухаффафи «дар» бозгӯйи маънии пойтахт аст, ё лафзи «тоҷик» аз кулоҳи тоҷмонанд пешидани зардуштиён гирифта шудааст.

Забонҳои дигари тобеи забони форсии дарӣ гоҳо вобаста ба маҳалли сукунат ва дину мазҳабашон номгузорӣ шудаанд. Масалан, калимаи «суғдӣ» ба ду маънӣ фаҳмида мешавад. Аввал, ба маънии «сӯхтан», ки хосси оташпарастии зардуштиён аст ва дувум, маънии «шибарзамин»-ро дошта, ифодагари «маконест, ки аз фаровонии оби рӯду чашмаҳо ҳамешасабз» аст.

Бо гузашти вакт номи забонҳо ба маҳалли сукунати соҳибони забон иртиботи ғайримунтазираро ба миён овард. Ҳодисаҳои сиёсии замони Темур тадриҷан байни се шохаи бузурги як забон сангару сарҳадҳо гузошт.

Профессор Абдунабӣ Сатторзода дар мақолаи «Форсизабонони бегона ва ягона» масъалаи сезабонӣ ва якзабониро ба миён гузошта, бо далелҳо собит месозад, ки дар ҳар давру замонҳо забони адабии меъёр ягона буд ва забони назму наср ваҳдати ногусастанӣ дошт [5, 42].

Таҳоҷуми пур аз ҷаҳолати муғулон, харобкориҳои Чингиз ва чаҳор писари ӯ - Ектой, Тулей, Хухӣ ва Ҷағатой, тақсим гардидани сарзаминҳои забтгардида миёни фарзандони ӯ аз ҷумлаи фоҷиаҳои сахтест, ки ба парешониву саргумии мардуми ориёинажод боис шудааст.

Равиши ҳукуматдории Темур баъди таназзули империяи муғул ба таври комил байни халкҳои ориёинажод тафовуту имтиёз ва вижагиҳои ба ном қавмиву диниро ба вуҷуд овард. Амир Темур моҷарои мазҳабии дини ислом - сунниву шиаро аз нав қувват бахшид. Куштору бераҳмиҳои дар шаҳрҳои Исфаҳону Шероз (аз сари одам манора сохтан, кӯдаконро зери пойи аспон партофтан) ва дигар музофоти шиамазҳабон анҷомёфта далели хусумати ӯ ба аҳли ташайюъ маънидод мешуд.

Солҳои 70-80-уми асри XV Темур Эронро аз Халоирӣ ва Музаффариҳо, Осиёи Миёнаро аз охирин намояндагони муғулҳо гирифта, як империяи бузургро ташкил кард. Баъд аз вафоти Темур (1405) қаламрави ӯ ба писару набераҳояш қисмат шуд. Аз соли 1459 то соли 1506 Ҳусайн Бойқаро давлатро идора мекард. Баъд аз Темур ба сари давлати Эрон ду қабилаи туркман Каракуюнлу (гӯсфанди сиёҳ) ва Оккуюнлу (гесфанди сафед) рӯйи кор омаданд, ки солҳои 1410-1468 ва 1468 то оғози асри XVI ҳукмронӣ карданд.

Салтанат ва ҳукумати Эрон баъд аз ин, ба дасти Сафавиҳо афтод. Давлати Сафавӣ бо номи Шайх Сафиуддин (1254-1334) нисбат дорад. Шайхи мазкур соҳиби тариқате ба номи худ сафавия буда, ба аҳли суннат пайравӣ мекард. Эътибори ин равия дар байни мардум хеле бузург буд. Дар нимаи дуюми асри XV Сафавиҳо ба муқобили кабилаҳои турк мубориза҇ҳо бурда, бо роҳбарии Ҳайдари Сафавӣ бо бастани амомаи ҳошияи сурхдор номи кизилбошро гирифта, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд. Соли 1499 ба сари қизилбошиҳо писари Ҳайдар – Исмоил баромад. Ӯ то соли 1502 тамоми Эронро забт кард ва то соли 1507 Арманистон, Курдистон, Арабистонро низ ба даст гирифт. Ҳадафи ниҳоии Исмоили Сафавӣ дар ин ҷангҳо барқарор кардани мазҳаби шиа буд.

Ҳангоме ки аз ғарби Эрон Сафавиҳо сар мебардоштанд, дар шарқи Дашти Қипчок қаламрави Хухӣ дар байни писаронаш Ород ва Шайбон тақсим шуда, ба Шайбон аз самти шимолии дарёи Сир ё сарзамини байни Сир, Урал, Иртиш муқаррар шуд. Аз ворисони Шайбон Абулхайрхон (1428-1468) кабилаҳои туркнажоди қаламрави худро муттаҳид кард ва ба давлати Ҳусайн Бойкаро такроран ҳуҷум кард. Баъди вафоти Абулхайр ҳукумат ба набераи 18-солаи ӯ Муҳаммади Шайбонӣ мегузарад. Муҳаммади Шайбонӣ дар давоми солҳои 1499-1510 Мовароуннахр ва Хуросонро забт карда, давлати Темуриёнро барҳам медиҳад, аммо намояндаи охирини Темур Бобурмирзо рӯ ба Афғонистон оварда, сипас, дар Ҳиндустон ба давлати Темурии Ҳинд асос гузошт.

Дар ин вакт соли 1510 Шоҳ Исмоили Сафавӣ ба ғарби Хуросон ҳуҷум карда, дар шаҳри Марв таваққуф мекунад, аммо дохили қалъа шуда наметавонад. Исмоил Муҳаммади Шайбониро фиреб медиҳад: Исмоил чунон вонамуд мекунад, ки фирор мекунад. Шайбониҳо аз калъа баромада, лашкари Исмоилро таъқиб мекунанд. Аз ин рӯ, дар наздикии Марв-музофоти Маҳмудобод ҷанги шадиде ба вуқӯъ пайваста, Муҳаммади Шайбонӣ кушта мешавад ва Сафавиҳо ғалаба мекунанд. Бобур, ки дар Кобул буд, аз фурсат истифода карда, баргашта (соли 1512) як сол ҳукмронӣ менамояд. Соли 1513 Убайдуллохони Шайбонӣ Сафавиёнро аз Самарқанд берун месозад. Пайи ин, воқеаи дигаре рух дода, соли 1559 Абдулло султони Шайбонӣ Бухороро тасарруф менамояд. Баъди вафоти ӯ писараш Искандархон (1562-1583) рутбаи хониро гирифта, Самарқандро пойтахти кишвари худ интихоб мекунад.

Бояд таъкид дошт, ки забони форсии тоҷикӣ дар Ҳиндустон низ таърихи ҳазорсола дошта, марҳилаҳои аввалини рушду нумӯи он ба замони ҳукмрониву лашкаркашиҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба ин сарзамин мувофиқ меояд. Қабл аз Маҳмуд волии Ғазнин Сабуктегин солҳои 977-978 ба Ҳиндустон роҳ ёфта роҷаи ҳиндуи Панҷоб Хайпалро маҷбур сохта буд, ки ба итоати ӯ дарояд. Чанд даҳсола баъдтар, писари ӯ Маҳмуди Ғазнавӣ 17 маротиба ба ин сарзамин ҳухум оварда, шаҳрҳои ободу маъмури он-Лоҳуру Мултон ва Пешоварро тасхир намуд.

Ин султон тавонист, ки Лоҳурро баробари Ғазнин пойтахти дувуми худ интихоб намояд. Маҳз таъсири таҳоҷуми амирони Ғазнавӣ буд, ки ин шаҳр маҳалли инкишофи забону адаби форсӣ гардида, минбаъд, ба яке аз марказҳои бузург табдил ёбад.

Маҳмуд асосан, дар заминаи футеҳоти исломии худ тавонист, ки мӯҷиби ривоҷи забони форсӣ дар Ҳиндустон гардад. Баъди хонадони Ғазнавӣ давлатҳои дигари исломӣ, чун Ғуриён (1186-1206), Ғуломон (1206-1290), Хилҷиён (1290-1320), Туғлукиён (1320-1413), Сайидон (1414-1451) ва Лудиён (1451-1526) манотиқи зиёди Ҳиндустонро дар тобеияти худ нигоҳ медоштанд. Сиёсати ин хонадонҳо дар Ҳинд ба ривоҷи забону адаби форсӣ бетаъсир набуд, зеро ҳукуматдорон ин забонро забони давлатии ҳукумати худ муқаррар намуда буданд. Масалан, Ғуриён бо иқтидори ҳарбии худ тавонистанд, ки пойтахти Ҳиндустон - шаҳри Деҳлиро забт намоянд. Ба ин тартиб, то зуҳури Темуриён заминаҳои воқеии рушду нумӯи забону адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон гузошта шуд.

Хонадони Темуриёни Ҳинд ё Бобуриён сулолаест, ки солҳои 1526-1858 дар Ҳиндустон ҳукмронӣ намудааст. Ин давлатро дар баъзе мамлакатҳо, аз ҷумла дар худи Ҳиндустон «Муғулҳои бузург» низ меномиданд. Чи хеле ки дар боло гуфтем, асосгузори ин силсила Заҳируддини Бобур маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки намояндагони барҷастаи ин сулола, чун Акбар, Ҷаҳонгир, Шоҳиҷаҳон ва Аврангзеб беҳтарин суннатҳои адабиёти тоҷику форсро идома бахшида, ҷиҳати эҳёву ҳифзи он кӯшиш намуданд. Маҳз ҳамин сиёсати фарҳангпарваронаи эшон буд, ки ҳазорон шоирон аз Эрону Хуросону Мовароуннаҳр рӯ ба сарзамини Ҳинд оварданд. Масалан, дар даврай аввали ҳукмронии Акбар Ғизолии Машҳадӣ (сипас, Файзии Даканӣ), дар аҳди Ҷаҳонгир Толиби Омулӣ ва замони ҳукмронии Шоҳиҷаҳон Калими Кошонӣ ба мартабаи маликушшуароӣ расиданашон аз он далолат менамояд, ки шоҳони Темурии Ҳинд кишвари худро ба маркази воқеии фарҳангу тамаддун ва шеъру сухан табдил доданд. Муҳим он ки дар ин давра низ забони тоҷикӣ забони давлатӣ ба шумор мерафт.

Дар Деҳливу Агра, Банголаву Роҷпур, Кашмир ва мулкҳои тобеи ин давлат-Лоҳуру Кобулу Кандаҳор даҳҳо макотиби адабӣ арзи ҳастӣ намуданд. Равишҳои тозаву пурвусъати таълифи луғатномаву тазкираҳо, китобату хушнависӣ ва тадриҷан, рӯйи кор омадани дастгоҳи чопӣ намунаҳои равшани рушди фарҳангу адабиёт дар ин қаламрав ба шумор меояд. Агар ин сулола то нуфуз пайдо кардани англисҳо дар Ҳиндустон амал карда бошад, забони форсӣ дар ҳоли рушду нумӯъ қарор дошт.

Дар Осиёи Марказӣ бошад, аз нимаи дуюми асри XVI сар карда заминаҳои ташаккули хонигарии Бухоро ба вуҷуд омад. Дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хева, Хуҷанд, Истаравшан, қаламрави водиҳои Зарафшон, Фарғона, Қашкадарё, Сурхондарё, Ҳисор, Рашт, Бадахшон, минтақаи Хатлон забони расмӣ забони адабиёту фарҳанг ва муоширати форсии тоҷикӣ ба шумор мерафт.

Дар баробари ҳамин қадар пойдорӣ ҳаводиси таърихии дар боло ёдшуда на боиси тақсиму таҷзияи забони меъёр, балки мӯҷиби парокандашавии халқҳои форсизабон ва пайванди таърихии эшон гардид. Дар натиҷа, мулкҳои форсинишин зери тобеият ва тасаллути қудратҳои бузург, чун Россияи подшоҳӣ ва империяи Британияи Кабир (Англия) монда, бо ворид шудани ҳазорон калимаҳо забонҳои бегона дигаргунӣ дар гуфторашон ба вуҷуд омад. Нестии равобити адабию фарҳангӣ ва ҳатти сарҳадгузорӣ ба кишварҳо сабаби асосии ташаккули ягонаи забони форсӣ ва бархе аз лаҳҷаҳои бузурги он гардид. Дертар баъди ташкили Ҷумҳуриҳои Эрону (то 22 марти соли 1935 номи ин давлат на Эрон, балки Форс буд) Афғонистон ва Аморати Бухоро (баъдан, Тоҷикистони Шӯравӣ) мушкилот дар дарки забону баён рӯйи кор омад. Ҳарчанд забони китобат, забони шеъру сухан барои аҳли завқу аҳли фаҳм доимо ягона буд, вале дар савтиёту ҷумлаоройи дигаргуниҳои чашмрас падид омаданд.

Маҷмӯан, ин нуқта собит аст, ки забони тоҷикӣ баробар бо миллати тоҷик як сарнавишти бисёр сангину вазнин, вале зимнан пурбору ғаномандро бо худ гирифта меояд. Санадҳои таърихӣ бозгӯйи онанд, ки ҳарчи бештар ин масъала мавриди омезиши амиқу густурда қарор гирад, зеро дар даврай зуҳури наҳзатҳои маорифпарвариву ҷадидӣ ва бунёди низоми шӯравӣ дар асри XX забон бо ҳодисаву рейдодҳои дигар рӯ ба рӯ мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев С. Фарҳанги Сомониён / С. Абдуллоев. - М.: Шуъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. – 599 с.
2. Гримм Я. О происхождении языка. «Хрестоматия по истории языкознания XIX - XX веков», составленная В.А. Звегинцевым / Я. Гримм. – М.: Учпедгиз, 1956.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. -Ҷ.1, 2. -С 704 - 416.
4. Саймиддинов Д. Форсии бостон. (Овошиносӣ, грамматика, овонавишт, катибаҳои меҳӣ ва вожанома) / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2007.
5. Сатторзода А. Форсизабонони бегона ва ягона/ Д. Саймиддинов. /Паёми андеша. Соли аввал. -№ 4. марти 1998. -С. 41-45.
6. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (дар ду ҷилд ва ҳафт муҷаллад). Китоби якум. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 88 4 с.
7. Тоиров У. Таърихи адабиёти тоҷик. Баёзи намунаҳои осори хаттии тоисломӣ / У. Тоиров, М. Солеҳов, Н. Муҳаммадхоҷа. –Душанбе, 2010. – 245 с.
8. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо / Р.Н. Фрай; тарҷума аз англисӣ Б. Ализода. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 274 с.
9. Хромов А.Л. О некоторых словах языка эпохи Рудаки, сохранившихся в таджикских говорах верховьев Зерафшана / Рудакӣ ва замони ӯ (маҷмӯаи мақолаҳо) / А.Л. Хромов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - С.22-226. – 228 с.

10. Ҳасанов А. Ду осори тарҷумавии аҳди куҳан- сарчашмаи муҳимми забоншиносӣ /Ҳусни маънӣ: Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ба ифтихори 70-солагии номзади илмҳои филология, дотсент Мавлудахон Файзуллоева / А. Ҳасанов. –Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. - С. 52-61. -376 с.
11. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / М. Шакурӣ. Чопи аввал. Баргардонанда аз хатти сириллик ба форсӣ Баҳриддини Алавӣ. -Душанбе: Пайванд, 1996. -326 с.

## ИЗ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЕГО СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ РОЛИ

В статье рассматривается задача существования и совершенствования таджикского языка в разные исторические периоды. Автор пишет, что вся письменность древнего наследия появилась с первоязычного иранского языка. Термин древняя иранская литература, детская персидская литература, таджикская древняя литература означают одно понятие.

Главная задача статьи, показать роль таджикского языка в древности, в период правления домовладения Сасанидов, Саффаридов, Саманидов, Монголов, в период разногласий между Шайбанидами и Сафавидами, государства Темуридов и Индии и в период образования домовладений Бухары до начала XX века.

**Ключевые слова:** язык, история языка, надпись, письменное наследие Сасаниды, Саффариды, Саманиды, Сафиды, Темуриды, Хинди, группы персидского языка, таджикский, домовладение Бухары.

## FROM THE HISTORY OF TAJIK LANGUAGE FOUNDATION AND ITS SOCIAL AND POLITICAL KOLE

The article considers the proїlem of existence and impкovement of Tajik language in different historical periods. The author writes that all the writings of the ancient heritage appeared with permeating Iranian language. The term village Iranian literature, children Persian literature, ancient Tajik liteкature кefeк to the same thing.

The main task of writing the article, to show the кole of Tajik language in ancient times, during the reign of the house Sasanidov, Safaкicom, Samanidov, Mongols, the period of disagreements їetween shayїonids and Safovids, the state of Temurids India, the period of education of Їukhara khanate to the їeginning of the XX century.

**Key words**: language, the history of language, inscription, written heritage of Sosonids, Saffarids, Somonids, Safids, Temurids, Hindis, Persian language groups, Tajik, Їukhara khanate.

**Сведения об авторе:** ***Джамолов С.Н.*** **-** соискатель кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики..E-mail: jamolov_s@mail.кu.

# К ВОПРОСУ О РИМСКОМ ЗАВОЕВАНИИ В НУМИДИИ

***Куларамбай Бембай***
**Тульский государственный педагогический университет, г. Тула, РФ**

Утверждение римского влияния в Африке было делом довольно длительным. Начало этому процессу положило соперничество с Карфагеном, завершившееся поражением последнего. Окончательно же утверждение Рима на Африканском континенте связано с потерей самостоятельности Птолемеевского Египта. Именно в этом временном интервале происходило формирование взаимоотношений Рима с местными племенными и государственными образованиями, в первую очередь в контексте их отторжения от Карфагена, а затем и от Птолемеевского Египта. Отсюда вытекает несомненная важность изучения характера этих взаимоотношений для понимания Римской политики в Африке в последующее время. Пример Африканской провинции Нумидии является наглядным тому подтверждением. Обычно греческие авторы использовали слова Номадия и Номадес (Νομαδΐa – Νομάdε) в распространенном значении «пастухи» (Her., IV, 181,186,187,190,192), или же, употребляли их, как название народов проживавших неподалеку от Кирены (Pol., I, 19, 3, 31, 2; XIV, 1, 4; Diod., XIII, 80, 3; XX, 38-39; 20, 57, 4). Все эти племена подчинялись власти нумидийских царей, враждовавших между собой. Особенно сильными являлись царь масесилиев Сифакс и царь масилиев Гала и его сын Масинисса.

Масесильское государство возглавляемое Сифаксом достигло вершины своего могущества в III в. н.э. Однако нет никаких данных, свидетельствующих о семье, юности, образовании и обстоятельствах, при которых он пришел к власти. Возможно, у него было двое сыновей, одного из которых звали Вермина. В конечно итоге, он завоевал западную часть Массильского государства, победил Гая, чьи территории унаследовал его сын Массинисса. Столицей этого государства стал город Сига, который считался самым главным городом Масесилии. Что касается устройства и управления царством, то оно подразделялось на регионы и города. Регионами управляли главы племен или принцы, в то время как организация управления в городах была более сложной и подчинялась традиционным карфагенским порядкам иерархии. Существующие в настоящее время данные не позволяют представить модель такой организации, поэтому мы не располагаем точными данными о взаимодействии городов с центральной властью[1].

Единственно о чем мы можем уверено утверждать, это то, что совокупность таких единиц, как «семейство», «племя», «город», «конфедерация» послужили основой для возникновения политической структуры в Нумидии[2]. Уже, начиная с эпохи Масиниссы, некоторые города становились житницей государства. Налоги и продукты натурального

хозяйства собирались префектами для нумидийских царей. Это могло лечь в основу административной организации, которая соответствовала экономическим и социальным структурам. На наш взгляд, эти примеры свидетельствуют о развитии системы государственных институтов нумидийского царства в конце II – середине I века до н.э. Ко времени расширения границ римского государства и установления первых контактов Рима с Нимидией, отношения между ними в юридическом плане, явно представляли собой отношения между государствами[3]. Существуют также предположения, что для присоединенных территорий царь разработал специальную систему управления. Нам известно, что он назначал правителей и направлял гарнизоны военных, которые должны были обеспечивать внутренний порядок в городах и деревнях. Хоть эти войска и были отделены от царской армии, служащие этих гарнизонов считались верными правителю и избирались из лучших семей Масесилии. Таких правителей, как правило, избирали из местных жителей. Таким образом, государство характеризовалось сложной и многоплановой организацией и системой, согласно устройству регионов и их военному и политическому статусу. Правда, нам мало что известно о внутреннем устройстве городов, потому как до эпохи римского завоевания было исследовано только побережье Африки[4].

Таким образом, военно-политическая обстановка в указанном регионе, в значительной мере способствовала установлению более тесных политических контактов нумидийских царей с Римом. Более того, римляне довольно искусно воспользовались ситуацией вражды нумидийских царей для их дальнейшего раскола и последующего подчинения Риму. Сложно сказать, какую из форм политических отношений приняли первые контакты между римлянами и нумидийцами. По нашему мнению, речь на первых порах могла идти только о так называемой частной дружбе подобной той, что, например, наблюдалась впоследствии между Сципионом и Югуртой, занявшим место среди «друзей» (Sol., B. Iug, VII, 6)[5]. Однако, даже такой характер политических связей, безусловно, был направлен на то, чтобы включить народы в круг дружеских отношений с Римской республикой. Правда за римскую поддержку и экономические льготы эти отношения обязывали варваров принимать участие в войнах и конфликтах римлян на стороне последних. Тот же, Цезарь, установивший отношения частной дружбы с рядом глав государств, пользовался их помощью во время гражданской войны (Сés., B. Civ., III, 59, 1-3 ). Другими словами такая дружба являлась особой формой вассалитета. По мнению Р. Сима благородный римлянин расширял свою власть и свое влияние, объединяясь с рядом своих друзей, итальянской аристократией и малоимущими приближенными его клиентов. Все это, по нашему мнению имеет важное значение для определения характера первых контактов Нумидии с Римом[6]. При этом данные отношения, безусловно, находились и под сильным влиянием карфагенского фактора. Дело в том, что еще с начала второй Пунической войны Сифакс хотел расширить свое влияние на все города и владения своего царства, которые были во власти карфагенян. Здесь он столкнулся с противостоянием Карфагена, что повлекло за собой несколько конфликтов, наиболее значительные из которых разразились в 213 году до н.э. В конечном итоге ему пришла идея, что он мог освободиться от покровительства Карфагена, заручившись поддержкой римлян (Liv., XXVIII, 17, 6-8).

До этого времени Масесилия не имела отношений ни с какой-либо провинцией, ни с регионом, находившимся под контролем или влиянием римской державы (Liv., XXVIII, 10; Pol., XI, 24; Strabo, XVII, 3, 9). При этом царь масесилов обладал властью над всем нумидийским царством от западных до карфагенских границ. Первый военный и политический контакт между массилийским правителем и Римской республикой произошел именно в ходе событий 213 года до н.э. (Liv., XXIV, 48, 1-13; XXX, 28, 3). Тогда известные римские полководцы Сципионы отправили к Сифаксу трех центурионов с предложением союза с Римом, а последний без тени сомнений, принял его. «Царствовал в Нумидии Сифак; внезапно он рассорился с карфагенянами; римляне отправили к нему послами трех центурионов заключить дружественный союз и пообещать, если он и впредь будет донимать карфагенян войной, то со временем сенат и народ римский постараются хорошо отблагодарить его» (Liv., XXIV, 48, 2-3). Таким образом, Сифакс пошел на союз с римлянами, движимый желанием укрепить свою власть на спорных пограничных землях и возможно уничтожить своего заклятого врага Масинисса, который был тесно связан с Карфагеном, в котором он вырос и получил воспитание. Несмотря на то, что римляне пытались помочь своему новому союзнику организацией пехоты по римскому образцу, в итоге Сифакс был разбит Масиниссой и позорно бежал к маврусийцам. Союз с Римом прекратил свое существование (Liv., XXIV, 48, 1-13).

Следующая попытка установить свое влияние над Нумидией была предпринята Римом спустя несколько лет, и тоже в результате дестабилизации ситуации в регионе. Дело в том, что Сципионом Младшим в 207 г. до н.э. была разбита карфагенская армия Гасдрубала и Магона. После этой победы Сципион решил попытаться заключить союз с Сифаксом. Сильно рискуя, на двух кораблях он смог переправиться на африканский берег и лично прибыть к царю масесилиев. Такие решительные действия, безусловно, возымели успех. Сифакс, несмотря на то, что с аналогичным предложением к нему обратился карфагенский полководец Гасдрубал, все же предпочел союз с римлянами (Liv., XXVIII, 17, 18). Правда, когда Гасдрубал предложил Сифаксу скрепить дружбу с ним браком на

своей дочери Софонибе, которая, кстати, уже была помолвлена с Масиниссой, царь масесилиев быстро перешел на сторону Карфагена. Вряд ли конечно предложение заключения данного династического брака могло в указанной ситуации сыграть, какую-либо решающую роль. На фоне начавшихся масштабных приготовлений высадки в Африке римских войск с довольно непредсказуемыми последствиями, для Сифакса это была единственная возможность постараться сохранить свою независимость от римлян и уничтожить своего ненавистного противника. По-видимому, именно данным обстоятельством и было обусловлено послание Сифакса Сципиону Младшему с просьбой не переправляться в Африку (Liv., XXIX, 23). Масинисса действительно вскоре был разбит объединенными силами Сифакса и Карфагена[7], несмотря на все свои попытки сблизиться с римлянами. Последним же удалось высадиться в 204 г. до н.э. недалеко от Утики (Liv., XXIX, 29-33). Все это привело к тому, что лишенный помощи своего союзника и в окружении превосходящих сил противника, Сципион попал в осаду на одном из окрестном мысу. Однако он смог обеспечить себя снабжением и провести здесь всю зиму, ведя безрезультативные переговоры с тем же Сифаксом. Затягивание осады сильно ослабило осаждавших. Поэтому нет ничего удивительного в том, что в 203 г. до н.э. Сципиону внезапным ночным нападением удалось полностью уничтожить военный лагерь Сифакса и карфагенян (Liv., XXX, 3-6). После же следующего поражения Сифакса, на сторону римлян, вообще стали переходить целые карфагенские города, что явно стало сигнализировать о приближающейся катастрофе. Оставшись без союзников, Сифакс вскоре был разбит Масиниссой у Цирты и попал в плен. Переданный римлянам он служил украшением триумфа Сципиона, а в дальнейшем в статусе почетного пленника, еще какое-то время жил и умер в Тибуре (Liv., XXX, 7-9, 11-12; Pol., XIV, 6, 10). Гораздо более трагически сложилась судьба Софонибы. Сципион пытался заполучить эту влиятельную и ненавидящую римлян женщину, несмотря на то, что ее взял в жены Масинисса. Чтобы не достаться в руки римлян ей пришлось принять яд (Liv., XXX, 15).

По нашему мнению, история покорения римлянами Нумидии отчетливо показывает высокий уровень искусства римской дипломатии и правильность выбранной ими стратегии. Активно вмешиваясь в междоусобные распри, поддерживая ту или иную сторону регионального конфликта, римляне эффективно ослабляли отдельные области, подчиняя себе в итоге огромные территории. Все это с достаточной наглядностью и продемонстрировала нам Нумидия, ставшая вскоре после описываемых нами событий, римской провинцией. С тех пор спорные ситуации, возникающие в Нумидии, разрешались Римом, и даже незначительные вопросы рассматривались исключительно в столице империи.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Camps G. Chars protohistoriques de l'Afrique du Nord et du Sahara, engins de guerre ou véhicules de prestige? // Histoire et archéologie de l'Afrique du nord, Actes du IVe colloque international, réuni dans le cadre du 113e Congrès national des sociétés savantes, Strasbourg, 5-9 avril 1988 - *4e colloque sur l'histoire et l'archéologie de l'Afrique du Nord*. Paris, 1988. T. II. P. 267-288, 530.
2. Smadja E. Modes de contacts, sociétés indigènes et formation de l'État numide au second siècle av. notre ère // Modes de contacts et processus de transformation dans les societes anciennes. Actes du colloque de Cortone (24-30 mai 1981). Rome, 1983. P. 694-695.
3. Ritter H.W., Rom und Numidien. Untersuchungen zur rechtlichen Stellung abhängiger Könige. Luneburg, 1987. P. 36-85.
4. Camps G. Op. cit. P. 288.
5. Дружба в понимании римлян представляет собой обмен обоюдными добрыми услугами. Так в сфере политики различают два вида дружественных отношений. Первый встречается между Римом и иностранными государствами. В основном он носит политический характер (Pol., III, 22-24).
6. *Syme R.* The Roman Revolution. Oxford, 1939. *P.* 130.
7. Мощь объединенных силы Сифакса и Карфагена, действительно впечатляла. Войско царя масесилиев, включало в себя 50000 пехоты и 10000 конницы, войско Карфагена 30000 пехоты и 3000 конницы (Pol., XIV, 1, 14).
8. Егоров А. Б. Проблемы титулатуры римских императоров // ВДИ, 1988, №2.
9. Всемирная история / под ред. А. Н. Бадак, И. Е. Войнич. Минск: Литература, 1997 г.
10. Кузищин В.И., Маяк И.Л. История Древнего Рима. М.: Высшая школа. 1994 232 с.


**К ВОПРОСУ О РИМСКОМ ЗВОЕВАНИИ В НУМИДИИ**


Статья посвящена сложному вопросу утверждения римского влияния в Африке. На примере Нумидии автор наглядно показывает высокий уровень искусства римской дипломатии. Активно вмешиваясь в междоусобные распри, поддерживая ту или иную сторону регионального конфликта, римляне достаточно эффективно ослабляли отдельные области, подчиняя себе огромные территории. Все это с достаточной наглядностью и продемонстрировала нам Нумидия, ставшая римской провинцией после подробно разобранных автором событий.



**Ключевые слова:** Нумидия, Рим, Карфаген, дипломатия, война.


**THE QUESTION OF THE ROMAN CONQUEST NUMIDIA**


Article is devoted to the complex issue of the approval of the Roman influence in Africa. On the example of Numidia author demonstrates a high level of Roman art of diplomacy. Actively interfering in internecine strife, supporting one side or another regional conflict, the Romans effectively weakened the individual areas, dominating vast areas. All this with sufficient clarity and showed us Numidia, which became a Roman province after the events analyzed in detail by the author.



**Keywords:** Numidia, Rome, Carthage, diplomacy, war.



**Сведения об авторе:** ***Бембай К.***- аспирант кафедры истории и археологии Тульского государственного педагогического университета им. Л.Н. Толстого, г. Тула, РФ. E-mail: kularambay@mail.ru

# АВЗОИ УМУМИИ ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР ДАР ДАВРОНИ ХИЛОФАТИ АББОСИЁН ДАР АСРҲОИ IX ВА X-и МЕЛОДӢ

*Шодмон Масъуд Муҳаммадҳусейн*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ин пажӯҳиш авзои умумии Хуросон ва Мовароуннаҳро дар аёми хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ҳангоме ки хилофат ба бани Аббос расид, ҷаҳони ислом минтақаҳои Гургон, Тохористон ва сарзамини Мовароуннаҳрро шомил мешуд ва то сарзамини турк ва Чин ҳам фаро рафта буданд. Марзҳои он ба Кашмир ва сарзамини Нуба дар ҷануби Миср ва мағриб дар ҷануби Саҳро ва кӯҳҳои Кафкоз ва Арманистон дар шимоли шарқи тӯл мекашид, бо марзҳои Рум дар шимол ҳамсоя буд ва дар Андалузия бо ҷануби сарзамини Ғол ҳамсарҳад буд.

Халифаҳои аббосӣ дар ростои асри аввали Аббосӣ, бо мухолифати амӯзодагони Алавияшон рӯ ба рӯ шуданд. Минтақаҳое, ки ба ҳангоми пуштибонӣ аз инқилоби Аббосиён орзу доштанд хилофат бо онҳо вугузор мешуд ва замоне ки Аббосиён ҳукуматро ба худ ихтисос карданд, он ноком шуданд ва бо нерӯи ҳаракатҳои хасмона дар муқобили онҳо истоданд. Аббосиён ҳамчунин бо ҳаракатҳои нажодпарастонаи эрониёни мухолиф бо ҳукумати арабӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, бавижа баъд аз раҳоӣ аз дасти Абумуслими Хуросонӣ, мисли Бобакия ва Хуррамия рӯ ба рӯ шуданд [1].

Ҳукумати аббосӣ дар асри нахусти худ шоҳиди даргириҳо дар марзҳояш бо ҳамсоягон, бахусус бо румиҳо буд, ҷангҳо дар тобистон ва зимистон, ки Саур маркази он буд, идома мееёфтанд. Аббосиён аз ҳукумати Рум дастгирӣ наёфтанд, дар тарафҳои шарқ нуфузи исломиро дар минтақаҳои сарзамини Мовароуннаҳр ва остонаи Синд мустаҳкам карданд [1].

Ҳукумати Аббосӣ бо ин даргирӣ, нуфуз миёни араб, эронӣ ва туркро идома дод ва нуфузи эрониҳо ба иллати нотавонии халифаҳо ба сабаби ҳифзи тӯлонӣ аз масъалаи мувозинат миёни ин нажодҳо, қувват гирифт. Аз ин рӯ, дар бисёре аз корҳо мувоффақ шуданд. Аз ҷумлаи эшон вазирон ва фармондеҳоне буданд, ки аз оғози ҳукумронии Мансур -халифаи аббосӣ корҳои ҳукуматро дар ихтиёр гирифтанд. Сипас баъд аз пирӯзии Маъмун халифаи Аббосӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр бар бародараш Амин дар Бағдод, тарозуи қудрат ба наъфи онон, яъне эрониён дар Хуросон сангин шуд ва ба Нисахн, ки эронӣ буданд, ҷойгоҳи баланд дар даврони ӯ ёфтанд.

Муътасим халифаи дигари аббосӣ ба ин бовар расид, ки унсури ҷадидеро ба саҳна оварад ва ба он эътимод кунад, чароки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр аз миёни туркон ва атрофиён, коргузорон, вазирон ва фармондеҳоне баргузиданд ва бад-ин васила дар минтақа барнуфузи эрониён ғалаба кард. Дар даврони хилофати аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ авзои умумии Хуросон ва Мовароуннаҳр шоҳиди ҳодисаҳо ва рӯйдодҳое буд, ки ҳар кадом дар вазъияти хилофат осоре дошт.

**Вилоятаҳдии алӣ ибни Мӯсоризо.** Аҳли Хуросон алоқаи бисёре ба аҳли байти Паёмбари ислом (с) доштанд аз ин рӯ, Маъмун халифаи аббосӣ барои ҷазби назари ин диёр иқдом ба даъвати Алӣ ибни Мӯсоризо барои валиаҳдӣ намуд [2].

Маъмун ҳангоми иқомат дар Марв ба Алавиён тамоюл нишон дод. Ӯ либоси сиёҳро, ки шиор ва нишонаи Аббосиён буд, аз тан барканд ва либоси сабз, ки нишонаи Алавиён буд, пӯшид ва бо Алӣ ибни Мӯсоризо 8-умин имоми шииёни имомия асноашария (дувоздаҳимомӣ) васлат кард ва дар соли 817 мелодӣ ӯро валиаҳди худ кард ва номашро Ризо номид [3].

**Ҳаракатҳои ғайриалавӣ- ҳаракати наср ибни Шабас.** Роҳбари ҷараёни алавӣ Наср ибни Шабас аз тоифаи бани Ақил буд, ки дар Кайсум дар шимоли Ҳалаб сукунат ва дар бораи Амин, халифаи Бағдод таассуб дошт. Зеро ӯ унсури арабиро намояндагӣ мекард ва ба Маъмун, ки ба хуросониҳо тамоюл дошт, кина меварзид. Дар охирҳои соли 814 мелодӣ шӯриш кард ва бар сарзаминҳои муҷовир мусаллат шуд, шаҳри Самботро дар ихтиёри худ гирифт ва бисёре аз аъроб ӯро ҳамроҳӣ намуданд [4]. Кори ӯ боло гирифт, то ҷое ки халифа дар Хуросон аз ӯ ваҳшат кард дар ҳақиқат ҳаракат дар баробари ҳукумати аббосӣ набуд, балки қиёме дар баробари нуфузи эронӣ дошт ва қудратҳои хилофатро дар Хуросон дар ҷанги худ дошт [5].

Ҳангоме ки Тоҳир ибни Ҳусейн бар Амин пирӯз шуд, Маъмун ӯро барои ҷанг бо Наср ибни Шабас ба Рақаъ фиристод ва ӯро ҳукмрони Мусел, Ҷазира, Шом ва Мағриб таъйин кард ва Ирокро аз ӯ ҷудо кард. Ин иқдом ӯро нигарон кард, агар дар ҷанг бо Наср ибни Шабас сустӣ кунад, то ки бо ин кор фурсате ба Наср дод, ки бар сипоҳи Аббосӣ чира шуда, Ҳарронро муҳосира кунад. Алавиён яке аз нишонаҳои мухолифат бо ҳукумати Аббосиро дар ӯ диданд ва кӯшиданд, ки аз он баҳрабардорӣ ва ӯро қонеъ кунанд ва бо Алӣ ибни Мӯсоризо ҳамкорӣ намояд. Тоҳир ибни Ҳусейн ба иллати дӯстӣ бо Аббосиён ин корро напазируфт [3]. Маъмун сустии Тоҳирро дар ҷанг бо Наср дарёфт ва хост ӯро остондори Хуросон таъйин кунад [1].

**Ҳаракати Затт (Ковлуҳо).** Ковлуҳо, ки аҷдодан ҳиндӣ–осиёӣ ҳастанд, баъд аз муҳоҷират аз шарқ ва гузар аз Хуросон дар Батоеъ, воқеъ дар миёни Восит ва Басра, мустақар шуданд ва қиёми сахт алайҳи ҳукумати Аббосиён барпо карданд [6].

**Ҳаракати Бобаки Хуррамӣ.** Ин ҳаракат, ки намуди динӣ ва ҳадафи сиёсӣ дошт, хатарноктарин ҳаракате буд, ки ҳукумати аббосӣ аз оғози пайдоиш ба он дучор шуд. Вижагии ин ҳаракат густариши созмондиҳии таблиғотӣ, маҳорати роҳбарӣ ва иртиботи он ғайриэронӣ буд [6]. Бобак ҳадди аксари сиёсати эронии мусаллаҳона дар баробари султаи арабии аббосиро ташкил дод.

Бобак ба дасти Ҷовидон бо усули хуррамия гаравид. Хуррамия фирқаҳо ва гурӯҳҳое ҳастанд, ки ҳамаи онҳо қоил ба риҷъат ва тағйири ном ва табдили ҷисм ҳастанд ва мепиндоранд, ки ҳамаи паёмбарон ихтилофи ойин ва динашон рӯҳи воҳиде доранд ва ваҳӣ ҳеҷ гоҳ қатъ намешавад ва ҳар диндоре дар назди онон, агар умед ба савоб ва тарс аз азоб дошта бошад, кораш дуруст аст ва аз хунрезӣ ҷиддан мепарҳезанд, магар замоне, ки хилофе бубинанд. Масъалаи Абумуслимро бузург мешуморанд ва кушандаи Абумуслимро лаънат мекунанд, ба Маҳдӣ ибни Фирӯз, ки яке аз фарзандони Фотима, духтари Абумуслим аст, бисёр дуруд мефиристанд.

Решаи динашон эътиқод ба нур ва зулмот буд. Бархе аз онон иштироки муштараки занонро, албатта, бо иҷозати худашон ҷоиз медонанд ва низ ҷоиз будани ҳар чизе, ки нафс аз он лаззат барад ва сиришти одамӣ бар ӯ гароиш диҳад ва барои касе зарар надошта бошад [7]. Фирқаи хуррамия, ҳангоме ки Бобак вориди он шуд, ба ду гурӯҳ тақсим шуданд, ки ду раис барои роҳбарӣ мубориза мекарданд ва яке аз ду Ҷовидон ва дигаре Умрпог ном доштанд. Ҳангоме ки Ҷовидон даргузашт, ҳамсараш пиндошт, ки рӯҳи шавҳараш дар ӯ ҳулул кардааст. Бобак ин андешаро пазируфт ва аз он баҳрабардорӣ кард. Эҳтимолан ӯ ҷонишини Ҷовидон ва роҳбари хуррамия дар минтақаи Ҷибол шуд, сипас ҳаракати ӯро рушд дошт ва онро дар талош барои неруманд шудан ва расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва динӣ созмондиҳӣ кард.

Бобакия тоифае аз хуррамия ҳастанд, ки пайравони он аз Бобак пайравӣ кардаанд [8] ва ин далели он аст, ки Бобак ва пайравони ӯ зидди султаи сиёсии араб ва дини ислом будаанд, ки Эрон бад-он гаравиданд. Аз ин рӯ, наметавонем ба ин ҳаракат ҷуз аз ҷанбаҳои динӣ ва нажодпарастона нигоҳ кунем.

Аз ҷанбаи динӣ, Бобакиҳо ба асли таносух ва риҷъат эътиқод доштанд ва аз сотсиализм ва бебандуборӣ сухан мегуфтанд, аз он ҷумла ҳамагонӣ будани занон дар сурати ризоияти онон, вазифаҳои диниро напазируфтанд ва андешаҳои Бобак дар тазод бо усули дини ислом шакл гирифт [3].

В период правления Багдадского халифата Мавераннахр и Хорасан оказались центрами возникновения культурно-духовных, религиозных и научных событий и движений. При Тахиридах такие города, как Мерв, Нишапур, Балхи Герат являлись важнейшими культурными центрами, способствовавшими развитию в них различных научных и духовных направлений, что несомненно, отразилось на повседневной общественной жизни. Однако своего пика культурно-духовная жизни региона достигла при Саманидах. В данный период Бухара – столица саманидского государства, была признана политическим и культурным центром исламского Востока. Другие города, в частности, Самарканд и Нишапур также привлекала ученых со всего исламского мира.

Таким образом, эпоха Саманидов, несомненно, является одной из наиболее плодотворных периодов культурной и духовной жизни народов Мавераннахра и Хорасана.

Ключевые слова: Багдадский халифат, Мавераннахр, Хорасан, взаимоотношения, культура, религия, государство Саманидов, государство Тахиридов, зодчество.

**HE RELATIONSHIP WITH THE BAGHDAD CALIPHATE MAWARANNAHR AND KHORASAN IN THE CULTURAL-SPIRITUAL SPHERE (IX-X CENTURIES.)**

During the rule of the Baghdad Caliphate Transoxiana and Khorasan were the centers of cultural-spiritual, religious, and scientific developments and movements. When Takhirids cities such as Merv, Nishapur, balhi Herat was the most important cultural centres, contributed to the development of various scientific and spiritual trends that will undoubtedly impact on everyday social life. However, its peak of cultural and spiritual life of the region reached under the Samanids. In this period Bukhara is the capital of the Samanid state, was recognized as the political and cultural center of the Islamic East. Other cities, in particular, Samarkand and Nishapur also attracted scholars from all over the Islamic world.

Thus, the era of the Samanids, is undoubtedly one of the most productive periods of cultural and spiritual life of the peoples of Transoxiana and Khorasan.

**Keywords:** Baghdad Caliphate, Transoxiana, Khorasan, relationships, culture, religion, state of the Samanids, the state of the tahirid, architecture.

**Сведения об авторе:** ***Шадеман Масуд Мохаммадхосейн*** - аспирант кафедры историографии и архивоведении, исторического факультета Таджикского национального университета

# ПОДГОТОВКА ТАДЖИКСКИХ КАДРОВ ВЫСОКОЙ КВАЛИФИКАЦИИ СО СТРАНАМИ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

***М.Халимова***
**Таджикский национальный университет**

Независимая Республика Таджикистан с первых дней независимости рассматривала подготовку и воспитание кадров как важное условие для укрепления и обеспечения страны квалифицированными кадрами. В это время в республике ощущался большой дефицит квалифицированных кадров. Подготовка национальных кадров в Таджикистане является одной из сложных задач. Этот процесс был сопряжен с преодолением больших трудностей. Так, в 1992 году в Республике началась братоубийственная война. Эти годы долго затруднили процесс развития и подготовки таджикских кадров в республике и за ее пределами.

С обретением независимости Республика Таджикистан установила научные, культурные и образовательные связи со многими странами мира, а также и со странами Европейского Союза. В рамках культурного сотрудничества в республике ведется подготовка кадров в зарубежных странах.

Так, сначала педагогические кадры готовились в наших вузах. После установления сотрудничества со странами ЕС педагогические кадры готовились и в Европейских вузах. В рамках сотрудничества таджикские специалисты, аспиранты, преподаватели и исследователи проводили стажировку в странах Европы. Низовые кадры работников, главным образом пропагандистские кадры, проходили подготовку и переподготовку в вузах европейских стран. Для развития сотрудничества определенная часть молодёжи республики направлялась в вузы и колледжи зарубежных стран Европейского Союза.

В годы независимости в рамках сотрудничества РТ со странами Европейского Союза быстрыми темпами велась подготовка специалистов для всех отраслей народного хозяйства и культуры. На многочисленных курсах готовили кадры разных профилей. Так, в 1992 году из вузов республики осуществляли набор преподавателей и студентов для повышения знаний за рубежом и обучения молодежи в странах Европейского Союза. Республика проявляла заботу об укреплении материальной базы высших и средних учебных заведений и усилении политико -воспитательной работы среди студентов. Для прохождения производственной практики студенты республики побывали в странах Европейского Союза, таких как Франция, Италия, Бельгия, Германия, Австрия, Дания и др. За короткое время в Республике Таджикистан были подготовлены кадры по различным специальностям.

В деле подготовки научных кадров высокой квалификации парламент республики принял закон «Об образовании», в котором говорится: «Подготовка кадров в зарубежных

вузах регулируется деятельностью субъектов учебно-производительных структур РТ, направленных на обеспечение прав граждан при получении профессии, подготовке, переподготовке и повышении квалификации кадров в образовательных учреждениях начального профессионального образования» [1].

Основной базой для подготовки научных кадров высокой квалификации в Республике Таджикистан является Правительство Республики Таджикистан, Министерство образования и науки Республики Таджикистан, а также Академии наук Республики Таджикистан. С помощью сотрудничества с Европейским Союзом во всех вузах республики проводятся курсы повышения квалификации, а также обучение в вузах Европейских стран.

В рамках международных связей в годы независимости в вузах республики проводились конкурсы для повышения квалификации повышения знаний за рубежом. С целью укрепления двухсторонних связей и развития подготовки кадров за пределами страны большинство вузов республики заключили договоры о сотрудничестве с вузами Европейских стран. Например: Педагогический институт Республики Таджикистан имени С. Айни в 1992 году заключил договор о сотрудничестве с Утрехским университетом Германии, в рамках которого проводится подготовка таджикских кадров в данном институте. Также Технологический институт Республики Таджикистан, Аграрный институт Республики Таджикистан, Государственный медицинский университет Республики Таджикистан именем А. ибн Сино и другие вузы республики с 1991-1992 года поддерживают международные связи с университетами Европейских стран, таких как Англия, Австрия, Бельгия, Венгрия, Германия, Франция и др. [2].

В рамках научного, культурного и образовательного сотрудничества между ЕС и РТ студенты и преподаватели выезжали на учебу в вузы Европейских стран. В 1994 году через Общество дружбы и культурных связей Республики Таджикистан с зарубежными странами Т. Сайфуллоев, заведующий кафедрой немецкого языка Педагогического университета Республики Таджикистан имени С. Айни, провел месячную стажировку в Австрии, в городе Клагенфурт. Также преподаватели стран Европейского Союза для проведения занятий приезжали в Таджикистан. В 1995 году для чтения лекций и проведения спецкурсов были приглашены преподаватели из Оксфордского и Амстердамского университета. Господин Габриель Камерстоун и Госпожа Колет Харрес проводили практические занятия по английскому языку со студентами и семинары с молодыми преподавателями кафедры фонетики и лексики английского языка Педагогического института Республики Таджикистан.

В октябре 1995 года была организована встреча с представителем по обмену студентами и аспирантами из Бонна - доктором Петером Хиллером и послом Германии в Таджикистане господином Бекманом [2]. В 1996 году с университетами Италии и Германии был заключен договор по обмену студентов и преподавателей республики. В соответствии с этим договором, студентка 3-го курса факультета иностранных языков Педагогического института Республики Таджикистан Ибрагимова С. проходила годичную учебу в Бамбергском университете. Согласно этому договору 3 кандидатуры Педагогического института Республики Таджикистан, из них два преподавателя, проходили 6 - дневную поездку в университет Генуи Италии. Также в 1996 году 4-представителя Педагогического института Республики Таджикистан по критерию преподавателей – общественников были направлены на 10 -дневную поездку в Германию: (ректор педуниверситета, профессор Расулов К.Р., проректор по учебной работе доцент Кабудов Д.К., зав. кафедрой философии Салимов И. С. и зав кафедрой политологии Давлатов). Кроме того, ректор Педагогического института профессор Расулов К.Р. находился в поездке в Бамбергском университете Германии. Был подписан двухсторонней договор по обмену студентами и преподавателями с целью повышения уровня знаний немецкого языка, а также поучение высшей квалификации таджикских преподавателей [3]. Такие тесные связи вузы Республики Таджикистан имеют также с Стокгольмским и Утрехтским университетами из Швеции и Голландии. В 1996 году был подписан договор о сотрудничества с Утрехтским университетом по обмену специалистами и студентами на безвалютной основе, в результате, которого многие наши студенты были отправлены на учебу [4].

Из Педагогического института Республики Таджикистан имени К. Джураева в годы независимости 21 преподаватель и 2 аспиранта факультета иностранных языков, 8 преподавателей факультета таджикской филологии, а также 46 студентов разных вузов Республики Таджикистан для повышения научных знаний побывали по различным программам за границей. Например, Воронкова Наталия- студентка факультета иностранных языков Педагогического института имени К. Джураева была отправлена в Германию, Махмудова Халида, -студентка факультета иностранных языков данного института была отправлена на практику в Германию, Сайфуллоев Х. -зав каф. методики и преподавания иностранных языков Педагогического института Республики Таджикистан имени К. Джураева был приглашен в г. Клагенфурт (Австрия), он также был приглашен для чтения курса лекций в ФРГ. Хайдарова Т. - студентка иностранных языков Педагогического института республики была приглашена в университет Клагенфурта на зимний семестр 1995-1996 г. на вузовский курс немецкого языка как иностранного. Махмадбекава Г.З., аспирантка 3- го курса факультета иностранных языков

Педагогического института Республики Таджикистан имени К. Джураева поехала на стажировку по программе ДААД в Австрию сроком на 6 месяцев. Сафаров М. –стажер кафедры иностранных языков данного института был отравлен на стажировку по программе ДААД в г. Лейпциг на 40 дней, также Дехоти Р.А., аспирант 3-го курса Педагогического института Республики Таджикистан имени К. Джураева -по программе ДААД был отправлен в г. Бамберг (Германия) [5].

План резерва был составлен из числа студентов и преподавателей республики, они приняли активное участие в подготовке кадров за рубежом.

В силу тесного контакта посольств иностранных государств, находящихся в Республике Таджикистан, по подготовке специалистов по соответствующим мероприятиям, был разработан план, согласно которому предусмотрено сотрудничество с иностранными учебными и научными центрами Европейских стран. С целью подготовки кадров по дефицитным специальностям, повышения их квалификации, а также обучения иностранных учащихся всех категорий на компетентной основе, Посольство Германии в 1998 году для повышения квалификации и научных знаний в области иностранных языков из Германии направило преподавателей немецкого языка для работы в одном из университетов Республики Таджикистан от двух до пяти лет [6]. С помощью действующих программ Европейского Союза в годы независимости наши абитуриенты, студенты, преподаватели и аспиранты получают доступ к обучению в вузах Европейских стран.

Например, с 1996 - 2000 году в институтах Англии (университет Фултбрайт), Германии (технологический институт Карлсруэ), Инженерно - технический институт Польши, Математический институт Тюбинского университета Германии, Силезский университет Польши, Бамбергский университет (университет Отто Фридриха) Германия, Оксфордский университет (University of Oxford) Великобритании, Венский университет поступило большое количество таджикских студентов, которые получили диплом этих вузов.

11 апреля 1997 года в Конвенции совета Европы было принято решение по признанию квалификации специалистов, относящихся к высшему образованию в европейском регионе [7]. Согласно этому документу Европейские стороны еще больше расширили сотрудничество в области подготовки кадров по разным специальностям.

В рамках сотрудничества ежегодно отправляют таджикских студентов для обучения в вузы Европы. Начиная с 2004 года сотрудничество с вузами европейских стран расширилось и количество студентов, поступивших в разные вузы стран Европы возросло. В последние годы количество отправленных таджикских студентов в вузы зарубежных стран составляет 2300 человек, из них большое количество студентов обучаются в вузах европейских стран членов Европейского Союза. Они обучаются по 57 специальностям, которые необходимы в нашей республике [7].

Для подготовки научных кадров высокой квалификации в Республике Таджикистан большую роль играет также Академия наук Республики Таджикистан. В рамках сотрудничества Академия наук Республики Таджикистан поддерживает научные связи с научными центрами стран Европейского Союза, в том числе Великобритании, Германии, Франции, Бельгии, Австрии, Польши, Греции, Португалии, Венгрии, Эстонии и других стран членов Европейского Союза. В рамках сотрудничества в области подготовки кадров высокой квалификации ученые проводят стажировку и посещают курсы высшей квалификации в вузах европейских стран. Например, в 1997 году АН РТ приняла 18 ученых из Германии, Австрии, Великобритании, Швеции, Италии, для проведения совместной научной работы, участия в научных экспедициях и чтения лекций, эти взаимосвязи укрепляют сотрудничество и развивают подготовку кадров в Республике и за ее пределами. В рамках сотрудничества и с целью подготовки научных кадров высокой квалификации в 1997 году в зарубежных командировках побывало 79 сотрудников АН РТ [8].

В 2006 году младший научный сотрудник радионуклидной лаборатории Института физики Академии наук Республики Таджикистан Б. Ганиев прошел трехмесячную стажировку в отделе ядерной медицины Академии наук Польши [9]. В 2007 году из Института экономики Академии наук Республики Таджикистан аспиранты И. Гулмамадов и Ф Бабаджанова засчет стипендии польского правительства получили возможность обучаться в Польше по линии Программы изучения опыта Польши по переходу к рынку с 27 июля 2007 года по 1 июля 2008 год [10].

Из агентства по ядерной и радиационной безопасности Академии наук Республики Таджикистан зам. директора по науке Д. Саломов участвовал в совещании по подготовке проектов по технической кооперации на следующий цикл 2007-2008гг. в городе Вена (Австрия). В 2007 году ученый секретарь Х. Насруллоев участвовал в работе ученых курсов по гарантиям (Вена, Австрия, Чкаловск- Таджикистан). Заведующий отделом ядерной и радиационной безопасности Академии наук Республики Таджикистан А. Суфиев и ведущий инженер данного отдела И. Мирсаидов прошли курсы повышения квалификации в странах Европы и получили сертификат по «организации и осуществлению национальной регулирующей программы по обеспечению контроля за радиационными источниками в городе Прага Республики Чехии. Также ведущий инженер З. Сайфиева участвовала в работе Конгресса молодых специалистов в Стокгольме

(Швеция) [11]. Из Института математики Академии наук Республики Таджикистан в 2008 году к.ф.м.н. И.Д. Нуров проходил научную стажировку в международном центре по теоретической физике им. Абду Салама в городе Триесте (Италия) [12].

В 2008 году аспирантка института астрофизики Академии наук Республики Таджикистан Ф.Дж. Рахматуллоева в течение четырех месяцев проходила стажировку во Франции. 2008 году в Институте астрофизики АН РТ для повышения научных знаний посольство Франции в Таджикистане организовало курсы французского языка и компьютерный класс [13]. В конечном результате наши молодые специалисты изучили иностранные языки и повысили уровень своих знаний. Таким образом, в 2009 году сотрудники АН РТ проходили стажировку в разных странах мира. Для подготовки кадров высокой квалификации в АН РТ читали лекции 83 представителя из 16 стран мира, в том числе из Великобритании, Польши, США, Австрии, Чехии, Германии, Венгрии, Голландии и Италии. В целях проведения непрерывных сейсмологических геодинамических и других видов наблюдений сбора и предоставления сейсмологической информации о землетрясениях, происходящих на территории Таджикистана, вхождения геофизической службы Таджикистана в международную глобальную сеть и подготовки высококвалифицированных кадров в области сейсмологии было создано научное учреждение «Геофизическая служба АН РТ».

Институт физики АН РТ в 2009 году посетил сотрудник Академии наук Чешской Республики доктор П. Коттен, были проведены совместные наблюдения и подготовлен и представлен в программу Gallileo Teaching program проект повышения квалификации преподавателей физики и астрономии Таджикистана [14]. В институт ботаники в 2009 году по проекту ИКАРДА из отдела флоры и систематики растений Г.Р. Джумаева проходила научную стажировку в Швейцарии по проблемам влияния экологических факторов среды на биоразнообразие [15].

Большое значение в подготовке кадров в годы независимости имели улучшение и подготовка медицинских кадров. С помощью медиков европейских стран с каждым годом увеличивается сеть лечебных и профилактических медицинских учрежденний, требующих новых квалифицированных кадров. Для их подготовки открывались новые медицинские курсы. Кроме того, было решено провести переподготовку работников здравоохранения путем организации трехмесячных и двухмесячных курсов за рубежом. В республике выросли замечательные кадры медицинских работников, отдающие свои знания благородному делу народного здравоохранения.

В годы независимости правительством Республики Таджикистана была определена национальная стратегия здравоохранения, целью которой является продвижение страны к 2020 году к модели семейной медицины, предлагая доступную первичную медико-санитарную помощь по всей стране. Страны Европейского Союза поддерживают эту реформу в ряде направлений, в том числе путем сотрудничества с министерством здравоохранения с целью развития услуг семейной медицины. В рамках сотрудничества РТ со странами ЕС для медицинских работников проводятся курсы переподготовки, а учреждения первичной медико-санитарной помощи получают помощь для необходимого восстановления. Например, Швеция предоставляет консультирование по наиболее эффективному и прозрачному финансированию медицинских услуг. На сегодняшний день модель семейной медицины была внедрена в 11 из 58 районов, и ею пользуются около 1,2 млн. человек. В течение следующих четырех лет модель будет расширена до 11 новых районов, что позволит еще 1 млн. человек получить доступ к услугам здравоохранения. Швеция также вносит свой вклад в реформу медицинского образования, в том числе посредством введения новых курсов и методов обучения.

Таким образов, за годы независимости в рамках культурного сотрудничества были подготовлены многочисленные кадры высокой квалификации по разным специальностям. В этот период были подготовлены кадры по специальностям гуманитарных и естественных отраслей, большое внимание было уделено подготовке кадров в области языкознания, подготовке переводчиков с разных иностранных языков.

Рост количества кадров по разным специальностям в Республике Таджикистан является свидетельством того, что правительственные решения об двухстороннем сотрудничестве Республики Таджикистан со странами Европейского союза успешно выполняются. Эти успехи обусловили дальнейший рост культуры, науки, народного образования. Были подготовлены многочисленные квалифицированные кадры по следующим специальностям: педагогике, математике, физике, химии, медицине и другие.

В целом, за годы независимости сотрудничество Республики Таджикистан со странами Европейского союза в области культуры развивалось на высоком уровне. Именно на этой основе развивается сотрудничество в области подготовки и переподготовки кадров высшей квалификации. За годы независимости более 6000 студентов поступали в вузы зарубежных стран по 57 специальностям. Большинство из них поступали в вузы стран Европейского Союза. Многие специалисты, закончившие европейские вузы, в данный момент работают в вузах РТ, Министерствах иностранных дел, и в других учреждениях республики. В вузах республики были образованы английские и немецкие группы, в которых преподают специалисты, обучавшиеся в европейских вузах. Молодые специалисты в этих группах проводят занятия по истории, литературе и грамматике на родном языке. Несмотря на все эти достижения в подготовке

кадров за рубежом имеются некоторые недостатки. Например, в вузы РТ мало привозят учебников из европейских вузов, а также вузы РТ мало посещают студенты из европейских вузов. Для подготовки специальностов медиков, химиков, астрофизиков, биологов, сейсмологов, фармацевтов и других, которые необходимы нашей республике, мало выделяется квот европейскими странами. Для расширения сотрудничества Республики Таджикистан в области подготовки кадров в вузах и научных центрах стран Европейского Союза необходимо:расширить подготовку кадров в области педагогических и технических наук и подготовку кадров в области медицины; расширить гранты, конкурсы, а также доступ квот на поступление в вузы странах Европы по дефицитным специальностям; образовать в РТ филиалы европейских вузов, а также расширить сотрудничество в области подготовки кадров по специальностям, необходимым в сегодняшнем Таджикистане.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Закон Республики Таджикистан об образовании от 17 мая №34 // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан. – 2004. -№5. -С. 345 .
2. Центральный государственный архив РТ (ЦГА) . Фонд 360. -Оп-21. –Д. -№ 1228. -Л.- 22, 43.
3. Центральный государственный архив РТ. (ЦГА). Ф.360. -Оп-21. –Д. -№ 2117. -Л. 23.
4. Центральный государственный архив РТ (ЦГА). Фонд 360. -Оп-21. –Д.- № 1228. -Л.- 34.
5. Центральный государственный архив РТ. (ЦГА). Ф-360. -Оп - 21. –Д. -№ 2117. -Л. 42.
6. Текущий архив Министерства образования РТ. Ф 360. -О- 21. -Д. -№ 1189. -Л. 37.
7. Центральный государственный архив РТ (ЦГА). Фонд 360. -Оп-21. –Д.- № 1228. -Л.- 10, 55.
8. Центральный государственный архив РТ (ЦГА). Фонд 360. -Оп-21. –Д. - № 1228. -Л.- 19.
9. Текущий архив АНРТ // Отчет- о научно-исследовательской деятельности АН Республики Таджикистан Институт физики за 2006- 2007 год. -С. 50
10. Текущий архив АНРТ // Отчет- о научно-исследовательской деятельности АН Республики Таджикистан Институт экономики за 2008 год. -С. 64.
11. Текущий архив АНРТ //Отчет- о научно-исследовательской деятельности АН Республики Таджикистан Агентство по ядерной и радиационной безопасности за 2007 год . -С. 33.
12. Текущий архив АНРТ //Отчет- о научно-исследовательской деятельности АН Республики Таджикистан институт математики 2008 год . -С. 23.
13. Текущий архив АНРТ // Отчет- о научно-исследовательском деятельности АН Республики Таджикистан институт Астрофизики за 2008 год. -С .24.
14. Текущий архив АНРТ // Отчет- о научно-исследовательском деятельности АН Республики Таджикистан институт Физики за 2009 год. -С. 35.
15. Текущий архив АНРТ // Отчет- о научно-исследовательском деятельности АН Республики Таджикистан институт ботаники за 2009 год. -С. 68.


**ПОДГОТОВКА ТАДЖИКСКИХ КАДРОВ ВЫСОКОЙ КВАЛИФИКАЦИИ СО СТРАНАМИ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ**


В статье рассматривается сотрудничество Республики Таджикистан со странами Европейского союза в области подготовки кадров в годы независимости. Для независимого Таджикистана сотрудничество в области подготовки и переподготовки кадров высокой квалификации и обмен кадрами с Европой является одним из источников культурного обогащения.



**Ключевые слова:** образование, высококвалифицированные кадры, взаимовыгодное сотрудничество, европейские страны, дефицитные специальности, расширение сотрудничества, подготовка кадров, независимость.


**PREPARING TAJIK STAFF QUALIFICATIONS WITH THE COUNTRIES OF THE EUROPEAN UNION IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**


The article deals with the cooperation of the Republic of Tajikistan with the countries of the European Union in the field of training in the years of independence. For independent Tajik cooperation in the training and retraining of personnel qualifications and staff exchanges with Europe is a source of cultural enrichment.



**Key words:** Education, highly qualified, mutually beneficial cooperation, European countries, scarce specialty, increased cooperation, training and independence.



**Сведения об авторе:** ***Халимова М.*** **-** аспирантка кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета ТНУ. Телефон**: 985-64-18-85**


# МИРЗО МАҲДИХОНИ АСТАРОБОДӢ-МУНШИИ НОДИРШОҲИ АФШОР


***Назаров Довуд***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз шахсиятҳои шинохта ва барҷастаи таърихи Ховарзамин ё ҷаҳон дар садаи XVIII Нодирқулӣ (Таҳмоспқулӣ-Нодиршоҳ писари Имомқулибеки пӯстиндӯзи Хуросонӣ) аст, ки аз миёни мардумони фурӯдасти минтақаи Хуросон қад барафрохт. Нодир бегумон дар тӯли таърихи пуршебу фарози Эронзамин яке аз мардоне буд, ки вуҷудаш барои ҳифзи истиқлоли кишвар ва обрӯи миллати Эрон зарур буд. Шинохти дақиқи зиндагонии шигифт, рӯҳияҳо, ҳолҳо, андешаҳо ва тарсими чеҳраи наздик ба ҳақиқат аз Ӯ пажӯҳиш ва мутолиаи жарфу ҳамаҷониба аст.

Вақте ки маҷмӯи корҳои кӯчаку бузурги ӯро дар тӯли як давраи буҳрони пурарзи ҳаёти миллии Эрониён дар назар оварем, вуҷуди ҳамеша муяссар ва доиман судбахшеро мебинем, ки дар тамоми аҳвол намояндаи фаҳму фазилат ва камолу

фарҳанги ҷомеаи ғанӣ ва муаддаби Эрон будааст, ки миллати неруманду тануманд ва ахлоқии Эрон дар ҳамаи адвори амри худ аз онон мутаффаъ мешудааст.

Дар пойбандӣ ба ин матлаб яке аз сарчашмаҳои муҳимме, ки «дасти аввал» шомил мешавад, яъне ҳамзамон бо рӯйдод офарида шудааст, ин асари Мирзо Маҳдихони Астарободӣ «Ҷаҳонгушои Нодирӣ» мебошад. Барои муайян намудани сиҳатии ахбори маъхаз тасмим гирифтем, то аз рӯзгори муншии Нодиршоҳи Афшор, муаллифи «Ҷаҳонгушои Нодирӣ» каме равшанӣ андозем.

Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насири Астарободӣ аз ҷумлаи яке донишмандон, шоирон, адибон, сиёсатмадорон ва муншии бузурги замони Нодиршоҳи Афшор буд, ки тақрибан умри 70-солаи худро перомуни хидмат ба илму фарҳанги худ сарф намуд. Аз ҳамин сабаб донишмандони муосири Эрон ӯро дар радифи дигар шахсон, беҳтарин донишманди замонаш зикр кардаанд.

Дар мавриди ҷойи таваллуд, соли таваллуд ва вафоти Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насири Астарободӣ дар асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-сиёсӣ ва илмӣ-номию дигар адабиётҳо ақидаҳои гуногун ва мухолиф баён карда шудааст. Махсусан, бисёри баҳсҳо муддати дароз то имрӯз оиди ҳаёти сиёсии ӯ мебошанд.

Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насири Астарободӣ дар асарҳояш «Ҷаҳонгушои Нодирӣ» [2,3], «Дурраи Нодирӣ» [3,лом] ва китоби «Санглох» номи худро Муҳаммад Маҳдӣ ва падарашро Муҳаммад Насири Астарободӣ зикр кардааст. Инчунин, дар дигар адабиёту сарчашмаҳо, аз ҷумла: «Доират-ул маорифи бузурги Исломӣ» [6,182], «Таърихи адабиёт дар Эрон» [7,1805], «Шарҳи ҳоли риҷоли Эрон дар қарни XII, XIII, XIV» [7,289]], «Таърихи иҷтимоии Эрон дар асри Афшория» [9,298] ва баъзе дигар адабиёту сарчашмаҳо низ насабу номи ӯ чунин омадааст. Аммо, насабу номи Мирзо Маҳдихони Астарободиро баъзе муҳаққиқон ва донишмандон чунин зикр кардаанд: «Исми комили Мирзо Маҳдиро, Низомиддин Муҳаммад Ҳоҷӣ ал-Ҳусайн ал-Сафавӣ» хондаанд [4,10]. Аз исмаш маълум аст, ки баромади онро аз хонадони Сафавиён ҳисобидаанд. Онҳо нависандаи дигареро ба ҷойи соҳиби таърихи «Ҷаҳонгушои Нодирӣ» муаррифӣ кардаанд. Аммо, ин нуқтаи назар нодуруст аст. Гузашта аз ин, вуҷуди Мирзо Маҳдихони дигаре дар таърихи адабиёти даврони охири Эрон, ки падараш Самӣ -падари муншии Нодиршоҳи Афшор буда, Муҳаммад Насир ном доштааст ва худи ӯ низ аз муншиёни дарбор ба шумор мерафтааст.

Дар асарҳо ва тазкираҳои таърихии он давра оиди соли таваллуд ва ҷойи таваллуди ӯ ягон маълумоти аниқе ба чашм намерасад. Масалан, дар мавриди муайян кардани зодгоҳи Мирзо Маҳдихони Астарободӣ олимон ва муҳаққиқону донишмандон фикру ақидаҳои гуногун баён кардаанд. Бештари нависандагони он замон зодгоҳи вайро рустои Бобо Гулин, аз тобеи шаҳри босафои Астаробод медонанд. Дар мавриди муайян кардани зодгоҳи Мирзо Маҳдихони Астарободӣ қисме аз олимон, муҳаққиқону донишмандон ба саҳлнигорӣ роҳ додаанд. Баъзеҳо аз сабаби надонистан ё аз рӯйи адами бизоати илмӣ зодгоҳи Мирзо Маҳдихонро Мозандарон зикр кардаанд, ки ин нуқтаи назар хато аст. Аммо ҳақиқат ин аст, ки вай дар ҳудуди соли 1100-и ҳиҷрӣ (1687-и мелодӣ) дар Астаробод дар хонаводаи Муҳаммад Насир ном шахс ба дунё омадааст [13].

Роҷеъ ба рӯзгори Мирзо Маҳдихони Астарободӣ маълумоти қобили мулоҳизае дар сарчашма ва адабиёти илмӣ дарҷ нагардидааст. Вале, худи ӯ ба таври пароканда дар радифи воқеоти сиёсии замони худ ҳангоми зикри таърихи салтанати Нодиршоҳи Афшор (1736-1747), баъзе паҳлӯҳои зиндагонии худро дар дарбор дарҷ кардааст, ки дар такя бо он метавон саҳифаҳои норавшани ҳаёти дарбории онро мушаххас кард. Аз замони кӯдакӣ ва чигунагии таҳсили Мирзо Маҳдихон иттилое надорем.

Маълум аст, ки ӯ низ монанди садҳо тан муншӣ ва таърихнависи шоири Эронӣ аст, ки чун аз хонаводаи саршинос ва ашрофманиш нестанд ва бахши нахустини зиндагии онон маълум нест. Сипас, ҳунаре касб кард ва ба мақоме расид, ки ба бузургӣ ё подшоҳӣ пайваста шуҳратманд шудааст. Дар мавриди бо кадом сабаб, барои чӣ ва бо кадом мақсад рафтани Мирзо Маҳдихони Астарободӣ аз Астаробод ба Исфаҳон маълумот дода нашудааст. Аммо, дар асари худ «Ҷаҳонгушои Нодирӣ» [2,3] зикр аз забони муаллиф шудааст, ки даврони ҷавонӣ ва илмандӯзиро дар Исфаҳон гузаронид.

Азбаски Исфаҳон то рӯзҳои ба камол расидани Мирзо Маҳдихони Астарободӣ, муддати қариб 140-сол пойтахти овозадори Эрон буд ва беҳтарин олимону донишмандон дар он ҷо ҷамъ омада буданд, диққати Мирзо Маҳдихон низ ба он нигаронида шуда буд. Дар миёни он қадар олимону донишмандон ба дарбори Сафавиён роҳ ёфтан кори осон набуд. Аммо, дар миёни онҳо Мирзо Маҳдихони Астарободӣ бо донишу зиракии худ фарқ мекард ва ба дарбори шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ (1105-1135) роҳ ёфт. Собиқаи кории Мирзо Маҳдихони Астарободӣ дар дарбори Сафавиён нисбатан равшан аст. Дар яке аз асарҳои хеш қайд кардааст, ки дар замони ҳукмронии шоҳ Султон Ҳусайн (1105-1135) ва баъдан писараш, шоҳ Таҳмоспи дувум (1135-1145) мақоми муншигариро ба уҳда доштааст. Қисме аз номаҳо низ ба қалами вай сабт шудааст. Ғайр аз ин, дар «Маҷмӯаи муншиоти китобхонаи Париж» ба номаҳо ва рақамҳои зерин метавон маълумот гирифт:

а – «рақам дар хусуси алқоби Суфиқули Мирзо қопувчибошии шоҳ Таҳмосп» [барги 040b-041v].

б – «рақами иловаи алқоб, ки ба ҷиҳати Мирзо Ҳасан дар айёми шоҳ Таҳмосп навишта шудааст» [барги 042b].

в – «рақаме, ки дар хусуси боғбонбошигарии Мирзо Маҳдихон оиди мулаққаб ба кавкаб будани ӯ шаҳодат медиҳад» [барги 043b].

г – «рақами муборак, ки баъд аз салтанат навишта шудааст» [барги 068b-069v].

Суҳайли Хонсорӣ дар мақолае бо номи «Гӯшае аз таърих» дар маҷаллаи «Тӯша» чунин меорад: «Исфаҳон пойтахт ва дорулулум буд. Аҳли фазлу адаб аз ҳар тараф барои сайқал додани дониши худ ба он ҷо меомаданд…Муҳаммад Насир ҳам писари худ Мирзо Маҳдихонро аз Астаробод ба Исфаҳон овард, то дар он ҷо касби илму дониш кунад…Муҳаммад Насир бо хушу истеъдоде, ки дар Маҳдӣ мушоҳида карда буд барои ӯ ояндаи дурахшоне пешбинӣ мекард. Зеро, Маҳдӣ дар муддати каме дар таҳсили муқаддамоти улум аз Қуръон сабқат ҷуста буд…» [10, 88].

Ғайр аз ин, дар тазкираҳо перомуни аҳволи Мирзо Маҳдихон, марбут ба даврони камол ва шуҳратёбии ӯ маълумот дода шудааст. Аввалин тазкирае, ки номи Мирзо Маҳдихон дар он зикр шудааст, тазкираи «Риёз-уш-шуаро» [5,18] мебошад, ки онро Аликулихон Волии Доғистонӣ таълиф кардааст. Илова бар ин, зикр карда шудааст, ки Мирзо Маҳдихон дар муддати кӯтоҳ дар таҳсили илм шуҳратманд гардид. Бинобар қавле, Мирзо Маҳдихони Астарободӣ бо лақаби «кавкаб» ба шуғли боғбонбошии коххои Сафавӣ дар Исфаҳон ба кор машғул будааст [3, мим]. Аммо, ба қавли дигар лақаби «кавкаб»-ро ба ӯ марбут намедонанд ва муътақиданд, ки номи соҳиби китоб Муҳаммад Маҳдӣ аст ва Мирзо Маҳдихони мулқаб ба «кавкаб» шахси дигар аст [6,182]. Тахаллуси он ба «кавкаб» низ, мавриди баҳсу нақди чанд тан аз соҳибони назар қарор гирифтааст.

Аммо, ба гуфтаи баъзе олимону донишмандон ва муҳаққиқон Мирзо Маҳдихони Астарободӣ дар шеър «кавкаб» тахаллус мекардааст. Масалан, дар «Доират-ул маорифи бузурги Исломӣ» [6,182] қайд карда шудааст, ки: «ба гуфтаи бархе аз нависандагони муосираш, аз ҷумла Абдулқодири Кашмирӣ [1, 111] дар шеър «кавкаб» тахаллус мекардааст ( инчунин Доғистонӣ Аликулихон Волӣ низ дар асари худ Риёз-уш-шуаро, нусхаи хаттии китобхонаи миллӣ, шумораи 4304, ӯро бо ин ном зикр кардааст). Илова бар ин, дар китобҳои «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳ Сафо [7,1806], «Феҳрасти китобҳои чопи форсӣ»-и Хонбобо Машор [11,272] ва «Нодиршоҳ»-и Локкарт [12,109] қайд карда шудааст, ки Мирзо Маҳдихони Астарободӣ дар шеър «кавкаб» тахаллус мекардааст. Аммо, баъзе дигарон Мирзо Маҳдихони Астарободӣ ва Мирзо Маҳдии «кавкаб»-ро ду нафар донистаанд ва ин аз он сабаб аст, ки ӯро бо Мирзо Маҳдии «кавкаб» ибни Мирзо Юсуфи Табрезӣ иштибоҳ кардаанд. Номи Мирзо Маҳдии «кавкаб» дар тазкираҳои монанди «Субҳи гулшан» ва «Риёз-ул-орифин»-и Офтоби Роӣ Лакҳнавӣ зикр карда шудааст. Таърихнигорони Аврупоӣ, монанди Рио ва Локкарт низ ӯро ба лақаби «кавкаб» зикр кардаанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдулкарими Кашмирӣ. Баёни вақоеъ ба кӯшиши насим / Абдулкарими Кашмирӣ. - Лоҳур, 1970.
2. Астарободӣ Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насир. Ҷаҳонгушои Нодирӣ / Астарободӣ Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насир; бо эҳтимоми Саид Абдуллоҳи Анвор. -Теҳрон, 1376.
3. Астарободӣ Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насир. Дурраи Нодирӣ / Астарободӣ Муҳаммад Маҳдӣ ибни Муҳаммад Насир; бо иҳтимоми Саид Ҷаъфар Шаҳидӣ. - Теҳрон, 1341.
4. Арунова М.Р. Государство Надир шаха афшара. (Очерки общественных отношений в Иране 30-40-х годов XVIII в) / М.Р. Арунова, К.З. Ашрафян. - М., 1958.
5. Доғистонӣ Аликулихон Волӣ. Риёз-уш-шуаро / Доғистонӣ Аликулихон Волӣ. Нусхаи хаттии китобхонаи миллӣ. -№ 4304.
6. Доират-ул маорифи бузурги Исломӣ. -Теҳрон, 1385. -Ҷ.8.
7. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. - Теҳрон, 1372. -Ҷ.5.
8. Маҳди Бомдод. Шарҳи ҳоли риҷоли Эрон дар қарни XII, XIII, XIV / Маҳди Бомдод. -Теҳрон, 1357. -Ҷ.4.
9. Ризо Шаъбонӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон дар асри Афшория / Ризо Шаъбонӣ. -Теҳрон, 1369. -Ҷ.2.
10. Суҳайли Хонсорӣ. Гӯшае аз таърих / Суҳайли Хонсорӣ // Маҷаллаи Тӯша. -№ 1-2, 1337
11. Хонбобо Машор. Феҳрасти китобҳои чопи форсӣ / Хонбобо Машор. Теҳрон, 1350-1355.
12. Lockhart L. Nadir Shah. A critical study based mainly upon contemporary sources/ L.Lockhart - London.
13. [Электронный ресурс] htpp://salarsolmaz.flada.com/post-67.aspx


## МИРЗА МЕХДИХАН АСТАРАБАДИ-СЕКРЕТАР НАДИР-ШАХА АФШАРА


В данной статье говорится о жизни и творчестве секретаря и историографа Надиршаха Афшара-Мирзе Мехдихина Астарабади. Также в статье приводятся сведения о дате и месте рождения, годах юности и учёбы во дворце Сафавидов и о поэтическом псевдониме «Секретарь».



**Ключевые слова:** «Джахангушаи Надири», секретарь, литература, источник, сочинение, учёный, жизнь, наука, исследователи, «кавкаб».


## MIRZA MEHDIKHAN ASTARABADY SECRETAR OF NADIR SHAH AFSHAR.


This article is about the life and actwiti of secretary and historian of Nadir Shaha Afshara-Mirza Mehdikhan Astarabady although in this article spoken about the plase where he was born, his carly years of life, moving to the plase where he known by nickrame «kavkhab».



**Key words:** «Jahangushoi Nadiri», secretar, literature, source, sigh, learned, biography, science, researcher, « kavkhab».



**Сведения об авторе:** ***Н.Д. Назаров***-аспирант дневного отделение Таджикского национального университета. Телефон **(+992) 918-40-57-56;**

## ҲУҚУҚ - ПРАВО

# МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФУНКСИЯИ ИҶТИМОИИ МЕҲНАТИ НАВРАСОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ғ.М. Бобокалонов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташаккули инсон ҳамчун шаҳрванд дар натиҷаи таъсири мутақобилаи табиат, муҳити иҷтимоӣ ва меҳнат ба амал меояд. Инсон онҳоро дар ҷараёни ҳаёти худ фаъолона дигаргун намуда, ба тағйир ёфтани хеш низ мусоидат мекунад. Маҳз дар ҷараёни меҳнат шаклҳои нави ҳаёти маънавӣ зоҳир ва пайдо мешаванд ва инсон ҳамчун шаҳрванд ташаккул меёбад [1].

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки меҳнати муфиди ҷамъиятӣ дар ташаккули шахсияти наврасон (шахсони ба синни ҳаждаҳ нарасида), нақши муҳим мебозад. Тамоми самтҳо, шаклу усулҳо ва ҷиҳатҳои шавқманду ҳавасмандкунандаи кори фоиданоки ҷамъиятиро истифода бурда, сифатҳои беҳтарини ахлоқиро дар наврасон тарбия кардан мумкин аст.

Дар замони муосир, чунин шаклҳои фаъолияти механикие заруранд, ки истифодаи донишҳоро тақозо намуда, нисбати он талаботро афзун гардонад. Меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва олӣ сурат мегиранд, наврасонро ба фаъолиятҳои гуногун, чун худхизматрасонӣ, ташкилотчигӣ, меҳнати пурмаҳсул ҳидоят мекунанд. Дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо рафиқон ва калонсолон, асоси ислоҳи ахлоқи наврасон гузошта мешавад [2].

Таҷриба собит менамояд, ки наврасон аксаран ба кори маҳсулдиҳанда бештар майлу рақобат доранд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар рафти меҳнати маҳсулдиҳанда наврасон дар худ сифатҳои мусбии ахлоқиро мепарваранд, ки меҳнатдӯстӣ, муносибати фаъол ва бошуурона ба меҳнат, эҳтироми аҳли меҳнат, аз ҷумлаи он сифатҳо мебошанд. Муҳим аст, ки барои аз ҷиҳати равонӣ (психологӣ) ва меҳнатӣ тайёр намудани наврасон, муносибати бошууронаи онҳо ба меҳнат тарбия карда мешавад. Чунон, ки таҷриба нишон медиҳад, вазифаи мазкур танҳо дар сурати ташкили мақсадноки корҳои коллективӣ имконпазир мегардад, ки дар ин айём шаклҳои хизматрасонӣ, кори маишӣ ва ғайраи наврасон бо шаклҳои гуногуни муносибат дуҷор меоянд, ки қонунгузор ба хотири амалигардонии ин мақсадҳои олӣ як зумра талаботҳо ва монеаҳоро ба танзим даровардааст.

Дарвоқеъ мушкилоти ҷиддие, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст, такрор ба такрор ба миён омадани буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва оқибатҳои таъсири манфии он ба иқтисодиёти кишвар мебошад. Аз ҷониби дигар, таҳримхое (санксияҳо), ки нисбат ба Федератсияи Россия, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати шарикии иқтисодию тиҷоратӣ, муҳоҷиратӣ бо ин кишвар алоқаманд аст, ба афзоиши бекорӣ, хусусан дар байни наврасон сабаб гаштааст, алалхусус, вобаста ба вазъи иқтисодии оилавӣ ва талаботу эҳтиёҷоти маишии онҳо дар давраи таҳсил, тандурустӣ, машғулият бо варзиш ва ғайра, инчунин барои рушди касбию маънавӣ (зарурати харочот ё даромади иловагӣ). Чунончи, ин қисмати аҳолӣ ва умуман наврасон дар давраи қаблии таърихӣ (замони шӯравӣ) аз тарафи давлату ҷомеа ҷиҳати пешгирии бекорию аз ҷониби онҳо эҳтимолан содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, роҳҳои пешгирии ҳолатҳои воридшавии ашхос ба гурӯҳҳои ифротгаро, инчунин ҳодисаҳои ҷалби шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундгарову экстремистӣ ва иштироки онҳо дар муноқишаҳо, дар мавзӯъҳои инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, фаъолияти муфиди меҳнатӣ машваратҳо ва дигар намудҳои корҳои тарбиявӣ гузаронида мешуданд.

Аайни замон бошад, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдом ҷиҳати воридкунии таълимоти зиддикоррупсионӣ барои мактаббачагон пеш гирифта шудааст. Таҳлили таҷрибаи ватанию ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тоқатнопазирӣ нисбат ба коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳо, бештар дар шуури ҷавонони соҳибкору болаёқат, ки бо касбомӯзӣ ва ҷиҳати такмили рушди шахсияти худ машғуланд, дида мешавад. Барои ҳамаи ин имконияти даромади қонунӣ қабл аз ҳама, бобарии тадбирҳои ҳукуматӣ зарур аст, то ки қадри рафтори ҳуқуқӣ (қонунӣ) ва ниҳоят, ватандорию ватандӯстиро дарк намоянд. Бо дарназардошти ин, дар замони муосир, давлат захираҳои меҳнатиро метавонад аз ҳисоби мутахассисони ҷавон дар доираи Конститутсия, талаботи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пурра намояд.

Бояд тазаккур дод, ки сатҳи ташаккули ҷомеа асосан ба танзими ҳуқуқии дурусту одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан муносибатҳои меҳнатӣ вобастагӣ дошта, ҳолати қонунгузории миллӣ ва ҳолати воқеии кор дар самти амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо нишондиҳандаи баланди маърифати фарҳангию маънавии ҷомеа мебошад, балки ин иқдом бевосита ба равандҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат низ таъсири худро мерасонад.

Аз ин рӯ, сиёсати имрӯзаи пешгирифтаи давлат оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои наврасон, самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта,

муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде, аз қабили Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои меҳнат, гражданӣ, оила, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», амалӣ мешаванд. Ҳарчанд ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар ин силсила санадҳои қонунгузорӣ инъикоси худро ёфта бошанд ҳам, боз зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», аз 18 марти соли 2015, № 1196 ба миён омад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муқаррар намудани ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳифзи он, дар муносибатҳои меҳнатӣ манъи ҳама гуна маҳдудиятро муқаррар карда, ҷалб кардани шахсро ба меҳнати маҷбурӣ, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, манъ намудааст.

Чунончӣ, дар моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст» [3].

*Моддаи мазкур, манъ будани ҳама гуна маҳдудиятро дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати ноболиғонро дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнок, эълон доштааст. Ҳамзамон, меҳнати ноболиғонро дар фаъолияти меҳнатӣ манъ накардааст. Аз ин бармеояд, ки меҳнати дигари онҳо имконнопазир аст. Аммо бархилофи ин, муқаррароти моддаи 10* КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН *аз ин лиҳоз бо моддаҳои 3, 4, 6, 23, 41 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 [4], сархати 4 моддаи 4, 18, 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва муқаррароти Кодекси меҳнат оид ба танзими фаъолияти ноболиғ номувофиқ мебошад.*

Дар қатори Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ нисбати наврасон, ин *КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ 15 МАЙИ СОЛИ 1997 БО ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО (*соли 1997, № 9, мод. 112, 113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4 к-1,мод.185;соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3,мод.152; №4, мод. 195; соли 2009,№ 5,мод. 320; с.2010,№7, мод. 545; мод.549; с 2011, №3, мод. 151; №12, мод. 842; ҚҶТ аз 01.08.2012с., №880; ҚҶТ аз 22.07.2013с. №981) *мавриди амал қарор дода шудааст, маҳсуб меёбад.*

*Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои* меҳнатии наврасонро *ДАР* боби 13 (Кафолатҳои иловагӣ барои ҷавонон) ҷой додааст. *Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки баъзе муқаррароту меъёрҳои он аз муқаррароти Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати солҳои қаблӣ аз кодекси амалкунанда фарқияти калон доранд [5].*

*Кодекси қаблии оид ба меҳнат синну соли барои бастани шартномаи меҳнатиро аз синни 16-солагӣ муқаррар намуда буд. Тибқи Кодекси амалкунандаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 майи соли 1997) бошад, шаҳрванде, ки ба синни 15-солагӣ расидааст, метавонад ба ҳайси тарафи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баромад намояд [6]. Инчунин,* тибқи ҳолат ва тартиби муқаррарнамуда, барои омода кардани ҷавонон ба кори истеҳсолот, талабагони мактабҳои маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро ҷиҳати иҷрои кори сабуке, ки ба саломатии онҳо зарар намерасонад ва ҷараёни таълимро халалдор намесозад, дар вақти холӣ, пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ, бо мувофиқати падар ё модар ё шахси ивазкунандаи онҳо ҳуқуқи ба кор қабул шудан ва шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бастанро пайдо мекунанд.

Мутобиқ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 тасдиқ шуд. Инчунин, мутобиқ ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намудани наврасон ба меҳнат, интихоби озодонаи намуди фаъолият ва касбу ҳунар бо риояи шартҳои пешбинишуда, барои танзими муносибатҳои меҳнатии наврасон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» 18 марти соли 2015 таҳти № 1196 қабул карда шуд [7].

Қонуни мазкур бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, роҳ надодан ба поймол намудани ҳуқуқҳои онҳо, ташаккули асосҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбия кардани онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ, инчунин истифодаи шахсияти кӯдак ба манфиати ҷомеа ва, ҳамзамон, дар муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маданияти ҳуқуқии наврасон, таҳия ва қабул гардидааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 18 Қонун, кӯдак ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи намуди фаъолият ва касбу ҳунарро дорад.

Дар моддаи 174-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, синну соли ба кор қабул намудани кӯдак, синни 15-солагӣ муқаррар шудааст.

Барои омода кардани ҷавонон ба кори истеҳсолот, талабагони мактабҳои маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро ҷиҳати иҷрои кори сабуке, ки ба саломатӣ зарар намерасонад ва ҷараёни таълимро халалдор намесозад, дар вақти холӣ, пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ

бо мувофиқаи падар ё модар ё шахси ивазкунандаи онҳо ба кор қабул карадан мумкин аст. Тамоми шахсони аз синни бистуяксола хурд ба кор танҳо баъди муоинанаи пешакии тиббӣ қабул карда мешаванд.

Дар моддаи 176-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони ноболиғ як зумра бартариятҳо баён гардидаанд.

Шахсони аз ҳаждаҳсола хурд дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо болиғон баробарҳуқуқ мебошанд, аммо дар соҳаи ҳифзи меҳнат, вақти кор, рухсатиҳо ва баъзе шароитҳои дигари меҳнат аз имтиёзоти барои онҳо муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба муносибатҳои меҳнат алоқаманди Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода мебаранд.

Ба замми ин, барои шахсони аз ҳаждаҳсола хурд кафолатҳои бо кор таъминкунӣ низ муқаррар карда шудаанд.

Мутобиқи моддаи 175 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корфармо вазифадор аст хатмкардагони мактабҳои маълумоти умумӣ ва дигар шахсони аз ҳаждаҳсола хурдро, ки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо мақсади бо кор таъмин кардани онҳо мефиристад, аз ҳисоби квотаи муқарраршуда бояд ба кор қабул намояд [8].

Дар сурати аз ҷониби корфармо ба кор қабул накардан, ё рад намудани навраси тибқи квота фиристодашуда, ӯ метавонад ба суд шикоят намояд.

Қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо корманди аз ҳаждаҳсола хурд бо ташаббуси корфармо, ғайр аз риояи тартиби умумӣ танҳо бо мувофиқаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак сурат мегиранд.

Дар қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», оварда шудааст, ки тартиби бастан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ ва дигар хусусиятҳои муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла меъёри зарурии рӯзи кор, истироҳат, музди кор ва шароити кори кӯдакро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат муқаррар мекунад [9].

Чунин меъёрҳои қонун дар моддаҳои и 178, 179, 180 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд. Чунончи, давомнокии вақти кори кормандони синни аз понздаҳ то ҳаждаҳсола ҳафтае на зиёдтар аз сию панҷ соат ва шахсони аз чордаҳ то понздаҳсола ҳафтае на зиёдтар аз бисту чор соат муқаррар карда мешавад.

Давомнокии вақти кори талабагоне, ки дар давоми соли таҳсил дар вақти холӣ аз таҳсил кор мекунанд, аз нисфи давомнокии ниҳоии вақти кори дар қисми якуми ҳамин модда барои ашхоси синну соли дахлдор пешбинишуда, зиёд буда наметавонад.

Ҳамин тавр, барои кормандони ба синни ҳаждаҳсола нарасида вақти кӯтоҳи корӣ муқаррар карда мешавад:

-барои кормандони аз чордаҳсола то шонздаҳсола, на зиёда аз 24 соат дар як ҳафта;

-барои кормандони аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола, на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта;

-барои толибилмони муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ва таҳсил мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола - 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола - 3,5 соат дар як рӯз.

Ҳангоми ба рухсатии ҳарсола баромадани корманди аз ҳаждаҳсола хурд барояшон ҳар сол на камтар аз сӣ рӯзи тақвимӣ рухсатии пулакии меҳнатӣ дар фасли тобистон ё ҳар вақти дигари барои онҳо мувофиқ, дода мешавад.

Агар соли корӣ, ки барои он рухсатӣ дода мешавад, давраи то ба ҳаждаҳсолагӣ расидани корманд ва баъди онро дар бар гирад, давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории то расидан ба ҳаждаҳсолагӣ аз ҳисоби сӣ рӯзи тақвимӣ ва барои собиқаи кории баъдӣ, расидан ба ҳаждаҳсолагӣ дар асосҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад.

Музди меҳнати кормандони аз ҳаждаҳсола хурд дар сурати кӯтоҳ будани вақти кори ҳаррӯза, ба андозаи музди меҳнати кормандони категорияҳои дахлдори муддати кори ҳаррӯзаашон пурра дода мешавад. Музди меҳнати талабагоне, ки дар вақти фориғ аз таҳсил дар ташкилотҳо кор мекунанд, аз ҳисоби муддати кор ё вобаста ба маҳсули меҳнат дода мешавад.

Барои кормандони ба синни ҳаждаҳсола нарасида, ки баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёна, техникӣ ва касбӣ ба кор дохил гардидаанд, инчунин аз таълими касбӣ дар истеҳсолот гузаштаанд, чунин имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд:

минбаъд низ ҷудо хоҳанд кард. Фаъолияти мазкурро дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти иқтисодӣ низ меноманд, ки миёни онҳо набояд фарқ гузошт. Фаъолияти мазкур фарогири ду ибора яке “молиявӣ” ва дигаре “хоҷагидорӣ” аст, ки онҳо бо ҳамдигар алоқамандии ниҳоят зич дошта, яке бидуни дигаре пойдору устувор буда наметавонад. Сонияи, онҳо дар навбати худ баҳри ривоҷу равнақи ҳамдигар мусоидат намуда, якдигарро пурра менамоянд. Солисан, онҳо ба таҳкими заминаи моддию техникии фаъолияти муассисаи таълимӣ дар якҷоягӣ кумак мерасонанд, ки он барои муассисаи таълимӣ чун обу ҳаво зарур аст. Мақсад аз машғул шудани муассисаи таълимӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ қабл аз ҳама ба даст овардани даромад ва ҳамзамон ташаккул додани молу мулки хеш аст. Муассисаи таълимӣ ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба чунин фаъолият машғул шуда метавонад, ки ба мақсадҳои ойинномавии он мувофиқ бошад ва даромади аз чунин фаъолият бадастовардаи муассиса ба мақсаду вазифаҳои асосии ташкили он, ки таълиму тарбияи таълимгирандагон аст, равона карда шавад. Хулоса, таҳқиқотҳо собит месозанд, ки фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ пеш аз ҳама, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, нашриявӣ, хизматрасонии пулакии таълимӣ, пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, омодасозии мутахассисони баландихтисос дар асоси шартнома, тартиби истифодаи объектҳои моликият, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникӣ, тартиби ташаккули моликият, намуди фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти пулакиии муассисаи таълимӣ ва ғайраро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки маҳз дар доираи фаъолияти молиявии муассисаи таълимӣ маблағгузории фаъолияти он роҳандозӣ мегардад, ки ҳоло мо оиди он дахл кардан мехоҳем. Муассиса худ ташкилоти аз ҷониби молик маблағгузоришаванда ҳисоб ёфта, фаъолияти он тибқи талаботи сархати 1 қисми 1 моддаи 132 КГ аз ҷониби молики (муассиси) он ба таври пурра ё қисман маблағгузорӣ карда мешавад. Муассис, муассисаро пурра ё қисман бо роҳи ҷудо намудани маблағҳои пулӣ аз рӯйи харҷнома ё бо роҳи ба он вобаста кардани молу мулки дигар бо ҳуқуқи идораи оперативӣ маблағгузорӣ менамояд [3].

Фаъолияти муассисаи таълимӣ бидуни ду омил ғайриимкон аст, ки яке аз онҳо маблағҳои пулӣ ва дигаре молу мулк мебошад, ки он аз ҷониби молики хеш бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста мегардад. Қаблан мехоҳем ба масоили маблағгузории муассисаи таълимӣ таваҷҷуҳ намоем. Маҳз тавассути маблағҳои пулии ҷудошуда муассисаи таълимӣ музди кори кормандонро медиҳад, аз рӯйи уҳдадориҳои хеш дар назди давлат ҳаққи истифодаи хизматрасонии коммуналиро пардохт менамояд, ҷиҳати амалӣ намудани мақсаду вазифаҳояш молу мулки дахлдор харидорӣ менамояд ва ғайраҳо. Тибқи талаботи моддаи 55 қонун дар бораи маориф, ки “Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ” ном дорад, манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти таълимию истеҳсолӣ, илмӣ ва хоҷагидорӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодии маорифро маблағи буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағи худи муассис (муассисон) ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

Маблағгузории соҳаи маориф ҳар сол дар буҷети давлатӣ бо сархати алоҳида зикр гардида, он бо назардошти меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад. Ин меъёрҳо вобаста ба намуд, шакл, зинаҳои таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавӣ ба як таълимгиранда, ба як муассисаи таълимӣ ва ё дар дигар асос муайян карда шуда, бояд барои пурра пӯшонидани хароҷоти ҷории вобаста ба раванди таҳсилот мусоидат намоянд. Тартиби ҳисоб намудани меъёрҳои маблағгузории хизматрасонии таълимӣ, аз ҷумла маблағгузории сарикасӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Дар доираи фаъолияти хоҷагидорӣ бошад, муассисаи таълимӣ метавонад ба фаъолияти даромаднок ва соҳибкорӣ машғул шуда, молу мулки хешро ташаккул диҳад. Бояд гуфт, ки ба муассисаҳои таълимӣ махсусан дар соҳаи таҳсилоти олӣ имконияти машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст, аз ҷумла хизматрасонии пулакии таълимӣ, пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, дар асоси шартнома тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ғайра. Фаъолияти соҳибкорӣ бояд барои ноил шудан ба мақсади асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ, ки таълиму тарбия аст, мувофиқат ва хизмат намояд. Дар КГ ҶТ нисбати муассисаҳои таълимӣ ҳам фаъолияти соҳибкорӣ (м.50) ва ҳам фаъолияти даромаднок (м.315) пешбинӣ шудааст. Вале, дар қонун дар бораи маориф бошад, ҳар ду фаъолияти мазкур бевосита пешбинӣ нашудааст. Дар қонуни

мазкур як боби алоҳида боби 6 фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ пешбинӣ шудааст, ки ба назари инҷониб он ҳам фаъолияти даромаднок ва ҳам фаъолияти соҳибкориро фаро мегирад. Худи мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ бошад, ба назари мо дар навбати худ ба мафҳуми фаъолияти даромаднок дохил аст. Зеро, фоида, ки мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ аст дар натиҷаи ба даст овардани даромад ба миён меояд. Муҳаққиқ Тихомиров А.В. дар ин бора чунин менависад: “Мафҳуми фаъолияти даромаднок нисбат ба мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ васеътар аст”[4]. Дар қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ таърифи ҳар се мафҳуми зикршуда то ҳол муайян нагардидааст. Таҳлили боби мазкур собит месозад, ки муассисаи таълимӣ дар давоми фаъолияти хеш ба ғайр аз фаъолияти асосӣ инчунин ба фаъолияти даромаднок ва соҳибкорӣ низ машғул мегардад. Бинобар ин, зарур дониста мешавад, ки маҳз дар Қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни заминавӣ дар хусуси ба фаъолияти даромаднок ва соҳибкорӣ машғул шудани муассисаи таълимӣ бевосита ишора карда шавад, ки он маҳз дар чунин сурат ба назари мо ба талаботи меъёрҳои КГ мутобиқ мегардад.

Дигар намуди фаъолияти муассисаи таълимӣ, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, ба иҷора супоридани молу мулк бо мақсади ба даст овардани иҷорапулӣ аст. Масоили мазкурро асосан ду санад КГ ҶТ қисми дуюм дар боби 33, ки “Кироя (иҷора) - и амвол” ном дорад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”[2] аз 6 декабри соли 1990, №184 (минбаъд – қонун дар бораи иҷора) ба танзим медарорад. Вобаста ба қонунгузорӣ бояд гуфт, ки махсусан қонун дар бораи иҷора кайҳо аҳамияти хешро аз даст дода, ба тағйироту иловаҳо ниёз дорад. Зеро, таҳлилу мушоҳидаҳо собит месозанд, ки қонуни мазкур ба талаботи техникаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ нест [5]. Оиди аз ҷониби муассисаи таълимӣ ба иҷора супоридани молу мулки худ дар Қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни заминавӣ бевосита сухан нарафтааст. Ҳол он ки танзими ҳуқуқии масоили ба сифати иҷорагир ва иҷорадиҳандаи молу мулки хеш баромад кардани тамоми намуди муассисаҳои таълимӣ, нахуст вазифаи қонуни мазкур буда, қонунгузории боқимондаи соҳа бояд маҳз дар асоси муқарраротӣ он таҳия ва омода гардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дилхоҳ намуди муассисаҳои таълимӣ дар ин ё он шакл маҳз бо ин намуди фаъолият машғул мегарданд. Воқеан ҳам, ба назари инҷониб фаъолияти дилхоҳ муассисаҳои таълимиро ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ бидуни машғул шудан ба чунин навъи фаъолият тасаввур кардан душвор аст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар қонун дар бораи маориф махсусан дар боби 6, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст, ҳамчун замина оиди ба сифати иҷорагир ва иҷорадиҳандаи молу мулки хеш баромад кардани муассисаи таълимӣ барои тамоми намуди муассисаҳои таълимӣ ишора карда шавад. Ногуфта намонад, ки дар қисми 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”[6] аз 19 майи соли 2009, № 531 (минбаъд - Қонун дар бораи таҳсилоти олӣ) муқаррар гардидааст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намоянд. Оиди мақсаду моҳияти шартномаи иҷора бошад, профессор Е.В. Богданов қайд мекунад, ки “мақсади шартномаи иҷора на дар ҳалли масоили тақдири ашё, балки дар гирифтани маблағи иҷора аз объекти иҷора зоҳир меёбад, яъне иҷорадеҳ ба воситаи иҷораи молу мулк ҳуқуқи худро оид ба истифодабарии он ҷиҳати гирифтани даромад аз молу мулки мазкур амалӣ менамояд... Ҳамин тариқ, вақте ки муассисаҳои таълимӣ молу мулкеро, ки ба онҳо вобаста шудаанд, ба иҷора медиҳанд, онҳо пеш аз ҳама ҳуқуқи истифодабариро бо мақсади гирифтани даромад амалӣ менамоянд”[1]. Тибқи талаботи моддаи 132 КГ ҶТ ҳуқуқи муассиса ба молу мулки ба вай вобасташуда ва инчунин ба молу мулки бадастовардаи он мувофиқи моддаи 313 ва 315 кодекси мазкур муайян карда мешавад. Молу мулке, ки муассис ба муассисаи таълимӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста менамояд, пеш аз ҳама метавонад замин, бино, иншоот, таҷҳизот ва дигар молу мулки дахлдоре бошад, ки барои фаъолияти он зарур аст.

Муассисаи таълимӣ маҳз дар заминаи ҳуқуқи идораи оперативӣ нисбат ба маблағҳои пулӣ ва молу мулки вобастакардаи муассиси хеш ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро пайдо менамояд. Вале, ин ваколатҳои ӯ дар доираи ҳуқуқи идораи оперативӣ хусусияти маҳдуд дорад. Маҳдудияти он пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муассисаи таълимӣ нисбати молу мулке, ки ба он вобаста шудааст, ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро дар доираи ҳолатҳои муайянкардаи қонун, (ки ин ҳолатҳо дар қонунгузории соҳаи маориф муқаррар мегарданд), мутобиқи мақсади фаъолияти хеш (мақсади ташкилу фаъолияти муассисаи таълимӣ қабл аз

ҳама таълиму тарбияи таҳсилгирандагон аст), супоришҳои молик (муассис муассисаи таълимиро ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, иҷрои мавзӯъҳои фармоишӣ ва ғайраҳо метавонад вазифадор намояд) ва таъйиноти молу мулк (албатта, молу мулке, ки ба муассисаи таълимӣ аз ҷониби муассис вобаста мегардад, пеш аз ҳама хусусияти таълимию тарбиявӣ дошта, ба мақсади асосии ташкили он, ки таълиму тарбия аст, нигаронида шудааст) амалӣ менамояд (қисми 1 моддаи 313 КГ). Маҳз бо ин сабаб муассиса нисбати маблағҳои пулӣ ва молу мулки тахти идораи хеш қарордошта на ҳуқуқи моликият, балки ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ – ҳуқуқи идораи оперативӣ дорад. Дар ҳолати баръакс, агар муассисаи таълимӣ маблағҳои пулӣ ва молу мулки ба ӯ вобастакардаи муассисашро бархилофи талаботи қисми 1 моддаи 313 КГ яъне, дар доираи муайянкардаи қонун, мутобиқи мақсади фаъолияти хеш, супоришҳои молик ва таъйиноти молу мулк истифода накунад, дар чунин сурат муассиси он тибқи талаботи қисми 2 моддаи 313 КГ ҳақ дорад, ки молу мулки зиёдатӣ, тахти истифода қарор надошта ва ё мутобиқи мақсад истифоданашударо пас гирад ва онро мутобиқи салоҳдиди хеш истифода намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар илм ва қонунгузории гражданӣ ба сурати алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ихтиёрдории молу мулке, ки ба муассиса аз ҷониби муассиси он вобаста шудааст, мебошад. Тибқи талаботи мазмуни қисми 1 моддаи 315 КГ "Муассиса ҳуқуқ надорад, молу мулки ба ихтиёраш гузошташуда ё аз ҳисоби маблағи мутобиқи харҷномаи (сметаи) барои хариданаш ҷудокардашударо, фурӯшад, ё онро бо усули дигар соҳибӣ намояд". Агар ба қисми 1 моддаи 315 назар афканем, метавон гуфт, ки худи моддаи зикршуда "ихтиёрдории молу мулки муассиса" ном дошта, пурра ба ин масъала бахшида шудааст. Вале, бо кадом сабаб бошад, ки дар охири қисми 1 моддаи зикршуда ибораи "соҳибӣ" зикр рафтааст, ҳанӯз нофаҳмост, ки ба назари инҷониб дар ин ҷо як навъи мухолифати матни модда ба номи он мавҷуд аст. Дар матни қисми 1 моддаи 315 русии КГ ҶТ бошад, ин таносуб ба инобат гирифта шуда, ҳам дар номи модда ва ҳам дар охири матни он ибораи "распоряжаться" корбурд гардидааст, ки ба назари инҷониб мухолифат комилан ҷой надорад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар матни тоҷикии қисми 1 моддаи 315 ба ивази ибораи "соҳибӣ" баръакс ибораи "ихтиёрдорӣ" истифода гардад, ки он ба матни моддаи мазкур мувофиқ меояд.

Агар ба таҳлили матни он рӯ орем, он гоҳ бояд гуфт, ки воқеан ҳам, ваколатҳои муассиса оиди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки тахти идораи оперативӣ қарордоштааш хусусияти маҳдуд дорад. Ҳатто, ваколати ихтиёрдорӣ, ки ҳалли тақдири ҳуқуқии ашёро фаро мегирад, ба ӯ имкон намедиҳад, ки молу мулкро ихтиёрдорӣ намуда, онро бегона намояд. Баъдан, бояд дар назар гирифт, ки қонун муассисаро танҳо нисбати ду намуди молу мулк: яке, молу мулки аз ҷониби муассис ба ихтиёри он гузошташуда ва дигаре, молу мулке, ки аз ҳисоби маблағи мутобиқи харҷнома барои хариданаш ҷудо карда шуда аст, маҳрум кардааст.

Масъалаи дигаре, ки бояд қайд гардад, ихтиёрдории даромади аз фаъолияти иловагӣ бадастовардашудаи муассиса аст. Дуруст аст, ки муассиса ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дорад, ки бояд вазъи ҳуқуқии он маълум карда шавад. Нахуст, тибқи талаботи мазмуни қисми 2 моддаи 316 КГ самара, маҳсулот ва даромад аз истифодаи молу мулки тахти идораи оперативӣ қарордошта, инчунин молу мулке, ки муассиса мувофиқи шартнома ва дигар асосҳо ба даст овардааст, ба ҳуқуқи идоракунии оперативии муассиса дохил мешавад. Сониян, тибқи талаботи мазмуни қисми 2 моддаи 315 КГ "Агар мутобиқи санади таъсисотӣ ба муассиса иҷозат дода шуда бошад, ки бо фаъолияти даромаднок машғул шавад, дар он сурат ҳам даромад ва ҳам молу мулки аз ин даромад бадастовардашуда пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар баланси алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад". Оиди вазъи ҳуқуқии ин даромад ва молу мулки бадастовардашудаи муассиса миёни олимон ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Аз ҷумла, дар сарчашмаҳо омадааст, ки "даромади мазкур пурра ба сифати моликияти муассиса"[7] мегузарад. Дар ҷойи дигар омадааст, ки "Нисбат ба онҳо ҳуқуқи ихтиёрдории мустақим ба муассиса тааллуқ дорад"[3]. В.В. Чубаров чунин меҳисобад, ки аз рӯйи ҳаҷм ва хусусияти ваколатҳо ихтиёрдории мустақилонаи даромадҳо ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ наздик аст [8]. Е.А.Суханов бошад, бевосита ин ҳуқуқро ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ номидааст [9]. Андешаи муқобил низ ҷой дорад, ки тибқи он "даромадҳои аз чунин фаъолияти иловагӣ ба дастоварда, ҳарчанд ба муассиса бо ҳуқуқи махсуси ашёӣ тааллуқ дошта бошад ва дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта шавад ҳам, бо вуҷуди ин моликияти он намегардад". Нуктаи назари дигар низ оиди даромад ва молу мулки аз ин даромад бадастовардашудаи муассисаи таълимӣ мавҷуд аст, ки олимон онро на ба ҳуқуқи идораи оперативӣ ва на бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ, балки ба ҳуқуқи махсуси ашёӣ мансуб донистаанд [10]. Ба баҳси мазкур КГ ҶТ хотима бахшида, дар қисми 2

моддаи 316 чунин пешбинӣ кардааст, ки самара, маҳсулот ва даромад аз истифодаи молу мулки таҳти идораи оперативӣ қарордошта, инчунин молу мулке, ки муассиса аз шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, дар шакли ҳадя, хайрия, мерос, ва ғайраҳо ба даст овардааст, маҳсули меҳнати зеҳнӣ ва эҷодӣ, ки натиҷаи фаъолияти он аст, даромадҳои аз фаъолияти иловагӣ ва объектҳои моликияти аз ҳисоби ин даромадҳо ба даст овардааст, ба муассиса на бо ҳуқуқи моликият, балки бо ҳуқуқи идораи оперативӣ тааллуқ дорад. Муассиса, ҳатто новобаста аз шакли моликият низ, наметавонад нисбат ба молу мулки хеш ҳуқуқи моликият дошта бошад.

Роҳи дигари ташаккул додани молу мулки муассиса дар доираи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, муттаҳид шудани он дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ аст. Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 69 КГ ҶТ муассисаҳое, ки онҳоро моликонашон маблағгузорӣ менамоянд, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, бо иҷозати молик метавонанд иштирокчиёни ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва саҳмгузорони ширкатҳо бошанд. Ҳамин нуқта, дар қисми 2 моддаи 133 КГ ҶТ ривоҷ дода шуда омадааст, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ аз ҷумла муассисаҳо, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд. Дар ин ҷо фарқият мавҷуд аст. Масалан, агар барои муттаҳидгардии муассиса дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ тавассути молу мулк гирифтани розигии молик шарт бошад пас, барои муттаҳидгардии муассиса дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) гирифтани розигии молик баръакс шарт нест.

Ҳарчанд, муассиса дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ на бо молу мулки бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобастакардаи молик, балки бо молу мулке, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз ҳисоби фаъолияти иловагӣ ба даст овардааст ва он дар ихтиёрдории мустақили муассиса қарор дорад, иштирок намояд ҳам, бо вуҷуди ин барои муассиса гирифтани розигии молик шарт аст.

## АДАБИЁТ


1. Богданов Е.В. Участие образовательных учреждений в гражданском обороте / Е.В. Богданов // Законодательство. -2004. -№9. -С.69, 70-71.
2. [Захираи электронӣ]. www. mmk. tj.
3. Маҳмудов М.А. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. - Душанбе, "ЭР-граф", 2010. -Қисми якум. -С.364, 684.
4. Тихомиров А.В. Режим имущества государственных и муниципальных учреждений. Общая часть: Научно – практическое пособие / А.В. Тихомиров. - М.:РИГО, ЦНИИОИЗ, 2002. -С.51.
5. Маҷаллаи илмӣ – таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунгузорӣ. -№2 (10). -2013 апрел- июн. "Масоли қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" Фархудинов Ҷ. -С.86.
6. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ; Муҳаррирони масъул: д. и. ҳ. профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ. дотсент Сулаймонов Ф.С. –Душанбе. -Қисми якум. - С.244
7. Комментарии к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части первой; отв. ред. проф. Садиков О.Н. – Москва: Юринформцентр, 1996. -С.321.
8. Гражданский кодекс Российской Федерации: Комментарий. -М., 1995. -С.312.
9. 14.Юридический энциклопедический словарь; под. общ. ред. В.Е.Крутских. -3-еизд., перераб. И доп.- М. - ИНФРА- М.,2004.- 6. -С.417
10. Бюджетные учреждения: бухучет и налогооблажение; под. ред. А.С. Тайпейциной. Комментарий В.Р. Захарьина. – М.: Современная экономика и права, 2000. -С.10.


## ГРАЖДАНСКО - ПРАВОВОЙ РЕЖИМ ИМУЩЕСТВА ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье речь идёт о гражданско-правовом режиме имущества образовательного учреждения, который основан на праве оперативного управления, как отдельный субъект гражданских правоотношений. Здесь также рассматривается необходимость значения и особенности гражданско-правового режима имущества образовательного учреждения, что именно на их основе образовательное учреждение развивает своё имущество с целью необходимого участия в гражданском обороте.



**Ключевые слова:** гражданский, правовой, режим, имущество, учреждение, образовательное учреждение, право оперативного управления, предпринимательская деятельность, доходная деятельность, собственник, учредитель (учредители).


## THE CIVIL – LAW REGIME OF EDUCATIONAL INSTITUTION'S PROPERTY IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article considers the civil – law regime of educational institution's property as a separate subject on civil rights relations. Here is also discussed on necessity, meaning and features of civil – law regime of educational institution's property, that on their base educational institution develop its property with the aim of taking part in necessary civil turnout.



**Key words:** civil-law property regime, property, institution, educational institution, the law of operative governing, investment, business activity, benefit activity, owner, establisher.



**Сведения об авторе:** ***Абдурахимов С.Қ,*** **-** преподаватель кафедры истории и права КТГУ им. Носира Хусрава, Телефон: **98 561 84 30; 93 767 82 92;**

# ТАРКИБИ ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТ

***Д.С.Қодиров***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷиноят ҳамчунпадидаи манфии иҷтимоӣ ва фаъолияти ба ҷамъият хавфнок аз ҷиҳатҳои гуногун тавсиф карда мешавад: сотсиологӣ, психологӣ, этикӣ, криминологӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, криминалистӣ. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои бандубасти (квалификатсияи) дурусти кирдор аҳамият дорад. Тавсифи криминологӣмақсади ангезаи содиршавии ҷиноятро муайян мекунад, инчунин омӯзиши рафтори ҷинояткор ва ҷабрдидаро то содиршавии ҷиноят, ҳангоми он ва баъди содиршавии ҷиноят дар назар дорад. Тавсифи криминалистии ҷиноят бошад, аломатҳову нишонаҳои маъмули (типикии) ин ва ё он намуди ҷиноятро меомӯзад.

Истилоҳи "тавсифи криминалистии ҷиноят" ба доираи илми криминалистика дар охирҳои солҳои 60-уми асри XX ворид гардид. Зарурияти пайдоиши он омӯзиши амиқи таҷрибаи ҷиноятӣ (криминалӣ) бо мақсади ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани иттилооти оморие мебошад, ки барои ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноят аҳамият доранд. Аммо то ҳол дар атрофи тавсифи таркиби мазкур ақидаи ягонаи олимон мавҷуд нест. Омӯзишу муқоисаи назарияҳои мавҷуда вобаста ба мафҳуми мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки олимон таркиби онро ба таври гуногун муайян баҳо медиҳанд.

Яке аз аввалинҳо шуда Л.А. Сергеев мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноятро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ таркиби тавсифи криминалистии ҷиноят аз чунин унсурҳо (элементҳо) иборат мебошад:

- тарзҳои содиршавии ҷиноят;
- шароит ва вазъияти хосе, ки дар он ҷиноят содир карда шудааст;
- ҳолатҳое, ки бо объекти бевоситаи таҷовузи ҷиноятӣ, бо субъект ва тарафи субъективии ҷиноят алоқаманд мебошанд;
- робита байни ҷиноятҳо ва ҳаракатҳои алоҳида, ки барои онҳо гарчанде ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, вале баҷиноятбо баъзе аломатҳои объективӣ монандӣ доранд;
- алоқамандӣ байни унсурҳои ишорашуда [11;-С-4].

Ба ақидаи И.Ф. Пантелеева таркиби криминалистии ҷиноят аз омилҳои зерин иборат аст: тавсифи вазъиятҳои маъмулии намуди ҷинояти мазкур; тарзҳои бештар паҳнгаштаи содиршавии онҳо; хусусиятҳои алоҳидаи воситаҳои техникие, ки ҷинояткорон истифода мебаранд ва муайян намудани сарчашмаҳои бадастоварии чунин воситаҳо; тавсифи пайҳои моддӣ ё маъмулии ҷиноят, ки метавонанд ҳамчун далелҳои моддӣ аҳамият дошта бошанд ва ҷойҳои эҳтимолии пайдо намудани онҳо; тарзҳои пинҳон намудани пайҳо ва дигар воситаҳои рӯпуш намудани ҷиноят, тавсифи малака ва алоқаҳои ҷиноятии онҳо [14;С.9-10].

В.Г. Танасевич ба мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноят унсурҳои зеринро шомил мекунад:

- тарзҳои содиршавии ҷиноят;
- предмети бевоситаи таҷовузи ҷиноят;
- шахсияти субъекти ҷиноят;
- рӯпушкунӣ, ки ба пинҳон намудани кирдори ҷиноятӣ ва шахсони гунаҳгор равона карда шудааст [15;С.92].

А.И. Возгрин бошад, вобаста ба ҳалли масъалаи мазкур назари дигар дорад. Ба ақидаи ӯ, тавсифи криминалистии ҷиноят дар худ "тасвири вазъият ва хусусиятҳои алоҳидаи мубориза бо категорияҳои гуногуни ҳаракатҳои ҷиноятӣ"-ро ифода мекунад. Ӯ ба тавсифи криминалистии ҷиноят, таҳти тафтишот қарор доштан, муҳлатҳои тафтиш ва хусусиятҳои алоҳидаи дар қонунгузорӣ мустаҳкамшудаи истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ; тасвири вазъият ва аҳамияти мубориза бо намудҳои алоҳидаи ҷиноят ва таснифи ҷиноятҳо вобаста ба тарзи содиршавӣ ва шахсияти ҷинояткорро дохил менамояд [2;-С.75 ]. Аз нуқтаи назари А.Н. Колесниченко тавсифи криминалистии ҷиноят гурӯҳи масъалаҳои методии зеринро фаро мегирад:

- таснифи ҷиноятҳо вобаста ба навъ ва гурӯҳи онҳо;
- вазъиятҳои маъмулии тафтишӣ ва самтҳои асосии тафтишот;
- тавсифи тарзҳои содиршавии ҷиноят;
- тавсифи тарзҳои пинҳон намудани ҷиноят;

- аломатҳои маъмулии пинҳонкунӣ ва нақши онҳо дар муқаррар намудани ҷиноят ва ҷинояткор [6;-С.20 ].

Як қатор муаллифон тавсифи криминалистии ҷиноятро тавассути таркиби ҷиноят муайян мекунанд. Чунончи, мувофиқи консепсияи Н.А. Селиванов тавсифи таркиби криминалистиро низоми чунин унсурҳо, ба монанди маълумотҳо оид ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ, тарзҳо ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, оқибати онҳо, тарафи объективӣ ва шахсияти ҷинояткор ташкил медиҳад [12;-С.56-57]. Андешаи ба ин монандро О.Я. Баев иброз медорад. Ба ақидаи ӯ, тавсифи криминалистии ҷиноят аз як қатор унсурҳо иборат мебошанд. Бештар асоси мантиқии чунин тақсимотроунсури таркибии ҷиноят ташкил медиҳад. Тавсифи таркиби криминалистӣ иттилоотро оид ба объекти таҷовуз, тарз, ҷой, вақт ва дигар ҳолатҳои тарафи объективии ҷиноят, шахсияти ҷинояткор, робита ва муносибатҳои ӯ бо ҷабрдида, оид ба тарафи субъективии ҷиноят, бахусус ангезаву мақсади ҷиноят инъикос менамояд [13;-С.23-24]. О.Я. Баев пешниҳод мекунад,ки зери тавсифи криминалистии ҷиноят маҷмӯи иттилоот оид ба содиршавии ҷиноят, ки ба ошкор кардани он мусоидат менамоянд, фаҳмида шавад. Он ҳама гуна ҳолатҳо ва фактҳоеро, ки бо ҷиноят алоқаманд буда, тафтиши пешакиро осон мегардонанд, дар бар мегирад. Масалан, рафтори айбдоршаванда чи то содиршавии ҳаракатҳои ҷиноятӣ ва чи баъди хотимаёбии онҳо. Мавқеи ба ин монандро дигар муаллифон низ ҷонибдорӣ мекунанд [1;-С.7]. Ба ақидаи В.В. Радаев дар таркиби криминалистии ҷиноят метавон се гурӯҳи иттилоотро ҷудо намуд:

- иттилоот оид ба унсурҳои маъмулии вазъияти содиршавии ҷинояти категорияи муайян;
- иттилоот оид ба алоқаҳои аҳамияти криминалистидошта миёни унсурҳои мазкур;
- иттилоот оид ба хусусиятҳои алоҳидаи механизми бавуҷудоии пайҳо [16;С.8].

Тибқи назари И.Ф. Герасимов таҳти тавсифи криминалистӣ маҷмӯи иттилоот, донишҳо оид ба намуд ё гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи тадқиқотҳои махсус, ки унсури муҳимми таркибии методикаи тафтиш ба ҳисоб меравад, ба даст оварда шуда, дар ошкор намудан, тафтиш ва пешгирӣ кардани ҷиноят мусоидат менамоянд. У ба сифати унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷиноят, ки таркиби онро муайян мекунанд, инҳоро дохил менамояд:

- кирдори ҷиноятии паҳнгашта;
- хусусиятҳои алоҳидаи ошкор намудани ҷиноятҳои мазкур;
- нишонаҳои маъмулии худи ҳодисаи ҷиноят ва вазъияти содиршавии ҷиноят (объекти таҷовузи ҷиноятӣ, ҷой, вақт, шароит ва дигар ҳолатҳо);
- механизми бавуҷудоии пайҳо, ки барои ҷиноят ва ё гурӯҳи таҷовузҳои ҷиноятӣ хос мебошад (маҳфуз доштани пайҳо,аломатҳои онҳо, намудҳои онҳо, нигаҳдории онҳо ва дигар иттилооте, ки имконият медиҳад пайҳо ҷустуҷӯ ва бо онҳо кор карда шавад);
- тарзи содиршавии ҷиноят – ба як қатор омилҳои субъективӣ ва объективӣ, маҷмӯи ҳаракатҳои субъект вобаста ба тайёрӣ, содиркунӣ ва пинҳон намудани кирдори ҷиноятӣ асос меёбад;
- хусусиятҳои алоҳидаи шахсият (синну сол, ҳолати рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва диг.) ва рафтори айбдоршавандагон аз рӯйи категорияи мазкури парвандаҳо, ки ҳангоми омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ маълум гардидаанд;
- иттилооти умумӣ оид ба шахсияти ҷабрдидагон, ки вобаста ба категорияҳои алоҳидаи парвандаҳо хусусиятҳои алоҳида доранд;
- дигар иттилооте, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот вобаста ба коркарди тавсифи криминалистӣ ба даст омадаанд ва метавонанд дар фаъолияти амалӣ оид ба ошкор намудани ҷиноятҳо манфиатбахш бошанд [7;-С.329-33].

Мутобиқи мафҳуми А.Г. Филиппов тавсифи криминалистии ҷиноят ин низоми ба ин ва ё он намуди ҷиноят хосси аломатҳо ба ҳисоб меравад, ки барои тафтишот аҳамияти зиёд дошта, асоси истифодаи методҳо, тарзҳо ва воситаҳои криминалистӣ мегардад. Ба ақидаи ӯ, ба қатори хусусиятҳои алоҳидаи ҷиноятинҳо дохил мешаванд:

- предмети таҷовузи ҷиноят;
- тарзи содиркунӣ ва пинҳонкунии ҷиноят;
- ҳолатҳое, ки ҷиноят тайёр ва содир шуда буд (вақт, ҷой, шароити ҳифзи объект ва диг.);

- хусусиятҳои алоҳидаи пайҳои гузоштаи ҷинояткор (механизми бавуҷудоии пайҳо дар маънои васеъ);
- шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида [10;-С.333].

Н.П. Яблоков тавсифи криминалистии ҷиноятро ҳамчун низоми тасвири аломатҳои муҳимми криминалистии намуд, гурӯҳ ва ё ҷинояти алоҳида шарҳ медиҳад, ки дар хусусиятҳои алоҳидаи тарз, механизм ва вазъияти содиршавии он зоҳир гардида, дар хусуси ҷиноят, шахсияти субъекти он ва дигар ҳолатҳо, дар бораи фаъолияти муайяни ҷиноятӣ тасаввурот медиҳад. Таъйиноти асосии чунин низом таъмин намудани ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои ошкоркунӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноят мебошад. Н.П. Яблоков ба сифати унсурҳои таркибии тавсифи криминалистӣ инҳоро ҷудо мекунад:

- тарзи содиршавии ҷиноят, ки таҳти он низоми ҳаракатҳои объективӣ ва субъективии субъекти ҷиноят толаҳзаи содиршавии ҷиноят, ҳангоми он ва баъди содиршавии ҷиноят, ки аз худ намудҳои гуногуни ба худ хосси пайҳоро бар ҷой мегузорад, фаҳмида мешавад;
- механизми содиршавии ҷиноят (алоқаҳои муваққатӣ ё доимии марҳилаҳои алоҳидаи содиршавии ҷиноят, ҳолатҳо, омилҳои тайёрӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунии пайҳои ҷиноят);
- вазъияти содиршавии ҷиноят – низоми шаклҳои гуногуни баҳамтаъсиррасонии объектҳо, зуҳуроту ҷараёнҳо то лаҳзаи содиршавии ҷиноят ва ҳангоми он, ки макон, замон, шароитҳои моддӣ, иқлимӣ-табиӣ, истеҳсолӣ, маишӣ ва дигар шароитҳои муҳити атроф ва омилҳои воқеияти объективиро, ки имконият, шароит ва дигар ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро муайян мекунанд, тавсиф медиҳад;
- иттилоот дар бораи хусусиятҳои алоҳидаи шахсияти субъекти ҷиноят (хосият ва сифатҳои шахсии иҷтимоӣ-психологӣ, таҷрибаи ҷиноятӣ, донишҳои махсус, ҷинс, синну сол, хусусиятҳои алоҳидаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ҷабрдидаи ҷиноят ва диг.);
- иттилоот дар бораи хусусиятҳои алоҳидаи шахсияти ҷабрдида (махсусан рафтору кирдори ӯ то содиршавии ҷиноят, ҳангоми он ва баъди содиршавии ҷиноят, ҷинс, синну сол, маълумот, вазъияти оилавӣ ва иҷтимоӣ ва диг.) [10;С.35-47].

С.А. Роганов пешниҳод мекунад, ки зери тавсифи криминалистӣ маҷмӯи иттилооте фаҳмида шавад, ки ба иттилооти ҷамъбастшудаи таҷрибаи тафтишӣ ва судӣ асос ёфта, дар хусуси аломатҳои муҳимми криминалистии намуди мушаххаси ҷиноят маълумот медиҳад. Ҳамзамон, ӯ таҳти аломатҳои муҳимми криминалистии намуди ҷиноят низоми унсурҳоеро мефаҳмад, ки аз категорияҳои дигари омехта (масалан, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, криминологӣ) тафовут доранд.С.А. Роганов ба унсурҳои тавсифи криминалистӣ инҳоро шомил мекунад:

- предмети таҷовузи ҷиноятӣ;
- тарзи содиршавии ҷиноят (тайёрӣ, содиркунӣ ва пинҳоннамоӣ);
- пайҳои моддӣ ва воқеӣ (идеалӣ) ва ҷойҳои эҳтимолии ҷойгиршавии онҳо;
- вазъияти тайёрӣ ва содиршавии ҷиноят, инчунин баъди содиршавии ҷиноят (вақт, ҷой ва диг.);
- хусусиятҳои алоҳидаи шахсияти ҷабрдида ва шахси содирнамудаи ҷиноят;
- ангеза ва мақсади содиршавии ҷиноят;
- маҷмӯи иттилоот дар бораи ҳолатҳои маъмуле, ки ба содиркунии намуди ҷиноятҳои мазкур мусоидат менамоянд;
- зарари моддӣ ва дигар намудҳои зарар [17;-С.9-12].

Тамоми муаллифон эътироф мекунанд, ки тавсифи криминалистӣ яке аз унсурҳои методикаи хусусии тафтиши ҷиноят мебошад, ки ба он одатан барномаи тафтишот, хусусиятҳои алоҳидаи тактикаи гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ, ташкили фаъолияти пешгирикунандаи муфаттиш низ мансуб дониста мешавад.

Дуруст ба назар мерасад, ки мазмуни унсурҳои таркибии тавсифи криминалистӣ дар навбати аввал бо хусусиятҳои ҷиноятҳои ин ва ё он категория муайян карда мешавад. Махсусан, ин дар муносибат бо робитаҳои аҳамиятноки криминалистӣ ва объектҳои маъмулии инъикосёбанда ва инъикоскунанда ифода меёбад. Бинобар ин, унсурҳои таркибӣ дар методикаҳои хусусии тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои алоҳида батафсил кушода мешаванд. Бо вуҷуди ин, тавсифи криминалистӣкатегорияи “шахшуда” набуда, вобаста ба ташаккулёбии таҷрибаи криминалӣ имконияти тағйирёбӣ дорад.

Таҳлили назария ва амалияи мубориза бо ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки истифодаи дуруст ва моҳиронаи тавсифи криминалистӣ шарти муҳим барои тафтиши натиҷабахши (саривақт, зуд, ҳаматарафа, пурра ва объективонаи) ин ва ё он намуди ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тавсифи криминалистӣ ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (муфаттишон, таҳқиқбарандагон, кормандони оперативӣ) дар пешниҳоди асосноки фарзияҳо, муайян намудани барномаи фаъолияти худ вобаста ба ошкорнамоӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, банақшагирии гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва ҳаракатҳои тафтишӣ, тахмин оид ба шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ, дар бораи ангеза ва мақсадҳои ҷинояти содиршуда, кумак мерасонад. Тавсифи криминалистӣ ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳоидигаре, ки ба парвандаҳои ҷиноятӣ дахл доранд, кумак мекунад, ки дар натиҷа аломатҳо ва қонуниятҳои муҳимми доимии намуди муайяни ҷиноятро бо дарназардошти муқаррароти илмӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалогия ва дигар илмҳо инъикос менамояд.

Зарур ба ёдоварист, ки тавсифи криминалистии ҷиноят бо тавсифҳои дигар соҳаҳо, пеш аз ҳама бо криминологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ алоқамандии зич дорад. Тавсифи криминалогии ҷиноят бо тавсифи криминалистӣ умумиятҳои зиёд дорад: ҳардуи онҳо натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи криминалӣ мебошанд. Вале дар фарқият аз тавсифҳои криминалистӣ, тавсифҳои криминалогӣдар худ маълумотҳоро оид ба аломатҳои субъектҳои кирдори ҷиноятӣ, механизми чунин кирдор ва алоқамандии байни онҳо ҷамъ мекунад. Зеро, чунин маълумотҳо барои муайян кардани сабаб ва шароитҳои ба содиршавии ҷиноят мусоидаткунанда ва барои бартараф намудани онҳо аҳамияти зиёд доранд.

Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноят табиати худро дорад. Категорияи мазкур бо мафҳуми таркиби ҷиноят айният дорад, “ки он маҷмӯи тамоми аломатҳои (унсурҳои) объективӣ ва субъективӣ, ки мувофиқи қонуни ҷиноятӣ кирдори мушаххаси ба ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят муайян мекунанд, дар бар мегирад ” [18;-С.75]. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз тарафи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва паҳншавии ин ва ё он категорияҳои кирдор ташкил карда мешавад. Функсияи тавсифи мазкур – ҷудо кардани ҷиноят ҳамчун шакли зиддиҳуқуқии рафтори иҷтимоии одамон аз рафторҳои қонунӣ, инчунин аз дигар ҳаракатҳои зиддиҷамъиятие, ки ҷиноят ҳисобида намешаванд, мебошад.

Қонуни ҷиноятӣ, аломатҳои умумии кирдори ҷиноятӣ ва унсурҳои таркибии намудҳои алоҳидаи ҷиноятро муайян карда, ҳамзамон ба самти тавсифи криминалистӣ асос мегузорад. Барои тавсифи криминалистӣ аҳамияти зиёдро, ҳамчунин меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, он меъёрҳое соҳиб мебошанд, ки предмети исботкуниро аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мекунанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва криминология ба тавсифи таркиби криминалистӣ дохил намешаванд, зеро вобаста ба моҳияташон онҳо ба предмети криминалистика мансубият надоранд. Бинобар ин, ба тавсифи криминалистӣ дохил намудани иттилоот оид ба тобеияти тафтишӣ, мӯҳлатҳои тафтишӣ пешакӣ, хусусиятҳои алоҳидаи дар қонунгузорӣ мустаҳкамшудаи истеҳсолот аз рӯйи парвандаҳои категорияи муайяни ҷиноятҳо мушкил аст [3;-С.64-65].

Ҳама гуна тавсифи криминалистӣ ба натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ такя мекунад. Ин мазмуни объективӣ доштани тавсифи криминалистиро таъмин намуда, имкониятҳои ошкор намудани қонуниятҳои механизми содиршавии ин ва ё он ҷиноят ва бавуҷудоии пайҳои ҷойгирифтаро ташкил мекунад. Иттилоот оид ба ҷиноят, ки дар ошкорнамоӣ ва тафтиши он мусоидат менамоянд, дар худ унсурҳои таркибии тавсифи криминалистиро инъикос мекунанд, ки ба мураттабсозии ҷиддии илмӣ дода мешаванд. Муайян ва илова кардани чунин унсурҳо дар вобастагии бевосита аз донишҳои криминалистӣ оид ба ҷиноятҳо қарор дорад. Муҳимияти ҳама гуна унсурбо нақши он дар тафтиши ин ҷиноятҳо муайян карда мешавад. И.Ф. Пантелеев қайд мекунад, ки ҳар қадаре, ки дар тавсифи криминалистии намуди ҷиноят унсурҳои аҳамияти криминалистидошта батафсил тасвир карда шаванд, ҳамон қадар он барои таҷриба мазмунан мукаммалтар ва арзишноктар мешавад. Ба он метавонад ҳамагуна унсурҳое, ки имкони таъсири мусбатро ба самаранокии тафтишот доранд, шомил бошанд [9;-С.372-377].

Тавре қайд шуд, то ҳол мафҳуми умумиэътирофшудаи тавсифи криминалистии ҷиноят мавҷуд нест. Вобаста ба масъалаи мазкур низ миёни олимон ақидаи ягона ҷой надорад [19;С.38-51]. Бо вуҷуди ин, қайд кардан бамаврид аст, ки тафовути ақидаҳои муаллифони ҷудогона аҳамияти муҳим надошта, ихтилофи назар бештар ба

масъалаҳои хусусӣ ва ҷузъӣ дахл дорад ва чун қоида ба масъалаи низоми унсурҳои таркибие, ки тавсифи криминалистии ҷиноятро ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошанд. Муқоиса ва таҳлили мафҳумҳои овардашуда нишон медиҳад, ки муаллифон бештар унсурҳои зерини тавсифи криминалистиро номбар мекунанд:

1) пайҳои маъмулии ҷиноят (механизми бавуҷудоии пайҳо) ва ҷойҳои эҳтимолии пайдо кардани онҳо;
2) тавсифи шахсияти ҷинояткор;
3) тавсифи шахсияти ҷабрдида;
4) предмети таҷовузи ҷиноятӣ;
5) вазъияти содиршавии ҷиноят (макон, замон ва дигар ҳолатҳо);
6) алоқаҳои мунтазам миёни ҳамаи ин унсурҳо.

Ба ҷуз аз унсурҳои зикршуда, баъзе муаллифон ба тавсифи криминалистӣ дигар унсурҳоро низ дохил мекунанд: тавсифи вазъиятҳои маъмулии тафтишотӣ [4;-С.8], паҳншавии ҷиноятҳо [5;-С.94], тасвири ҳолат ва аҳамияти мубориза бо намудҳои алоҳидаи ҷиноят [2;-С.75], зарари моддӣ ва дигар намуди зарар [17;-С.9-12], дараҷаи фаъолии аҳолӣ вобаста ба ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар дастгиркунии вайронкунандагони тартиботи ҳуқуқӣ [21;-С.78].

Суоле ба миён меояд, ки оё ба тавсифи криминалистӣ дохил намудани ҳамаи он унсурҳое, ки муаллифон пешниҳод мекунанд шарт аст? Оё дар чунин ҳолат тавсифи криминалистии ҷиноят як қатор унсурҳои дигари таркибии методикаи хусусии криминалистиро иваз намекунад? Ба ин саволҳо ҷавоби якхела додан мумкин нест.Аммо, ба андешаи мо ба тавсифи таркиби криминалистии ҷиноят дохил намудани ҳамаи унсурҳои дар боло зикршуда ба васеъшавии мафҳуми мазкур, то ҳадде ки аз доираи предмети криминалистика мебарояд, оварда мерасонад. Ба ақидаи А.А. Шнайдер розӣ шудан мумкин аст. Ӯ зикр мекунад, ки: "Сохтор (таркиб) ва ҳаҷми тавсифи криминалистӣ бояд ба мазмуни қисми дахлдори предмети илми криминалистика мувофиқ бошад ва аз доираи он берун набарояд" [22;-С.102].

**АДАБИЁТ**


1. *Видонов Л. Г.* Криминалистическая характеристика убийств и система типовых версий о лицах, совершивших убийства без очевидцев / *Л. Г. Видонов.* -Горький, 1978. -С. 7; *Гуняев В. А.* Криминалистическая характеристика преступлений / *В. А. Гуняев, А. Н. Басалаев* // Криминалистическая характеристика преступлений. -М., 1984. -С. 58-61
2. Возгрин И.А. О структуре методик расследования отдельных видов преступления / И.А. Возгрин //Вопросы теории и практики борьбы с преступностью. -Л., 1974. -С.75
3. *Возгрин И. А.* Принципы методики расследования отдельных видов преступлений / *И. А. Возгрин.* -Л., 1977. -С. 64-65.
4. *Винокуров С. И.* Криминалистическая характеристика преступления, ее содержание и роль в построении методики расследования конкретного вида преступления / *С. И. Винокуров* // Методика расследования преступлений. -М., 1976. -С. 102; *Радаев В. В.* Указ. соч. *В. В. Радаев.* - С. 8.
5. *Герасимов И. Ф.* Криминалистическая характеристика преступлений в методике расследования / *И. Ф. Герасимов* // Методика расследования преступлений. Общие положения. -М., 1976. -С. 94-95.
6. *Колесниченко А. Н.* Общие положения методики расследования
отдельных видов преступлений / *А. Н. Колесниченко.* - Харьков, 1976. -С. 20.
7. Криминалистика: учебник / И. Ф. Герасимов [и др.]; под ред. И. Ф. Герасимова, Л. Я. Драп-кина. -М., 1994. -С. 329-333.
8. Криминалистика: учебник / отв. ред. Н. П. Яблоков. 2-е изд., перераб. и доп. -М., 2000. -С. 35-47.
9. Криминалистика / под ред. И. Ф. Пантелеева. -М., 1984. -С. 372-377.
10. Криминалистика: учебник / под ред. А. Г. Филиппова, А. Ф. Волынского. -М., 1998. -С. 333-334.
11. Сергеев Л.А. Расследование и предупреждение хищений, совершаемых при производстве строительных работ: автореф. дис. кан. юрид. наук / Л.А. Сергеев. -М., 1966. -С.4-5.
12. *Селиванов Н. А.* Криминалистическая характеристика преступлений и следственные ситуации в методике расследования / *Н. А. Селиванов* // Соц. законность. -1977. -№ 2. -С. 56-57.
13. Селиванова Н. А. Руководство для следователей / Н. А. Селиванова, В. А. Снеткова; под ред. -М., 1998. -С. 23-24.
14. Пантелеев И.Ф. Методика расследования преступлений / И.Ф. Пантелеев. -М., 1975. -С.9-10
15. Танасевич В.Г. Теоретические основы методики расследования преступлений / В.Г. Танасевич // Сов. государства и право. -1976. -№6. -С.92.
16. *Радаев В. В.* Криминалистическая характеристика преступлений и ее использование в следственной практике: лекция / *В. В. Радаев.* -Волгоград, 1987. -С. 8.
17. *Роганов С. А.* Синтетические наркотики: вопросы расследования преступлений / *С. А. Роганов.* -СПб., 2001. -С. 9-12.
18. *Трайнин А. Н.* Состав преступления по советскому уголовному праву / *А. Н. Трайнин.* -М., 1951. -С. 75.
19. *Образцов В. А.* Учение о криминалистической характеристике преступлений / *В. А. Образцов* // Криминалистика. -М., 1995. -С. 38-51.
20. *Роганов С. А.* Указ.соч. / *С. А. Роганов.* -С. 9-12.
21. *Хлюпин Н. И.* Понятие и основные унсуры криминалистической характеристики преступления в методике расследования / *Н. И. Хлюпин* // Вопросы повышения эффективности правосудия по уголовным делам. -Калининград, 1981. -С. 78.
22. *Шнайдер А. А.* Криминалистическая характеристика подделки документов / *А. А. Шнайдер* // Криминалистическая характеристика преступлений. -М., 1984. -С. 102.


**СОСТАВ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ**


В статье расмотрен состав криминалистической характеристики преступления. Состав криминаслистической характеристики преступления состоит из следуюущих элементов: механизм совершения преступления, механизм образования следов преступления, характеристика личности

преступника, характеристика личности потерпевшего, предмет посягателства, объстоятелсва совершения преступления.

**Ключевые слова:**преступление, элементы, криминалистическая характеристика, личность преступника**,** предмет посягателства.

**ELEMENTAL STRUCTURE OF THE CRIMINALISTICAL CHARACTERISTICS**

In the present article element structure of the criminalist cal characteristics have been considered. The elemental structure of the criminalist cal characteristics consists of the following features: 1) mechanism of crime commission; 2) personal characteristics of the felon; 3) personal characteristics of the victim; 4) the subject of offense; 5) circumstances attending the commission of a crime.

**Key words:** crime, features, criminalist cal characteristics, personal characteristics.

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Д.С.*** – ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон**: 989-15-32-32**

# ОТРИЦАТЕЛЬНОЕ ВЛИЯНИЕ СЕМЬИ КАК ОДИН ИЗ НЕГАТИВНЫХ ФАКТОРОВ ПРИЧИН ПРЕСТУПНОСТИ ЖЕНЩИН

***Х.Г. Джалолов***
**Таджикский национальный университет**

В начале прошлого века М.Ф. Заменгоф правильно отметил, что истоки женской преступности в первую очередь стоит искать в семье, принимая во внимание такие значимые факторы как количество детей, размер семьи, и ее доходы, связанные с фактами совершения преступлений женщинами[8, с.24]. А, по мнению Э. Ферри, благоприятные социальные условия могут нейтрализовать природную предрасположенность к преступлению[9, с.112-113]. Данные выводы представляются нам актуальными и на сегодняшний день. Благополучие и здоровый микроклимат в семье являются в большинстве случаев залогом нормальной социализации личности женщины. И наоборот, материальная неустроенность, конфликты в семье и другие негативные обстоятельства являются мощным криминогенным фактором. Роль семьи в формировании личности женщин ощутима. Как справедливо отмечается в литературе, семья является одним из основных источников появления на свет человека и дальнейшего его развития в обществе[3, с.73-74].

Семья характеризуется пространством семейной группы (дом, жилище), способами организации хозяйства, стилем общесемейной деятельности родителей и детей, моральными и нравственными установлениями, наличием целей, соединяющих членов семьи [7, с.93].

Семья – это социальный институт, обладающий значительным моральным и социальным мобилизующим потенциалом. Как было подчеркнуто выше, неблагополучие в семье является первым и наиболее важным этапом деформированной социализации женщины. Поэтому иногда это искажение можно нейтрализовать на других ступенях жизни, но между тем специалистами установлено, что основной этап социального формирования завершается уже к пяти годам жизни ребенка.Существенное снижение роли семьи в воспитании детей, усиление негативных тенденций в нравственно-психологическом аспекте взаимоотношений людей, связанных семейными узами – одна из значимых причин прогрессирования женской преступности.

Есть основания полагать, что значительное возрастание за последние годы агрессивности и жестокости женщин, выражающееся в росте совершаемых ими насильственных преступлений, прямо связано с нарушением эмоциональных коммуникаций в семье. Именно внутрисемейные отношения перестали сейчас в должной мере обучать женщину состраданию, сочувствию, мягкости.

Следует отметить, что если в родительской семье девочку не любили и не заботились о ней, она вряд ли сможет проявить должную любовь и заботу в отношении других членов общества. Современные криминологи отмечают, что решающую роль играет не состав семьи, не отношения между родителями, даже не их неблаговидное или противоправное поведение, а эмоциональное отношение родителей к ребенку – его принятие или отвержение[6, с.137].

Эмоциональное отвержение родителями ребенка в детстве в решающей степени может предопределить постепенную деформацию психологической структуры личности женщины, ее изоляцию, оторванность от среды. Именно отсутствие отношений теплоты и сердечности к детям со стороны родителей в детстве, в решающей степени детерминирует неправомерное поведение и в будущем [4, с.81]. Патологическая связь криминальной отверженности, отчуждённости родителей и детей влечёт, косвенным образом, и преемственность самой преступности. Негативное поведение родителей и жестокое обращение с детьми тоже дает негативное воспитание детей. Девочка, с детства наблюдя в семье насилие и жестокость, пьянство родителей, проституцию матери, грубость, ссоры родителей, впоследствии тоже может сама стать жестокой, агрессивной, грубой, не считающейся с достоинством и чувствами других людей, алкоголичкой, наркоманкой или проституткой.

Материальное состояние семьи тоже является обстоятельством, влияющим на развитие детей (физическое – хорошо питается, отсутствие нужды, социальное – приобретает книги, компьютер и другие нужные вещи для учебы, хорошо одевается и т.д.). Если ребенок в семье растет в достатке и духовно, и материально, он или она, нормально развиваясь, не думает о недостатках и, по нашему мнению, не занимается другими делами. Например, у тех семей, у которых есть проблема с материальным состоянием, дети подрабатывают на бензоколонках, на рынках, моют машины, чистят обувь и т. д. В пространстве республики можно видеть несовершеннолетних, которые подрабатывают себе на еду, учебу и помогают семье. Данное обстоятельство связано с нынешним состоянием экономики республики, и к хорошим последствиям это не приводит. Во-первых, эти несовершеннолетние отрываются от занятий, и вследствие непрерывного отсутствия их могут исключить из школы; во-вторых, длительный тяжёлый труд влияет на их нормальное развитие. В-третьих, это приводит к негативным последствиям, и такая безнадзорность со стороны родителей ведёт к совершению преступлений [2, с. 38-45].

Таким образом, по нашему мнению, основными криминогенными факторами влияния семьи, способствующими совершению несовершеннолетними (женского пола), как будущими женщинами, корыстно-насильственных преступлений, являются следующие факторы:

1. Неправильное их воспитание в семье;
2. Агрессивность и жесткое их воспитание в семье;
3. Жесткое обращение с несовершеннолетними;
4. Нехватка одного из родителей (это связано с разводом родителей, их смертью, или оставлением одного из родителей);
5. Постоянные ссоры или драки родителей в присутствии детей;
6. Эмоциональное отношение к детям (принятие или отвержение);
7. Распад семьи;
8. Негативное поведение родителей (пьянство или проституция одного из родителей);
9. Развод родителей;
10. Халатное отношение родителей к поведению, воспитанию и учебе детей;
11. Материальное обеспечение семьи.

После анализа этих факторов, мы уже можем перейти к анализу влияния семьи на совершеннолетних женщин, способствующего их противоправному поведению. Нежелательные социальные контакты при неблагоприятной обстановке в семье могут иметь не только несовершеннолетние девушки, но и взрослые женщины.

Всем известно, что разлад в семье, длительные семейные конфликты нередко способствуют возникновению отрицательных связей вне семьи, что обусловливает совершение мелких правонарушений и преступлений. На этой почве растет число самосудов – расправ с семейными тиранами. Женщины, отчаявшиеся получить от общества защиту от жестокого обращения в семье (от мужа, например), разрешают проблемы межличностных конфликтов агрессивными методами. По мнению Г.Г. Силлоете, «семья в России для миллионов людей перестала быть крепостью, она сама воспроизводит насилие в обществе» [10, с.32]. По нашему мнению, такое толкование ученого весьма правильное, потому что не только в России, но и в Таджикистане многие люди забыли, что семья - это бесценная крепость, это очаг и уют для каждого, это надежда на будущее. Жаль, что многие перестали понимать это. Исходя из статистики женщин-осужденных, жертв убийств, которые совершали женщины, мужья, родственники, дети, родители, мотивами служили попытка разрешения затянувшихся семейных конфликтов, стремление вырваться из семьи, иногда – умысел, психическое расстройство во время родов и т.д.

Обнаруживается связь женской преступности и на уровне межнациональных конфликтов. Межнациональные конфликты, в результате которых женщины теряют мужей, родственников, родителей, место жительства, привычную культурную среду, играют криминальную роль. Процессы миграции (которые выходят из-под контроля государства и граничат с гуманитарными катастрофами) наиболее пагубно отражаются на девочках и женщинах [1, с.67]. Одинокая, бездомная женщина с очень высокой долей вероятности становится объектом надругательства. Это - трагедия, и, как правило, приводит к нравственной деградации, установлению связей с преступниками, усвоению криминальных стереотипов поведения [2, с. 37].

В этой связи некоторые исследователи справедливо отмечают, что есть необходимость введения в оборот криминологических понятий такой категории, как «криминогенная атмосфера», которая имеет место в семейной среде, в классовых прослойках, в межэтнических и межконфессиональных противоречиях, более глобально - в межгосударственных отношениях, и более непосредственно - в межличностных отношениях [5, с.50]. Криминогенная атмосфера усиливает восприимчивость женщин к криминализации и способствует росту женской преступности.

Другая причина, толкающая женщин на совершение преступления, имеет место при трансформации брачно-семейных уз. В последние годы в республике значительно возрос процент разводов. Около половины бракоразводных дел производится по инициативе женщин: разводы ведут к повышению количества неполных семей, росту безотцовщины,

Аммо умури дигаре низ ҳаст, ки мумкин дар онҳо хатое пеш ояд ва одамӣ дар мавриди онҳо аз ҳақ барканор шавад (инҳироф ҷӯяд) ва ба ботил рӯй оварад. Ин гуна умур бояд ба фикр ва андеша ва аз тариқи қиёс ва истидлол дониста шавад. Дар ин даста аз умур ҳар кас хостори даст ёфтан ба ҳақиқати яқинии умури матлуб бошад, фаро гирифтани қавонини мантиқ ногузир хоҳад буд [8].

Ин таъриф ва зарурати донистани мантиқ ҳаст, ки моро намегузорад дар шинохти мавзӯии ҳастӣ ва маърифати он ба иштибоҳ ва хато дучор гардем.

Дар тақсимбандии улуми мантиқ Форобӣ бештар аз мавзӯъбандии ин улум кор мегирад ва дар доираи ҳар мавзӯъ мафҳумҳо ва категорияҳои қонунҳоро месозад.

Мавзӯъҳое, ки илми мантиқ онҳоро дар матни фалсафии Форобӣ баррасӣ месозад, яъне он мафҳум категорияҳо ва қонунҳоеанд, ки иборат аз:

- «Мақулот он аст, ки ба алфоз далолат кунад, алфоз бошад, ба мақулот. Яъне, андешаеро дар зеҳни худ бо андешидан ва диранг кардан бар он тасҳеҳ мекунем ва дар зеҳни худ умур ва мақулоте иқома мекунем, ки кори онҳо ислоҳ кардани он раъй аст ва гоҳ ҳамин умур ва мақулотро, ки барои тасҳеҳи раъй зарурат дорад, дар хитоб ба тарафи худамон, ки мехоҳем раъйи ӯро тасҳеҳ кунем, ба калимот ва забон меорем.

Ҳар раъйро наметавон бо ҳар мақулае, ки пеш ояд, тасҳеҳ намуд ва низ мумкин нест, ки он мақулотро бо ҳар миқдор ва ҳар ҳолат ва ҳар талабе, ки пеш ояд ба кор бурд, балки дар мавриди ҳар раъйе, ки мехоҳем онро тасҳеҳ кунем, бо умуре ва мақулоти маҳдуде ниёзманд ҳастем ва дар тасҳеҳи он бояд ба теъдоде аз умури мушаххас ва маълум, ки дорои аҳвол ва таркибу тартиби муайян ҳастанд, тавассул ҷӯем. Ва дар мавриди алфозе, ки барои таъбир аз он мақулот ҳангоми мухотаба ба тарафе, ки дар садади тасҳеҳи раъйи ӯ ҳастем, ба кор меравад, низ матлаб аз ҳамин қарор аст…» [8]

На ҳар сухан мақулот буда метавонад, балки танҳо сухане мақулот буда метавонад, ки воқеияти мушаххас ва муайяни дорои аҳвол ва тартиби муайян бошад.

«Қудамо мақулотро қавл ва нутқи дарунии тамаркуз дар нафс хонанд ва он чиро муаббир ва тарҷумони он аст, қавл ва нутқи берунӣ хонанд, ки бо савт адо мешавад. Ва он чи одамӣ ба он раъйро дар нафси худ тасҳеҳ мекунад, қавли тамаркуз дар нафс аст ва он чи раъйи дигаронро ба он тасҳеҳ мекунад, қавли берунии савтӣ аст. Ва қавлеро, ки кори он тасҳеҳи раъй аст, қудамо қиёс номидаанд, хоҳ он қавл дар нафс ҷойгузин бошад, ё бо савт хориҷ шавад» [8].

Баъди он ки мақулотро ба қисматҳо ҷудо мекунад ва пайдоиши қавлро аз савт ва қиёс медонад, ба баррасии илми наҳв (забон) мепардозад. Аз назари Форобӣ забон низ як ҷузъи мантиқ мебошад.

Дар муҳокимаҳои худ Форобӣ байни илми мантиқ ва илми наҳв монандӣ ва фарқият гузошта мегӯяд: «Чун илми мантиқ миқдоре аз қавонини алфозро ба даст медиҳад, аз ҷиҳатҳое ба илми наҳв мушорикат дорад, вале аз он ҷиҳат бо илми наҳв мутафовут ва фарқият дорад, ки илми наҳв танҳо қавонинеро ба даст медиҳад, ки махсуси алфоз ва калимоти як қавм аст, вале илми мантиқ қавонини муштаракеро ба даст медиҳад, ки алфоз ва калимоти тамоми ақвомро дар бар мегирад» [8].

Яъне, монандии ин ду илм дар алфоз аст, ки дар асоси қавонини ягона устувор мешаванд, аммо фарқияти онҳо дар он аст, ки наҳв махсуси як забони муайян аст, аммо қавонини мантиқ ягона буда, ба ҳамаи забонҳо тааллуқ дорад.

Мантиқ аз калимаи нутқ гирифта шуда, ба гуфтаи Форобӣ дар се маъно аст:

1. Каломи берунӣ аст, ки бо савт адо мешавад.
2. Каломи дарунӣ ё тамаркуз дар зеҳн аст ва он иборат аз мақулоте, ки алфоз бар онҳо далолат мекунад.
3. Қувваи нафсонии зотии инсонӣ аст, ки ба василаи он аз дигар ҳайвон фарқ мекунад [8].

Таърифи мантиқ аз назари Форобӣ он аст, ки аз савт таркиб ёфта, дар зеҳн мутамарказ шуда, қувваи зотӣ-нафсонии инсонро ташкил медиҳад.

Ҷузъҳои мантиқе, ки Форобӣ онҳоро муайян кардааст, ҳаштоянд:

се навъи қиёс, ки ба василаи онҳо метавон фикреро, тасҳеҳ ( саҳеҳ, рӯшан) кард ё матлаберо исбот намуд ва панҷ анвои саное, ки пеш аз такмили он се қисм дар равиши ба кор бурдани қиёс мавриди истифода воқеъ мешавад: бурҳонӣ, ҷадалӣ, суфастоӣ, хитобӣ ва шеърӣ.

Пеш аз он, ки Форобӣ ба таърифу тафсири қиёс шурӯъ кунад, ҳар донандаеро зарур аст, ки аз гуфторҳои анвои саноати панҷгона огоҳ бошад:

1) Гуфторҳои бурҳонӣ суханонеанд, ки моро дар мавриди матлубе, ки ҷустуҷӯйи шинохтани он ҳастем ва илми яқинӣ мерасонад, хоҳ инсон бурҳонро миёни худ ва нафси худ барои исботи он матлуб ба кор гирад, ё дар мавриди шахси дигар аз он истифода кунад, ё ин ки дигаре ба василаи он дар исботи матлубе инсонро мухотаб қарор диҳад [8].

Гуфторҳои ҷадалӣ он суханонеанд, ки танҳо дар ду маврид истеъмол мешаванд: яъне оне, ки пурсанда умури машҳуреро, ки мавриди қабули тамоми мардум аст, василаи пирӯзӣ бар «муҷиб» қарор диҳад… ё аз он ҷонибдорӣ мекунад.

Дуюм он, ки инсон бихоҳад ба василаи машҳурот, хоҳ барои худ, хоҳ барои дигаре, эҷоди гумони қавӣ кунад, ба он тавр ки гумон равад, ки он ақидаи амрии яқинӣ аст, дар ҳоле ки воқеан яқинӣ нест.

Гуфторҳои суфастоӣ суханҳоеанд, бо ин хусусият, ки дигаронро ба иштибоҳ меафкананд ва гумроҳ мекунанд. Ҳақро ба ботил монанд месозанд. Ноҳақро ҳақ ҷилва медиҳанд ва ҳақро ноҳақ. Касеро, ки доно нест, донои тезбин муаррифӣ мекунанд ва онеро ки ҳаким ва доност, нодон ва омӣ менамоянд.

Гуфторҳои хитобӣ он аст, ки бо василаи он метавон инсонро дар мавриди ҳар раъйе қонеъ сохт ва зеҳни ӯро ба он чи гуфта мешавад, мутмаин намуд, то барои ӯ тасдиқгунае хоҳ заиф ва хоҳ қавӣ ҳосил шавад. Мартабаи тадқиқоти иқноӣ ( қонеъкунанда) аз «занни қавӣ» поинтар аст.

Гуфторҳои шеърӣ суханҳоеанд, ки аз умуре таркиб мешаванд, ки барои шунаванда дар умуре, ки мавриди гуфтугӯ воқеъ мешаванд, ҳолатеро бармеангезанд, ё чизеро бартар аз он чи ҳаст, ё фурӯтар аз он чи ҳаст, ҷилва медиҳанд ва ин дар мавриди тавсифи зебоӣ ё зиштӣ аст, ё шукӯҳмандӣ ё хорӣ ё чизе шабеҳ ба инҳо.

Ҳангоми шунидани суханони шеърӣ чунин тахайюле дар мо эҷод мешавад, ки шабеҳ аст ба он ҳолате, ки дар ҳангоми нигаристан ба ашёи нороҳаткунанда эҳсос мекунем. Зеро, дар ҳамон лаҳза ин тахайюл дар мо эҷод мешавад, ки ин чиз боиси нороҳатист. Дар натиҷа, нафси мо аз он мерамад ва дурӣ мекунад ва ҳол он ки яқин дорем, ҳақиқатончунон нест, ки мо мепиндорем.

Гуфторҳои қиёсӣ дар нафс ҷойгиранд ва аз мақулоти зиёдтаре таркиб шудаанд, ки ҳамагӣ ба якдигар марбут ва мураттаб ҳастанд ва тамомашон барои исботи як чиз якдигарро кумак мекунанд.

Гуфторҳои қиёсие, ки ба василаи савт хориҷ мешаванд, аз алфози зиёдтаре таркиб шудаанд, ки ҳамагӣ ба якдигар марбут ва ҳамоҳанг ҳастанд ва бар он мақулот далолат мекунанд ва бо онҳо мусовӣ ҳастанд [8].

Камтарин гуфторҳои берунӣ он аст, ки аз ду лафз ва ду лафз (яъне, аз суғро ва куброи сода ва басит) таркиб шуда бошад ва камтарин гуфтори маркуз дар нафс низ он аст, ки аз ду мақулаи муфради (яъне, суғро ва куброи зеҳнӣ) дигар таркиб шуда бошад, ки ақсоми суханони баситанд.

Гуфторҳои қиёсӣ гоҳ аз суханони басит таркиб мешаванд ва ба сурати суханони мураккаб дармеоянд. Камтарин қавли мураккаб он аст, ки аз ду қавли басит (яъне, суғро ва куброи басит) таркиб шуда бошад. Шумораи аъзои аҳволи мураккабе, ки дорои беш аз ду қавл бошанд, номаҳдуд аст.

Хулоса, Форобӣ мисли Арасту аъзои мантиқиро аз ҳашт қисмат иборат медонад:

1. Мақулот ё категорияҳо, ки дар он қавонини мақулоти муфрад ва алфозе, ки бар онҳо далолат мекунанд, баҳс мешавад.

2. Ибора ё пориарминиёс аз қавонини суханони басит баҳс мешавад, яъне мақулоте, ки аз ду маъқулаи муфрад таркиб шудаанд ва алфозе, ки бар онҳо далолат мекунанду лафзӣ ҳастанд.

3. Қиёс ё аналитикаи аввал, ки дар он қиёсоти муштарак миёни синооти панҷгона баррасӣ мешавад (яқинӣ – бурҳонӣ, заннӣ – ҷадалӣ, сафсатаӣ – суфастоӣ, иқноӣ – хитобӣ, тахаюлӣ – шеърӣ).

4. Аналитикаи дуюм ё бурҳон, ки дар он аз қавонине баҳс мешавад, ки суханони бурҳониро ба василаи он қавонин меозмоянд ва низ қавонини умуре, ки бо фалсафа мутаносиб аст ва низ он ба василаи он суханони бурҳонӣ комил, афзал ва тамом хоҳад шуд.

5. Ҷадал ё тубиқо, ки дар он суханоне фарз шуда, ки барои озмудани суханони ҷадалӣ лозим аст ва ба таври куллӣ ин китоб шомили қавонини умурест, ки ба онҳо саноати ҷадалӣ неку мегардад ва афъоли ҷадалӣ ба василаи онҳо комилтар ва беҳтар ва нофизтар мешавад.

6. Ҳикмати фиребанда ё софистика, ки шомили қонунҳоест, ки корашон шахсро аз роҳи ҳақ дур мекунанд ва ба хато меафкананд ва боиси фиребхурдагӣ ва шикастагӣ мешаванд.

7. Риторика ё хитоба шомили қонунҳоест, ки ба василаи онҳо суханони китобӣ ва аснофи хитобаҳо ва суханони болиғ ва хатибонро месанҷанд, то дониста шавад, ки оё ба ойини суханварӣ баён шуда ё не.

8. Шеър ё бутиқо шомили қонунҳоест, ки ба василаи он қонунҳои ашъор ва анвои суханони шеърии маъмул ва он чи дар ҳар фанне аз фанҳо ба кор меояд, озмуда мешавад ва низ тамоми умуре, ки муҷиби шоистагии шеър мешавад, бармешумурад ва навъҳои шеърӣ ва чи чизҳое бояд сохта шавад ва ба василаи кадом як аз чизҳо шоистагӣ мeёбад, то неку ва пуравҷ ва дилангез ва лаззатбахш шавад ва дар чӣ ҳолате бояд бошад, то расотар нофизтар гардад [8].

Дар миёни ин аҷзо бурҳон ҷузъи асосӣ аст, ки се ҷузъи пеш ҳамчун муқаддима ба он хидмат мекунанд ва ҷузъҳои баъдӣ ҳамчун ҷузъҳои ёрирасон, муфид ва нигоҳдоранда аз хатоӣ ҳастанд.

Ба он шакле, ки илми мантиқро Арасту бахшбандӣ карда буд, ҳамчун намуна баъдан аз тарафи Фарфуриюс як бахше бо номи «Исоғуҷӣ» (Мадхал) илова гардид. Аммо Форобӣ дар тақсимоти худ ин бахшро дар ҷузъи категорияҳо дохил кардааст.

Иброҳим Мадкур он тақсимоте, ки мантиқиёни асримиёнагии араб ё исломӣ мантиқро бахшбандӣ кардаанд ва Ибни Сино маҳз аз ин бахшбандӣ истифода кардааст, аз нуҳ қисмат медонад:

1. Исоғуҷӣ ё Мадхал, ки баъзе алфози далолаткунанда бар маънои куллиро баррасӣ мекунад.

2. Категорияҳо ё Мақулот, ки шумораи маонии куллии олиро, ки дарбаргирандаи тамоми мавҷудот аст, фаро мегирад.

3. Бориирминос ё ибора, ки чӣ гуна сурат гирифтани маониро дар шакли мусбат ё манфӣ баён менамояд, ки қазия ва хабар бар сидқ (ростӣ) ё кизб (дурӯғ) устувор мегардад.

4. Аналутика ё таҳлилоти аввал, ки барои сохтани қазияҳое, ки аз онҳо қиёс таркиб меёбад ва ифодакунандаи донистаниҳо аз надонистаниҳо мебошад.

5. Аналутикаи дувум ё таҳлилоти дувум, ки дар он шароити қиёс таҳти озмоиш қарор гирифта, бурҳоне мешавад, ки тавассути яқинии бешак ҳосил мегардад.

6. Тупиқо ё ҷадал, ки шоили қиёсҳои судманд дар гуфтугӯ бо шахсе мебошад, ки дар фаҳмоии дарёфтани бурҳон кӯтоҳӣ карда, танҳо бо гуфтугузори ҷадалӣ қонеъ мегардад.

7. Суфистиқо ё Сафсата, ки тамоми ғалатҳои дар улум ва гуфторҳои омма содиршавандаро бармешуморад.

8. Риторика ё Хитоба, ки қиёсҳои балоғӣ барои гуфтугузор бо мардум дурустро дар шакли ситоиш ё накуҳиш, дар шакли пузиш ё сарзаниш равшан месозад.

9. Бутиҳо ё шеър, ки қиёси шеърӣ ва он чиро, ки шоистаи он аст, шарҳ медиҳад, ки аз он накутару бузургтар ва гуворотару дилписандтар мегардад.

Ибни Сино бештар дар мантиқ аз тақсимоти Фаририюс намуна гирифта, масоили қисматҳои мантиқиро ҷудо – ҷудо аз аввал то ба охир баррасӣ намудааст.

Арасту, тавре ки медонем, ин тартиботе, ки баъдан аз тарафи файласуфони исломӣ мантиқро ба тартиб даровардаанд, чунин пайдарҳамиро наоварда буд. Ин рабту тартиб кори шореҳони Арасту дар асрҳои пасин мебошад, ки онро Искандари Афродисӣ оғоз бахшида, дар сурати мухтасар анҷом додааст. Ва ин кор аз ӯ ба шореҳони мактаби Искандария гузашт, ки онро густариш дода, ба итмом расониданд. Ва сарвари онҳо Самбалиқиус ва Аминиюс буданд [9].

Тақсимоти илми мантиқ дар китоби «Шифо» - и Ибни Сино ба тариқи нӯҳгонаи зикршуда оғоз мегардад.

Қисмати аввал, ки «Мадхал» ё «Исоғуҷӣ «ном дорад, Ибни Сино ин мадхалро аз шарҳҳои қадиму ҷадиди арабӣ ва ғайриарабӣ таъсир пазируфта ва чуноне рафтор кардааст, ки гумон мекунӣ « Мадхал»- и ӯ ҳамон « Исоғуҷӣ» аст, на чизи дигар ва дар таълифи худ бар он бобҳое афзудааст, ки дар Фарфуриюс баррасӣ намудааст, ё ба чизҳое амиқтар фурӯ рафтааст, ки Фарфуриюс танҳо ба онҳо иктифо намуда буд. Масалан, **дар бораи ҳақиқати мантиқ ва пайванди он бо илмҳои дигар, дар бораи мавзӯъ ва манфиати он, дар бораи тафаккур ва забон сухан ронда, фаслеро дар бораи сегонаи куллиёт кушодааст, ки ин нававарии Ибни Синост. Ҳамчунин, ӯ ҷинсро ба табиӣ, ақлӣ ва мантиқӣ ҷудо намудааст, ки ин пайванде ба назарияи маърифат дорад.**

Бо ин ибтикорот ба гуфтаи Иброҳим Мадкур Ибни Сино «Мадхал»- и худро ҳақиқатан ҳам муқаддимае сохтааст, бар тамоми мантиқ ба ҷойи он, ки муқаддимае мебуд, танҳо барои мақулот.

Навгонии Ибни Сино дар «Мадхал» ба ақидаи И.Мадкур он аст, ки «ӯ кӯшиш мекунад назарияи куллиётро ба назарияи маърифат ба таври ногусастанӣ пайванд диҳад. Хулосаи ӯ ин аст, ки «Мадхал»- и Ибни Сино пажӯҳиши густурдае мебошад дар назарияи таърифи Арасту ба ҳамон андоза, ки вай шарҳест бар куллиёти панҷгона. Ва рабт додани ин куллиёт ба назарияи таъриф, ки Арасту дар «Таҳлилоти дувум» баён намудааст, аз назари ӯ дур наафтодааст» [9].

Масъалаи дигаре, ки Ибни Сино ба он назарияи наверо пешниҳод месозад, ин илми мантиқ -ҷузъ ё олоти фалсафа мебошад. Арасту ва шогирдаш Искандари Афродисӣ мантиқро ҷудо аз фалсафа медонистанд. Аммо раввоқиён мантиқро ҳамчун ҷузъи фалсафа медонистанд. Ибни Сино бошад, мегӯяд, ки мантиқ барои фалсафа ҳам олат ва ҳам ҷузъе аз он аст. «Ин ҷанҷолҳое, ки дар ин масоил ҷараён доранд, аз корҳои ботил ва беҳуда аст: ботил аз он ҷиҳат, ки байни ду қавли мазкур таноқуз нест ва ҳар яке аз он ду ба фалсафа ба маънии дигар ёрмандӣ мекунад ва беҳуда аз он ҷиҳат аст, ки машғул шудан ба ин гуна чизҳо коре нест, ки аз он манфиате расад [9].

Ибни Сино бар ин назар аст, ки мантиқ дар як вақт ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад ва илмест, ки қонуну қоида ва пажӯҳишҳои назариявиро дар бар мегирад ва василаест, ки бо ёрии он берун овардани маҷҳул аз улум (ношинохта аз шинохта) муяссар мегардад.

Форобӣ низ мантиқро илме медонад, ки ба воситаи қавонини мантиқӣ мақулот мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Ғаззолӣ гоҳо мантиқро олот ва гоҳо илми мизон меномад. Ибни Рушд монанди Ибни Сино муайянсозанда ва самтнамои пажӯҳишҳои фалсафӣ ба шумор меравад.

Мавзӯи дигаре, ки мавриди баҳси тиснифи улум аст, ин тақсимоти мавзӯии мантиқ мебошад. Тақсимоти мавзӯии мантиқ ду навъ аст, ки яке тасаввур ё андаррасида, ки бо он идроки муфрад (як чиз) сурат мегирад, чуноне ки тасаввур карда мешавад «инсон» ё «ҳассос», дигаре тасдиқ ё гаравидан, ки бо он идроки нисбат сурат мегирад ва он ду чизи муфрадро, ки яке бо дигаре нисбат дорад, дар бар мегирад, ки байни онҳо алоқамандие ҳаст, ки дар худ ростӣ ва дурӯғиро таҷассум менамояд, ба монанди «инсон ҳассос аст». Ва равшан аст, ки ҳар кадом тасдиқ тасаввурро тақозо мекунад, на баръакс.

Ҳамаи он қисматҳои нухгонаи дар боло зикршуда, дар асоси ин ду навъ – тасаввур ва тасдиқ мавзӯъбандӣ мешаванд.

Чунин фаҳмиши мавзӯии мантиқ дар китобҳои Ибни Сино «Шифо», «Донишнома», «Ишорот ва танбеҳот», «Наҷот» ва «Ҳикмати машриқия» матраҳ шуда, ҳар як таърифи мавзӯии ин бахшҳо умумиятҳо ва фарқиятҳояшон нишон дода мешавад, ки ҷанбаи пайвастагии мавзӯотро байни ҳамдигар устувор месозад.

Ба гуфтаи Иброҳим Мадкур «Ибни Сино дар тасаввур ва тасдиқ нахустпояи мантиқро пайдо мекунад, ки бар асоси онҳо назарияҳои гуногуни мантиқӣ асос меёбад ва мантиқ ҷуз ин нест, ки поя дар илми равоншиносӣ дорад ва тасаввуроту тасдиқоти мо бо он хатову савоб мегардад, ки вазъ намудани қавоид барои ҳар яке аз он ногузир аст ва маҷмӯи қавоиди тасаввур – назарияи гуфтори шарҳшаванда ё таъриф ва аз таъриф он чи ҳадд, ё расм, ё мисол, ё аломат, ё исм аст. Ва маҷмӯи қавоиди тасдиқ, назарияи ҳуҷҷат (бурҳон) ва аз ҳуҷҷатҳо он чи ки қиёс аст, ё истиқро (дедуксия) ё тамсил ва ғайра аст» [9].

Метавонем муқаррар намоем, ки фарқ миёни тасаввур ва тасдиқ нуқтаи оғози собите дар китоби мантиқи исломӣ мебошад, бо вуҷуди ихтилофе, ки дар байни онҳост. Бори нахуст мо онро аз Форобӣ мушоҳида мекунем ва он идома пайдо кардааст то ба имрӯз.

Хулосаи мавзӯии мантиқи машшоиёни шарқӣ он аст, ки дар асоси се амалиёти ақлӣ ба гуфтаи Бойс бино шудааст: «Идрок, ҳукм ва истидлол. Ва мантиқдонон аз қабили Порт Ройял бо таъсирпазирӣ аз Декарт ба он пояи чаҳорумро афзуд, ки ба равиш (методология) нигаронида шудааст ва он худ тартиб мебошад» [6].

Мусо Диноршоев бар ин ақидаанд, ки Ибни Сино «ҷузъи фалсафа будани мантиқро дар заминаи ин далел исбот мекунад, ки фалсафа илм дар бораи ҳама гуна мавҷудот аст. Дар ҳоле ки мавзӯи баҳси мантиқ яке аз анвои мавҷудот аст, пас мантиқ ҳам ҳамоно ҷузъи фалсафа хоҳад буд. Вале Ибни Сино возеҳ ишора намекунад, ки мантиқ кадом навъи ҳастиро баррасӣ мекунад. Бинобар ин, суоле пайдо мешавад, ки он навъи мавҷудоте, ки мавзӯи мантиқ аст, кадом аст? Ба фикри ин ҷониб, он навъи мавҷудот, ки мантиқ ба ҳайси як ҷузъи фалсафа меомӯзад, тафаккури инсон ва навъҳои он – лафз, қазия, истиқроъ ва тамсиланд. Онҳо чун навъи ҳастӣ аслан табиати муҷарради зеҳнӣ ва ақлонӣ доранд. Лекин чун дар хориҷ татбиқ ёбад, сурати моддӣ пайдо мекунанд» [9].

Аҳамияти мантиқ ҳамчун олати маърифат аз он иборат аст, ки он дар тамоми улум нуфуз ва русух карда, онҳоро ба ҳам пайванд медиҳад ва дар як низоми ягона муттаҳид месозад [9].

Иброҳим Мадкур ва Мӯсо Диноршоев бар он ақидаанд, ки мантиқро Ибни Сино ҳамчун равиш (метод) ва равишшиносӣ (методология)- и маърифати илмӣ низ муаррифӣ карда, пеш аз ҳама дар китобҳои асосиаш онро истифода кардааст. Зеро, ҳар касе, ки роҳи пурмашаққату ноҳамвори илмро мегузинад, пеш аз ҳама, бояд тарзҳо ва воситаҳои дарёфтани дониши ҳақиқӣ, роҳҳо ва воситаҳои аз хато ва иштибоҳ барҳазар буданро бидонад ва дар хулосабарории таҳқиқоти илмӣ дуруст натиҷагирӣ кунад.


**АДАБИЁТ**

1. Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1371.
2. Абӯали ибни Сино. Осор / Абӯали ибни Сино. –Душанбе, 2009. -Ҷ.5. - С 28.
3. Ёралии Курдфирӯзҷонӣ. Навовариҳои фалсафӣ / Ёралии Курдфирӯзҷонӣ. –Теҳрон, 1387. –С. 544; Ҳнна ал- Фохурӣ. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом / Ҳнна ал- Фохурӣ, Халил ал-Ҷар; тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ. –Теҳрон, 1377. –С. 816, 398; Расул Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз / Расул Ҳодизода. –Душанбе, 1988. - С 90.
4. Хайруллаев М.М. Фараби, эпоха и учение / М.М. Хайруллаев. -Ташкент: Узбекистан, 1975. -352 с.
5. Абӯалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб / Абӯалӣ Ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1983. –Ҷ. 2. – С.101.
6. Абӯали ибни Сино. Осор / Абӯалӣ Ибни Сино. –Душанбе, 2009. -Ҷ.5. –С. 91, 58, 63, 67, 69.
7. Хайруллаев М.М. Фараби, эпоха и учение / Абӯалӣ Ибни Сино. – Ташкент: Ўзбекистан, 1975. -С. 184.
8. Форобӣ А. Эҳсо-ал – улум / А. Форобӣ; мутарҷим Ҳусайни Хидевҷам. –Теҳрон, 1364. - С 51, 52, 58-59, 60, 63, 67, 70-71.
9. Мӯсо Диноршоев. Матолиби фалсафаи Ибни Сино / Мӯсо Диноршоев. – Душанбе, 2011. - С 124.


**ОБЩЕЕ ПОНЯТИЕ НАУКИ О ЛОГИКЕ КАК ВВЕДЕНИЕ В КЛАССИФИКАЦИЮ НАУК**


Логика – является одной из древнейших отраслей научного знания и ее роль в современном мире науки очень важна так как со временем меняется ориентация логических исследований и возникают новые тенденции, отвечающие потребностям научно-технического прогресса. В данной статье автор рассматривает общее понятие науки о логике как введения в классификацию наук на примере изучения трудов врсточных мыслителей.



**Ключевые слова:** логика, наука о логике, классификация наук, логические исследования, Ибн Сина, Фараби, Газали, категории.

THE GENERAL NOTION OF THE SCIENCE OF LOGIC AS AN INTRODUCTION TO THE CLASSIFICATION OF SCIENCES

Logic is one of the oldest branches of scientific knowledge and its role in the modern world of science is very important because over time, changing the orientation of the logical investigations and the emergence of new trends meet the needs of scientific and technological progress. In this article the author examines the General notion of the science of logic as the introduction to the classification of Sciences by studying the writings of the Eastern thinkers.

**Key words:** logic, science of logic, classification of Sciences, logical investigations, Ibn Sina, Farabi, Ghazali, category.

**Сведения об авторе:** ***Ёрмахмад Ниёзи*** - докторант Института философии, политологии и права АН РТ. Телефон: **919-16-90-42.**E-mail: **niyozi74@mail.ru**

# ИСТОРИКО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ КАТЕГОРИИ « ЦЕННОСТЬ»

***М.К. Тавакалова***
**Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева**

Человек существо двойственное. С одной стороны он существо биологическое и, как и другие живые существа природы, подчинено природным законам: живет, питается, одевается, трудится и умирает. По своему биологическому происхождению он близок другим живым существам в природе. Но с другой стороны, человек, существо социальное. Социальным человек становится в процессе социализации. Социализация - это процесс усвоения норм, ценностей, установок, правил поведения – всего того, что входит в понятие культуры определенной социальной группы или общества в целом.

Культура с древнегреческого языка, означает возделывание земли, то есть человек и есть та необработанная земля, которая не приносит свои плоды, если ее не обрабатывать. Именно посредством культуры человек приобретает свою вторую природу. По определению древнегреческого философа Демокрита «культура-это вторая природа».

Культура есть «вторичная искусственная среда», которую человек «наслаивает» на природу. Эта среда включает в себя язык, обычаи, идеи, образование, верования, привычки, социальную организацию, системы оценок и многое другое, что называют «социальным наследием». Оно составляет то, что человек проносит сквозь века [1]. Культура – это общественное достояние, которое люди наследуют, развивают и передают последующим поколениям. Человек ничего и никогда не начинает «сначала», а вбирает в себя культурное достояние прошлых поколений. Как писал основатель французской социологической школы Э. Дюркгейм: «Общество не ограничивается тем, что развивает индивидуальный организм в направлении, обозначенном природой, и тем, что делает явными скрытые силы, которые требовалось лишь раскрыть. Оно создает в человеке нового человека, и этот новый человек создан из всего, что в нас есть лучшего, из всего, что придает жизни ценность и достоинство»[4].

В социологии культура рассматривается как регулятор поведения человека, социальных групп, функционирования и развития общества. Культура как ценностно - нормативный механизм регулирования, обеспечивает целостность общества и социальный порядок. Любое поведение индивида в обществе зависит от его ориентации на ценности.

Ценности – главные элементы духовной культуры, игравшие определяющую роль в регулировании социальных взаимодействий – это общественные установки и оценки, императивы и запреты, цели и проекты, выраженные в форме нормативных предписаний о добре и зле, справедливости, красоте, истине и т.д.[1].

Ценности выступают как идеал. Если верность является ценностью, неверность считается предательством. Если чистота и непорочность являются ценностью, то непорядочность и нечестность считаются безнравственностью. Каждое общество имеет свои ценности и разные страны и национальности имеют свои ценности.

Хотелось бы отметить, что наши ценности глубоко связаны с нашими верованиями зороастризма и ислама. Три основные идеи, которые были в зороастризме, это – «Пиндори Нек, Рафтори Нек , Гуфтори Нек» (Добрые помыслы, доброе дело, доброе слово), считались основными ценностями для наших предков. Они верили, что если человек примет их своим девизом по жизни, то он будет огражден от бед и обретет покой и счастье. По философии зороастризма на Земле существуют две силы – Добро и Зло и между ними всегда существовала борьба за власть на Земле и над человеком. Оба эти силы присутствуют внутри человека. Если человек будет жить по этим трем заповедям, он может обрести счастье в этом мире.

Те же самые две силы по исламу - Рахмон и Шайтон (Бог и Дьявол), находятся внутри человека и снова между ними по всей жизни человека идет борьба за власть над ним. Существуют и ценности ислама, с помощью которых человек может обрести покой от всего злого, что есть на земле. Это те же ценности, как Добро, Щедрость, Справедливость и Истина, по пути которой, человек избавляется от пороков и достигает совершенства.

Рассуждения о ценностях берут свое начало еще с древних времен. Древнегреческий философ Платон для обозначения ценности употребляет слово «благо», которое означает антологическое совершенство. Например, полезность какой-то вещи, ее высокое качество.

Благо нельзя употреблять как удовольствие, потому, что бывают и дурные удовольствия. Оно не приносит только пользу, потому, что то же самое может принести вред другому. Благо Платона – это «благо само по себе» [2].

По учению Платона в этом мире есть определенная иерархия, наверху которой стоит идея Блага, из которой проистекают все остальные. Благо тождественно абсолютной Красоте, но в то же время это начало всех начал и творец вселенной. В Мифе о пещере, Благо изображается как Солнце, при свете которого мы видим вещи. Пещера это образ материального мира с его иллюзиями. У человека роль идеи выполняет его бессмертная душа. А образ души Платону представляется в виде колесницы с двумя лошадьми, белой и черной. Белая - благородные, высшие качества души, а черная – страсти, желания и инстинктивное начало. Когда человек находится в другом мире он (возница), т.е. его дух или разум получает возможность вместе с богами созерцать вечные истины. Когда человек заново рождается в материальном мире, то эти знания забываются, но истина остается в его душе как воспоминание. Потому единственным познанием для него является напоминание, находит в вещах чувственного мира, „отблески идей”. Следы этих идей человек может увидеть через Красоту, Любовь или справедливые дела и тогда крылья души, которые он потерял, придя в материальный мир, вновь начинают расти. В этом и есть суть философии учения Платона о Красоте, о необходимости искать её в природе, людях, искусстве, прекрасно устроенных законах» [2].

Ученик Платона Аристотель считал ценности качествами души. Душа человека обладает внутренним порядком, который приобретается человеком в течение его жизни при помощи сознательных и целенаправленных усилий. По Аристотелю целью человека или конечная причина всего «того ради чего» - является целостностью, источник и способ регуляции организма. Благодаря душе мы живем, ощущаем и размышляем. Душа как цель и как сущность одушевлённых тел. Душа не материальна, она имеет смысл и форму. Душевные качества или этические добродетели. Добродетель – это внутренний порядок и склад души. Аристотель разделяет добродетели на нравственные или этические, разумные или дианоэтические. Этические добродетели представляют собой середину между крайностями – избытком и недостатком и, которые включают в себя кротость, мужество, умеренность, щедрость, величавость, великодушие, честолюбие, правдивость, любезность, дружелюбие, справедливость, практическую мудрость. Эти качества души приобретаются в течение жизни человека с приобретением опыта. Разумные добродетели развиваются в человеке в результате обучения [3].

Средневековый философ Августин Блаженный называл Блага Богом и все то, что от него исходит. В своей книге «О Граде Божьем» он говорит о том, что люди по своей воле делятся на два типа. Одни следуют по Божественным заповедям, а другие по земным законам. Добро, Любовь и Справедливость исходят от высшего Блага. А зло не исходит из Блага, его порождают пороки, то есть несовершенства, которые есть в человеке. Некоторые люди по своему пороку (несовершенства) не поступают по этим качествам души и вредят себе, и эти люди поступают не по Божьему, а по Человеку, и Августин считает их несчастными. Они отвернулись от общего для всех Блага, которое дарует блаженство и обратились к себе и стали тщеславными, лукавыми, раздельными и стали гордыми, лживыми и завистливыми. Августин пишет, как слепота является пороком глаз, а глухота пороком ушей, так и пороком для человека является его отдаления от высшего Блага, которое неразрывно связано с его душой. И это зависит от воли человека. Есть пороки природные, а есть и произвольные. Никто не терпит наказания за природные пороки, но только за произвольные, потому что и тот порок, который укрепившись, вследствие привычки и слишком сильного развития стал как бы природным, имеет начало от воли человека [4].

Средневековый философ и богослов Ансельм Кентерберийский в своем трактате «Прослогион», доказывая бытие Бога, говорит, что внутри человека есть Бог, которое регулирует направление воли. Как подчеркивает А.Столяров, справедливость по А. Кентерберийскому, правильное (истинное, т.е. должное) направление воли, сохраняемое ради него самого, а не чего-то иного, скажем, пользы. Правильное направление воли заключается в том, чтобы желать только того, чего желает Бог. Пока человек сохраняет правильное направление воли, он свободен; иными словами, свобода есть свобода от греха. Как существо разумное, человек обладает способностью выбора. Выбор греха (при грехопадении) означает утрату свободы, которая может быть восстановлена только с помощью благодати [5].

Понятие «ценность» вёл в науку немецкий философ И.Кант (1724-1804), сопоставляя представление о должном (ценностях и нормах) и о сущем (о том, что есть). Мир сущего как бы достраивается миром должного. Кант разделил познаваемое на две части. Природное, сущее то, что есть [2]. Свободу, то есть «в себе», должное, которого можно познать, если человек освободится от чувственных восприятий. Сфера соотношения противостоящих друг другу «природы» и «свободы». По мнению Канта, человек - существо двойственное: он принадлежит и миру природы, то, что есть, и миру «вещей в себе», и миру «свободы».

В человеке есть два начала: душа и тело. Телу принадлежат те потребности, которые человек удовлетворяет каждый день. В то же время внутри человека находится душа, содержащая в себе другие потребности, которые есть в человеке. Это такие потребности

как Добро, Справедливость, Любовь, Красота. Только часть из них человек выполняет в каждодневной жизни. Они являются теми идеями, о которых говорил Платон. Человек рождается со многими недостатками и в течение жизни приобретает много пороков. Цель человечества является освобождение от этих пороков и стать совершенным человеком. Эти качества души помогут ему в этом. У человека есть выбор, но не хватает воли поступать не по телу, а по душе.[6]

Об этом говорит в своей теории немецкий философ Шеллинг, что человек состоит из материи и духа. Они оба являются Абсолютным Разумом, то есть Богом. Этот мир состоит из двух противоположностей Добра и Зла, то есть, Добро это Дух, а Зло это материя, то есть, Тело. В Теле находятся наши желания, и человек подчиняется им, тогда побеждает Зло. А если человек будет поступать по Духу, то есть по Совести, по Добру и Справедливости – этих вечных ценностей, которые находятся внутри человека, то победит Добро. Человек должен подчиниться не своей воли, а воли Духа, то есть Бога. В истории немало фактов, когда стремление реализовать свободу превращается в порабощение человека. В истории царит произвол, где противопоставляются слепая необходимость, перед которой индивиды со своими целями бессильны [7].

В «Критике способности суждения» Кант пишет, что внутри культуры находятся «Культура воспитания» и «Культура умений». Посредством культуры воспитания человек отрекается от чувственного, от природных влечений и возвысится до «всеобщего». Но это не формы культуры, а только состояние взаимоотношений между людьми именуемой гражданским обществом, т. е. всемирно – гражданское целое, как система всех государств, может реализовать цель природы в отношении человеческого рода. Философия истории и культуры включена Кантом в телеологию природы. А целью» истории свободы» является создание этической общности всех людей, царства безусловной моральной добродетели. Природа в соответствии своей цели ведет человечество помимо ее воли, в «свободе» же человек сам стремится к достижению этического идеала, никогда полностью не достигаемого и к которому можно лишь бесконечно приближаться. Кант говорит об эстетических суждениях как об «оценках». В них высказывается наше состояние высказываемое при познавательных суждениях. Акт, в котором это совершается, является результатом особого вида, который Кант называет «способностью суждения» [6].

В конце XIX начале XX века в немецкой философии появилось направление, которое называло себя неокантианцами и продолжили идею Канта. Основными ее представителями были Кассирер, Виндельбанд, Г.Риккерт. Неокантианство уделяло особое внимание эпистемологии Канта. Они, как и Кант разделили мир на две части: [1]. Природу (мир сущего, то что есть и которое изучается естественными науками) и [2]. Культура (мир должного изучающего гуманитарные науки), которые организовывают ценности. В неокантианстве выделяют две школы – Марбургскую школу, занимающаяся политико – правовыми вопросами естественных наук и Баденскую (Фрайбургскую) школу, исследовавшая проблему ценностей (науку о духе). Свои исследования они провели двумя методами. В исследовании природы они использовали номотетический метод, который ориентирован на прояснение и установление законов природы. А в исследовании культуры они использовали идеографический метод, который прояснял неповторимые идеи явлений действительности. Они утверждали, что целью философии является изучение ценностей, которые обуславливают нормы и правила во многих сферах, обуславливающих нормы и правила в эстетических, научных, этических, религиозных сферах. По мнению В. Виндельбанда, во взаимодействии потребностей человека и его представлением о мире проявляется ценность. Понимание ценности это отнесенность к трансцендентальному. Баденская школа изучает именно трансцендентальный метод познания культуры. Она является значимой для истории философии. В разных сферах и эпохах можно применить этот метод, изучая действие людей исходя из их ценностей. Г. Риккерт выделяет шесть таких сфер. Это сфера искусства, этика, эротика, наука, пантеизм (мистика) и теизм. У каждого из них своя система ценностей. Каждый опыт, взятый из истории и соотнесенный к системам ценностей, образует культуру, в которой воплощаются Красота, Истина, Нравственность, Святость, Счастье. Ценности могут совпасть с сущим только трансцендентальным методом, религиозной верой. В основе трансцендентального метода лежит создание новой понимающей науки, которая изучает смысл совершаемого человеком в различных исторических эпохах.

Идеи Г.Риккерта и В.Виндельбанданда оказали большое влияние на формирование понимающей социологии М. Вебера, на развитие современной социологической мысли, на общую эволюцию методологии исторических наук [8].

В учениях Гегеля, центральное место занимает понятие нравственность и мораль. По мнению Гегеля мораль – это умение отличать законы от нравственного долга: совершать осознанные действия (умысел), ставить перед собой определенные цели и стремиться к счастью (намерение и благо), а также соизмерять свое поведение с обязанностями перед другими людьми (добро и зло). Нравственность - умение следовать нравственному долгу в рамках законов. Государство – это не только организация власти на основе конституции, но и духовный нравственный союз людей, осознающих себя единым народом. Он ставит диалектическую связь между понятиями добра и зла, умения и вины, счастья и долга, намерения и блага.

Добро по Гегелю гармоничное, неразрывное единство личной индивидуальной морали человека и общества. Совесть является внутренним самоконтролем, направленным на реализацию добра и долга. Гегель считает обязательным реализацию внутренней моральной убежденности в действиях, в повседневной жизни, поскольку всего лишь желания не может оживить их «сухие листья, которые не зазеленели» [9].

Основоположник теории социализма, К.Маркс исходил из материалистического понимания истории. Он критикует философию Гегеля, утверждая, что понять человека, объяснить его поведение, надо понять общество и выяснить, как складываются отношения между людьми в этом обществе. Он опирается в основном на практическую деятельность людей. Отношения между людьми складываются на основе производственных отношений. Если одни люди владеют материальными благами, то другие люди невольно будут работать на них. И это повторяется в каждом общественном строе. Так происходит разделение на классы. Он утверждает, что именно труд и производственные отношения составляют основу человеческой жизни. Отсюда он доказывает общественное бытие, определяет общественное сознание. Он приходит к выводу, что все закономерности в обществе объективны, как в природе, и не зависят от человека. Основные ценности для человека это справедливость, равенство, труд, свобода. Материальные блага должны принадлежать всем. Равенство является высшим проявлением справедливости [10].

Представитель структурного функционализма, французский социолог Э.Дюркгейм считал, что изменение в социальных аспектах общества происходит с помощью духовных идей и ценностей, которые вырабатывает коллективное сознание и оказывает принудительное действие на индивида. Он выступает против идеи Маркса, об определяющее значение общественного бытия по отношению к общественному сознанию, а придерживаясь мнения Конта, что общественное сознание определяет общественное бытие. Индивидуализму Спенсера он противопоставлял идею «коллективности», как основного признака социальности. По мнению Дюркгейма, революции и реформы не могут изменить общества. Основой изменения общества он считал духовные идеи и ценности, которые вырабатывает массовое сознание. Он в своей книге «Самоубийство» впервые ввел понятие «аномия», означающая потерю норм и ценностей в обществе. При переходе от одной стадии в другую в обществе появляется аномия. Именно аномия является одной из причин самоубийств в обществе, считает Дюркгейм. Но он считает это естественным для общества, потому, что именно аномия приводит общество к изменениям. И он считает это объективное явление, не зависящее от индивида. Это нормальные явления, через которых проходит развитие общества [13].

Один из основателей социологии Макс Вебер разделил капитализм на два типа. Первый тип традиционный тип. Второй тип современный. В первом типе преобладает стремительное желание к наживе и разделение людей на классы. Второй, современный тип он называет идеальным. В своей работе «Протестантская этика и дух капитализма» он анализирует этические нормы и ценности протестантской религии и приходит к выводу, что именно ценности аскетизма, воздержания от всякого лишнего во всех сферах человеческой жизни могут стать основами нового капитализма. Приумножение богатства не является самоцелью, а является Божественной волей. Он, анализируя религию, заявляет, что Бог присутствует и в нашем мире, и он говорит с нами с помощью нашей совести. И выполнить волю Бога мы можем, только выполняя свой долг в профессии. Каждый, совершенствуясь в профессии, может понять, спаслась ли его душа от грехов. Он сопоставляет традиционный и современный капитализм. Капитал современного капиталиста основан на честном труде, на расширении производства, на отказе от греховного образа жизни. Труд является высшей ценностью, а лень раскрывается как протест Богу и неуважение к ближнему. «Не труд как таковой, а лишь рациональная деятельность в рамках своей профессии угодна Богу. Желание быть бедным было бы равносильно, как часто указывается, желанию быть больным и достойно осуждения в качестве проявления синергизма, наносящего ущерб славе Божьей». Выполнение «профессионального долга» является высшей духовной ценностью [14].

Каждая эпоха связана с ценностями своего времени. Во время эпохи Саманидов постепенно наука начинает возрождаться. Появляются лучшие поэты, писатели и философы как Абуабдулло Рудаки, Абулькасим Фирдоуси, Абуали Ибни Сино, Носир Хисрав, Омар Хайям и много других ученых. Они стали доказывать, что человеческий разум способен познать природу. Они шли по пути Возрождения. Все их идеи, которые сохранились до нашего времени в их произведениях, доказывают, насколько они были впереди своего времени. Но эпоха Возрождения не зародилась тогда в нашем обществе. После падения государства Саманидов, знание и наука постепенно угасали. Знания этих и многих других ученых возродились и развивались в западных государствах. Но если рассуждать реально, то у нас эпоха Возрождения начинается только сейчас. Мы снова возвращаемся к своим истокам, к своим великим гениям времён Саманидов. Но время не остановилось и многое в их идеях устарело со временем. Они нуждаются в обновлени. И сейчас, когда западные ученые столько развивали науку, только через изучения их достижений мы можем вновь возродить нашу науку. Для этого потребуются большой труд и старания. И прежде всего надо возрождать и сформировать те ценности, которые действительно были нашими ценностями и развиваться по этому пути.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Гуревич П. С. Основы философии / П. С. Гуревич. - М., 2003. –С. 348.
2. [Электронный ресурс]. (http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9F%D0%BB%D0%B0%D1%82%D0%BE%D0%BD
3. [Электронный ресурс]. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%90%D1%80%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D1%82%D0%B5%D0%BB%D1%8C
4. Определение Гражданского общества. Проект Ага-Хана « Человековедение» стр 5- 17. Источники: Блаженный Августин. О граде Божием. Книги XIV – XXII / Составление и подготовка текста -Спб.: Алетея Киев: УЦИИМ – Пресс, 1998.-С. 3-10, 48-58.

Святой Августин. Библиотека РГИУ ::: О граде божьем: Книга XIV/XV / Святой Августин. [Электронный ресурс]. www.i-u.ru/biblio/archive/avgustin_o/14.aspx-123k3

5. [Электронный ресурс]. http://filosof.historic.ru/books/item/f00/s00/z0000004/st122.shtml
6. Столяров А.А. Аисельм Кентерберийский. Доказательства бытия Бога /История философии. Запад-Россия-Восток. Книга первая. Философия древности и средневековья / А.А. Столяров. - М.: Греко-латинский кабинет, 1995 - с.360-362
7. [Электронный ресурс]. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9A%D0%B0%D0%BD%D1%82,_%D0%98%D0%BC%D0%BC%D0%B0%D0%BD%D1%83%D0%B8%D0%BB
8. В.И. Добрынина. Философия XX века: учебное пособие / В.И. Добрынина. НЕОКАНТИАНСТВО: Э. Кассирер - Г. Коген - П. Наторп - Г. Риккерт - В. Виндельбанд. К началу: [Электронный ресурс]. http://society.polbu.ru/dobrynina_philosophyxx/ch10_v.html
9. [Электронный ресурс]. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D0%B5%D0%B3%D0%B5%D0%BB%D1%8C,_%D0%93%D0%B5%D0%BE%D1%80%D0%B3_%D0%92%D0%B8%D0%BB%D1%8C%D0%B3%D0%B5%D0%BB%D1%8C%D0%BC_%D0%A4%D1%80%D0%B8%D0%B4%D1%80%D0%B8%D1%85
10. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9C%D0%B0%D1%80%D0%BA%D1%81,_%D0%9A%D0%B0%D1%80%D0%BB
11. Конт Огюст. Общий обзор позитивизма / Конт Огюст. - Лондон: Рутледж и Сыновья, 1907.С. 1 -7/ Историческая хрестоматия в интернете 1988г/URL [Электронный ресурс]. http://www.fordram.edu/ halsall//mod/ conte- pozitivizm.html/ Переведено ПАХЧ, Душанбе, 2004
12. [Электронный ресурс]. http://ru.wikipedia.org/wiki/Спенсер,_Герберт

13 Добренько В. Кравченко А. «История зарубежной социологии» раздел 2 глава 4 «Органическая и механическая солидарность» Э. Дюркгейма

13. Источник: «Поиск социальной справедливостнияи» Проект Ага – Хана Человековедение Макс Вебер «Протестантская этика и дух капитализма». [Электронный ресурс]. < http://www.kara-murza.ru/books/Veber/index.html>стр 155 -178.

**ИСТОРИКО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ КАТЕГОРИИ «ЦЕННОСТЬ»**

В статье автор анализирует роль ценностей в развитии культуры в обществе. Автор разделяет тонкую границу и борьбу между противоположными ценностями, как в обществе, так и в каждом индивиде со времен зороастризма и до наших дней. Автор предлагает не отказываться от традиционных ценностей, но при этом использовать опыт западных стран.

**Ключевые слова:** возрождение и формирование ценностей, главные элементы духовной культуры

**HISTORICAL AND PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF "VALUE" CATEGORIES**

In the article the author analyses the role of **Value** in Culture Development in Society. The author segregates the high boarder and strives between compatible Values bothin societyand individuals from the time of Zoroastrianism until present. The author proposes to keep the Values of our ancestors and at the same time usethe experience of Western countries.

**Key words:** Renascence and Renew of Values are the main elements of spiritual Culture.

**Сведения об авторе:** ***Мунира Тавакалов*а** –старший преподаватель кафедры философии и политологии Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева. эл. почта- **tavakalova72@ rambler.ru**

## МАЛОМАТИЯ ВА БОЗТОБИ АНДЕШАҲОИ МАЛОМАТӢ ДАР ОСОРИ АҲМАДИ ҶОМ

***Саид Юсеф Суранӣ***

**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Бархе аз сӯфиён тариқатеро ба номи «маломатия» бунёд ниҳоданд. Зоҳиран, Абӯҳафси Ҳаддоди Нушопурӣ ва Аҳмади Хазруя аз пешравони ин тариқат будаанд. Ҳуҷвирӣ ба сароҳат дар бораи Аҳмади Хазруя гуфтааст: «Писандидаи хос ва ом буд ва тариқаш маломат будӣ» [1]. Маломатӣ будани Аҳмади Ҷом низ дар ин байти шеър ба хубӣ намоён аст:

Дар кӯйи маломатем русво,
Аз гарди гуноҳ пурғуборем [1: 292].

Сӯфиёни маломатӣ мепиндоштанд, ки сӯфиёни дигар ба кибру риё дучор гаштаанд ва дар ситез бо ин ду офат бар сайри сулуки асрор меварзиданд. Онон ҳамчун дигар аҳли тариқат муътақид буданд, ки бе пир ва муршид сайру сулук наметавон кард [2]. Муридон худро аз дуоҳои сӯфиёни дигар дар бораи аҳволи ботинӣ, хавотир ва каромат бозмедоштаанд ва ононро ба пинҳон кардани ибодат ва аъмоли худ супориш мекардаанд:

Зоҳид мабош ғарра ба зуҳду риёи хеш,
Иблисро нигар, ки зи ҳастӣ кучо расид [1:154].

Ғайр аз Абӯҳафзи Ҳаддод ва Аҳмади Хазруя ин касонро низ аз пешвоёни маломатия бояд шумурд, ба монанди: Ҳамдун Қассор (мутаввафо ба соли 278 ҳ.қ.) –

муваррихи ойини маломатӣ дар Нишопур ва муриди Абӯтуроб Нахшабӣ, Абӯусмони Хайирӣ (мутаваффо ба 278 ҳ.қ.), Юсуф ибни Ҳусейн Розӣ, Абдуллоҳ Манозил (мутаваффо ба соли 320 ё 330 ҳ.қ) ва Ниёӣ Абдурраҳмон Сулламӣ, ки нависандаи «Рисола-ал-маломатия» аст [3].

Маломатия ойини худро бар ду асли асосӣ бунёд ниҳода буданд: 1) мубориза бо уҷб ва худписандӣ; 2) муборизаи беамон бо риё ва тазоҳир. Ҳуҷвирӣ мегӯяд: «Ҳеҷ офат ва ҳиҷобат нест андар ин тариқ саъбтар аз он, ки касе ба худ муҷиб гардад ва асли уҷб аз ду чиз хезад: яке ҷоҳу хулқ ва мадҳи эшон ва он ки кирдори банда хулқро писанд афтад, бар худ мадҳ гӯяд ва худро шоиста донад, бад-он муҷиб шавад ва дигар кирдори касе мар касеро писанд афтад, бар вай мадҳ кунанд, бад-он муҷиб шавад» [4]. Ва Аҳмади Ҷом мегӯяд:

Аз дӯш фигандем мусаллои мураққаъ,

Тасбеҳ шикаста сӯйи азкор расидаем [1:302].

Маломатиён зоҳири зоҳидона бар худ наметарошиданд, амал ба зоҳир хилофи шариат ва писанди авом, аз он ҷо медонистанд, то маломат шаванд ва бо таҳмили маломат, нафси худро хор кунанд. Абӯҳафз Ҳаддод дар бораи онон гуфтааст: «Зиштиҳои нафси худро ба мардум нишон медиҳанд ва зебоиҳои онро пинҳон мекунанд ва мардум эшонро барои ҳамин зоҳири зишташон маломат мекунанд» [2].

Беш аз ин зуҳду риё накунад суд, ки боз

Табли бадномии мо бар бозор заданд [1: 154].

Маломатиён муътақид буданд, ки нафс ҳамвора дар тобу сахтӣ бояд бошад, то кибр наварзад. Барои таҳқири нафс фақирона зиндагӣ мекарданд, чун фақрро сирри илоҳӣ медонистанд ва бар ин буданд, ки асрори илоҳиро кетмон (пинҳон) кунанд, ба дарюзагӣ розӣ буданд, зеро онро сабаби зиллати нафс медонистанд [2].

Маломатия танҳо айби нафси хешро медиданд ва аз айби мардуми дигар чашм мепӯшиданд, худро кӯчак ва дигаронро бузург медонистанд. Бо номҷӯйӣ мухолиф буданд ва барои хор кардани нафси худ дар баробари озор ва маломат ҳамчун айёрон шикебоӣ мекарданд. Муборизаи имон бо риё аз усули бисёр муҳимми аҳли маломат аст, Аҳмади Ҷом чунин менависад: «Эй мусалмонон! Ҳамаи ин корҳои неку фардо моро ҳеҷ бар нахоҳад дод дар он ҷаҳон! Зеро ҳама ба ширк ва риё ва нифоқ табоҳ кардаем. Агар дар дили мо заррае хавфи ҳақ будӣ, ҳаргиз ин ва монанди ин накардамӣ! Аммо мо худ аз кори худой ва кори он ҷаҳон сахт дурем. Мо аз худ шарм ва бим ва ҳавли беш аст, аз он ки аз Худои бузург! Инчунин, зиндагиро чӣ тавон гуфт ва чӣ тавон кард ва чи умед бар он барояд?» [5].

Шайх Юсуф ибни Ҳусейни Розӣ аз бузургони маломатия гуфтааст: «Агар Худоро бинем бо ҷумла маъсиятҳо дӯсттар дорем, аз он ки бо як зарра риё» [6]. Онон ҳар гуна изҳори аҳволи ботинии худро риё медонистанд ва аз худнамоӣ безор буданд. Ҳаргиз мардумро аз зуҳду риёзаткашии худ огоҳӣ намекарданд. Абдуллоҳ Мунозил дар бораи эшон мегӯяд: «Миёни онон ва Худо розе аст, ки ақлҳо ва дилҳо он розро дарнамеёбад» [2].

Парҳез аз риё боис мешавад, ки хирқаи пашмина напӯшанд ва дар ҷомаи аҳли бозор дар ҷомеа зухур шаванд. Чунонки Абӯҳафзи Ҳаддод дар хона мураққаъ мепӯшид ва берун аз хонааш ҷомаи бозориёнро бар тан мекард [2]. Аксар маломатиён бо пешаварӣ рӯзии худро касб мекарданд.

**Пешинаи андешаи маломатия**. Нахустин асаре, ки дар он батафсил дар бораи андешаи маломатия сухан рафтааст «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алӣ ибни Усмон Ҳуҷвирӣ аст. Ҳиҷвирӣ маломатро дар покиза ва полуда сохтани муҳаббат муассир медонад ва решаи андешаи маломатияро ба ояе аз Қуръон мерасанд, ки дар ҳаққи муъминони ҳақиқӣ ва дӯстдорони Худост ва он оя ин аст: «وَ لا يَخافُونَ لَوْمَةَ لائِمٍ».

Вай мегӯяд: «Аҳли ҳақ ҳамвора омоҷи маломати халқ будаанд» [4]. Вай худписандиро бузургтарин офат дар роҳи сулук медонад ва Абӯсолеҳ Ҳамдуни Қассорро муассиси маломатия мешуморад ва сухани маъруфи ӯро «الملامه ترکُ السّلامه» нақл мекунад.

Абуабдурраҳмон Сулламӣ (мутаваффо ба соли 365 ё 370), ки худ гароиш ба ин тариқат дошт, ба ҷамъоварии ақволи бузургони маломатия пардохта, онро «Рисола-ал-маломатия» номидааст. Сулламӣ соҳибони улум ва аҳвол, яъне аҳли илми зоҳир ва илми ботинро ба се қисм медонад, ки гурӯҳи сеюм, яъне маломатияро ин гуна муаррифӣ мекунад: «Аҳволи дарунии онҳо камтарин асаре дар беруни онҳо надорад, мабодо ки халқ аз эшон дар фитна афтанд, ин тоифаро маломатия гӯянд» [2].

Баъд аз Сулламӣ, Муҳиддин Арабӣ (мутаваффо ба соли 638 ҳ.қ.) касе аст, ки гуфтораш дар назди файласуфон ҳам ҳуҷҷат аст ва худро аз ин тоифа муаррифӣ мекунад ва менависад: «Ин мақоми Расулуллоҳ (с) аст ва аз машоихи мутаҳаққиқ ба он Ҳамдун Қассор, Абӯсаид Харроз, Боязид Бастомӣ ҳастанд ва ҳоли мо низ чунин аст. Мардони Худо бар се гурӯҳанд ва чаҳорум надоранд: гурӯҳи сеюм касоне ҳастанд, ки барои худ ҳеҷ гуна имтиёзе қоил намешаванд, то шинохта нашаванд ва кораш мунҳасиран ва мунфаридан бо Худост. Дар бандагии Худованд собитқадам росиханд ва ононро ба халқ ниёз нест».

Азлиддин Маҳмуд Кошонӣ (мутаваффо ба соли 735 ҳ.қ.) дар мавриди табақот ва тавоиф менависад: «Маломатӣ ҷамъияте бошанд, ки дар риояти маънии ихлос ва муҳофизати қоидаи сидқ, ғояти ҷуҳду мабзул доранд ва дар ифои тоат ва хатми хайрот аз назари халқ муболиғат воҷиб донанд…».

**Илали зуҳури мактаби маломатӣ ва замону макони он**. Маломатиён намояндагони вокуниши бисёр ботингароёна дар муқобили зоҳиргароёни муқаддасмаоб буданд. Ин вокуниш ба мурури замон ашколи мухталифе ба худ гирифт, ки баъзе аз онҳо тамоми ҳинҷорҳои динӣ ва иҷтимоиро пушти сар ниҳоданд (мисли қаландария) ва баъзе бо мадоиққа дар нафс дар одоби бисёр мақбули иҷтимоӣ мубтанӣ бар ҷавонмардӣ ва исор танида шуданд (мисол аҳли футувват).

Тариқати маломатия падидаи хуросонӣ буд, ки маркази муҳимми фаъолияти эшон дар Нишопур буд. Истилоҳоти калидии мактаби маломатии Нишопур иборат буданд аз: риё, иддао, уҷб, ихлос, вокуниши маломатия, моломол аз тамоилоти зуҳди пораии гурӯҳҳо дар даруни ислом будааст. Нафс аз назари онон маҷмӯи шаваҳот ва амели палид аст ва нақши омили ошӯбгарро ифо мекунад.

Риё ва уҷб аз бозтобҳои берунӣ ва иҷтимоии нафс ва шуҳраталабӣ аст, ки ин мактаб мегуфт: «аш-шаҳраҳу офаҳ» бинобар ин, мактаби маломатия меомӯхт, ки танҳо роҳи беасар кардани нафс ҳадафи тири маломат қарор додан ва таҳқири он дар тамоми шароит ва аҳвол аст. «Аз шуҳрат гурехтан ва дар гумномӣ зистан, яке аз пояҳои аслии тариқати маломатиён аст. Ин равиш дар авосити қарни сеюм падид омад ва ё камол ёфт ва маркази пайравони ин тариқа, шаҳри Нишопур буд, муассиси он Абӯҳафз Ҳаддод (мутаваффо ба соли 264 ё 265 ё 266 ё 268 ҳ. қ.) буд, ки пайравони ӯ равиши маломатиро интишор доданд. Мабдаи нахустини ин фикр, диққат дар сидқ ва ихлос аст» [7].

Аҳли маломат дар ин ҳаракат бо сирраи аҳли футувват омехта мешаванд ва қаландарон ворисӣ суннати аҳли маломат мегарданд, ки дар тарки либоси махсуси аҳли тасаввуф ва дар эҳтироз аз ҳайат ва сурате, ки онҳоро маҳбуби халоиқ мекунад, исрор карданд. Шиори аҳли футувват аз бисёр ҷиҳат ёдовари шиори аҳли маломат будааст.

**Усул ва таҳлили андешаҳои маломатӣ**. Мубоизаи беамон бо кибр ва уҷб ва хор доштании нафс аз усули ойини аҳли маломат аст. «Хор кардани нафс дар ҳама аҳвол чи нафс мувофиқ бо муроди одамӣ бошад ва чи номувофиқ ва чи тоату бандагӣ кунад ва чи нофармонӣ ва саркӯбӣ, чи одамӣ аз он розӣ бошад ва чи норозӣ» [7], муҳимтарин шиори маломатиён будааст.

Ҳуҷвирӣ мегӯяд: «Ҳеҷ офат ва ҳоҷот нест андар ин тариқ саъбтар аз он, ки касе ба худ муаҷҷаб гардад ва асли уҷб аз ду чиз хезад: яке аз ҷоҳ ва мадҳи эшон ва он ки кирдори банда Холиқро писанд афтад, бар худ мадҳ гӯяд ва худро шоиста донад, бад-он муаҷҷаб шавад ва дигар кирдори каси маркусро писанд афтад, бар вай мадҳ кунанд, бад-он муаҷҷаб шавад» [4].

Маломатия бар хилофи сӯфия, ки зоҳири зоҳидона доштанд, корҳоеро, ки ба зоҳир хилофи шариат буд, анҷом медоданд, то маломат шаванд. Ситез бо риё низ аз усули бисёр муҳимми ойини маломат аст, ки бозтоби онро ба вуфур дар осори мансур ва манзуми Аҳмади Ҷом мебинем. Онҳо ҳар гуна ибрози аҳволи ботинии худро риё медонистанд ва аз худнамоӣ безор буданд.

Аҳмади Ҷом на сӯфии мутаррасм аст ва на зоҳиди муташарраъ, вале машраби маломатии ӯ эътирозе буда, бар арзишҳои воҳиди во ниҳодаи таҳмилӣ, машйи ӯ муқовимате аст манфӣ, аммо инъитофпазир ва на пушти по задан ба мисоқ ва ҷашмпӯшӣ аз лаззат. Ӯ ринде аст, ҳунармад бо рӯҳе чун ҳарир, ки дар айни беэътиноӣ ба мақомот ва муқайядот, муштоқи он аст, ки фарёдашро ба гӯши соҳибдилон мерасонад. Аз тазвир ва риё ба дур аст ва бо худписандӣ миёнае надорад. Ӯ дар дидгоҳи маломатии хеш бо доияи кашф ва кароман ва раҷзхониҳои шайхони савмаадор меситезад, чуноне ки менависад: «Сахт ғофил ва ҷоҳил қавми мардумием! Э вой бар он касоне, ки дар рӯзгор ориф ва мухлис ва муттақианд ва бо ин мардумон зиндагӣ бояд кард!...». Бинобар ин, фурӯтанона пазироии ҷойгоҳи хеш ва мартабаи гадоӣ дар баробари баландпоягии маъшуқи азалӣ аст. Чуноне ки менависад: «Пас эй номардон ки моем! Агар ба қавли худоӣ иқрор дорем, ки نحن قسمنا ...рост аст, чаро кори хеш бо кордон нагзорем, то ӯ худ чунон ки мебояд сохт месозад ва мо ҳама аз ин ранҷ раста бошем» [8].

Аҳмади Ҷом аз назари машраби ахлоқӣ, орифи комил аст ва пояҳои машраби ахлоқии ӯро усул ва ойини маломатӣ ташкил медиҳад, ки иборат аз «ихлос, бериёӣ, фурӯтанӣ, муҳаббат, худиттиҳомӣ, меҳрварзӣ, покбинӣ, айбпӯшӣ, мубориза бо риёкорӣ, мубориза бо такаббур ва раънати нафс ва бадбинӣ ва хубси мардумозорӣ».

Орифи маломатӣ аз риё эҳтироз мекунад, вале Аҳмади Ҷом бо риёкории дигарон сари ҷанг дорад ва нафрати худро аз нуфсу салоҳи дурӯғини риёкорони зоҳиди дунёпараст ва сӯфиёни бесафо чунин нишон медиҳад: «Қавми дигар бошанд, ки барояшон закот фариза бошад ва эшон қуррое ва шаб хостан ва намози фазоил фаро кардан гиранд ва чандон қарзу хуни дарвешон дар гардани эшон ва мардумон мегӯянд: ин аст порсо мардуме, ки фалон аст! Ва ӯ низ ба он рафтан фаро ҷоҳ шавад, ки ман порсоям!».

Ифрот ва тафрит дар шодмонӣ, зуҳди хушки мутазоҳирин, зарқу тазвир, бетаваҷҷуҳӣ ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ аз авомили муассири гароиши Аҳмади Ҷом ба маломатия ва қаландарӣ аст ва ин дар ҳолест, ки соирин бар ҳоли ӯ вуқуф надоранд.

Аз назари ӯ мардуми замонаш се гурӯҳанд: аввал касоне ҳастанд, ки Аҳмади Ҷом онҳоро роҳандозони дин ва қуллобони устод дар миёни уммати Муҳаммад (с) муаррифӣ мекунад, ки роҳи дин ва суннатро зеру забар карданд [9]. Гурӯҳи дуюм, касоне, ки ганҷи ҳақиқиро намебинанд ва ба хӯшачинӣ машғуланд [9]. Киноя аз

мардуми аблаҳ ва нодон, ки пайваста гурӯҳи аввалро мехӯранд ва ғолиби афроди ҷомеа аз ин гурӯҳанд. Ва гурӯҳи сеюм мардумеанд, ки пойбанди шариат ва қонунмадор ва пойбанд ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ будаанд, ки Аҳмади Ҷом аз ин даста пайваста мавриди туҳмат ва истеҳезо низ, воқеъ шудааст.

Бо таомул ва ғавр дар фаҳми орифонаи Аҳмади Ҷом, метавон муддаӣ шуд, ки гароиш ва нигариши вай маломатӣ ва қаландарӣ аст, чун маломатӣ ҷӯёи ҳақиқати волост. Аҳмади Ҷом аз ормони ҳақиқати воло дифоъ мекунад ва аз диққат дар ин калом ки:

Зи маъбадгоҳ шуд сӯйи харобот, ки гашта сер аз зуҳду ибодат,
Либоси зуҳди қурой бурун кард, ба хок афганд зуҳду илми тоат. [1:64].

Озодандешии ӯ ба хубӣ дарк мешавад, зеро бузургтар аз он аст, ки дар тӯри муҳаққари мазҳаб бигунҷад. Вай бидуни таваҷҷуҳ ба вазъи замони худ ва дар пайи рисолати ҳақиқии худ, ки ситез ва душманӣ бо мавонеи мавҷуд дар роҳи вусул ба ҳақиқат аст, чунин менависад: «Эй бародарони мо! Фармони дӯсти худ баред ва даст аз ин ҳама гуфтугӯй бардоред ва дастовези худ роҳи Расул (с) ва китоби худоӣ кунед ва гирди ҳар навовардае магардед…» [9].

Аз назари вай худпарастӣ ва худройӣ умдатарин монеи расидан ба ҳақиқат аст. Ва ин омилест дар тамоилоти маломатии ӯ ва дар гароиши маломатии ӯ таолӣ ва маънавият пинҳон дошта мешавад. Рагу пайи ӯ омехта бо ихлос аст, солусӣ ва риё аз назари ӯ қабеҳ аст. Хонақоҳ ва масҷиду майкада метавонанд на дар роҳи Худо бошад ва на берун аз роҳи Худо. Растагориро дар беозорӣ меҷӯяд ва аз лавуми лоимон ранҷида намешаванд, балки онро нишони саодат ва иҷобати орзуҳои худ медонад, чун толиби файз аст, афтодагӣ пеша мекунад.

Шабоҳати ҷанбаҳои маломатии Аҳмади Ҷом бо усули мактаби маломатӣ:

- наздикӣ ба салотинро ҷуз ба ҷиҳати кумак ба мардум намедоданд;
- пайваста тарки одоти ғалати иҷтимоии рӯзгори хеш ва эҳёгари исломи асил ва ноб аст;
- орифи муҷтаҳид ва огоҳ ба усули динӣ, ахлоқӣ ва маърифатӣ аст;
- ихлос дар амалро мояи наҷот медонад;
- ситези беамон бо такаббур ва уҷуб ва худпарастӣ ва руунати нафсро вазифаи худ медонад;
- пайваста дар пайи истихфоф ва таҳқир ва истеҳзои ановин ва алқоби бузургони тааббуди зоҳирӣ ва тазвифи хушк ва дурӯғин аст.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмади Ҷом. Девон / Аҳмади Ҷом: ба кӯшиши Аҳмад Каримӣ. Чоп ва саҳҳофии ширкати чопи Хоҷа. Хатти Алӣ Урёнӣ. –С. 292.
2. Сулламӣ Абӯабдурраҳим. Рисола-ал-маломатия / Сулламӣ Абӯабдурраҳим. Қисм-ал-сонӣ. – Миср, 1364. –С.108.
3. Ҳиравӣ Ансорӣ. Табақот-ал-сӯфия / Ҳиравӣ Ансорӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Сурур Мавлонӣ. – Теҳрон, 1362. –С. 121,240, 265, 459, 507.
4. Ҳуҷвирӣ Абулҳасан Алӣ ибни Усмон. Кашф-ул-маҷҳуб / Ҳуҷвирӣ Абулҳасан Алӣ ибни Усмон: бо муқаддимаи Қосим Ансорӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1358. –С. 149.
5. Аҳмади Ҷом (Жандапил). Сироҷ-ус-соирин / Аҳмади Ҷом (Жандапил): муқаддима ва тасҳеҳи Алӣ Фозил. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1387. –С. 92.
6. Қаширӣ Абулқосим. Рисолаи Қаширия / Қаширӣ Абулқосим; тарҷумаи Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмад Усмонӣ. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1345. –С.61.
7. Фурӯзонфар Бадеъуззамон. Шарҳи маснавии шариф / Фурӯзонфар Бадеъуззамон. – Теҳрон: Нашри илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. –С. 736.
8. Аҳмади Ҷом. Канз-ул-ҳикма / Аҳмади Ҷом: таълиқот ва тасҳеҳи Ҳасан Насирии Ҷом. – Теҳрон: Пажӯҳишкадаи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1387. –С. 31.
9. Аҳмади Ҷом. Баҳор-ул-ҳақиқа / Аҳмади Ҷом: муқаддима ва тасҳеҳи Алӣ Фозил. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1387. –С.81.
10. Аҳмади Ҷом. Равзат-ул-музанабин ва ҷанат-ул-муштоқин / Аҳмади Ҷом; муқаддима ва тасҳеҳи Алӣ Фозил. – Теҳрон: Пажӯҳишкадаи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1387. –С.164.
11. Муртазо Манучеҳрӣ. Мактаби Ҳофиз / Муртазо Манучеҳрӣ. – Табрез: Ситуда, 1384. –С.74.
12. Нафисӣ Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон / Нафисӣ Саид. – Теҳрон, 1346. –С.37.


## МАЛАМАТИЙА И ОТРАЖЕНИЕ МАЛАМАТИЙСКОЙ МЫСЛИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АХМАДА ДЖАМА


В данной работе будет сделана попытка отразить маламатийскую мысль в прозаических и поэтических произведениях Ахмада Джама. Маламатийская вера включала два важных принципа :1 – борьба с гордыней и тщеславие; 2 – жестокая борьба с лицемерием и притворством



**Ключевые слова :** маламатийа, маламатийские принципы, маламатийская мысль, мистические произведения Ахмада Джам


## MALAMATIEH AND REFLECTION OF MALAMATIEH THOUGHTS IN AHMADE JAM


***Saeed Yousofi Sourani***



In this article , it is tried to review the reflection of Malamatieh thoughts in prose and poetry works of Ahmad – E – Jam. Malamatieh advocators had two major principles. 1- conten against haughtiness and 2- conten against hypocrisy.



**Key words**: Malamatieh, Malamatieh principles, Malamatieh thought, Ahmad – E – Jam Gnosticism works



**Сведения об авторе:: *Саид Юсефи Сурани*** – соискатель Института яхыка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

# МУРУРЕ БАР НАЗАРИЯҲО ДАР БОРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ

*Фарҳади Масуд Хассан*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

**Мафҳуми Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ.** Созмонҳои байналмилалӣ ташкилоте мебошанд, ки барои дастёбӣ ба ҳадафҳои муштарак дар заминаи анҷоми як силсила иқдомҳои ҳамоҳангиву давомёбанда байни давлатҳои ҳоким ба вуҷуд меоянд. Созмонҳои мазкур дорои рукнҳо ва ихтиёроти махсуси худ мебошанд, ки аз ҳаққи тасмимгирии мустақил баҳраманди доранд. Ба таври дигар иброз намоем, ин созмонҳо метавонанд озодона амал намуда, бо ихтиёри худ ҳар гуна тасмим гиранд [1]. Созмонҳои байналмилалӣ илова бар мафҳумҳои сиёсии онҳо дар доираи ҳуқуқҳои байналхалқӣ низ таъриф меёбанд, ки дар зер ба зикри ду намунаи он иктифо мекунем:

Бар асоси моддаи дувуми пешнависи муқаддимавии комиссияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар мавриди мусоидати созмонҳои байналмилалӣ, ибораи «созмони байналмилал» ҳамчун ташкилоти байналхалқии ҳуқуқӣ дар доираи қонунҳои амалкунандаи байналмилалӣ ба таври мустақил мавриди истифода ва корбурд қарор мегирад. Тибқи моддаи мазкур ба ғайр аз давлатҳо, аксари ниҳодҳо низ метавонанд узви созмонҳои байналмилалӣ бошанд [2]. Дар таърифи дигар бошад, дар бораи созмонҳои байналмилалӣ ба унвони ниҳоди (ташкилоти) ҳуқуқии байналхалқӣ чунин ёд шудааст: ин созмонҳо барои таҳқиқи ҳадафҳои хос бо қудрати тасмимгирӣ ба вуҷуд меоянд ва бо ҳамин низом амал мекунанд [3].

Пас аз шиносоӣ бо мафҳуми созмони байналмилалӣ шинохти мафҳуми созмони минтақавӣ низ зарур дониста мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба нақш ва моҳияти созмонҳои минтақавӣ дар муносибати сатҳи байналхалқӣ лозим аст, то таърифи ин созмонҳоро ба шакли ҷудогона арзёбӣ намоем. Созмонҳои минтақавӣ ташкилоте мебошанд, ки ба сабабу оқибатҳои таърихӣ ва воқеӣ дар яке аз минтақаҳои олам ташкил меёбанд. Минтақае ки нисбат ба тақсимоти географӣ устувор аст, яъне тақсимоти ҳудудии устувор дорад, ба давлатҳо ва кишварҳо аз ҳар лиҳоз боиси таваҷҷуҳи хосса қарор мегирад ва ҳар кадом аз ин минтақаҳо бо эҳтимоли зиёд падидаҳои ба ҳам монанд ва, ҳатто якгунаи фарҳангӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабӣ дошта метавонанд. Созмонҳои минтақавӣ ҳам ба унвони созмони хоссаи сиёсӣ ва ҳам ба унвони созмони байналмилалӣ дар манотиқи гуногуни олам ташкил шуда, дар раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳифзи сулҳу субот, ҳамчунин афзоиши сатҳи рӯзгордории мардуми минтақа нақши назаррасе бозида метавонанд [4].

**Равишҳои таҳқиқу омӯзиши мавзӯъ.** Созмонҳои байналмилалӣ ба ду равиш, яъне бо равишҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ метавонанд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дошта бошанд. Дар самти таҳқиқу омӯзиши ҳуқуқии созмонҳои байналмилалӣ раванди корбурд дар асоси қоидаҳо ва муқаррароти ҳуқуқии байналмилалӣ ба инобат гирифта мешавад. Яке аз имтиёзҳои асосии таҳқиқи ҳуқуқии сатҳи байналмилалӣ он аст, ки қонунҳо созмонҳои байналмилалиро дар доираи қонунгузориҳои боадолатонаи байналхалқӣ ба пуррагӣ ҳифз карда метавонанд. Зеро ташкили ин созмонҳо усулан барои таъмин ва ҳифзи робитаҳои дӯстӣ миёни давлатҳо ва ҳамзамон, барқарории баробариву адолат миёни миллатҳои мухталиф, ҳамчунин расонидани кумаки ҳамаҷониба ба табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Дар раванди омӯзиши сиёсии созмонҳои байналмилалӣ қоидаҳо ва муқаррароти ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо қисмате аз маводе мебошанд, ки муҳаққиқони илми сиёсатшиносӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додаанд. Дар ҷараёни омӯзиши сиёсӣ теъдоди воҳидҳои байналмилалӣ баъзан бар хилофи шеваҳое, ки ҳуқуқдонон дунбол мекунанд, падид меоянд. Яъне, ин воҳидҳо байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ баъзан қобили қабул дониста намешаванд. Бо назардошти ин, дар доираи омӯзиши сиёсӣ ҳама гуна робитаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд [1].

**Замина ва омилҳои пайдоиши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ.** Пайдоиши ҳар созмон ва ниҳодҳои байналмилалӣ аз ниёзҳо ва ормонҳое вобастагӣ дорад, ки дар давраи пайдоиш ин ниҳодҳо зиндагии одамонро бо шиддат таҳти таъсири худ қарор дода, заминаҳои ташкили созмонҳоро фароҳам месозанд [5]. Созмонҳои байналмилалӣ падидаи низоми чандин кишварҳо дониста мешаванд. Барои мисол, низоми чандин кишварҳоро метавон дар давраи иттиҳоди асрҳои миёна дар олами масеҳият радёбӣ намуд ва ба ҷараёни таҳаввули ин созмонҳо ишора кард, ки давраи сулҳи Вестфали (соли 1648), паймони Утрихт(соли 1713) ва дигар падидаҳои таърихии ба ин монанд, намунаи ин гуфтаҳо мебошад [6].

Нахустин кӯшишҳо барои ташкили созмонҳои байналмилалӣ дар асри X1X бо баргузории конгресси Вена (солҳои 1814-1815) анҷом пазируфт ва аз он ҳангом рӯйкардҳои ниҳодгароёна барои мудирияти мавзӯоте, ки ба истилоҳҳои ҷанг ва сулҳ алоқамандӣ доштанд, дар низоми байналмилалӣ мавриди таваҷҷуҳи сиёсатмадорони ҷаҳон ва аҳли пешқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтанд (Томсон ва Аснидол, с. 1999, саҳ. 694). Конгресси Вена муҳимтарин гирдиҳамоии намояндагони қудратҳои аврупоӣ ба ҳисоб меравад, ки намунаҳои баъдии он шартномаи сулҳи Версал (соли 1919) ва конгресси Ялта (соли 1945) ба ҳисоб мераванд. Ин гуна конгрессҳо, ки дар охири ҷангҳои ҷаҳонӣ ташкил ёфта буданд, маъмулан сарнавишти ояндаи дунёро барои муддатҳои баъдиҷангӣ мавриди муҳокима қарор дода, низоми байналмилалиро дар мувофиқа бо қудратҳои ширкаткунандаи ҷаҳонӣ тарҳрезӣ кардаанд [7].

Созмонҳои байналмилалӣ дар қарни XX рушду инкишоф ёфта, дар нимаи дувуми ин аср дар саросари олам сулҳу суботро мустаҳкам намуданд. Вале дар нимаи аввали ин аср дар давраи ҷангҳои ҷаҳонӣ ба амал пайвастанд ва ҳузури ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалиро ғайриқобили қабул донистанд. Сарони кишварҳо ва сиёсатмадорону дипломатҳо соли 1919 дар конференсияи сулҳи Версал гирди ҳам омада, бо як овоз созмони байналмилалиро таҳти унвони «Ҷомеаи байналмилал» барпо намуданд, ки ҳадафу барномаи асосиаш ба таҳкими сулҳу субот бахшида шуда буд [8]. Ташкили созмони номбурдаро метавон василаи мутамарказ шудан ва эҳё гардидани созмону ниҳодҳои гузаштаи ҷаҳонӣ номид. Ин созмон таркибе аз наслҳои ниҳодии коргузории қарни X1X ба ҳисоб меравад, ки масирҳои ҷудогонаи пешрафтаро бо як низоми мушаххас гирд оварда, дар маҷмӯъ муҷиби табдили созмонҳои мухталиф ба ҳайси як созмони воҳид гардидааст. Яъне, ин созмон аввалин бор дар ҷаҳон падидаи нави мутамарказонии созмонҳоро дар сатҳи байналмилалӣ замина гузошта буд [6].

Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалии зиёде ташкил гардиданд ва шумораи онҳо дар як муддати кӯтоҳ аз 50 ба 80 адад расид. Аз давраи баъдиҷангӣ то ибтидои солҳои 80-уми қарни гузашта бошад, теъдоди ин созмонҳои байналмилалӣ то ба 200 адад афзун гардид, ки байни онҳо аз ҳама созмони бонуфӯзи ҷаҳонӣ Созмони Милали Муттаҳид дониста мешавад. Сохтори ибтидоии ин созмони муваффақ ва бонуфузи байналмилалиро давлатҳои абарқудрате чун ИМА, Британиё, Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Халқии Чин дар ҷараёни ҷаласаҳои сатҳи байналхалқии Укс (соли 1942) ва Ялта (соли 1945) ташкил намуда, ҳамчун узви он ба ҳамкории муштарак пардохтанд [8].

Аввалин конфронси Созмони Милали Муттаҳид дар сатҳи байналмилалӣ бо иштироки намояндагони 46 давлати дунё санаи 27-уми апрели соли 1945 баргузор гардид ва ҳамзамон боз чаҳор кишвари олам ба узвияти созмони мазкур пазируфта шуданд [9].Умдатарин заруратҳо ва ангезаҳои пайдоиши созмонҳои байналмилалиро метавон ба шарҳи зайл ном бурд:

- Ҷангҳои ҷаҳонӣ ва хатари падид омадани ҷангҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар оянда. Яке аз механизмҳои идораи равобити байналмилал, эҷоди созмонҳои байналмилалӣ мебошад, ки имкони ҳамкории бештар байни кишварҳоро фароҳам месозад ва ҳам ҳалли ихтилофҳои сиёсиро аз роҳҳои мусолиматомез имконпазир мегардонад. Аз ин рӯ, ташкили ду созмони умдаи ҷаҳонӣ, яъне Ҷомеаи Милал ва Созмони Милали Муттаҳид таҳти таъсири ҷангҳо буд [10].
- Инқилоби технологӣ ва равобити мутақобил дар дунёи нав.

Ҳамон тавре, ки афроди як деҳкада ба ҳам наздику шинос ҳастанд ва дар робитаи тарафайн зиндагӣ мекунанд, кишварҳои ҷаҳон низ ба василаи технологияҳои замонавӣ ба ҳам наздик шуда, дар иртиботи мустақим қарор гирифтаанд.

- Ҳифзу назорати сулҳ ва амнияти байналмилалӣ тавассути қудратҳои умда. Ҳадафи эълоншудаи созмонҳои байналмилалӣ, агарчи ҳифзи сулҳу амнияти ҷаҳонӣ мебошад, аммо тавассути таҳлили механизми ҳифзи сулҳ ба ин натиҷа мерасем, ки назорат ва ҳидояти равобити байналмилал ва сиёсати ҷаҳонии якгуна бо манофеи қудратҳои бузург анҷом гирифтааст. Маҳз, фаъолияти солҳои нахусти Созмони Милали Муттаҳид чунин таҳлилу бардоштҳоро дар бар гирифта буд [5].

Созмонҳои минтақавӣ низ таҳти таъсири омилҳои гуногун шакл гирифтаанд. Масалан, ангезаи шаклгирии Созмони Ваҳдати Африқоро заминаҳои истеъморӣ ва ҳифзи истиқлол зикр кардаанд, дар ҳоле ки ваҳдат дар созмонҳои аврупоӣ асосан дар заминаҳои ҷанги сард ва андешаи ваҳдатгароёна баён шудаанд. Ба таври куллӣ, омилҳои зеринро метавон дар пайдоиши созмонҳои минтақавӣ таъсиргузор донист:

- воқеъ будан дар як минтақа ва фароҳам овардани имкониятҳо ба корбурди боз ҳам осонтари имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муштарак;

- заминаи ҳамкориҳои пешакӣ дар асоси омилҳои гуногун, дар мисоли бартарафсозии ҷанги сард байни кишварҳои як минтақа;
- корбурди технологияи нав ва афзоиши вобастагии мутақобили кишварҳои як минтақа, ки ниёз ба ҳамкориҳои бештари тарафайн доранд;
- андешаҳои ваҳдатгароёна ва ормонҳои ваҳдати минтақавӣ дар асоси равишҳое чун нажод, забон, мазҳаб ва ин амсол;
- нақши шахсиятҳои машҳури сиёсӣ барои ба даст овардани ваҳдати минтақавӣ;
- посухгӯйӣ ба ниёзҳои ҷомеа дар вазъиятҳои хос (масалан, вазъияти кишварҳои Аврупо баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва ё вазъияти хосси кишварҳои Африқо пас аз ба даст овардани истиқлоли миллӣ);
- эҳсоси хатарҳои муштарак ва ниёз ба ҳамкориҳои мутақобилаи судманд дар муқобили душманони муштарак;
- таъкиди қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд барои ҳифзи сулҳу амнияти байналмилалӣ ва рушди сатҳи рӯзгордории мардум.

Заминаҳои зикргардида ҳамроҳ бо омилҳои хосси ҳар минтақа мӯҷиби шаклгирии созмонҳои минтақавӣ дар равобити байналмилалӣ дониста мешаванд.

**Назарияпардозӣ дар бораи созмонҳои байналмилалӣ.**Яке аз назарияпардозони арсаи сиёсати байналмилалӣ Инис Л. Клоид (Inis L.Kloud) муътақид бар он аст, ки созмонҳои байналмилалӣ дастоварди равандҳое мебошанд, ки он равандҳоро бо унвони раванди созмондиҳӣ ё сомондиҳии сатҳи байналмилалӣ ном бурдан мумкин аст. Ба ақидаи Клоид созмондиҳии сатҳи байналмилалӣ иборат аз ҷараёнҳое мебошад, ки дар асоси он давлатҳо ба ташкил ва рушди созмонҳо ва ҳамзамон созгории ниҳодҳои сатҳи байналмилалӣ мепардозанд. Бархе аз дигар донишмандони ин соҳа кӯшидаанд, то ваҷҳи иштироки созмонҳои байналмилалиро бо ҳамаи падидаҳо ва мафҳумҳои ин раванд равшану возеҳтар арзёбӣ намоянд. Олими намоёни ин соҳа Питман Поттер аз ҷумла ин ақидаро дастгирӣ мекунад. Ӯ муътақид аст, ки таомули байналмилалӣ мафҳуми хосси илмӣ буда, кулли робитаҳо миёни миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳонро инъикос мекунад. Ба гуфти Поттер созмонҳои байналмилалӣ танҳо нозир ба ҳавзаҳои хосе дониста мешаванд, ки ҷумлаи робитаҳоро пайгириву дастгирӣ мекунанд. Поттер ҳавзаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро аз қабили он маконе медонад, ки созмонҳои байналмилалӣ дар он ҳавзаҳо ба таври хос корбурд менамоянд. Баъзе аз донишмандони дигар, аз ҷумла олими варзида Н.К. Ҷакобсон байни созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои фаромиллӣ тафриқа мегузорад. Ин донишманд ниҳодҳои мазҳабиро бо моҳияти фаромиллӣ дар мисоли калисоҳои католикӣ ё ширкатҳои кормандонашон гуногунмиллат ба доираи созмонҳои фаромиллӣ қаламдод кардааст [11].

Баъзе аз донишмандони сиёсатшиноси асрҳои XVII-XVIII дар Аврупо аз зумраи пешқадамони ғояҳои сулҳи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ буданд, ки аз он ҷумла метавон ба Ерасмус, Сали, Емерик Круиз, Гюго, Гросиус ишора намуд. Ерасмус дар осори худ кӯшиш намуд, то роҳҳои дастёбӣ ба сулҳи ҷаҳониро мавриди арзёбӣ қарор диҳад. Дар ин росто ишорате ба лузуми ташкили навъи созмон ва ниҳоди байналмилалӣ дошт. Пас аз он Сали низ идеяи камубеш монандро арзёбӣ намуд. Ӯ бар ин бовар буд, ки падидаи ҷанг дар Аврупоро метавон аз роҳи эҷоди навъи иттиҳоди фарогир миёни қудратҳои бузурги аврупоӣ решакан кард. Роҳикории мавриди назари вай, эҷоди иттиҳодияе бар асоси баробарии ҳуқуқи тамоми аъзо буд. Емерик Круз аз дигар пешбарандагони идеяи ниҳоди созмонҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Вай ҳамкориҳои бозаргонӣ ва асли тиҷорати озодро ба унвони роҳкориҳои асосӣ барои пешбурди ҷомеаи байналмилал ба сӯйи ҳамзистии мусолиматомез ва ташкили ниҳоди созмонҳои байналмилалӣ медонист. Дигар аз донишмандони қарни XVII-ум, ки нақши асосӣ дар инкишоф ва рушди идеяи созмонҳои байналмилалӣ дорад, Гюго Гротиус мебошад. Ӯ ба таври мушаххас аз идеяи баргузории иҷлосияҳо ва ёрӣ ҷустан аз ҳикмату роҳҳои дигар барои ҷилавгирӣ аз ҷанг ва барқарории сулҳ сухан мегӯяд [11].

Аз ҷумлаи донишмандоне, ки андешаҳои вай дар солҳои поёнии қарни XVII-ум мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, Вилием Пенн буд. Идеяи вай аз ташкил намудани федератсияҳои аврупоӣ иборат буда, ки асоси онро як порлумони аврупоӣ ташкил медод. Андешаҳои Сент Пиер дар қарни XVIII-ум қадами дигаре ба сӯйи ташкили созмон ва ниҳодҳои байналмилалӣ дар Аврупо барои ҳифзи сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ буд. Сент Пиер ташкили як сенати аврупоии иборат аз 24 узвро пешниҳод намуд. Ин ниҳод вазифаи иқдом алайҳи ҳар гуна таҳдид бар зидди кишварҳои узвро ба уҳда дошт. Сенати мавриди назари Сент Пиер ба манзалаи навъии Шӯрои амният буд, ки дар созмонҳои байналмилалӣ ва аврупоӣ амал менамуд. Ин Шӯро ҳифзи сулҳи

Аврупоро ба ухда дошт. Баъд аз гузашти чил сол, яъне дар соли 1761 Жан Жак Руссо дар асари худ таҳти унвони «Сулҳи пойдор» тарҳеро оид ба ташкили як съезди доимӣ пешниҳод намуд. Ин съезд иборат аз намояндагони кишварҳои гуногун бо мақсади иқдоми муштарак алайҳи ҳар гуна хатар бар сулҳу амнияти аврупо ташкил шуда буд. Баъд аз бист сол Ҷереми Бент ҳам идеяи худро дар бораи ташкили режими муштараке, ки нафъи умумӣ ва суди муштараки ҳамаи аъзоро дар бар мегирифт, матраҳ намуд [11].

Аз охирин мутафаккироне, ки пеш аз соли 1815 ва ташкили конференсияи Вена ба навъе барои рушду нумӯи мафҳум ва идеяи созмонҳои байналмилалӣ кумак карданд, метавон аз Эммануил Кант ном бурд. Кант бар ин ақида буд, ки робита байни миллатҳо бояд дар миёни равобити федералӣ аз ҳисоби давлатҳои озод ба амал пайвандад. Ин амр дар канори он чи, ки вай дар муносибатҳои тиҷоратӣ ва бозаргонии байни кишварҳо меномид, ниҳоятан метавонист ба истиқрори сулҳи ҷаҳонӣ бианҷомад [11].

**Воқеъгароён ва ормонгароён (Реалистон ва идеалистон).** Дидгоҳи воқеъгароён ва ормонгароён дар раванди баҳси созмонҳои байналмилалӣ дорои аҳамияти зиёде мебошад, зеро ин ду дидгоҳ дар ҳақиқат маркази андешаҳои тафовутдошта ва рӯйкардҳои зиддиятдошта дар хусуси созмонҳои байналмилалӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар сатҳи низоми байналмилал ва ҳамзамон, корбурду коркарди онҳо дар сиёсати байналмилал ба ҳисоб меравbooked.

Дар посух ба мусоҳибаву баҳсҳо миёни воҳидҳои сиёсӣ, аз давлатшаҳрҳои Юнон гирифта, то давлатмиллатҳои низоми навини байналмилал, ду рӯйкард - **воқеъгароӣ** (реализм) ва **ормонгароӣ** (идеализм) доиман муқобили ҳам қарор доштанд. Чорчӯбаи назарии реалистӣ аз чаҳор фарзия иборат аст: аввал ин, ки давлат воҳиди аслии таҳлил мебошад. Дувум он, ки давлат кафили якпорчагӣ дониста мешавад. Севум он, ки робитаҳои байналмилал асосан равобити ситезаҷӯёна аст. Чаҳорум он, ки мавзӯот ва масоили байналмилалӣ ба **сиёсати сахт** ва **сиёсати мулоим** тақсим мешавад [12].

Воқеъгароён (реалистон) низоъ, рақобат ва хушунатро ҷузъи ҷудоинопазир ва табиии низоми байналмилалӣ меҳисобанд ва дар натиҷа фоидаи бисёр амалҳоро барои ташкили ниҳодҳои байналмилалӣ дар доираи решакан кардани ҷангу хушунат намебинанд. Бо вуҷуди нигоҳи бадбинона ва манфӣ, воқеъгароён комилан муқобили коркарди ин ниҳод дар сатҳҳои муайян ва ҳавзаҳои маҳдуде аз равобити байналмилалӣ нестанд. Дар муқобили ин, ормонгароён (идеалистон) мувофиқат миёни воҳидҳои низоми байналмилалиро қобили назорат ва решакан шудан меҳисобанд, ба шарти он ки барои сохтани тартиботи муайян равишҳои сиёсии лозим андешида шаванд [11].

Ба вуқӯъ омадани ду ҷанги ҷаҳонӣ дар нимаи авали қарни XX ва пас аз он падид омадани ҷанги сард ҳамагӣ нишон аз даврони наве дар равобити байналмилал дошт. Муҳимтарин мушаххасоти ин даврон шакл гирифтани назарияҳои арзёбишуда аз тарафи мутафаккироне чун Ганс Ҷей, Моргенза, Карр ва Швартзенбергер ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи ин назарияпардозон корбурди қудрат на танҳо равшанкунандаи муодилаҳои печида дар равобити байналмилалӣ аст, балки равшангари ҳама печидагиҳои мавҷуд дар рафторҳои инсонӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, барои пайрезӣ ва эҷоди ҳар гуна тартибот дар низоми байналмилал қудрат ҳарфи аввал ва охирро мегӯяд. Ин дидгоҳ шоҳбайти рӯйкарди воқеъгароён дар таҷзия ва таҳлили равобити байналмилал маҳсуб мешавад ва маҳз ҳамин дидгоҳ буд, ки рафта-рафта рӯйкарди воқеъгароёнаро нисбат ба ҷойгоҳ ва коркарди созмонҳои байналмилалӣ дар сатҳи низоми байналмилалӣ асос гузошт [11].

Бисёре аз воқеъгароён бо назардошти неруи қудрат асрори қудратмандиро мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Ин қабил назарияпардозон муътақиданд, ки бинои сулҳ танҳо то замоне устувор мемонад, ки пояҳои он бар асоси мувозинати қудрат барпо шуда бошанд ва дар ин асос муносибатҳои дипломатӣ барқарор шаванд [13].

Олими сиёсатшинос Моргенто низ мисли аксар воқеъгароён (реалистон) муҳимтарин ҷанбаи сиёсиро барои пойдории қудрат таъсири мувозанати неруҳо медонад. Яъне, ҳолат ва ҳифзи сулҳ дар асоси муносиботи дипломатӣ маҳз аз ҳамин омилҳо вобастагӣ дорад [14].

Моргенто, албатта, дар ин ҷода қудрати сиёсӣ ва қудрати низомиро ба таври ошкор аз ҳам ҷудо меҳисобад. Ӯ дар мусоҳибае таҳти унвони қудрати сиёсӣ ва дипломатӣ мегӯяд: «Қудрати сиёсиро бояд ба маънои корбурди воқеӣ (ҳақиқӣ) аз дигар қудратҳо ҷудо бидонем. Ҳангоме хушунат ба воқеият пайваста метавонад, ки қудрати сиёсӣ ҷойи худро ба қудрати низомӣ иваз намудааст. Яъне, дар раванди сиёсати байналмилал тавоноии низомӣ ба унвони як таҳдид (политическая угроза) ва

ба унвони тавоноии неруманд аз муҳимтарин омилҳои созандаи қудрати як миллат дониста мешавад» [15].

Карр(Carr), ки худ амалгаро аст, ба ҳарду мактаб (воқеъгароӣ ва ормонгароӣ) эрод мегирад. Ба назари вай ормонгароён дарси таърихро нодида мегиранд ва воқеъгароён таърихро хеле бадбинона тафсир мекунанд. Вай ақида дорад, ки назарияи сиёсӣ дорои унсурҳое аз воқеъгароӣ ва ормонгароӣ ва аз қудрату арзишҳои ахлоқӣ мебошад [14].

**Рафторгароҳо.** Дар вокуниш ба дидгоҳ ва мактаби воқеъгароҳо, руйкарди дигаре ба вуҷуд омад, ки дар адабиёти равобити байналмилал аз он ба унвони рафторгароӣ ёд мешавад. Рафторгароҳо мунокишаҳои байналмилалиро дар чорчӯбаи падидае, ки реша дар рафтори одамӣ дорад ва низ ба навъе бо дигар рафторҳо, амалҳо ва вокунишҳои башарӣ монанд аст, мавриди арзёбӣ қарор медиҳанд. Аз дидгоҳи рафторгароён яке аз омилҳои аслии мунокишаҳои байналмилалӣ вуқӯъи ҷангҳо ва дарки мутақобили давлатҳо ва низ нокомӣ дар иртиботи муассир миёни кишварҳои тарафи даргир аст. Аз ин рӯ, нигоҳи рафторгароён ба падидаи созмонҳои байналмилалӣ нигоҳи мусбат ва хушбинона аст ва боварӣ доранд, ки ин созмонҳо рисолати зикрёфтаро бояд ба дӯш гиранд [11].

**Коркардгароҳо. Коркардгароӣ** (Прагматизм) аз дигар рӯйкардҳои қобили таваҷҷуҳ дар раванди омӯзиши созмонҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Давид Мартин муътақид аст, ки коркардгароӣ беҳтарин роҳ ва созу кор ба сӯйи сулҳи пойдор дар низоми байналмилалӣ аст. Коркардгароҳо (прагматистон) бар он ақидаанд, ки омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, муҳимтарин коркарди як низоми ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар ниҳоят сулҳу амнияти байналмилалиро ба дунбол хоҳад овард. Касоне, ки аз нигоҳи коркардгароӣ (прагматизм) ба низоми байналмилал менигаранд, ба ин бováранд, ки навъи башар усулан рафтори дуруст бар ақлгароӣ дорад. Ин ташхис худ нуктаи азимати ҷомеаҳои башарӣ ба самти ҳамкории байналмилалӣ ва таҳкими пойдории ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дониста мешавад.

Рӯйкарди коркардгароҳо бо интиқодҳое низ рӯ ба рӯ омаданаш мумкин аст. Намоянда ва эътиқодманди ин дидгоҳ Онис Клоуд аст. Вай хислатҳо ва хусусиятҳои созмонҳои байналмилалиро дар қолаби мавзӯоте ҳамчун ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофот, амнияти ҷамъӣ, халъи силоҳ, мунозира ва гуфтугӯйи фарогир бармешуморад ва онҳоро дар зумраи кори хусусияти ҳаётӣ ва аслии ниҳодҳои байналмилалӣ ба шумор бармеоварад, ки бар асоси онҳо ин ниҳод метавонад сулҳу амнияти байналмилалиро дар амал танзим кунад [11].

**Ҳадафҳо, вазифаҳо ва ихтиёроти созмонҳои байналмилалӣ.** Ҳадафи асосии ҳар созмони байналмилалӣ низом бахшидан ба робитаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ аст, ки дар доираи вазифаҳо ва ихтиёроти созмон қарор доранд. Ҳуқуқи байналмилалии як созмон ва ҳамчунин иродаи мустақиле, ки барои он дар назар гирифта мешавад, далели тасаввур намудани ҳадафҳои мушаххаси созмон дониста мешавад. Аз ҷумлаи муҳимтарин ҳадафи созмонҳои байналмилалӣ ба вуҷуд овардани сохторе аст, ки ба ҷойи андешидани манфиатҳои хусусӣ, андешидани манфиатҳои куллии ҷомеаи байналмилалро талқин месозад. Илова бар он, созмони байналмилалӣ вазифадор аст, барои ба вуҷуд овардани назми умумии байналмилалӣ ва эҷоди муҳити босубот дар саҳнаи ҷаҳонӣ тамоми талоши худро ба кор барад. Яке дигар аз заминаҳои муҳимми фаъолияти созмон, қонунгузории байналмилалӣ ва талоши он дар ин раванд мебошад. Ҳадафи баъдии созмон кумак ба ҳаллу фасли сулҳомези ихтилофоти байналмилалӣ аст [16].

Созмонҳои байналмилалӣ дорои шахсияти мутамоиз (экспертҳо) аз ҳисоби давлатҳо мебошанд. Бо ин назардошт, вазифа ва ихтиёроти созмонҳои байналмилалӣ дар асоси қарордод ё санаде ба роҳ монда мешавад, ки ба онҳо имкони корбурд додааст. Созмонҳои байналмилалӣ аз имтиёзҳое низ бархурдоранд, ки дар асоси қарордодҳои хос бо давлатҳо амал менамоянд ва ба воситаи мувофиқатномаҳои якмарому якақида барои пешбурди кори созмон дар ҳамбастагӣ корбурд мекунанд. Дар ҳоле, ки ихтиёроти созмонҳои байналмилалӣ маҳдуди муқарраротӣ ойинномаи онҳост, ихтиёри давлатҳо бисёр васеъ аст ва ҳудуде ҷуз муқарроротӣ умумии ҳуқуқи байналмилал намешиносад. Созмонҳои байналмилалӣ ба ҳамин навъ барои анҷоми мақсадҳое, ки дар ойинномаи онҳо зикр шудааст, дорои вазифаҳои мушаххасе ҳастанд, дар сурате ки вазифаи давлатҳо бисёр маҳдудтар ва то ҳудуди зиёде марбут ба иродаи ҳокимони онҳо мебошад. Вазифаи созмонҳои байналмилалиро санадҳои ташкилдиҳандаи онҳо муайян мекунанд, ки ин вазифаҳо бисёр гуногун арзёбӣ шудаанд. Ба таври куллӣ, иқдомоти зайл аз вазифаҳои созмонҳои байналмилалро баррасӣ менамоем:

- огоҳсозии давлатҳо аз барномаҳои кори созмон ва омода кардану осон намудани тасмимоти оянда;

• таҳияи муқаррароти нав дар заминаҳои мухталиф;
• назорати иҷрои муқаррароти нав дар кишварҳо;
• иҷро кардани тасмимҳои созмон, дар сурате ки ин вазифа ба ӯҳдаи ӯ гузошта шуда бошад;
• қазоват дар мавқеъҳое, ки ин ҳуқуқ барои созмон шинохта шуда бошад [1].

**Созмонҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ.** Байни созмонҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ робитаи дутарафа ва расмияти хос вуҷуд дорад. Сиёсати хориҷӣ маҷрое мебошад, ки кишварҳо аз тариқи он бо бақияи равишҳои низоми байналмилалӣ ба таври комил ва бо созмонҳои байналмилалӣ ба таври хос, тариқи расмӣ ва додугирифти тарафайн (савдо) муносибат менамоянд.

Созмонҳои байналмилалӣ аз як тараф таассуроти муҳиме бар муҳтаво, навъ, равиши сиёсатгузорӣ ва раванди тасмимгирӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳо бар ҷой мегузоранд ва аз сӯйи дигар, сиёсати хориҷии як кишвар ё маҷмӯае аз кишварҳо метавонанд таъсироти ҳайратангез ва таъйинкунандае бар созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба масоили низоми байналмилал ва низ раванди тасмимгирӣ дар созмонҳои байналмилалӣ дошта бошад. Ба ақидаи баъзе аз пажӯҳишгарони илмӣ, робитаи байналмилал, сиёсати хориҷии кишварҳои заиф ба шиддати мутаассир аз созмонҳои байналмилалӣ буда, созмонҳои байналмилалӣ таҳти таъсири сиёсати хориҷии кишварҳои қудратманд қарор доштанд. Аммо сарфи назар аз заъф ё қудрати кишварҳо, имрӯз мавзӯоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ дар дунё ба сурати ҷамъӣ ва чандҷониба матраҳ ва ҳаллу фасл мегарданд.

Дарвоқеъ сатҳи сиёсатгузорӣ ва қудрати давлатҳо ба далели густариши неруҳои фароми́ллӣ коҳиш ёфтааст ва созмонҳои байналмилалӣ ба сурати созукори таъсиргузоранда барои болобурди ҳамкориҳои чандҷониба ва ҳаллу фасли мавзӯъҳои гуногун арзёбӣ мегарданд [17].

Бо ин назардошт, ҷиҳатгириҳои сиёсати хориҷии кишварҳои гуногун дар пайвастан ё напайвастани онҳо ба созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсири зиёд доштааст. Ба таври куллӣ, стратегияҳои сиёсати хориҷӣ иборатанд аз:

**Стратегияи бетарафӣ.** Намунаи асосии бетарафӣ, кишвари **Швейтсария** аст, ки агарчи ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид шомил нест, вале амалан ин кишвар дар бисёре аз фаъолиятҳои Созмони Милал ширкат меварзад. Ин кишвар дорои як нозири доимӣ дар Созмони Милали Муттаҳид аст ва бо созмонҳое чун ЮНЕСКО, ФОУ, Агентии байналмилалии энергетикӣ ва амсоли ин ҳамкориҳои муштараку доимӣ дорад.

**Стратегияи адами тааҳҳуд (стратегияи сиёсӣ бидуни уҳдадорӣ).** Адами тааҳҳуд, яъне стратегия бидуни ягон хел уҳдадорӣ, яке аз стратегияҳои хориҷӣ аст, ки дар низоми сиёсии давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, нимаи дуюми қарни XX-ум матраҳ шуд ва шуҳрат ёфт. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва шаклгирии низоми дуқутбӣ, ҳамчунин блокбандиҳо, дар василаи қарори системаи мувозинаи ҷадиди қудрат ва авҷгирии ҷанги сард дар сиёсати байналмилал, гурӯҳе аз миллатҳои навхостаи африқоӣ ва осиёӣ барои канорагирӣ аз дастабандиҳои сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодӣ ва низ дурӣ аз вобастагӣ ба блокҳои шарқиву ғарбӣ сиёсатҳои мустақилеро дар равобити байналмилалӣ пеш гирифтанд. Ин кишварҳо, ки тамъи талхи истисмор ва ҷангҳои хонумонсӯзи ҷаҳониро таҷриба карда буданд, гирди ҳам омаданд, то «Ҷунбиши адами тааҳҳуд» -ро бидуни вобастагӣ аз ду блок бунёд созанд.

Ин наҳзат бидуни он ки дар қатори блокбандии ҷадид бошад, кӯшидааст, то блокбандиҳоро аз байн бибарад ва роҳи мустақил ва воқеъбинонаро интихоб намояд. «Бониёни адами тааҳҳуд»*, яъне роҳбарони ин ниҳод кӯшидаанд, то синтезе аз натсионализм ё миллатгароӣ ва интернатсионализм ё фароми́ллигароӣ ба вуҷуд оваранд, то зимни ҳифзи манофеи миллии кишварҳо онҳо дар сарнавишти якдигар саҳм дошта бошанд [13]. Фарқ байни сиёсати бетарафӣ ва адами тааҳҳуд (яъне стратегияи сиёсӣ бидуни ягон хел уҳдадорӣ) он аст, ки бетарафӣ маъмулан дар асоси қарордод ва бо тазмини кишварҳои бузург сурат мегирад ва адами тааҳҳуд бидуни тазмими як кишвари хориҷӣ ва бар асоси ибтикори роҳбарони сиёсии як кишвар бо таваҷҷӯҳ ба моҳият ва сиришти ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии як кишвар сурат мегирад ва ин сиёсат бо унвони бетарафии мусбӣ низ таъбир мешавад [14].

**Стратегияи канорагирӣ аз сиёсат (инзивоталабӣ).** Канорагирӣ аз сиёсат ё худ инзивоталабӣ яке аз стратегияҳои дигари сиёсати хориҷӣ аст ва дар ҳамон давлатҳое садоқат пайдо мекунад, ки мувофиқи ҳифзи вазъ мавҷуд ҳастанд ва ҳавзаи манфиатҳои онҳо маҳдуд аст. Чин байни солҳои 1965-1969 иқдом ба ҷиҳатгирии инзиволабона намуд, аммо навъи дугонагӣ дар таъқиби ин стратегия тавассути Чин ба чашм мехӯрд, зеро аз як сӯ он хоҳони барҳам задани вазъи мавҷуд буд ва раванди

* Роҳбарони аввалияи ҷунбиши Адами тааҳҳуд инҳо буданд: Ҷавоҳирлол Неҳрӯ - нахуствазири давлати Ҳиндустон, Ҷамол Абдулносир – раиси ҷумҳурии Мисри Араб, Аҳмад Сукорнав – намояндаи ҷумҳурии Индонезия ва маршал Тайту – раиси ҷумҳурии Югославия.

неруҳои ҳоким бар равобити байналмилалиро бо ҳимоят аз интернатсионализми пролетарӣ ва кӯшиш барои касби роҳбарии ҷаҳони сотсиолизм ва ҷаҳони сеюм ба мубориза металабид ва аз сӯйи дигар, бо тарҳи инқилоби фарҳангӣ дар соли 1966 ва фаро хондани намояндагиҳои Чин дар хориҷ, ба истилоҳ дар ғояҳои худ фурӯ рафт ва инзивоталабиро интихоб кард. Дар нуқтаи муқобили Чин, давлати Албания қарор дорад, ки тақрибан беш аз чаҳор даҳсола стратегияи инзивоталабиро пайравӣ мекунад [13].

**Стратегияи иттиҳод ва уҳдадорӣ.** Дар стратегияи иттиҳод ва уҳдадорӣ, бар хилофи стратегияҳои адами таахҳуд, бетарафӣ ва мақомталабӣ, ки давлатҳоро бар он во медошт, қабули уҳдадориҳое, чун уҳдадории ҳарбӣ (бавижа таахҳудҳои низомии сарбозӣ) ҷой дошт, ки ин навъ барномарезӣ боиси ба даст овардани иттиҳодияҳои дохилӣ дониста мешуд. Ин қабил давлатҳо бешак эҳсос мекунанд, ки бидуни қабули баъзе аз уҳдадориҳо, бахусус уҳдадориҳои ҳарбӣ қодир ба муқобилият бо таахҳудҳои хориҷӣ ва ё дифоъ аз манофеи миллӣ ва таҳқиқи ҳадафҳои сиёсати хориҷии худ нахоҳанд буд. Вуҷуди манфиатҳои иқтисодӣ, идеологӣ ва амниятии муштарак давлатҳоро бар он вомедорад, то дар чорчӯбаи ҳамкориҳои дохили гурӯҳӣ (блокӣ), иттиҳодияҳо ва эътилофҳое ба вуҷуд оваранд (монанди бозори муштараки Аврупо, НАТО, Варшава ва ғ.) ва ё дар хориҷ аз гурӯҳ (монанди ҳамкориҳои низомӣ ва технологии байни Амрико ва Чин) уҳдадориҳоеро созмон диҳанд [13].

## АДАБИЁТ


1. Мунсифӣ Абулқосим. Созмонҳои байналмилалӣ / Мунсифӣ Абулқосим. – Теҳрон: Интишороти донишкадаи улуми робитаҳои иҷтимоӣ, 1979. -С. 5, 8, 9, 124-125.
2. Замонӣ Қосим. Ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ: шахсият, масъулият, масӯният / Замонӣ Қосим. – Теҳрон: муассисаи мутолиот ва пажӯҳишгоҳи ҳуқуқии шаҳри Дониш, 2008. -С.26.
3. Тақизодаи Ансорӣ Мустафо. Ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ / Тақизодаи Ансорӣ Мустафо. – Теҳрон: Қумис, 2006. -С. 11.
4. Козимӣ Алиасғар. Назарияи ҳамгироӣ дар робитаҳои байналмилал: таҷрибаи ҷаҳони сеюм / Козимӣ Алиасғар. –Теҳрон: Қумис, 1991. -С. 103.
5. Ҷамолӣ Ҳусейн. Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ / Ҷамолӣ Ҳусейн. – Теҳрон: Нашри Пажӯҳишкадаи таҳқиқоти исломӣ, 2006. -С.19, 22.
6. Клавд Энисол. Созмонҳои байналмилалӣ / Клавд Энисол; тарҷумаи Манучеҳр Шуҷоӣ. -Теҳрон: Интишороти китоби нав, 2003. -С.694, 59, 60.
7. Нақибзода Шаҳрбобакӣ Аҳмад. Таҳавулоти робитаҳои байналмилал аз кофаронси Вена то имрӯз / Нақибзода Шаҳрбобакӣ Аҳмад: - Теҳрон, Қумис, 1990. -С.8.
8. Alexander Thomposon and Duncan Sanidal, 9800 International Organization, University of chicago, Copyright 1999 by Alexander Thompson and Duncan Snidal. -P.695, 696.
9. James T. General International Organization: A Source Book, Copyright 1956 by Vannostrand Company / T. James, Watkins, J. William Robinson. - Inc in Canada. -P. 183.
10. Клавд Энисол. Арзёбии созмонҳои байналмилалӣ дар қарни бистум / Клавд Энисол; тарҷумаи Фарҳанг Риҷоӣ. –Теҳрон: Нашрияи фарҳанги исломӣ, 1990. -С.17-18.
11. Ҳасанхонӣ Муҳаммад. Созмонҳои байналмилалӣ аз назария то амал: Гузашта, ҳол ва оянда / Ҳасанхонӣ Муҳаммад. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи имом Содиқ, 2006. -С.15-18,19, 20-21, 21-22.23-25.
12. Паскал Китос. Созмонҳои байналмилалӣ / Паскал Китос; тарҷумаи Ҳусейн Шарифии Тарозкӯҳӣ. – Теҳрон: Мизон, 2005. -С.34.
13. Қавом Абдулалӣ. Усули сиёсати хориҷӣ ва сиёсати байналмилалӣ / Қавом Абдулалӣ. –Теҳрон: Самт, 1991. -С. 58, 146-147, 157-161, 163-164.
14. Муқтадир Ҳушанг. Сиёсати байналмилал ва сиёсати хориҷӣ / Муқтадир Ҳушанг. – Теҳрон: интишороти Муфҳарас, 1991. -С.46, 49, 147.
15. Барбар Ҷемс. Моҳияти сиёсатгузории хориҷӣ дар дунёи вобастагии мутақобили кишварҳо / Барбар Ҷемс, Асмит Майкл; тарҷумаи Ҳусайн Сайфзода. –Теҳрон: Қумис, 1994. -С. 334.
16. Самадӣ Маҳдӣ. Созмонҳои байналмилалӣ / Самадӣ Маҳдӣ. –Теҳрон: интишороти Бошгоҳи андеша, 2005. -С.6-7.
17. Аминӣ Ормин. Созмонҳои байналмилалӣ дар ибтидои ҳазораи севум / Аминӣ Ормин // Фаслномаи тахассусии илмҳои сиёсӣ. –Караҷ: Донишгоҳи озоди исломӣ, 2007.


## ЭКСКУРС В ТЕОРИИ О МЕЖДУНАРОДНЫХ РЕГИОНАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ


Международные региональные организации относятся к числу наиболее развитых и разнообразных механизмов упорядочения международной жизни. Повышение активности международных организаций и значительное увеличение их общего количества является одним из примечательных феноменов современного международного развития. В данной статье автором проведен краткий экскурс в теории о международных региональных организациях.



**Ключевые слова:** Международные региональные организации, международная жизнь, теории о международных региональных организациях, экскурс, современное международное развитие.


## DISCUSS THE THEORY OF INTERNATIONAL REGIONAL ORGANIZATIONS


International regional organizations are among the most developed and diverse mechanisms to streamline international life. An increase in the activity of international organizations, and a significant increase in their total number, is one of the remarkable phenomena of contemporary international development. In this article the author conducted a brief excursion into the theory of international regional organizations.



**Key words:** International, regional organizations, international life, the theory of international regional organizations, the perspective of contemporary international development.



**Сведения об авторе:** ***Фархади Масуд Хассан*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ. Телефон: **917303300**. E-mail: masfarcom@gmail.com

# АМСИЛАИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ СИНГАПУР ВА ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

*Х.Б. Пайвандов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тӯли таърих давлатҳое, ки бидуни таҷрибаи давлатдории кофӣ ё захираҳои бойи табиию зеризаминӣ дар муддати кӯтоҳ ба сатҳи баланди тараққиёт расида, бо истифода аз идеологияи бузурги худ баробари кишварҳои мутараққӣ нуфузро соҳиб гардида бошанд, ниҳоят камшуморанд. Имрӯз Сингапур яке аз кишварҳои ангуштшуморе мебошад, ки дар чанд даҳсолаи охир ҷаҳишҳои иқтисодиву саноатии он аврупоиҳову амрикоиҳоро ба ҳайрат гузоштааст. Сарвазири Британия Маргарет Тэтчер дар асри гузашта чунин гуфта буд: «Замоне Сингапур аз Британияи Кабир меомӯхт, вале алҳол мо аз Сингапур меомӯзем» [14].

Воқеан, Сингапур имрӯз аз давлатҳои ҷаҳони сеюм ба ҷаҳони якум табдил ёфтааст, яъне дар баробари давлатҳои абарқудрати ҷаҳон дар ҳамаи соҳаҳо пешсафу рақобатпазир мебошад. Аз ин лиҳоз, онро «бабри осиёӣ» *ё «пули миёни Шарқ ва Ғарб»* лақаб гузоштаанд [13]. Усул ва раванди тараққиёти ин давлат дар ҷаҳон намоён буда, пайравӣ ба чунин амсилаи рушди иқтисодӣ хеле муфид мебошад.

Дар пешрафти ин давлатҳо ташаббус ва саҳми сиёсатмадори маъруф, мисли Ли Куан Ю хеле бузург мебошад, ки онро асосгузори иқтисодиёти мӯъҷизавори Сингапур меноманд. Он дар эҳёи миллату давлати худ нақши муассир дошта, иқтисодиёти кишварашро бар пояи устувор гузоштаанд. Новобаста ба он ки роҳбари Сингапур Ли Куан Юро барои «адами демократия» зери интиқод қарор медиҳанд, ӯ тавонист бо принсипу қонунҳои дурушт, вале ояндасози худ иқтисоди Сингапурро таҳти назорати давлат хеле рушд диҳад ва ин сиёсати иқтисодии ӯ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Пас аз боздид аз Сингапур ва мулоқот бо Лӣ Куан Ю моҳи ноябри соли 1978 сиёсатмадори машҳури Чин Дэн Сяопин дар асоси принсипҳои Лӣ Куан Ю ислоҳоти бузурги иқтисодиро дар Чин ба роҳ монд, ки барои рушди ин кишвар хеле муфид афтод [3, 272].

Бо таҳлили раванди эҳёи иқтисодиву иҷтимоии ин кишвар авомили муҳимми рушди иқтисодиёти Сингапурро метавон ба панҷ қисм ҷудо кард:

1. Идоракунии қавии давлат сарфи назар аз танқиди ҷомеаи ҷаҳонӣ.
2. Устувории чандинсолаи макроиқтисодӣ ва таваҷҷуҳ ба соҳибкории хурду миёна.
3. Таваҷҷуҳи хос ба маориф ва илму техника, ҳатто дар айёми буҳрони молиявӣ.
4. Сиёсати хирадмандонаи иҷтимоии давлат (дар ин самт ҳукумат тарбияи миллатро аз оила ва боғча шурӯъ намуда, то ҳадди булуғ ва никоҳ пайгирӣ менамуд).
5. Сиёсати муътадилӣ дар кишвар ва даст кашидан аз реҷаи диктаторӣ.
6. Вазъи мусоиди байналмилалӣ.

***Амсилаи рушди иқтисодиёти Сингапур*** барои *сиёсатмадорон Сингапур "шаҳр-давлати асри XXI" ё "Аврупои Осиёӣ ва Аврупо дар истиво (экватор)", барои тоҷирон "дарвозаи Ғарб ба Шарқ ва дарвозаи Шарқ ба Ғарб", барои сармоягузорону сармоядорон пойтахти молиявии ОҶШ ё Швейцарияи Шарқ (ки дар он 130 банк фаъолият мекунад), барои иқтисодчиён "бабри осиёӣ", барои сайёҳон "яке аз мӯъҷизаҳои дунё, шаҳр-давлати ҷазиравӣ" мебошад [13].*

Имрӯз ҳамаро саволе ба тааҷҷуб меорад, ки чӣ гуна Сингапур ба чунин сатҳи тараққиёт ноил шуд? Худи Сингапур дар қисмати ОҶШ ҷойгир буда, бо Малайзия таърихи ягона дорад. 3 июни соли 1959 Сингапур расман ҳамчун давлати худмухтор дар ҳайати Англия эътироф шуда, Ли Куан Ю ҳамчун сарвазир дар парламент интихоб гашт. Соли 1963 бошад, Сингапур ба ҳайати Федератсияи Малайзия шомил шуд, вале 9 августи соли 1965 аз федератсия хориҷ шуда, истиқлолияти комили худро ба даст овард. Сиёсати пешгирифтаи Сингапур бо сардории сарвазир Ли Куан Ю таҳти шиори бетарафии мусбӣ сурат гирифта, ҳукумати Сингапур дар сиёсати хориҷии худ 3 принсипи асосиро эълон намуд:

1) Манфиатҳои рушди иқтисодии давлат;
2) Таъмини амнияти дохилӣ ва хориҷӣ;
3) Адами узвият ба блокҳои ҳарбӣ.

Сингапур дар моҳи сентябри соли 1965 дар СММ ба ҳайси узви 117-ум баромад намуда, моҳи августи соли 1967 бошад, ба сифати яке аз асосгузорони АСЕАН муаррифӣ гашт. Имрӯз сохтори иқтисодиёти Сингапур (бо %-и ММД) чунин мебошад: соҳаи хизматрасонӣ-72%, соҳаи хоҷагии қишлоқ-27%, соҳаи саноат -1% [14].

Сингапур шаҳр-давлати хурде мебошад, ки захираҳои табиӣ надошта, ҳатто оби ошомиданӣ ва қум барои сохтмонро аз кишвари ҳамсоя (Малайзия) ворид месозад.

Ин шаҳр-давлат бозмондатарин дар Осиё ба шумор рафта, ҳамчун маҳалли роҳзанҳои баҳрӣ ё маркази мубодилаи моводи мухаддир шинохта мешуд. Соли 1960 ММД-и Сингапур ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи кишварҳои африқоӣ рост меомад. Сингапур амалан, дар тӯли якчанд даҳсола ба як сарзамини инкишофёфтаи технологӣ табдил ёфтааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки Сингапур дар муддати ним аср маҷмӯи маҳсулоти дохилиашро ба **300 маротиб** афзун намуда, аз **700 млн$-и** соли 1960-ум ба **200 млрд$** дар соли 2010 баробар гардонид. Ҳамасола даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз 1000 доллари соли 1965 то ба 30000 доллари замони ҳозир афзоиш ёфтааст [6, 70].

Ҳангоми ба вазифаи сарвазир таъйин шудани Ли Куан Ю вазъи кишвар хеле нобасомон буд. Аксари занҳои соҳибмаълумот хеле кам ба шавҳар баромада, ҳатто аз таваллуди кӯдак худдорӣ менамуданд. Дар навбати худ, аксари мардҳо низ бо занҳои бемаълумоту камбағал издивоҷ мекарданд. Сарвазир Ли Куан Ю баҳри аз байн бурдани ин падида ва ба миён овардани оилаҳои солиму соҳибмаълумот чораҳои қатъии ислоҳотӣ гузаронид. Ӯ ду ниҳод –яке, Шуъбаи рушди иҷтимоиёт ва дигаре, Хадамоти рушди иҷтимоиёт таъсис дод, ки мақсади асосиашон бастани никоҳ бо назардошти баробарии сатҳи иҷтимоӣ ва зеҳнӣ буд. Баъди ақди никоҳ барои оилаҳои ҷавони соҳибмаълумот аз ҷониби давлат бонус дар шакли қарз барои гирифтани хонаи истиқоматӣ ҷудо мешавад. Занҳои бемаълумот баъди таваллуди фарзанди дуюм бар ивази ҳалли масъалаи хонаи истиқоматӣ худро безурриёт месозанд. Албатта, баъди издивоҷи оилаҳои соҳибмаълумот наслҳои онҳо низ бо ақлу хирад ба дунё меоянд. Баъдан, чунин ғамхориро аз боғчаҳо то мактабҳои олӣ бурда мерасонд.

Сиёсати пешгирифтаи сарвазири Сингапур Ли Куан Ю имрӯз ин шаҳр-давлатро дар тамоми соҳаҳо комёбу пешсаф намудааст. Аз ҷумла, дар охири солҳои 90-ум Сингапур аз ҳама суръати баланди рушди истеҳсолотро (14% дар як сол) дар байни кишварҳои ОҶШ ба даст овардааст. Имрӯз Сингапур аз рӯйи сатҳи компютеркунонӣ ва сатҳи пасти бекорӣ дар ҷаҳон баъд аз Ҷопон ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Инчунин, Ли Куан Ю ба режими диктаторӣ бартарӣ дода, ба ин восита фасод ва сатҳи ҷинояткориро дар кишвар хеле паст намудааст. Айни замон Сингапур дар ҷаҳон сатҳи пасттарини фасоди давлатӣ ва ҷинояткориро соҳиб аст. Сингапур дар соҳаи технологияи навин дар минтақа пешсаф буда, дарвозаи тиҷорату маркази илм ҳисобида мешавад.

Ли Куан Ю гуфта буд: «Мо он афзалиятҳоеро истифода намудем, ки Британияи Кабир ба мо гузошта буд: забони англисӣ, низоми ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва ғайраҳо. Мо бодиққатона аз истифодабарии методи давлатдории сотсиалистӣ канораҷуйӣ кардем, зеро дидем, ки чӣ тавр халқи Британияи Кабир дар натиҷаи баробарсозии сотсиалистӣ дар нимароҳ монданд» [5, 50].

Ли Куан Ю факултети ҳуқуқшиносиро дар донишгоҳи Кембриҷи Британияи Кабир хатм намуда, соли 1949 ба ватан баргашт ва ба фаъолияти адвокатӣ машғул шуд. Солҳои сарвазирии ӯ -1959-1990 марҳилаи модернизатсияи Сингапур мебошад. Дар ин солҳо ба тамоми дастовардҳои илмию технологӣ расидааст.

Қадамҳои бевоситаи Сингапурро дар масъалаи рушди иқтисодӣ чунин қайд кардан мумкин аст:

**1.** Ли Куан Ю ширкатҳои фаромиллиро ба кишвар ворид сохт. Ин дар ҳоле буд, ки ширкатҳои фаромиллӣ хуни кишварҳои ҷаҳони сеюмро дам мекашиданд. То солҳои 80-ум Сингапур аллакай, ҳамчун яке аз кишварҳои содиркунандаи асосии молҳои электронӣ эътироф гардид. Соли 1997 дар ин кишвар зиёда аз 200 ширкати амрикоӣ ҷойгир шуданд, ки ин иқдом нуфузи ин давлатро баланд бардошт ва минбаъд, Сингапур ҳамчун маркази асосии молиявии ОҶШ шинохта шуд.

**2.** Сингапур пешсафтарин низоми маорифро соҳиб аст. Таваҷҷуҳи давлат нисбат ба таҳсилот аз боғча шурӯъ шуда, кӯдакони доро ва камбизоат дар шароити баробар ва мусоид бо таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Ҳар сол ҳар яки онҳо имтиҳони тестии IQ месупоранд ва касе, ки аз он мегузарад, ба таври автоматӣ таҳсили худро дар машҳуртарин мактаби кишвар (Raffles) идома медиҳад.

Дар ин мактаб роҳбарони оянда кишвар омода мешаванд. Дарсҳои ин мактаб аз соати $7^{30}$-и субҳ шурӯъ шуда, соати $18^{00}$-и бегоҳ анҷом меёбад. Таҳсил ройгон буда, баъди хатми мактаб ҷавонон метавонанд дар мактабҳои олии кишвар ва хориҷи он таҳсили худро давом диҳанд, аммо онҳо уҳдадоранд, ки пас аз хатми донишгоҳ ба Сингапур баргашта, кору фаъолият намоянд. Ли Куан Ю қайд мекунад: "Мо ҳеҷ гуна захираҳои табиӣ надорем. Аз ин рӯ, бартарии мо дар қувваҳои зеҳниамон аст" [5, 60]. Бояд қайд кард, ки маоши мансабдорони ҳукуматӣ тақрибан ба маоши мансабдори масъули ширкати тиҷоратӣ баробар мебошад.

**3.** Ли Куан Ю ҳеҷ гоҳ ба низоми некӯаҳволии оммавӣ бовар надошт. Дар ин хусус ӯ чунин гуфта буд: «Қобилияти одамон баробар нест. Вақте ки давлат вазифаҳои сардори оиларо ба зиммаи худ мегирад, матонати инсонҳо заиф мегардад. Некӯаҳволӣ такя ба қувваи худро аз байн мебарад ва мардум барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии оилаи худ талош намекунад. Имрӯз дар кишвар амалан, бекорӣ дида намешавад, зеро барои бекорон аз ҷониби давлат кӯмаке пешбинӣ нагардидааст.

**4.** Қариб ҳамаи аҳолии маҳаллии кишвар соҳиби манзили шахсӣ мебошанд, зеро давлат манзилҳоро бо нархи арзон сохта, баъдан ба мардум ба нархи дастрас ба фурӯш мегузорад. Дар чунин манзилҳо 80% сингапуриҳо истиқомат мекунанд.

**5.** Ҳисобҳои нафақавии ҳаёти коргарон. Миқдори нафақа аз ҳисоби коргар ва корфармо бо таносуби 50/50 ҷудо карда мешавад. Онҳо метавонанд аз ҳисоби ин маблағ қарз барои хонаи истиқоматӣ, табобати шахсӣ, хариди саҳмияҳо ва ғайра истифода баранд.

**6.** Мубориза беамон бар зидди ҷиноятгорӣ ва нашъамандӣ. Барои ба ҳабс кашидани ҷинояткор бе мурофиаи судӣ ва кофтукови аъзоёни ҷиноят 3 шоҳид басанда аст. Аз ин рӯ, имрӯз дар кишвар сатҳи пасти ҷиноятгорӣ дида мешавад.

**7.** Муборизаи бераҳмона бо фасод. Баҳри пешгирӣ ва нест намудани падидаи номатлуби фасод (коррупсия) Ли Куан Ю ҳанӯз соли 1960 стратегияи зиддифасодро қабул кард. Ҳамзамон, беҳтарин додситонҳоро ҷалб намуда, маоши солонаи онҳоро 1 миллион доллар муқаррар кард ва маоши милитсия бошад, 250 ҳазор доллар муайян шудааст [8, 95]. Имрӯз аз рӯйи индекси **Transparency International** Сингапур аз ҷиҳати сатҳи пасти фасод дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад. Дар ин масъала ба Ли Куан Ю савол медиҳанд, ки "чӣ гуна ба сатҳи пасти фасод ноил гаштед?" Ӯ чунин ҷавоб мегардонад: "Фақат се рафиқи наздики худро ба маҳбас равон кунед, тамом". Ӯ ҳатто, амаки худро ба ҳабс кашидааст [12].

**8.** Нест кардани мухолифин (оппозитсия), махсусан тарғибгарони ақидаи коммунизм.

Китоби машҳури Ли Куан Ю бо номи "Аз ҷаҳони сеюм ба ҷаҳони якум" оиди идоракуние сухан меронад, ки сирф бо хусусиятҳои осиёӣ дар сохтани давлати пешрафта саҳми бузург гузоштааст. Имрӯз мо мебинем, ки талоши Ли Куан Ю чӣ ҳосилеро ба бор овардааст:

1. Сингапур аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ дар минтақаи ОҶШ ҷойи якумро мегирад(14% дар як сол).
2. Сингапур ҳамчун маркази саноату молияи ҷаҳон шинохта шудааст.
3. Сингапур аз ҷиҳати коркарди нафт дар ҷаҳон баъди Хюстон ва Роттердам ҷойи 3-юмро ишғол менамояд ( ҳамасола 20 млн тонна).
4. Сингапур аз лиҳози рушди технологияи иттилоотӣ баъд аз Дания ва Шветсия ҷойи сеюмро мегирад.
5. Сатҳи зиндагӣ дар Сингапур ниҳоят баланд буда, аз рӯйи нишондоди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ 60 ҳаз. доллар рост меояд, ки ин нишондод дар ҷаҳон ба ҷойи 4-ум баробар мебошад.
6. Сингапур аз рӯйи индекси **Transparency International** аз ҷиҳати сатҳи пасти фасод дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад.
7. Сингапур аз ҷиҳати захираҳои тиллоӣ баъд аз Ҷопон ва Чин ҷой 3-юмро ишғол мекунад.
8. Ин кишвар аз ҷиҳати макони роҳат барои зиндагӣ дар саросари ҷаҳон ҷойи якумро ишғол менамояд [8, 5-6 ].

Бо назардошти комёбиҳо ва дастовардҳои назарраси соҳаҳои рушди ҷомеаи Сингапур, ба монанди мавҷуд будани фазои хуби сармоягузорӣ, муҳити баланди рақобат, соҳиби ҷойи намоён будани кишвар дар рейтинги иқтисодиёти озоди ҷаҳонӣ, илму маорифи пешсаф, сатҳи баланди шароити некӯаҳволӣ ҷанбаҳои асосии ислоҳоти кишвар омӯзанда буда, метавонад дар шароити кишвари мо татбиқ гарданд. Новобаста ба ин, дар иқтисодиёти Сингапур мушкилиҳои ҷиддӣ низ, мисли таъминоти об, воридоти қариб ҳамаи маҳсулоти озуқаворӣ ва нерӯи барқ, камёбии мутахассисон, танқисии замин ва ғайраҳо ба назар мерасад. Дар маҷмӯъ, рушду инкишофи босуръати Сингапур ҳамчун намуна барои аксари давлатҳои рӯ ба инкишофу мутараққии дунё мисол шуда метавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам самаранок ва натиҷабахш намудани соҳаҳои муҳимми ҷомеа метавонад аз модели рушди иқтисодии Сингапур бевосита истифода барад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои имконоти хуби энергетикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва инчунин, захираҳои бойи табиӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои дар амал татбиқ намудани имкониятҳои мавҷуда бо назардошти таҷрибаи Сингапур ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд тадбирҳои зеринро пеш гирад:

1. Ҳукумати ҶТ ҳарчи бештар ҳамкориҳои илмӣ, иқтисодӣ ва сиёсии худро бо Сингапур тақвият бахшида, ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои энергетика, коркарди ашёи хом, сарватҳои зеризаминӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос ба соҳаҳои низоми бонкӣ ва низоми маориф ба роҳ монад, то ин ки бо тарзу усули таҷрибаи Сингапур ин соҳаҳо рушд ёбанд.

2. Масъалаи қонунгузории кишвар, махсусан мубориза бар зидди фасод бояд шадидан ба роҳ монда шавад, зеро омили пешрафти тамоми соҳаҳо ба сатҳи пасти фасод дар кишвар вобастагӣ дорад. Чи ба соҳаи маориф ва чи ба сиёсати зиддикоррупсионӣ бевосита ҳокимияти иҷроия сару кор гирад.

3. Таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба соҳаи маориф мебояд боз ҳам мақсадноку самарабахш роҳандозӣ шавад. Масалан, чи дар боғчаҳо ва чи дар мактабҳои миёнаву олӣ бояд таваҷҷуҳи хосса ба кӯдакони болаёқат (вундеркиндҳо) равона шавад. Ҳатто, ҳар як шаҳру ноҳия гурӯҳҳои чунин истеъдодҳоро ташкил намуда, бо шарту шароити баланд таълиму тарбия дода шавад. Ҳар сол онҳо аз имтиҳон ё тести махсус (IQ) гузаронида шуда, беҳтаринҳо ба мактабҳои машҳури ҷумҳурӣ ройгон дохил гарданд. Ин раванд дар саросари ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, маркази он шаҳри Душанбе бошад. Касбу ихтисос бо назардошти донишу малакаи онҳо муайян гашта, вобаста ба ин таҳсилро бо устодони баландихтисос гузаранд. Раванди таълиму тарбияи онҳо мебояд аз кӯдакӣ то ба дараҷаи донишҷӯйӣ, аспирантӣ ва докторантӣ таҳти таваҷҷуҳ ва ғамхории бевоситаи давлат қарор гиранд.

4. Ҷиҳати баланд бардоштани сиёсати кадрӣ, тайёр кардани кадрҳо чи дар дохил ва чи дар хориҷ, инчунин ҷобаҷогузории кадрҳо бояд таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи худро сарфи назар аз мушкилоту монеаҳо ба соҳаи маориф ва илм равона созад. Чунин сиёсат мебояд аз боғча то ба донишгоҳҳову донишкадаҳо, ҳатто то ба аспиранту докторантҳо равона шавад.

5. Дар мавриди соҳибкории хурду миёна. Бо назардошти банд будани бозори ҷаҳонӣ истеҳсол ва фурӯши молҳои саноатии рақобатпазир, таъсиси корхонаҳои бузург, мавҷудияти маблағҳои бузург ҳукумати кишварро зарур меояд, ки ба рушди соҳибкории хурд ва ҳатто, дар заминаи оилавӣ вусъат бахшад. Аз ҷониби дигар, барои рушди соҳа имтиёзоти муайян ва қонунгузории мушаххас зарур мебошад.

6. Барои бартараф намудани масъалаи бекорӣ ҳукумати кишварро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи Сингапур ҳаҷми андоз ва пардохтҳои гумрукӣ, андоз аз даромадро ба мақсади ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, бахусус ширкатҳои фаромиллӣ кам намояд. Бо таъсиси филлилали ширкатҳои фаромиллӣ имкони фароҳам омадани теъдоди зиёди ҷойҳои корӣ ва даромад ба буҷа мавҷуд мебошад.

7. Тавре маълум, масъалаи демографӣ яке аз мушкилоти мубрами кишвари мо ба шумор меравад. Хуб мешуд, ки бо истифодаи таҷрибаи Сингапур ва бо назардошти хусусиятҳои хосси миллӣ ва фарҳангӣ сиёсати демографии кишварро таҷдиди назар намоем. Афзоиши бемайлони демографӣ яке аз унсурҳои асосии коҳиши суръати иқтисодӣ, баланд шудани сатҳи бекорӣ, паст шудани сатҳи саводнокии ҷомеа ба шумор меравад.

8. Сохтмони хонаҳои истиқоматӣ. Бо истифода аз таҷрибаи Сингапур давлат метавонад сохтмони хонаҳои истиқоматиро пурра ба уҳдаи худ гирифта, барои кадрҳои ҷавони болаёқат, мутахассисони технологӣ, олимони ҷавон ва дар маҷмӯъ, хизматчиёни давлатӣ бо нархҳои арзон ва ба тариқи қарзӣ (ипотекаи давлатӣ) пешниҳод намояд.

9. Ба роҳ мондани сиёсати дурусти технологӣ; ҷалби ҷавонони болаёқат дар соҳаҳои технологияи инноватсионӣ; қабули барнома ё стратегияи мукаммали рушди технологӣ; ҷорӣ намудани майлони технологӣ дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва омӯзишгоҳу донишгоҳҳои кишвар.

10. Бо дарназардошти имконоти мамлакат афзоиши захираи тиллои давлатӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва қурби асъори миллӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Горячкин Т.В. Страны мира. Современый справочник / Т.В Горячкин, И.Г Ярич. - М., 2014. - 400 с.
2. Косырев Д. Искусство быть неприятным // Независимая газета. - 2000.
3. Латынина Ю.Л. Русский булочник / Ю.Л. Латынина // Очерки либерал-прагматика. - М.: Астрель, 2012. - С. 272. [Электронный ресурс]. http://vikent.ru/author/1570/
4. Ли Куан Ю. Сингапурская история: Из третьего мира–в первый / Ли Куан Ю. - 419 с.
5. Макаров. Юго Восточная Азия / Макаров. – Масква, 1996. - С.250.
6. Мировая экономика / под ред. А.С. Булатова. - М., 1999.
7. Оймаҳмадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон / М. Оймаҳмадов, М. Муртазоев. - Теҳрон, 2001. - 850 с.
8. Сироҷиддинов Н. Назари иқтисодӣ / Н. Сироҷиддинов // Экономическое обозрение. - 2003. - Нашри 8.
9. «Страны и регионы мира 2003», экономико-политический справочник / под ред. А.С. Булатова. - М., 2003.
10. Страны мира от А до Я / составитель Романцова С.А. – Харьков, 2007. - 352 с.
11. [Электронный ресурс]. http://news.rambler.ru/7594948/ / Загадка Сингапура глазами инвесторов: как можно добиться лидерства в мире, стартуя с нуля / 19 - сентябрь - 2010;
12. [Электронный ресурс]. https://www.google.ru. /wikipedia.org/Ли_Куан_Ю;
13. [Электронный ресурс]. http://www.vestifinance.ru/infographics/1486/ Структура экономика Сингапур (в %ВВП)

## МОДЕЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ СИНГАПУРА И ЕЕ РЕАЛИЗАЦИЯ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена описанию модели экономического развития Сингапура и опыта его реализации в условиях Таджикистана. Как известно, регион Юго-Восточной Азии, особенно Сингапур за короткий промежуток времени стал одним из самых развивающихся стран, не только в регионе, но и во всем мире. Сингапур является высокоразвитой страной с торгово-ориентированной рыночной экономикой. Экономика Сингапура занимает первое место как наиболее открытый в мире, наименее коррупционный, с низкими налоговыми ставками (14,2% валового внутреннего продукта, ВВП) и занимает третье место по ВВП на душу населения в мире. В статье автор на основе конкретных примеров предлагает использовать опыт сингапурских реформ в деле процветания экономики РТ.

**Ключевые слова:** ЮВА, Сингапур, регион, модель, стратегия, внешняя политика, инвестиция, ВВП, реформа, экономика РТ.

## SINGAPORE ECONOMIC DEVELOPMENT MODEL AND ITS IMPLEMENTATION IN TAJIKISTAN

The article describes the model of the Singapore Economic Development and its implementation in Tajikistan. As it is clear, South-East Asia, particularly Singapore for a short time became the most developing country, not only in the region but also worldwide. Singapore is a highly developed trade-oriented market economy and its economy has been ranked as the most open in the world, least corruption, most pro-business with low tax rates (14.2% of Gross Domestic Product, GDP) also has the third highest per-capita GDP in the world. Under his leadership, Singapore from a poor country "Third World" became one of the richest countries in the world.

**Keywords:** Southeast Asia, Singapore, region, model, strategy, foreign policy, investment, economic miracle, GDP, potential corruption.

**Сведения об авторе:** ***Х.Б Пайвандов*** - асссистент кафедры зарубежного регионоведения ТНУ.
Телефон: **(+992) 985-56-25-30.** E-mail: khayriddinjon@mail.ru

# АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФИИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ

***М.И.Қаландаров***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибн ал-Ҳасан ибни Алӣ Фахриддин ар-Розӣ соли 1149 дар шаҳри Рай таваллуд шуда, соли 1209 дар шаҳри Ҳирот аз олам даргузаштааст. Ӯ дар марказҳои таълимӣ ва илмии Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Ҳирот, Хуросон ва дар назди устодони машҳури каломи фиқҳ ба мисли падараш Зиёуддин Умар, Маҷдуддини Ҷелӣ, Камоли Симнонӣ таълим гирифтааст. Ба ғавли Амин Ша{одат дар асараш «Муғаддима» ағидае мавҷуд аст, ки Фахри Розӣ устодони зиёдеро дарк накард, шояд ҷуз падараш, ки бе{тарин устод, барояш буд, пас аз маргаш Маҷдуддини Ҷелӣ мебошад, ки наздаш го{е дар Мароға ва го{е дар Рай фалсафаро меомехт. Фахриддини Розӣ устоди нахустини худро дар калом падараш Зиёуддини Умар ва сипас Камоли Симнонӣ ва дар фалсафа бошад Маҷдуддинии Ҷелиро ном мебарад. [1]Вале, дар баробари ин, Розӣ дар усул пайрави Имом Ҳамбал ва дар калом ҷонибдори Абӯҳасани Ашъарист.[2] Сабаби устоди нахустин дар калом падарашро ном бурдани Розӣ дар ин аст, ки ӯ асаре дошт бо номи «Ниҳоят-ул-маром фи доройят-ул-калом», ки доир ба ихтилофоти каломӣ дар доираи раиши каломи ашъария ва пайравонӣ ин мактаб таълиф шуда буд, омехтааст. Зеро ин китоб фарогири мавзӯъҳои «халқи аъмол», «иститоат», «касб» ва ихтилофоти ақидатӣ миёни макотиб ва мазоҳиби мхталиф аз ғабили: шиаву имомия, муътазила исмоилия, каромия ва дигарон навишта шуда буд. Дар баробари ин, дар ташаккули ақоиди каломиву фалсафии Фахриддини Розӣ на танҳо осори мутакаллимон, балки осори як қатор файласуфон низ таъсири амиқ гузоштаанд. Аҳли калом, ки дар аксар маврид ҷонибдорӣ аз таълимоти Афлотун ва аҳли машшоъ аз Арасту мекунанд. Имом Фахриддини Розӣ дар баробари пайравӣ аз Афлотун карданаш, инчунин аз Арасту, Ҷолинус, Форобию Сино, Ғаззолӣ, падараш Зиёуддин Умар ва Маҷдуддини Ҷелӣ ва намояндагони муътазила низ пайравӣ кардааст. Вале дар аксар мавридҳо ба муқобили аҳли дигар макотиб ва мазоҳибу фалосифа, ҳатто мутакаллимони ашъария низ ибрози ағида карда, андешаи мустақили худро иброз кардааст. Нақши Фахриддини Розӣ дар ташаккули фалсафа ва каломи исломӣ дар он аст, ки ӯ дар шинохт ва дарки масоили каломӣ тафсири ақлиро ба кор бурдааст, на нақлиро, ки аз ҷониби баъзе мавриди интиқод ва аз ҷониби баъзеи дигар ҷонибдорони зиёде пайдо кард. Аз байни дигар осори Розӣ «Тафсири кабир»-аш мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифт ва андешаҳои мухталиферо ба миён овард. Масалан, Ибни Таймия мегӯяд: «Дар ин асар ҳама чиз {аст, ба ҷуз тафсир», ки дар ҷавоби ин матлаб Салоҳуддини Сафдӣ чунин мегӯяд: «Дар ин китоб ҳама чиз ҳаст, ҳатто тафсир».[3] Яке аз муфассирони муосир низ доир ба ин китоб чунин зикр мекунад, ки осори каломиву фалсафии Фахриддини Розӣ дар заминаи таҳлилҳои мантиқӣ-фалсафӣ таълиф шудаанд, ки иборатанд аз: «Мабоҳис-ул-машриқия», «Мулаххас», «Матолиб-ул-олия», «Асос-ут-тақдис», «Асрор-ут-танзил», «Мафотиҳ-ул-ғайб» (Тафсири кабир), «Бароҳин дар илми калом», «Рисолат-ул-каломия фи-л-ҳақоиқ-ул-илоҳия», «Муҳассил-ул-афкор ил-мутақаддимин в-ал-мутааххирин мин ал-ҳукамо в-ал-мутакаллимин» («Баёни мухтасари афкори олимон, ҳакимон ва мутакаллимони гузаштаю имрӯза») ва ғайраҳо мебошанд. Ӯ дар асари «Рисолат-ул-камолия фи-л-ҳақоиқ-ул-илоҳия» андешаҳои каломияшро пешниҳод карда, доир ба илми мантиқ, масоили илоҳӣ, аз ҷумла зоту сифот ва афъолу аъмол, ҷисму ҳаракат баҳс карда,

моҳияти ҷузъи лоятаҷазоъ (атом), ҳаюлову сурат ва ғайраро ифода кардааст. Аслан осори Фахриддини Розӣ ба чор гурӯҳ: 1). улуми ақлӣ (фалсафа, мантиқ, калом ва ҷадал), 2) риёзиёт ва табииёт, 3) улуми адабӣ (ҷисм, ақл, нафс), 4) улуми динӣ (фиқҳ, усул, тафсир) тақсим мешаванд. Масалан, асари «Мабоҳис-ул-машриқия» роҷеъ ба фалсафа буда, доир ба масоили илоҳиёту табииёт, вуҷуду моҳият, ваҳдату касрат, воҷиб-ул-вуҷуду имкон-ул-вуҷуд, азалу абад, ҷавҳару араз, камияту кайфият, иллату маълул ва дигар масоил навишта шудааст.

Ин ҷо, мо мехо{ем назари Фахри Розиро доир ба як масъалаи ба{сталаби фалсафии он даврон, яъне тану нафс, ки дар асрҳои миёна то андозае мавзӯи ба{сталаб буд, таҳлилу баррасӣ намоем. Зеро, мавзӯи тану нафс масъалае мебошад, ки дар {ама давру замон, на танҳо дар фалсафа, балки дар тамоми илмҳои гуманитарӣ мавриди та{лилу омезиши васеъ ғарор мегирад. Е таъкид мекунад, ки муроди мо аз нафс он чӣ аст, ки бар вай далел бошад то он ҷо ки гуфт: «анна фаъалту ва анна адаракту» ва чун ин маълум шуд, гӯем ақлро ихтилофи бисёр сахт аст дар моҳияти нафс. Дарки он мазоҳид ин аст, ки гӯем «аллази юширу илайҳи куллу воҳидин биқавлиҳи ано иммо ан якуну ҷисман…ал-қисми таркибан авало ҷисмоиян…таркибан суноиян».[4]

Фахри Розӣ доир ин масъала дар як қатор осори худ, аз қабили «Китоб-ун-нафс в-ар рӯҳ», «Ал-бароҳин дар илми калом», «Ар-рисолат-ул-каломия фил ҳақоиқ ил-илоҳия», «Ал-мабоҳис-ул-машриқия», «Ниҳоят-ул-уқул», «Тафсири кабир», «Ҷомеъ-ул-улум», «Асрор-ут-танзил», «Сайри нафс», «Рисола дар худшиносӣ» ва дигар осораш мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Розӣ чун файласуфони пешин, монанди Афлотуну Арасту, Форобиву Сино нафсро чун каломи ҷисм, мабдаи ҳаётбахшу муҳаррики мавҷудоти зинда як омили равандҳои рӯҳӣ фаҳмида, аз рӯйи дараҷаҳои такомули зуҳури ҳаёти мавҷудот онро ба нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо карда якеро ҳамчун замина барои дигар донистааст. Ба қавли ӯ, нафси наботӣ ба нафси ҳайвонӣ мутеъ буда, дар натиҷа ҳардуи ин нафсҳо дар якҷоягӣ ба нафси инсонӣ хизмат мекунанд. Нафси инсонӣ, ки нафси нотиқа низ зикр мешавад, ду нафси дигарро дар бар мегирад. Вале, нафси наботӣ нафси ҳайвонӣ ва нафси ҳайвонӣ нафси инсониро фаро намегирад, зеро нафси инсонӣ дар дохили худ қувваи наботиву ҳайвонӣ дорад.

Ба қавли ӯ, моҳияти нафси наботӣ дар қобилиятҳои ғозия, номия ва муваллида зоҳир мегардад. Асоси ин қобилиятҳо номия ва ғозия буда, бе ғизо таваллуд ва нумӯъи он{о муҳол аст, чунки ивазшаваии ғизо дар наботот бо роҳи ҷазб, таъвиқ, ҳифз, ҳазм ва хориҷ кардани моддаҳои нолозимаи тан ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи ин раванд наботот ғизои ҷазбшударо бо қувваи ҳозима ба узви таркибии худ табдил медиҳад ва аз ҳисоби он нумӯъ мекунад. Илова бар ин, нафси ҳайвонӣ қобилияти ҳаракат ва идрокро дар худ дошта, ҳамчун мабдаъи ҳаракат қувваи шаҳват ва ғазаб мебошад. Дар баробари ин, Фахриддини Розӣ қобилияти идрокро ба ду навъ: зоҳириву ботинӣ ҷудо карда, ба ин қобилиятҳо ҳамчун восита, панҷ ҳиссиётро низ {амчун хизматгор нишон додааст. Ба ғавли е хоссиёти зоҳирӣ шаклу хосиятҳои ашёро бо ёрии ҳиссиёти ботинӣ: майлҳо ва маънӣ {амчун душмани ашадӣ ба {исоб меравад. Инчунин, нафси инсонӣ ғайр аз ин қобилиятҳои зикршуда, боз ба ду навъ қобилият: назариву амалӣ тақсим мешавад, ки ҳар яке дорои вазифаи ба худ хос аст. Вазифаи қобилияти назарӣ идроки куллиёт ва ҷузъиёт буда, қобилияти амали танро идора мекунад.

Фахриддини Розӣ дар ин назария то андозае ба таълимоти файласуфоне, бахусус Ибни Сино ва мутакаллимоне чун Муҳаммади Ғаззолӣ майл карда, ба онҳо ҳамақида ва дар баъзе мавридҳо мухолиф мебарояд. Масалан, Розӣ ақоиди аҳли фалосифаро доир ба нафс дар ҳолати аслиаш қабул надорад, чунки онҳо (файласуфон) нафсҳои наботиву ҳайвониро аз ҷисм ҷудо намекунанд. Зеро онҳо (файласуфон) ба истиснои нафси инсонӣ нафсҳои дигар ({айвониро низ) бо фаъолияти ҷисм вобаста дониста, бо фанои ҷисм, нест шудани онро низ як медонанд, дар ҳоле, ки Фахриддини Розӣ муғобили он{о ҳама гуна навъҳои нафсҳоро аз ҷисм ҷудо мешуморад. Аз ҳамин мавқеъ, Фахриддини Розӣ таълимоти ҳукамои табииро рад мекунад,ки онҳо нафсро ҷисмонӣ мепиндоранд ва зуҳуроти онро дар аҷсоми чоргона, хун, хосияти эътидоли аркон, мизоҷ ва амсоли онҳо медиданд. Аз ҷониби дигар, Фахриддини Розӣ низ ба пуррагӣ ба ин қавли онҳо истодагарӣ карда наметавонист, зеро аз ҷисмонӣ ё хосияти ҷисм будани нафс натиҷаҳое мебаромад, ки муқобил ба таълимоти фалсафаи калом дар бораи фанонопазирии нафс, ҳашру нашр ва сазову ҷазо буд. Пеш аз Фахриддини Розӣ Муҳаммади Ғаззолӣ дар асараш «Ал-мунқиз мин аз-залол» ба муқобили онҳо баромада, қайд мекунад, ки мувофиқи раъйи табииён таносуби мизоҷ ба аъзои нерӯи ҳайвон таъсири бузург мерасонад. Бинобар ин, онҳо гумон мекунанд, ки нерӯи фикрии инсон ҳам ба мизоҷи ӯ вобаста аст ва он баробари нест шудани мизоҷ аз миён меравад. Аз ин ҷост, ки онҳо дар бораи мурдани нафс ва бознагаштани он хулоса бароварда, охиратро инкор мекунанд ва ба ҷаннату дӯзах, эҳё, қиёмат, ҷазову сазо мункиранд.

Дар натиҷа, Фахриддини Розӣ дар аксар ҳолат пайравӣ аз машшоия ва дар мавриди дигар аз аҳли калом ҷонибдорӣ кардааст. Аз назари ӯ, нафс ҷавҳари ҷисмониест, ки дар дохили бадан ҳосил мешавад ва аз аввал то ба охир дар он боқӣ мемонад. Инчунин, аҷзои бадан аз ду қисм: аҷзои аслӣ ва аразӣ ё табъӣ иборат аст, ки аҷзои аслӣ аз аввал то ба охири умр дар он боқӣ монда ҳаргиз каму зиёд

намешаванд. Вале аҷзои аразӣ ё табъӣ гоҳ зиёд ва гоҳ кам мешавад. «Ва ҳақиқати нафс он аҷзои аслӣ аст ва аҷзои аслии ҳар кас нисбат ба дигар аҷзои фозил табъӣ бошад, ки ин қавли мо ва бештари мутакаллимон аст».[5]

Ба фикри Фахриддини Розӣ, тафовути нафсу ҷисм тамоман возеҳ аст, зеро ҷон мавҷудест муҷаррад аз модда, ки на ҷисм аст на ҷисмонӣ ва се далел низ дорад.

**Далели аввал.** Нафс ҷисм ва хосияти ҷисм нест, балки хосияти муҷаррад аст, зеро ҷисм тағйиру табдил меёбад ва нобуд мегардад, вале нафс баръакси ҷисми мутағйир, дар ҳама ҳолат бетағйир боқӣ мемонад. Масалан, ӯ далелеро меорад, ки ба бадеҳии ақл маълум мекунам ва медонад, ки ман ҳамон касам, ки беш аз ин ба даҳ сол ва бист сол будам ва медонам, ки аҷзои бадани ман ғайри он аҷзо аст, ки даҳ ва бист сол пеш буд…

**Далели дувум**. Ҳар гоҳ ки дар ҷисм тасвире пайдо шавад, дар он тасвири дигаре пайдо намешавад. Масалан, агар дар пораи шамъ нақше ба вуҷуд ояд он шамъпора то нест шудани нақши якум нақши дигаре қабул намекунад, зеро ҷисм дар як вақт як нақш қабул мекунад.

**Далели сеюм**. Агар тан қавӣ шавад рӯҳ заиф мегардад, вале агар тан заиф шавад рӯҳ қавӣ мегардад. Бисёр фикр кардан, фикрро ба камол мерасонад ва сабаби беҳолии тан мешавад. Зеро ҳангоми фикру андешаи доимӣ одам аз хӯрдану хуфтан ва лаззату шаҳват маҳрум монда, танро хаставу бемор мекунад[6]

Дар натиҷа Фахриддини Розӣ тафовути тану нафсро ҷудо ва муайян карда, якеро бо дигаре вобаста немедонад. Ба қавли ӯ, нафс на хосияти ҷисм, балки ҷавҳари мустақилест, ки бо тағйироти дар ҷисм баамалоянда ҳеҷ вобастагие надорад, баръакс ба якдигар муқобиланд. Аз ин рӯ, он чӣ сабаби нуқсонии ҷисм аст сабаби камолоти рӯҳ мебошад ва он чӣ сабаби нуқсонии рӯҳ аст, бешак сабаби камоли тан аст, яъне бисёр фикр кардан дар улум сабаби камоли ақлу роҳати рӯҳ ва ҳамзамон сабаби бемориву нуқсонии тан мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Имом Фахри Розӣ. Тафсири кабир. Ҷ.1. Саҳ. 12.
2. Алӣ Акбар. Луғатномаи Деххудо. Ҷ.8. саҳ. 134. Ва Ҷ.37. саҳ. 78.
3. Дуктур Алӣ Асғари Ҳалабӣ. Торихи илми калом дар Эрон ва ҷаҳони ислом. Саҳ. 268.
4. Фахирддини Розӣ. Ал-бароҳин дар илми калом.ҷ.1. саҳ. 281.
5. Фахруддини Розӣ. Ал-бароҳин дар илми калом. Ҷ.1. Саҳ. 282.
6. Ҳамон ҷо
7. Дуктур Али Асғари Ҳалабӣ. Таърихи фалосифаи Эрон аз оғози ислом то имрӯз/ Дуктур Али Асғари Ҳалабӣ. -Теҳрон, 1381 С.495.
8. Қодиров Карим. Таърихи фалсафаи тоҷик. / Қ. Карим.-Душанде,1998.
9. Комилов Рустам. Таърихи фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз /К. Рустам.-Душанбе, 2011.
10. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих / М. Рашод.-Душанбе: ч. 3-4, 2002.
11. Нозирҷон Арабзода. Фахриддини Розӣ.Н. А.Рраабзода.-Душанбе,1993.
12. Фахриддини Розӣ. Бароҳин дар илми калом / Ф. Розӣ-Теҳрон, 1369.
13. Фазриддин Розӣ. Ҷоме-ул-улум.Ф. Розӣ.-Тошкент, 1914.
14. Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон / Э.Табарӣ.-Теҳрон, 1948.


### ФИЛОСОФСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ ФАХРИДДИНА РАЗИ


В настоящей статье рассмотрены взгляды Фахриддина Рази о теле и душе. Он как и предыдущие философы-Платон, Аристотель, Фараби и Сино, считает душу как совершенство тела, жизнедарующий источник, двигатель живых существ и фактор психических процессов и разделяет её по степени проявления жизни существ на растительную, животную и человеческую. Растительная душа подчинена животной душе и оба они служат совместно человеческой душе. Человеческая душа, именуемая также говорящей душой, охватывает две другие души. Животная душа обладает способностью движения и восприятия, являясь источником движения, сексуальной энергии и силы гнева. Фахриддин Рази разделяет способность восприятия на внешнюю и внутреннюю; этим способностям как средство служат пять внешних и внутренних чувств.



**Ключевые слова:** душа, разум, тело, совершенство, акциденция и субстанция, понимание, полное собрание сочинений, подробность, теология, естествознание, существование, сущность, недостаток, количество и качество.


### PHILOSOPHICAL VIEWS FAHRIDDIN RAZI


This article examines the views Fakhriddin Rosie the body and soul. He is like the previous philosophers Plato, Aristotle, Farabi and Sino considers the soul as the perfection of the body, zhiznedaruyuschego source engine beings and factors of mental processes and divides it by the degree of manifestation of life exists on plant, animal and human. Vegetative soul is subject to the animal soul, and they both serve together the human soul. The human soul, also called soul speaking, encompasses two other souls. The animal soul is capable of movement and perception, being the source of the movement, the sexual energy and power of anger. Fahriddin Rosie shared ability to perceive the foreign and domestic; these abilities as a means to serve five external and internal senses



**Key words:** soul, mind, body, perfection, accidents and substance, understanding, complete works, detail, theology, science, existence, essence, the lack, the quantity and quality.



**Сведения об авторе:** ***Каландаров М.И.*** **–**аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **93-866-64-11**

# МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ТАФСИРИ «АЛ-КАШШОФ»

***Сироҷиддинзода Меъроҷиддин***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Мутафаккири бузург Абулқосим Маҳмуди Замахшарӣ (1075-1144) дар таърихи илми калом саҳми арзандае гузоштааст. Вай осори зиёде навиштааст, ки то замони мо шумори зиёде аз онҳо боқӣ мондаанд, аз он ҷумла тафсири маъруфу машҳури ӯ “ал-Кашшоф”,ки то ҳол арзиши худро гум накардааст. Муаллиф дар ин китоби хеш ақидаҳои каломии худро матраҳ намудааст, ки номи китоби Замахшарӣ «ал-Кашшофу ан ҳақоиқи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фи вуҷӯҳи-т-таъвил» машҳур буда, *(Кашфкунанда аз ҳақиқатҳои Қуръон ва асли суханҳо дар роҳҳои таъвил) ё (Равшангарии ҳақиқатҳои Қуръон ва сарчашмаҳои андешаҳо дар ҷанбаҳои таъвил)* мебошад, ки сабаби чунин номгузорӣ шудани асари худро мутафаккир дар муқаддимаи ин асар ба таври зайл шарҳ додааст:

«…як гурӯҳ ҷамъшуда ба ман пешниҳод намуданд, ки барои онҳо оиди кашфи ҳақоиқи Қуръон ва асли суханҳо дар роҳҳои таъвил, тафсире нависам» [1, 3]. Аммо «ал-Кашшоф» номгузорӣ шуданаш аз нусхаи аслии мусанниф гирифта шудааст, ки ба хатти худи ӯ тааллуқ дошта, чунин мегӯяд: «Ин нусха нусхаи аслӣ мебошад, ки аз сиёҳнависи дар Ҳарамайн (Макка ва Мадина-М.С) навишта рӯбардор шудааст»[1, 4], яъне дар ҳамон нусха ба ҳамин ном ёд шудааст.

Инчунин, дар баъзе нусхаҳои чопии ин китоб калимаи **«ғавомиз- غوامض»**, ки маънои норӯшанӣ ва номафҳумиро ифода менамояд, илова намудаанд, то ки номи китоб «ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюнил ақовил фи вуҷӯҳи-т-таъвил» гашт ва бо ҳамин ном ҳам шарқшиноси олмонӣ К.Брокелман дар асари хеш «Таърихи адабиёти араб» онро зикр менамояд [3, 216]. Инчунин Брокелман зикр менамояд, ки дастхатҳои зиёде аз ин китоб дар аксари китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуд аст [3, 216].

Ин китоб чандин маротиба чоп шудааст. Аз он ҷумла соли 1276 ҳ.қ. дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон, соли 1281 ҳ.қ. Булоқ, соли 1307-1308 бо иловаҳои Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ҷурҷонӣ, солҳои 1318, 1319, 1344,ҳ.қ. дар Қоҳира, соли 1354 ҳ.қ. ҳамроҳ бо китоби «ал-Интисоф»-и Ибни Мунири Искандарӣ ва ҳошияи ал-Марзуқӣ ва «ал-Кофӣ-ш-шофӣ фи тахриҷил аҳодиси-л-Кашшоф»-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ ба табъ расидааст [2, 242]. Ахиран соли 2002 аз ҷониби Маркази аҳли суннати Баракат Разои Ҳинд зери таҳқиқи Муҳаммад Абдусалом Шоҳин бо ҳошияҳои дар боло зикршуда чоп гардид.

Мусанниф дар нусхаи асл таърихи таснифи китобро чунин зикр менамояд:«…Мусанниф китобро рӯ ба рӯйи Каъба дар канори хонааш Сулаймония, воқеъ бар дари мадрасаи Аллома субҳи рӯзи душанбе 23-рабиъу-л-аввал соли 528 ҳ.қ. ба охир расонидааст» [11, 2].

Замахшарӣ дар муқаддимаи китоби тафсираш зикр менамояд, ки китобро дар муддати вақти хилофати Абӯбакри Сиддиқ[8] ба итмом расонидааст. Соли 526 ҳиҷрӣ қамарӣ, ҳангоме ки дуюмбора ба Макка бармегардад, ба навиштани ин китоб оғоз мекунад, ки муддати 3 сол дар Макка боқӣ мемонад. Мавзӯи китоб асосан тафсир буда, бо роҳҳои гуногун: баъзан тафсир аз роҳи наҳв, баъзан аз тариқи балоғату баён, аммо ғолибан аз роҳи фалсафа баён мешавад. Тафсири «ал-Кашшоф» бо ин хусусиятҳояш аз кулли тафсирҳои дигар фарқ дорад ва яке аз тафсирҳое мебошад, ки ба эъҷози баёнӣ ва лафзии Қуръони карим аҳамияти зиёд додааст. Муаллиф дар тафсири оятҳо бисёр талош варзидааст, ки бо истиора, маҷоз ва қолабҳои балоғӣ мисолҳо орад, ки тамоми ин ба хотири нишон додани зебогии услуби Қуръон ва камоли назми ӯ мебошад. Аз ин рӯ, аз ҳама фарохтарин ё васеътарин тафсир дар ин бобат мебошад [8, 443]. Сабаби навиштани ин китобро муҳаққиқон ба таври гуногун баён мекунанд. Баъзе аз муҳаққиқони бадхоҳ мегӯянд, ки он барои паҳн намудани фирқаи эътизол таълиф шудааст. Аммо худи Замахшарӣ дар муқаддимаи ин китоб чанд сабабро зикр намудааст, аз он ҷумла:

1) Гурӯҳе аз бародарон барои тафсири баъзе оятҳои Қуръони карим аз ӯ суол менамуданд. Ҳангоми дарки баъзе ҳақиқатҳо тааҷҷуб ва ҳайронии онҳо меафзуд. Аз ин рӯ, аз мусанниф хоҳиш карданд, ки ҷиҳатҳои норавшани оятҳои Қуръонро бахри онҳо рӯшанӣ андозад.

2) Ҳангоме ки Замахшарӣ рӯ ба Макка ниҳод, дар кишварҳои гуногун мардумонеро медид, ки ҳама ташнаи суханони ӯ доир ба тафсири Қуръон буданд, зеро толибилмони ин кишварҳо хабар ёфта буданд, ки шогирдони Замахшарӣ аз чашмаи файёзи ӯ баҳравар буданд, сипас Замахшарӣ барои сероб кардани ташнагони каломуллоҳ ба таълифи «ал-Кашшоф» шурӯъ мекунад.

3) Ҳангоме ки ӯ ба Макка фуруд омад, Имом Абӯҳасан ба наздаш омада, гуфт: «Мардумро аз ташнагӣ бираҳон, рағбати мардумро қонеъ кун, хулоса тафсире бинавис!»

Ин омилҳо боис шуданд, ки Замахшарӣ азму иродаи қавӣ барои навиштани «ал-Кашшоф» касб намояд. Ӯ дар рӯйхати 10-гонае, ки арабҳо онҳоро «заррабин ё

---

[8] Абубакри Сиддиқ, халифаи аввалини дини Ислом.

донандаи нозукиҳои кор» ба истилоҳи имрӯза «topten», меномиданд, даромада буд ва аз ин ҷиҳат ӯ дар навишти китоб кӯшиш намуд, ки хулосаи суҳбатҳояшро оид ба тафсири оятҳо бо пуштибонии исломи ноб оғоз намояд [1, 6]. Аммо ба андешаи мо ду омили асосие буданд, ки вайро маҷбур ба навиштани тафсир карданд:

1. Вай дар замони худ яке аз олимони машҳур дар илмҳои гуногун буд. Аз ин рӯ, бояд ин корро анҷом медод, чунки ин як масъулияти илмӣ ва ҳам масъулияти имонии вай ба шумор меравад.
2. Ӯ дар наҳви арабӣ ва балоғат хеле забардаст буд ва ин ду илм яке аз илмҳое мебошанд, ки шахси муфассир аз онҳо бояд хуб огоҳӣ дошта бошад.

Роҳу равиши муаллифро дар ин китоб муаяйн намудан хеле мушкил аст, зеро баъзеҳо ӯро забоншинос, баъзе балоғӣ ва аксар муътазилии мутаассиб меҳисобиданд. Замахшарӣ дар **«ал-Кашшоф»** ҳамчун муътазилӣ ва муътақиди ақл-ҷилва менамояд. Ба андешаи ӯ ақл аз суннат, иҷмоъ ва қиёс пеш меистад [1, 511]. Ӯ ин тафсирашро майдоне барои даъвати мазҳабаш ва ҳимояту ёрӣ аз ӯ қарор додааст. Дар тафсири оятҳо бошад, роҳҳои зеринро пайгирӣ намудааст:

1) Тафсирашро бо номи сура, шумори оятҳои он, макони нозил шуданашон дар Макка ва ё Мадина оғоз менамояд. Гоҳо сабаби нозили онро ҳам номбар мекунад. Пас маънои оятро бо ёрии наҳву балоға баён менамояд. Услуби баҳсу музокираро дар равшан намудани маънoҳои нуҳуфтаи оятҳо ба кор меандозад ва ба баъзе масъалаҳое, ки ба онҳо таалluқ дорад ишора мекунад. Баҳсу музокирааш ба тариқи суолу ҷавоб оиди масъалаҳои матраҳшуда мебошад. Суолро бо сухани худ оғоз менамояд, мегӯяд: «Агар чунин гуфтӣ» боз худаш ҷавоб дода чунин мегӯяд: «Чунин гуфтам»

2) Замахшарӣ болои баъзе оятҳое, ки маъноящон равшан асту аз афкору сарчашмаҳои муътазила пуштибонӣ мекунанд, зиёд меистад ва он оятҳоро муҳкам меномад ва он оятҳое, ки ба зоҳири усули эътизол мувофиқ нестанд, мушобеҳашон мегардонад.[9] Аз ин ҷо муайян кардани мавқеи ӯ, ки ба мазҳабаш хидмат мекунад, равшан аст. Дар ин роҳҳо чизе, ки дар тавонаш буд, бо истифода бурдани сарфу наҳв ва аломатҳои маҷозу равиши қироатҳо, ҳатто аз ҳадисҳои заифу сохташуда истифода мебурд [1, 115; 256; 509].

3) Роҳу равиши қироатҳоро дар оятҳо баён менамояд ва бо истифода аз онҳо маънои оятҳоро шарҳ медиҳад.

4) Қуръонро бо Қуръон тафсири ошкору бетаъвил мекунад, бахусус дар оятҳое, ки зоҳирашон ба андешаи эътизолӣ ё сарчашмаи онҳо дахл надошта бошанд [1, 330]. Инчунин, ҳадисҳои Паёмбар (с) ва сухани саҳобагони донишманд ва тобиинро дар тафсири сураҳо меорад ва оятҳои носиху мансухро баён месозад [1, 477; 598], (манзур аз носих ва мансух мазмуни оятҳоро дар назар дорад). Ба масъалаҳои фиқҳӣ, ва афкори донишмандон руҷӯъ ба онҳо ишора менамояд. Аз ривоятҳое, ки ба мазҳабаш зид набошанд, низ истифода мебарад, аммо ӯ муътадил аст, дар мазҳаби ҳанафии хеш таассуб надорад [1, 238; 281].

5) Дар иқтибос намудан аз ҳадисҳои набавӣ ва исроилиёт осонгирӣ намудааст. Аз ҳадисҳои заиф, ҳатто мавзӯъа, хусусан он ҳадисҳое, ки дар фазилати сураҳо мебошанд, иқтибос меорад. Бо вуҷуди ин дар аввалашон калимаи «ривоят кардаанд»-ро илова мекунад.

«ал-Кашшоф», бо вуҷуди он чизҳои эътизолие ки дорад, яке аз тафсирҳое ба шумор меравад, ки ба ҷанбаҳои балоғӣ ва забонии Қуръон диққат додааст. Муаллиф ҷумлаҳояшро бо мазмуни эъҷозӣ оятҳои Қуръон ва зебогии назми он оғоз менамояд, ки мо баъзе аз намунаҳои онро меорем:

Ҳайдари Ҳиравӣ[10] дар васфи «ал-Кашшоф» чунин гуфтааст: «...ва баъд тафсири «ал-Кашшоф» китоби баландмартаба, олишаън мебошад, ки мисли ӯ дар китобҳои пеш дида намешавад ва монандаш дар асарҳои баъд ворид нашудааст, бар устувории таркибҳои зебояш аз ҳама тафсирҳо пешдаст шудааст» [5, ҷ .1.с.1032; ҷ .2.с1483]. Аҷиб нест, «ал-Кашшоф» ин ҷойгоҳро дошта бошад, чунки аввалин асаре мебошад, ки сирри каломӣ ва балоғии Қуръон ва мазмуни эъҷози ӯро барои мо баён месозад, ҳамаи ин дар як қолаби адабии гуворо ва равиши навишти шево мебошад.

Таваҷҷуҳи Замахшарӣ ба ин паҳлӯи тафсир буд, ки ба муфассирини баъдина хусусан, шарқиён таъсири амиқе гузорад. Ҳар муфассире, ки пас аз ӯ омад, аз тафсири ӯ фоидаҳои зиёде бурд. Бисёре аз муҳаққиқон атрофи мавзӯҳои «ал-Кашшоф» таҳқиқот бурда, хусусиятҳои мазҳаби муътазила, мавзӯъҳои эъроб ва ғайраро рӯйи қоғаз овар данд.

Кутоҳбаёнӣ, ҷавобҳои дуруст ва сарчашмаи далелҳояш аз мадди назари муҳаққиқон дур намондааст.

Яке аз донишмандоне, ки атрофи «ал-Кашшоф» таҳқиқот бурдааст, ин имом Носириддин ибни Мунири Искандарӣ[11] (Моликӣ) мебошад. Ӯ дар китобаш

---

[9]Муҳкам ва мушобеҳ; муҳкам оятҳоеро мегӯянд, ки сараоҳатан бар чизе далолат менамоянд, мушобеҳ акси муҳкам мебошад.

[10] Ҳайдар ибн Муҳаммад ибни Шерозӣ, маъруф ба Ҳиравӣ, шогирди Тафтазонӣ, соли 780ҳ. тав. ва соли 854ҳ. вафот кардааст.

[11]Солҳои 620-283ҳиҷрӣ зиндагӣ намудааст.

«ал-Интисоф» мавзӯъҳои фарогири «ал-Кашшоф»-ро оиди мазҳаби муътазила баён намуда, дар масъалаҳои гуногуни ин китоб таҳқиқот бурдааст [5, ч .2.с.1477].

Илмиддин Абдулкарим ибни Алии Ироқӣ[12] баъди мутолиаи китоби «ал-Интисоф» китобе бо номи «ал-Инсоф» таълиф намуд, ки он байни «ал-Кашшоф» ва «ал-Интисоф» нақши беғаразона бозидааст. Олими дигар ба номи имом Ҷамолиддин Абдуллоҳ ибни Юсуф ибни Ҳишом[13] аз байни «ал-Кашшоф»-у «ал-Интисоф» китоби хурде навишт, ки он барои хонанда осонфаҳм аст.

Муҳаққиқи дигар Аллома Шарофиддин Ҳусейн ибни Муҳаммади Тайибӣ[14] барои «ал-Кашшоф» дар 6-ҷилд шарҳ навишт, ки он бузургтарин шарҳи «ал-Кашшоф» ба шумор меравад. Муҳаддиси дигар Абдуллоҳ ибни Юсуф ибни Муҳаммад аз-Зайлаъӣ ал-Ҳанафӣ оид ба ҳадисҳои китоби «ал-Кашшоф» таҳқиқот бурдааст.[15] Шаҳобиддин Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар дар китобаш ба номи «ал-Коф аш-шоф фи тахриҷи аҳодис-ил-Кашшоф» мухтасаран оид ба ҳадисҳои овардаи «ал-Кашшоф» навиштааст.

«ал-Кашшоф» бузургтарин тафсирест дар бораи мазҳаби муътазила, ки то замони мо омада расидааст. Замахшарӣ ақидаҳои мазҳаби муътазиларо аз дохили оятҳо шарҳ додааст, ки метавон онро хулосаи имомони пешини муътазила номид. Инчунин, ӯ аз тафсирҳои имомони пешини ин ҷараён истифода бурдааст [1, 70-75]. Бояд зикр намуд, ки Замахшарӣ дар баъзе масъалаҳои мазҳаби муътазила ихтилоф дошт, монанди: исботи азоби қабр [1, ч.1.с.449] ва исботи «улув» (العلو) дар баъзе аз мавзуъҳои «ал-Кашшоф» [1, ч.2.с.610]. Замахшарӣ навиштани тафсири «ал-Кашшоф»-ро мояи фахру шарафи хеш дониста мегӯяд:

Дар дунё тафсирҳо бешуморанд,
Ба виҷдонам қасам, ки ҳеҷ як нест мисли «Кашшоф».
Агар толиби ҳидоятӣ, рӯ ба Кашшоф ор!
Ҷаҳл чун дору «Кашшоф» чун давост [4, ч.5.с.491].

Олимон баъзе бардоштҳоеро қайд намудаанд, ки арзиши илмии онро каме костааст, масалан: 1) «Кашшоф» хос барои даъват ба сӯйи мазҳаби муътазила таълиф гардидааст [6, ч.5.с.170], ки он боиси беэътибор гардидани он шудааст. Замахшарӣ дар «Кашшоф» далелҳое аз китоби Худо овардааст, ки боиси ихтилофи дигар мазҳабҳо мегардад. Аз ин рӯ, олимон мардумро аз пайравӣ кардан ба ин мазҳаб боздоштаанд. Замахшарӣ бо фасоҳат ва ҳусни калом дар тафсираш диққати зиёд додааст. Аз ин рӯ, олимон аз гаравидан ба ин мазҳаб ва лағжиши он мардумро огоҳ намудаанд. Аз ҷумла ибни Таймия[16] дар бораи тафсирҳои навиштаи ботил мардумро ҳушдор дода мегӯяд: «...Баъзе муфассирин ба фасоҳату ҳусни калом таваҷҷуҳ дода, ба бидъат аҳамият намедиҳанд, мардум бошанд, намедонанд, чун авоманд. Яке аз чунин тафсирҳо, тафсири «Кашшоф» мебошад. Аз ин рӯ бисёр ақидаҳои ботил ба миён меоянд». Олими дигар Балқайнӣ[17] мегӯяд: «Аз «Кашшоф» тавассути таҳқиқ ақидаҳои муътазиларо дарёфтам».

2) Дар бисёр маврид аз маъноҳои ҳадисҳое, ки аз Паёмбар (с) нақл карда шудаанд, канорагирӣ намуда, дар шарҳи оятҳо эътимоди комил ба ақл намудааст, мисоли ин шарҳи ояти 47 сураи «Марям» шуда метавонад [1, ч .2.с21].

3) Замахшарӣ дар зикри ҳадис онқадар аҳамият намедиҳад, гоҳо дар китобаш аз сабаби овардани ҳадисҳои заиф хатоҳои набахшиданиро во хӯрдан мумкин аст. Мо инро дар ҳадисе дида метавонем, ки дар саҳеҳ будани он Худо донотар аст: «Ҳар тифле, ки ба дунё меояд, шайтон ӯро масҳ мекунад ва ӯ дар ҳоли таваллуд шудан доду фиғон мебардорад, магар фарзанди Марям, Исо (а) аз ин масҳ эмин мондааст»[18]. Гоҳо Замахшарӣ дар ҳадисҳои саҳеҳ аз худ зиёд илова кардааст. Инро мо дар ҳадиси ғарқ шудани Фиръавн мебинем.

4) Дигар мавзӯе, ки Замахшарӣ ба он аҳамияти амиқ надодааст, ин истифода ва далел овардан аз ҳадисҳои заиф ва мавзӯа аст. Алалхусус, ӯ ҳадисҳои заиф ва мавзӯаро дар боби фазилати сураҳо дар охири ҳар як сура овардааст. Ба ин ҳадиси овардаи ӯ дар охири сураи «Оли Имрон» [1,ч.1с.460] мисол шуда метавонад. Аз Расулуллоҳ ривоят аст, кӣ фармуд: «Ҳар ки сураи «Оли Имрон»-ро хонад, ба

---

[12] Муфассир ва фақеҳ соли 623ҳ. дар Миср таваллуд шудааст ва соли 704ҳ. вафот намудааст.

[13] Яке аз пешвоёни арабҳо буда, соли 761 ҳиҷрӣ дар Миср вафот намудааст.

[14] Аз донишмандони илми ҳадис, тафсир ва баён, ки аз мардуми Табрези қисми форснишини Ироқ мебошад, соли 743 ҳиҷрӣ вафот намудааст.

[15] Олими усули фиқҳ ва илми ҳадис, ки аслаш аз Сомалӣ мебошад, соли 792 дар шаҳри Қоҳира вафот намудааст.

[16] Имом, шайхул-ислом, донишманди забардаст, ки дар аксар илмҳо шуҳратманд шудааст аз ҷумла дар тафсиру усул, фатво содир мекард, дарс медод, ҳоло синнаш ба 20 нарасида буд. Соли 728ҳиҷрӣ дар шаҳри Димишқ вафот намудааст.

[17] Қозӣ яке аз донишмандони илми ҳадис ва фиқҳ, соли 825ҳ қозии диёри Миср баргузида шуд ва соли 868ҳ вафот намуд.

[18] Ҳадис мутафиқун алайҳ мебошад, Бухорӣ дар китоби "ал-Анбиё" боби (واذكر فى الكتاب مريم) №4/137 зикр намудааст ва Муслим бошад дар китоби фазоил, боби Исо (а) №4/1838 овардааст, ки ҳадисро Абуҳурайра ривоят намудааст

миқдори ҳар як ояти он аз пули Ҷаҳаннам, дар амон хоҳад монд»[19]. Дар ҳадиси дигар Паёмбар (с) фармудаанд: «Ҳар кӣ рӯзи ҷумъа сураеро хонад, ки дар он зикри Оли Имрон як маротиба омада бошад, Худову малоикаҳо то ғуруби офтоб ба ӯ дуруд мефиристанд» [9, ҷ.1.с.55]. Ҳадиси дигареро дар фазилати сураи «Тоҳо» зикр мекунад, ки чунин аст: «Ҳар кӣ сураи «Тоҳо»-ро хонад, то рӯзи Қиёмат ба ӯ савоби муҳоҷирин ва ансор дода хоҳад шуд» ва ба ин монанд даҳҳо ҳадисҳои дигар.

Гуфтан бамаврид аст, ки Замахшарӣ аз исроилиёт истифода бурдааст, ки монанди афсонаҳои пешин ва қиссаҳои хаёлӣ ба назар мерасад. Дар ин ҷо зимни ояти 107-и сураи «Аъроф» қиссаеро меорад: «Ҳангоме ки Мӯсо (а) асои худро партофт, ӯ ба монанди мори ёлдор ва нарина гардид, даҳонашро чунон васеъ кушод, ки мобайни коми боло ва поёнаш 80 зироъ (40м) буд, он мор коми поёнии худро ба замин коми болои худро ба қасри Фиръавн гузошт, сипас рӯ ба Фиръавн овард, то ӯро ба коми хеш фурӯ барад. Фиръавн аз тахти худ барҷаста гурехт, ки ӯ ҳеҷ вақт ин тавр нагурехта буд. Мардум низ доду фарёдзанон ба ҳар сӯ пароканда шуданд ва аз бархӯрд ҳамдигарро мекуштанд, ки дар натиҷа 25 ҳазор нафар ба ҳалокат расид. Фиръавн ба хона даромада, фарёд зад эй Мӯсо! Ба фарёдам бирас, ки ман ба ту ва Парвардигори ту имон меоварам ва балки Исроилро ҳамроҳат мефиристам, Мӯсо (а) асоро гирифт ва ӯ ба сурати пешина гашт» [1, ҷ.2.с137].

Ба ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки «Кашшоф» яке аз тафсирҳои фалсафие мебошад. Ин асар инсонро водор ба тафаккур намудану талош варзидан, ташвиқ менамояд Аз ин рӯ, таҳқиқ дар ин мавзӯъ аз аҳамият холӣ нест.

## АДАБИЁТ


1. Абулқосим Ҷоруллоҳ Маҳмуд аз - Замахшарӣ. Тафсириал-Кашшоф / Абулқосим Ҷоруллоҳ Маҳмуд аз - Замахшарӣ. – Бейрут-Лубнон: Дор-ул-фикр, 2006. -Ҷ.1.2. –С.588-659.
2. Абдулатифибни Муҳаммад. Асмоу-л-кутуб / Абдулатифибни Муҳаммад. –Бейрут: Дору-с-сақофаҳ. Бе соли нашр. -415с.
3. Брокелман. К. Таърихи адабиёти араб / К. Брокелман; тарҷумаи арабии доктор Рамазон Абдултаввоб. –Қоҳира: Дор-ул-маъориф, 1974. -Ҷ.5. -388 с.
4. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо / Ёқути Ҳамавӣ. –Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмиятӣ, 1991. -Ҷ.1-5. -1433с.
5. Имом Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун / Имом Ҳоҷӣ Халифа. –Бейрут: Дор-ул-фикр, 1982. -Ҷ. 2. 2056 с.
6. Ибни Халикон. Вафоёт-ул-аъён / Ибни Халикон; зери таҳқиқи доктор Эҳсон Аббос. –Бейрут: Дору содир, 1977. -Ҷ.5. -357 с.
7. Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳ-ул-бухорӣ/ Исмоили Бухорӣ. –Мактабату Миср-Қоҳира. -2007. -№4/137. - Ҷ.1. -704 с.
8. Муҳаммад ибни Аҳмад аз-Заҳабӣ. ат-Тафсир вал муфассирин / Муҳаммад ибни Аҳмад аз-Заҳабӣ. – Бейрут, 2000. -Ҷ.1. -460 с.
9. Солиҳ ибн Азмуллоҳ ал-Ғомидӣ. Ал-масоил-ал-иътизолияти фи тафсири-л-Кашшоф ли-з-Замахшарӣ / Солиҳ ибн Азмуллоҳ ал-Ғомидӣ. –Бейрут: Дору-л-андалус, 1238. -Ҷ.1.с.
10. Муслим Абулҳасан. Китоби фазоил, боби Исо (а) / Муслим Абулҳасан. -Бейрут-Лубнон: Дор-ул-кутуб-ил-илмияти, 1992. -1787 -№4/1838. -Ҷ.4.
11. Қозӣ Ашур, Бибимарям Шаръӣ. [Захираи электронӣ] – ashurghazi@yahoo.com. 15 Обони 1380.


## СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЯ «АЛ-КАШШОФА» АЗ-ЗАМАХШАРИ.


Данная статья посвящена анализу структуры и содержания одного из наиболее авторитетных комментариев к Корану «ал-Кашшаф» аз-Замахшари. Автор опираясь на источник, а также на труды исследователей дает оценку литературным и филологическим аспектам данного тафсира. Особое внимание уделено также философским и теологическим аспектам тафсира, и дана оценка мировоззренческой проблематике этого великого тафсира.



**Ключевые слова:** Тафсир, Коран, Хоразм, наука, Замахшари, аят, сура, религия, муътазила, толкование, ал-Кашшоф.


## THE STRUCTURE AND CONTENT OF "AL-KASHSHAF" AL-ZAMAKHSHARI


This thesis is the analysis of the structure and content of one of the most authoritative comments to the Koran, "al-Kashshaf" al-Zamakhshari. The author relies on the source, and also tried to pay attention to the price of literarily and philologically aspects of the tafsir. Particular heed removed as philosophical and theological aspects of tafsir, and an assessment of the ideological issues of this great tafsir.



**Key words:** Tafsir, the Qur'an, the province, which was origin, science, Zamakhshari, ayat, Sura, religion, mutazila, interpretation, al-Cassop.



**Сведения об авторе:** ***Сироджиддинзода Меъроджиддин –*** аспирант Института философии, политологии и права АН РТ. Телефон: **988-43-92-85.** E-mail:**sharq85@mail.ru**


[19] Ин ҳадисро Ибни Ҷавзӣ дар боби фазилати сураҳо тахти №1/239 зикр намудааст.

# ОТНОШЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С США И ПРОБЛЕМЫ БЕЗОПАСНОСТИ

*К. А. Кудратов*
**Новосибирский государственный университет, Россия**

Дипломатические отношения между Республикой Таджикистан (РТ) и Соединенными Штатами Америки (США) установлены 14 февраля 1992 г. Официально Посольство США в Таджикистане было открыто в марте 1992 г. и начало функционировать в декабре 2002 г.

В ходе реализации двусторонних отношений между Таджикистаном и США было подписано свыше 30 документов, регулирующих договорно-правовую базу, в том числе 11 – в торгово-экономической сфере и 6 – в сфере военно-технического сотрудничества, борьбы с терроризмом и незаконным оборотом наркотиков. Совместная борьба против вышеназванных явлений, включая, кстати, и торговлю людьми, все теснее связывает США с Таджикистаном.

Если в предыдущие годы присутствие США в РТ выражалось лишь в виде поставок гуманитарной помощи, то события 11 сентября 2001 г. и последовавшая за ними антитеррористическая операция в Афганистане обозначили новый этап в развитии двустороннего сотрудничества.

В настоящее время таджикско-американские отношения успешно развиваются как по линии торгово-экономических связей, так и в области сотрудничества в гуманитарных областях (образование, медицина, здравоохранение и др.). Свидетельством заинтересованности США в дальнейшем укреплении сотрудничества между странами является интенсификация двусторонних контактов.

Известно, что обеспечение безопасности на таджикско-афганской границе никогда не было проблемой исключительно Таджикистана. Слабая охрана протяженностью 1400 км таджикско-афганской границы способствует поступлению крупных партий наркотических веществ из Афганистана через приграничную Хатлонскую область и ГБАО Таджикистана[1].

Особую тревогу вызывает интенсивное выращивание опийного мака на сопредельных с Таджикистаном афганских территориях. Ещё до вторжения в Афганистан в 2001 г. войск США и НАТО близ таджикско-афганской границы действовало около 400 лабораторий по изготовлению героина, а на складах было сосредоточено около 10 тонн готового к транспортировке сырья.[2]

Движение талибан, находившееся у власти в 1996-2001 гг., вело масштабную борьбу с производством и сбытом наркотиков. Однако после ввода в Афганистан войск Западной коалиции и изгнания талибов производство опиума возросло более чем в 40 раз: с 185 тонн в 2001 г., до 8200 тонн в 2007 г. Ни США, ни НАТО, войска которых сейчас представлены в Афганистане, не в силах помешать этому процессу.[3]

В таких условиях вся тяжесть противостояния контрабанде наркотиков из сопредельного Афганистана легла на плечи военнослужащих Группы пограничной службы Республики Таджикистан.

С 2000 по 2012 г. правоохранительными органами Республики было конфисковано около 78 тонн наркотических средств, из которых 31 тонну составлял героин и свыше 24 тонн – опий. Простое сопоставление фактов и цифр делает возможным представить всю серьёзность проблемной ситуации.[4]

Радио ба ҳаёти омма ворид шуда, аз барои рушди маърифати онҳо, бахусус рушди маърифати сиёсии онҳо яке аз омилҳои зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Радио чун дастгоҳи муқтадири ташвиқотӣ мақоми хоссае пайдо намуда буд. Моҳи августи соли 1950 Ҳукумати ҷумхурӣ Низомномаи Кумитаи радиоро тасдиқ кард. Мувофиқӣ ин Низомнома радиои Тоҷикистон ин қабил вазифаҳоро бояд иҷро менамуд: ташвиқу тарғиб намудани ғояи сотсиализм, инъикоси сиёсати дохилию хориҷӣ, гуфторҳои сиёсӣ, таблиғоти донишҳои илмӣ, асарҳои барҷастаи адабиёти тоҷик ва дигар халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ. Аммо, бояд зикр намуд, ки Кумитаи радиои ахбори ҷумҳурӣ дар фаъолияташ озод набуда, ба Совета Вазирони РССТ Тоҷикистон ва ҳамзамон ба Кумитаи радиои ахбори назди Совети Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ итоат мекард. Моҳи январи соли 1955 бо имзои Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон Ҷаббор Расулов Қарори Ҳукумат оиди сохтмони бинои Хонаи Радио содир шуд. Мутаассифона, бо баъзе сабабҳои гуногун сохтмони ин бино мавқуф гузошта шуд. Танҳо аз солҳои 1960 оғоз гардида, соли 1970 бинои мазкур мавриди истифода қарор гирифт.

Тағйироти ҷиддӣ дар радио ва телевизион, асосан аз солҳои 80-уми асри гузашта аз худ дарак дод. Дар ин солҳо, ҳарчанд бисёр|, аз соҳаҳои ҷамъиятӣ рушд меёфт, лекин новобаста аз ин дастовардҳо вазъияти сиёсии *Итти*ҳоди Шӯравӣ тезутунд мегардид. Дар чунин як вазъияти ҳассос ҳизбҳои гуногуни мухолифи давлату ҳизби ҳукумрон пайдо шуданд. Аз ин хотир, дар нимаи солҳои 80-уми асри XX роҳбарияти давлати Шӯравӣ раванди «бозсозӣ»-ро баҳри бартараф кардани вазъияти бади баамаломада, роҳандозӣ намуданд. Сиёсати «бозсозӣ»-и онҳо на ин ки натавонист кишварро аз ин буҳрон наҷот диҳад, балки он неруи буҳрозои ҷомеа гардид. Раванди «бозсозӣ» ҳама соҳаҳоро, аз ҷумла ВАО-ро низ фаро гирифт. Оқибат давлати паҳновари Иттиҳоди Шӯравӣ аз харитаи сиёсии ҷаҳон нобуд гардид. Баъди аз байн рафтани ин империяи бузург давлатҳои аъзои он истиқлолиятро ба

даст овvarданд. Эъломияи *истиқло*лияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олӣ 9 сентябри соли 1991, чун рӯзи ташкилёбии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ ва эълон намуд.

Хабари эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин аз тариқи радиои кишвар пахш гардид. Истиқлолият ба дигаргуниҳои азим дар мамлакати тоҷикон мусоидат намуд. Алалхусус, дигаргуниҳо ба тағйирёбии муносибатҳо ва фаъолиятҳо дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа сабаб гардид. Радио ва дигар воситаҳои иттилоотӣ хусусиятҳои нав ба навро касб намуданд.

Дар замони Шӯроҳо ВАО мутлақо зери сензураи ҳизбӣ қарор дошт. Қариб ҳама маводҳо ва барномаҳо, аз ҷумла маводу барномаҳои сиёсӣ, дар Москва омода мегардиданд ва тавассути телетайп ба Тоҷикистон фиристода мешуданд. Тамоми фармонҳо ва супоришҳо низ, ба радиои тоҷик аз марказ меомад. Дар чунин вазъият радиои тоҷик дар ҳеҷ сурат наметавонист вазифаҳои хешро мутлақо ба сомон расонад.

Чӣ гунае, ки дар боло қайд кардем, истиқлолият ба ҳамаи соҳаҳо дар кишвар навигариҳои назаррасеро ворид сохт. Фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба тадриҷ беҳбудӣ меёфт. Идораи барномаҳои сиёсӣ ва байналхалқии радио бо номи идораи ҷамъиятию сиёсӣ фаъолият мекард. Бо шарофати истиқлолият он ба идораи сиёсӣ ва байналхалқӣ табдил ёфт, ки чунин тағйиротҳо аз зиёд гаштани барномаҳои сиёсӣ гувоҳӣ медоданд. Масалан, «Идеологияи давраи гузариш», «Фардои миллат», «Чеҳраҳои сиёсӣ» ба эфир баромаданд, ки барои инкишофи маърифати сиёсии шаҳрвандони соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми баланд доштанд.

Идораи барномаҳои бурунмарзӣ тарҳи нави фаъолиятро пеш гирифт. Имрӯзҳо Тоҷикистонро давлати зиёди дунё ба расмият шинохтанд ва муносибатҳои дипломатии худро роҳандозӣ намуданд. Аз ин хотир, месазад гуфт, ки радио ва дигар воситаҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус идораи бурунмарзии он барои боло бурдани имиҷи давлати навтаъсиси Тоҷикистон ва ҳифзи манфиатҳои милию давлатӣ ҷиду ҷаҳд намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти сиёсии давлати Тоҷикистон амнияти иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Давлату ҳукумат бояд қудрати онро дошта бошанд, ки аз ҳама гуна иттилоотҳои хатарнок худро ҳимоя кунанд. Барои ин онҳоро зарур аст, ки тамоми кӯшишу ғайратро баҳри амнияти иттилоотии кишвар равона намоянд. Дар таъмини амнияти иттилоотӣ радио ва дигар воситаҳои иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишгол менамоянд. Элитаи сиёсии Тоҷикистон бояд дар заминаи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ, амнияти фазои иттилоотии кишварро дар шароити экспансияи иттилоотӣ тарҳрезӣ ва бо назардошти хусусияти ҷаҳони иттилоотӣ амалӣ намоянд. Амнияти иттилоотӣ дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ аҳамияти махсус дорад. Тавассути воситаҳои иттилоотӣ ва тарзи истифодаи дурусти он мо худро аз ҳама ҳодисаву падидаҳои манфии сиёсати ҷаҳони имрӯза метавонем эмин нигоҳ дорем.

Дар баробари ба истиқлолият мушарраф гардидан, то ба имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон зери иттилоотҳои гуногуни баъзе аз давлатҳои манфиатхоҳ қарор дорад. Масалан, имрӯзҳо баъзе аз кишварҳои зикршуда, чунин иттилоотеро пахш менамоянд, ки ба обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон зарбаи ҳалокатовар мезанад ва ба фаъолияти элитаи сиёсии кишвар хатар эҷод менамояд. Қисме аз иттилооти хатароварро метавон чунин маънидод намуд:

- дар Тоҷикистон режими демократӣ бо пайвасти унсурони авторитарӣ амал менамояд;
- Тоҷикистон маркази интиқоли моводи мухаддир ба Русия ва Европа ҳисобида мешавад;
- Тоҷикистон то ҳоло замони гузариши сиёсиро сипарӣ накардааст ва эҳтимолияти базудӣ анҷом ёфтани он аз назар дур аст;
- истеҳсолоти иқтисодии Тоҷикистон гирифтори бухрони амиқ гардидааст ва он бештар хосиятҳои равандҳои фасодиро кайҳост, ки пайдо намудааст.

Лоиқ ба зикр аст, ки радиои Точикистон ва дигар воситаҳои иттилоотии кишвар барномаҳои дохилӣ ва бурунмарзии худро таҳким бахшанд ва тадриҷан онҳоро рушд диҳанд. Чунин амал баҳри амнияти иттилоотии кишвар хеле муҳим аст. Хусусан, пахши барномаҳои бурунмарзии он барои тарғиби мақсаду мароми сулҳҷуёнаи роҳбарияти кишвар, маданияту илм ва фарҳанги миллӣ саҳми калон дорад. Инчунин, радио бо пахши барномаҳои махсуси худ бояд, ки точикони берун аз кишварро, бахусус тоҷикони кишварҳои ҳамҷаворро боз ба умумияти бузург

бипайвандад. Ба ин масъала диққати зарурӣ бояд дод. Зеро, баъзе аз давлатҳои ҳамҷавор кӯшиш менамоянд, ки фарҳангу маданияти ақаллияти тоҷикро дар ҳудуди кишварҳои хеш маҳдуд намуда, оқибат онро таназзул бахшанд. Яке аз чунин давлатҳои ҳамҷавор давлати Ӯзбекистон аст, ки нисбати ақаллиятҳои миллии дар кишварбуда, аз ҷумла тоҷикон сиёсати нодурустро интихоб кардааст.

Ҳамин тариқ, давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарурат пеш омадааст, ки дар рушду равнақи воситаҳои иттилоотӣ, бахусус аз ҷиҳати техникӣ, марказҳои радиоиро пурқувват гардонанд ва ҳамеша истифодаи босамари он дар мадди назари онҳо қарор дошта бошад,

Радиои Точикистон бояд, ки дар кишварҳои гуногун, хусусан, дар кишварҳои ҳамсоя мухбирони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро дошта бошад. Чунин як чорабинӣ имконият медиҳад, ки иттилооти зарурӣ аз дасти аввал ба кишвар ворид гардад. Дар шароити имрӯза қариб, ки воситаҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ***ва*** иттилоотеро, ки диду назари манбаъҳои иттилоотии кишварҳои гуногун роҳандозӣ шудаанд, ба даст меоранд. Аксари иттилооти дастрасшуда, манфиатҳои сиёсии давлатҳои бегонаро дар бар мегиранд, ки пахши чунин иттилоот ба амнияти иттилоотии кишвари мо хатар доранд ва метавонанд вазъияти ҷомеаро мураккаб созанд. Коршиносон чунин ақида доранд, ки давлате, агар аз ҷиҳати технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ рушд накардааст, хоҳу нохоҳ дар зери таъсири сиёсати пешгирифтаи давлатҳои дигар қарор хоҳад гирифт. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки системаи пешрафтаи технологияи коммуникатсионии муосир қодир аст, ки ҷомеаро бунёд ва онро созмон диҳад.

Давлатҳои мутараққии ҷаҳон барои дарёфти иттилооти зарурӣ маблагҳои зиёде сарф менамоянд. Ин давлатҳо дар заминаи иттилооти дарёфтшуда мақсадҳои хешро амалӣ менамоянд. Дар аксар маврид онҳо ҳуҷумҳои иттилоотиро пеш аз ишғол намудани давлати рақиб самаранок истифода мебаранд. Дар фазой иттилоотии кишвар набояд иттилоотҳои кишварҳои хориҷиро роҳ дод. Воқеияти авзои сиёсии олам нишон медиҳад, ки экспансияи фазой иттилоотӣ барои нобуд кардани душман омили зарурист. Масалан, аз моҳи январи соли 1994 радиои «Аврупои Озод» бо пахш намудани барномаҳо барои Югославия шуруъ кард. Аммо, баъд аз чор сол қувваҳои ҳарбии НАТО ба ин мамлакат ҳуҷуми ҳарбӣ намуда, ба ин кишвар ворид гаштанд [6].

Мисоли равшани дигар ин аст, ки коршиносони зиёди сиёсӣ яке аз омилҳои нобуд ва аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравиро маҳз ба таҳоҷумҳо ва ташвиқу тарғиби воситаҳои иттилоотии давлатҳои рақиб истодагарӣ карда натавонистани он мебинанд. Пас, маълум мегардад, ки Иттиҳоди Шӯравӣ нисбати рақибони худ дар рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ақиб монда буд. Дар ин самт нақш ва мақоми радиои «Озодиро»-ро махсусан бояд қайд намуд.

Дар замони муосир таъмини амнияти иттилоотӣ боиси худшиносӣ, сулҳу субот дар ҷомеа мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлоли навбунёд аст ва дар рушду нумӯи воситаҳои иттилоотӣ амалҳои назаррасро анҷом медиҳад. Зеро, яке аз воситаи муҳими шомил шудан ба ҷаҳони глобалӣ ва худро эмин нигоҳ доштан аз равандҳои манфии он фаъолии воситаҳои иттилоотӣ мебошад. Маҳз тавассути он мо мустақилияти давлати хешро мустаҳкам намуда, дар муносибатҳои байналхалқӣ мавқеамонро мустаҳкам менамоем. Раванди глобализатсионӣ раванди хеле мушкил аст ва аз давлатҳои миллӣ як қатор чорабиниҳоро талаб мекунад. Давлате, ки худро ба раванди глобализатсионӣ мутобиқ намекунад, наметавонад, ки рушд ёбад.

Хулоса, рушд наёфтани воситаҳои иттилооти дар ҷомеа падидаҳои зиёди манфиеро ба миён меорад. Ҳангоми ба назар нагирифтани мақоми воситаҳои иттилоотӣ дар ҷомеа метавонад, ки давлатҳои алоҳидаро аз фазой иттилоотии муносибатҳо дур созад ва аз дастовардҳои асри XXI маҳрум кунад [7].

Радио ***яке*** аз воситаҳои асосии иттилоотӣ маҳсуб ёфта, баҳри ташвиқу тарғиби ҳадафҳо нақши муайянкунанда дорад. Дар асри XXI онро аксари давлатҳо ҳамчун «силоҳ» баҳри ***ба даст овардани*** манфиатҳои хеш ва амалӣ намудани сиёсати худ истифода мебаранд. Имрӯз замоне расидааст, ки давлати тоҷикон ба дарки дурусти мақоми радио ва воситаҳои дигари иттилоотӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар бирасад. Зеро рушди сиёсатро бе рушди воситаҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст.

**АДАБИЁТ**

1. Нискевич Ю. А. Информация и власть / Ю. А. Нискевич. -М: Мысл, 2000. -С. 9.

2. Гуревич П. С. Советское радиовещание страниц истории / П. С. Гуревич, В. Н. Ружнеков. - М.: Искуссто, 1976. -С.76.
3. Усмонов И. К. Печать и международная пропаганда / И. К. Усмонов. –Душанбе: Дониш, 1990. - С.94.
4. Панфилов А. Ф. кулисами Радио «Свобода» / А. Ф. Панфилов. - М.: Международные отношения, 1974. - С. 149.
5. Хочазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. / С. Хоцазод. - Душанбе: Деваштич, 2006. -Қ.2. -С.48.
6. Джовид М. Радио «Свобода»: Ложь и правда / М Джовид.-Душанбе: Деваштич, 2005. - С.26.
7. Тоффлер Э. Метаморфозы власти / Э. Тоффлер. - М.: АСТ, 2005. -С. 11-12.


## СТАТУС И ФУНКЦИИ ИНФОРМАЦИОННЫХ СРЕДСТВ В ПОЛИТИКЕ


В своей статье автор рассматривает статус ***и*** функции информационных средств, особенно радио в политике. По его мнению радио изначально своего существования имеет политическую особенность. Все развитые страны используют радио для достижения своих политических целей. Данные государства используют радио и другие информационные средства для экспансии информационных пространств.



**Ключевые слова:** политика, информационная технология, технология, перестройка, информационная средств, пропаганда, идеология, безопасность, экспансия, пространство.


## THE STATUS AND FUNCTION OF INFORMATION MEANS IN POLITICS


In his article, the author examines the status and functions of information media, especially radio policy. In his view of the initial radio of its existence has a political feature. All developed countries In Use radio to achieve their political goals. In Use state data radio and other media for information ekspantsii prostrate.



**Key words:** Politics, information technology, technology, restructuring, information resources, propaganda, ideology, secure, ekspansiya, space.



**Сведения об авторе:** ***А. Умаров*** - аспирант кафедры политологии Таджикского национального университета. Телефон: **988-50-18- 54.**


# ТАРҲҲОИ МОДЕРНИЗАТСИЯ ВА ТАҶРИБАИ СИЁСИИ КИШВАРҲОИ ОЛАМ


***Н.С. Муродова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Сиёсати муосир бо тағйирпазирии худ хосияти барҷаста пайдо намудааст. Он раванди сиёсиро таҷассум менамояд. Ҷомеа дар рафти инкишофи хеш бештар бо падидаҳои гуногуни сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавад ва кӯшиш менамояд, ки онро ба худ мутобиқ созаду аз он баҳравар шавад. Зеро ба миёноии чунин ҳолатҳо хусусияти қонунии инкишофи ҷомеа буда, қабули навовариҳо тақозои пешрафти он мебошад.

Инкишофи сиёсӣ дар доираи ченакҳои мавҷуда аз шакли одӣ ба мураккаб, аз анъанавӣ ба муосир, аз авторитарӣ ба демократӣ мубаддал мешавад. Бинобар ин, барои таҷассуми ҷараёни ҳаёти нави сиёсӣ ва муносибатҳои муосир мафҳуми “модернизатсияи сиёсӣ” мавриди истифода қарор мегирад. Мафҳуми мазкур ба сифати қисми таркибии донишҳои муосири сиёсӣ баромад намуда, сиёсати соҳавиро ифода менамояд. Махсусиятҳо ва хосиятҳои рушди гузариши сиёсӣ предмети тадқиқи онро ташкил менамоянд.

Мафҳуми “модернизатсия” аслан, дар тамаддуни Ғарб ташаккул ёфтааст, арзишҳо ва тасаввуротҳои навро нисбати соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дарбар мегирад. Модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун фаъолияти давлат ва системаи сиёсии ҷомеа, ки чандон инкишоф наёфтаанд, ба ҷомеаи мутамаддин расидани онҳо фаҳмида мешавад [4.292]. Раванди мазкур дорои марҳилаҳои фарогирӣ, шаклҳо ва роҳҳои амалишавӣ мебошад.

Кишварҳои олам баҳри дигаргун сохтани низоми идоракунӣ ва фаъолияти босамар кӯшишҳо ба харҷ додаанд, то ки ба раванди муосиршавӣ ворид гардида, аз инкишофи умумисайёравӣ дар канор намонанд. Мо низ тасмим гирифтаем, ки масъалаи мазкурро дар такя ба таҷрибаи кишварҳои олам мавриди тадқиқ қарор диҳем. Заминаҳои ташаккули назарияи модернизатсионии солҳои 50 – уми асри ХХ дар он аст, ки таҷрибаи инкишофи сиёсии мамлакатҳои Европа ва Амрико ба давлатҳои рӯ ба тараққии Африқо ва Осиё ва Амрикои Лотинӣ мавриди истифода ва натиҷагирӣ қарор ёбад. Ба ақидаи муаллифони назарияи мазкур барои ноил шудан ба ин мақсадҳо ва ҳалли вазифаҳои инкишофи стратегӣ давлатҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд таҷрибаи намунаи инкишофро истифода намоянд ва ба зуддӣ аз камбоқӣ, қафомондагии иқтисодӣ кишварро раҳо намоянд.

Лекин на дар ҳамаи давлатҳо раванди модернизатсионӣ бомуваффақият ба охир расидааст. Сабаби асосӣ дар он буд, ки арзишҳои европоӣ ба таври зуд қабул карда нашуданд. Баъзе давлатҳое, ба мисли Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Чили, Бразилия ҳолати нави рушдро пайдо намуданд, лекин дар кишварҳои ҳиндухитоӣ ва давлатҳои африкоӣ истифодаи тарҳҳои модернизатсионӣ ба нокомиҳо дучор гардид. Чи хеле қайд гардид, сабаби асосиро ба ҳам мувофиқ наомадани арзишҳои маҳаллӣ ва европоӣ ташкил медоданд. Ҳолатҳое ҳам буданд, ки таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ ва амрикоӣ ҳамчун намунаи инкишоф аз ҷониби кишварҳои алоҳида истифода гардиданд. Дар масъалаи сарҷамъ намудани хосиятҳои муҳимми раванди муташаккил дар асоси таҷрибаи кишварҳои муосир ва таҳлили илмӣ намунаҳои модернизатсиякунонӣ дар шакли тарҳҳо (моделҳо)-и он баромад мекунанд.

Дар интишори тарҳҳои модернизатсия чунин нишондодҳо ба назар гирифта мешаванд:

- имконияти мавҷуд будан ё мавҷуд набудани заминаҳои модернизатсия, ки ба хосиятҳои он таъсир мерасонад. Дар ин ҷо имконияти мавҷуд будани заминаҳои қабули навовариҳо дар як соҳаи ҷомеа (ба мисли сиёсӣ ё иқтисодӣ) ва ё дар ҳамаи соҳаҳо ба инобат гирифта мешавад;
- рафти суръати ҳаракати модернизатсия. Дар ин ҷо суръати ҳаракати ислоҳоти модернизатсионӣ, ки дар як муддати кӯтоҳ ё муддати тӯлонӣ ба амал меояд, ба назар гирифта мешавад;
- стратегия ва тактикаи раванди модернизатсионӣ. Дигаргуниҳо аз боло ба воситаи ҳокимияти боқудрат ё аз поён ба воситаи таъсири оммаи халқ, ё ҳарду ба амал меоянд, масъалаи асосӣ ҳисобида мешавад [2].

Аз рӯйи нишондодҳои мазкур чунин моделҳо вуҷуд доранд:

- тарҳи классикӣ ё парокандаи модернизатсия (давлатҳои Европаи Ғарбӣ, ИМА ва Австралия);
- тарҳи қафомонда ё номаҳдуди модернизатсия (Япония, Бразилия, Аргентина);
- тарҳи испанӣ;
- тарҳи босуръат ё фишурдашудаи модернизатсия (Ҷанубу Шарқии Осиё);
- тарҳи японии модернизатсия;
- тарҳи скандинавии модернизатсия [8.487].

***Тарҳи классикӣ (пароканда, маҳдуд)-и модернизатсия.*** Асоси инкишофи тарҳи мазкур аз муносибатҳои мустамликадории кишварҳои Европаи Ғарбӣ оғоз шуда, бо таъсири дигар омилҳои мавҷуда идома ёфтааст. Ба омилҳои дигар давраи озодии соҳибкорӣ (асри XVI), ахлоқи протестантӣ, инқилобҳои буржуазӣ, зиддиятҳои синфӣ ва ҷангҳои диннӣ дохил мешаванд. Тарҳи мазкурро бо ибораи тарҳи маҳдуд низ ишора мекунанд. Маҳдудияти он дар ҷой доштани инкишофи пай дар пайи ҳолатҳо ва ташаккули шароит ва ба вуҷуд омадани унсурҳои тағйиротҳои зина ба зина дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бе таъсири омилҳои беруна таҷассум мeёбанд. Рафти эволютсионии инкишоф заминаро барои замонавигардонӣ фароҳам сохт.

Инкишофи иқтисодӣ бо таназзули муносибатҳои феодалӣ оғоз ёфта, бо пайдо шудани воситаҳои техникӣ ва синфи миёна ҳамчун субъекти муносибатҳои бозоргонӣ ва демократияи иҷтимоӣ идома намуд. Дар ин давра аввалин иттиҳодияҳои иқтисодӣ, ба мисли биржаҳои савдо, ширкатҳои саҳҳомӣ, ки манбаи асоси истеҳсолот ва муомилоти мол буданд, ба вуҷуд омаданд. Яке аз хусусияти муҳимми тарҳи классикии модернизатсия дар инъикос ёфтани институти моликияти хусусӣ ва таъмини ҳуқуқии он мебошад.

Инчунин, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ки асоси онро афзалияти мавқеи инсон дар қонунгузории кишвар ташкил медод, ҳамчун омили ҳатмии инкишофи пешқадам дониста мешавад. Дар навбати худ, бо таҷассуми мақоми моликияти хусусӣ ва кафолати ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон заминаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён омад, ки имконияти таъсиррасониро ба ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии инфирод аз ҷониби давлат маҳдуд гардонидааст. Инкишофи моликияти хусусӣ сабаби бавуҷудоии манфиатҳои гуногун мешавад. Дар низоми сиёсӣ манфиатҳои мазкур хусусияти мафкуравӣ, гуногунақидагӣ ва намояндагиро соҳиб гаштанд, ки бо воситаи ҳокимият, низоми бисёрҳизбӣ ва сарқонун амалӣ мешуданд. Дараҷаи баланди саводнокии аҳолӣ мухторияти шахсро, ки таъсири равандҳои реформатсионӣ ташаккул дода буд, дар раванди сиёсӣ баръало инъикос менамуд.

Тарҳи классикии модернизатсия дар муддати тӯлонӣ, яъне панҷ аср (XIV- XIX) ба таври эволютсионӣ ва мустаҳкамии нисбӣ ташаккул ёфтааст. Ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ зиддиятҳои иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Зиддиятҳои мазкур бо роҳи истифодаи сармояи беруна (аз манбаи мустамликадорӣ) ва арзишҳои маънавии протестантӣ муътадил гаштанд. Ба сифати омилҳои таъсиррасони модернизатсия дин, анъанаҳои фарҳангӣ баромад мекарданд, ки созиши фарҳанг ва инкишофи муосирро таъмин месохтанд.

***Тарҳи номаҳдуди модернизатсия.*** Тарҳи мазкур ба давлатҳои Япония, Бразилия, Аргентина ва кишварҳои Балкан хос мебошад. Дар он гузариш ба модернизатсия нисбатан дертар оғоз ёфта, рафти он ба асрҳои XVIII – XIX таалluқ дорад. Дар кишварҳои мазкур заминаҳои гузариш ба модернизатсия вуҷуд надоштанд. Нишонаҳои инкишоф наёфтани муносибатҳои бозоргонӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқбунёд ба инкишофи модернизатсия монеа шуда, роҳу усули инкишофи онро боз медоштанд. Аз сабабе ки кишварҳои зерин хусусияти идоракунии авторитариро доштанд, дигаргуниҳо дар зери таъсири давлат ва сарвари сиёсӣ амалӣ мегаштанд. Чунин ҳолатҳо метавонад аз як тараф, ба ташаккули бюрократия ва аз тарафи дигар, ба поймолгардии пайдарҳамии қабули ислоҳот барад. Давраҳои модернизатсия хусусияти ҷаҳишро аз як давра ба давраи дигар пеша мекунад, ки он самараи модернизатсияро боз медорад ё рафти онро ба низоми пешина бармегардонад. Бетаҷрибагӣ ва набудани заминаҳои модернизатсия равиш ва ҳадафҳои модернизатсияро тағйир медиҳанд ва натиҷаи онро бесамар мегардонанд.

Таҷрибаи кишварҳои мансуби тарҳи номаҳдуд як катор қонуниятҳоро ошкор сохтанд:

- гузариш ба ҷомеаи муосир бо ҳал намудани масъалаҳои асосии инкишоф оғоз меёбад: ташаккули институтҳои давлатӣ, таҳияи конститутсия, муайян намудани принсипҳои асосии сохтори миллӣ-давлатӣ ва ғайра;

- ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ муваққатан ба ҷойи дуюм мегузаранд. Дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодӣ пас аз анҷоми дигаргуниҳои сиёсӣ ба миён меоянд ва танҳо пас аз ҳал гаштани масъалаҳои сиёсӣ ба назар мерасанд;

- пайдарҳамӣ ва суръати гузаронидани модернизатсия аз ҷониби режими сиёсии авторитарӣ танзим карда мешавад;

- дар зери назорати режими авторитарӣ ҷой доштани воситаҳои модернизатсия имкон медиҳад, ки дар як вақт масъалаҳои ҳалнаёфтаи давраҳои гуногуни таърихӣ иҷро гарданд. Масалан, баробар амалӣ намудани гузариш ба технологияи иттилоотӣ, созиши демократияи парламентӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд.

Боиси қайд аст, ки модернизатсия дар тарҳи мазкур аз боло ба поён ба таври амудӣ амалӣ шудааст.

***Тарҳи испанӣ.*** *Махсусияти тарҳи мазкур дар он аст, ки модернизатсияи иқтисодӣ нисбат ба модернизатсияи сиёсӣ бартарӣ дошт. Таҷрибаи сиёсии Испания баҳсро оид ба гузариши сиёсии дар ҳолати маҳдуд будани озодиҳои инфирод ҳал намуд. Зеро дар илм ақидае вуҷуд дошт, ки гӯё модернизатсия дар низоми мустаҳками авторитарӣ амалӣ гашта наметавонад.*

Режими авторитарии Испания тавонист, ки ҷомеаро дар ҳолати буҳрони сиёсӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ боздорад. Боиси қайд аст, ки буҳрони модернизатсионӣ ба мисли делегитимии ҳокимият, буҳрони низоми институтсионалӣ ва буҳрони иштирок заминаҳои объективии тағйирёбии режими сиёсиро ташкил намуданд. Дар натиҷа, ҳамгироии ҳокимият ва ҷомеа мукаммал гашт.

Либераликунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки мақсади то ба охир нест намудани режими франкиро дошт, бо манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гашт. Омили асосии ташаккули манфиатҳоро пеш аз ҳама, иқтисоди бозоргонӣ, моликияти хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медоданд. Лекин дар шароити мавҷуд набудани сатҳи зарурии маданияти сиёсӣ зиддиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ба миён омаданд. Масалан, ҳалли нопурраи масъалаҳои миллӣ, мубориизаи сиёсии ақаллиятҳои миллиро, ба монанди мубориизаи баксҳо, каталониҳо, галиисҳо ҷоннок намуд. Дар чунин ҳолатҳо омили муташаккилу созандаи ҷомеа дар шакли институтҳои демократии хусусияти авторитаридошта баромад карданд, ки дар натиҷаи низоми бисёрҳизбӣ ва интихоботи озод мукаммал гардида буданд. Институтҳои мазкур ҳам дар таркиботи амудӣ ва ҳам дар таркиботи уфуқӣ хусусияти қонунии худро соҳиб буданд. Нокомиҳо ва камбудиҳои ҷойдошта дар рафти дигаргуниҳои сиёсӣ нерӯҳои зиддиҳокимиятиро ташаккул доданд. Танҳо бо воситаи созиши оқилонаи ҳукумат ва мухолифин дар мақомоти қонунгузор боиси баста шудани шартномаи Монклоа (аз номи дарбори шоҳ) гардид. Мувофиқи он баъзе ҳуқуқҳои сиёсӣ, ба мисли гирдиҳамоӣ ва корпартоӣ муваққатан боздошта шуданд. Чунин ҳолати ба оромии кишвар зарур барои ҳалли масъалаҳои муҳим шароити мусоидро фароҳам овард.

Омили таҳкимбахши равандҳои модернизатсионӣ ҳокимияти шоҳ ба ҳисоб мерафт. Шоҳ Хуан Карлос на танҳо фармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ, балки рамзи ягонагӣ ва даргоҳи муттаҳидсозии миллат ба ҳисоб мерафт. Шоҳ инчунин, рафти дигаргуниҳоро назорат намуда, бо ҳукумат ҳамкорӣ дошт. Бо сабти низоми бисёрҳизбӣ дар сарқонун заминаҳои амалии он муҳайё гардиданд.

Навсозии ҷомеа дар асоси нақша пай дар пай амалӣ мегашт ва натиҷаҳои ҳар давраи он самаранокии худро нишон медод. Ҳамин тариқ, дар Испания модернизатсия аз иқтисодиёт оғоз ёфта, бо афзалияти омилҳои сиёсӣ ба охир расид. Зеро сиёсати ратсионалии ҳокимияти давлатӣ рафти дигаргуниҳоро зери назорат қарор дода, ба инкишофи онҳо монеа нагашт, балки ҳамоҳангии онҳоро таъмин сохт.

**Тарҳи фишурда ё босуръати модернизатсия.** Ба тарҳи мазкур гузариши сиёсии кишварҳои Ҷануби Шарқии Осиё - Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайван мансубанд. Дар он гузариш аз режими тоталитарӣ ба авторитаризм дар муддати хеле кӯтоҳ ба амал омад. Танҳо 30-35 сол лозим гардид, ки ҷомеаи авторитарӣ ба шакли ҷомеаи демократӣ мубаддал гардад. Низоми сиёсии мавҷуда худ на танҳо ташаббускори гузаронидани ислоҳот, бакли ҳамчун омили таҳкиму такмил, тартибот ва муътадилии инкишофи ҷомеа баромад кардааст. Ислоҳот дар тарҳи мазкур аз иқтисодиёт, махсусан аз хоҷагии кишлоқ оғоз меёбанд.

Сармояи ҷамъомада баъдан, барои таҳким ва инкишофи саноати вазнин истифода мегардад. Дар ибтидо, раванди модернизатсионии иқтисодиёт ба экспорти маҳсулоти истеъмолӣ машғул мешавад. Баъдан, барои авҷи савдои байналхалқӣ сифати маҳсулот ва рақобатпазирии он баланд гардид. Бояд қайд намуд, ки кишварҳои ҷануби шарқии Осиё дар савдои ҷаҳонӣ дар соҳаҳое рақобатпазирии худро нишон доданд, ки он соҳаҳо қайҳо боз аз ҷониби кишварҳои ғарбӣ ба монополияи савдои ҷаҳонӣ табдил ёфта буданд, ба мисли радиотехника, киштисозӣ, саноати бофандагӣ ва ғайра.

Тарҳи босуръати модернизатсия бо ду масъала рӯ ба рӯ мегардад:

- зарурияти бартарафкунии рақобати байни иқтисодиёти бозоргонӣ ва низоми тоталитарӣ ва авторитарӣ. Барои бартараф намудани зиддиятҳои мавҷуда лозим аст,

ки аз як тараф, муътадилии инкишофи ҷомеа ва аз тарафи дигар, рафти ислоҳот танзим шавад. Бо ҳамин мақсад, дар низоми сиёсӣ имкониятҳои инкишофи иқтисодӣ ва сиёсӣ муҳайё гашта, ба ташаккули низоми рақобатпазири ҳизбӣ, барқароргардии механизмҳои демократии ҳокимият, ки манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсиро инъикос менамояд, пайдо мегардад. Танҳо авторитаризми мавҷуда ба воситаи қабули қарорҳои зарурӣ ва ташаккули институтҳои сиёсӣ зиддиятҳои мавҷударо бартараф карда метавонад.

- масъалаи рушди унсурҳои фарҳангии анъана дар раванди модернизатсия босуръат буда, ба раванди қабулнамоӣ ва мутобиқшавии навовариҳо мавқеи ёрирасон дошт. Меъёрҳои ахлоқӣ ва диннӣ ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ мусоидат намуданд, ки дар натиҷа, шакли муносибатҳои ғайриқтисодӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ ва арзишҳои ҳаёти анъанавӣ ба арзишҳои инфиродӣ иваз гардиданд.

Ҳамин тариқ, тарҳи модернизатсияи босуръат дар асоси меъёрҳои муайяни инкишоф, ки вобаста ба вазъи таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ба миён омаданд ва дар муддати кӯтоҳ бе таъсири беруна амалӣ гаштааст, ташаккул меёбад.

**Тарҳи японӣ.** Япония то нимаи дуюми асри XIX чун ҷомеаи анъанавӣ бо нишонаҳои сохти табақавӣ ва қафомондагии иқтисодиву иҷтимоӣ боқӣ мондааст. Агар дар шароити парокандагии феодалии Япония хусусиятҳои ҷомеаи буржуазии Европа дида шавад ҳам, лекин заминаҳо барои инкишофи арзишҳои либералӣ ба вуҷуд наомада буданд. Зеро анъанаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мазмуни аслии ҳаёти сиёсии японҳоро таъмин месохтанд ва ташаккули арзишҳои нав зарурате надоштанд. Бинобар ин, танҳо дар натиҷаи омехтагардии анъанаҳои маҳаллӣ бо арзишҳои либералӣ навовариҳои сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа пазируфта гаштанд.

Дастаҷамъии қабули арзишҳои нав бо унсурҳои психологии миллати япон алоқаманд буд. Дар рӯҳияи психологии японҳо хосиятҳои пешсаф будани онҳо дар нисбати дигар халқу миллатҳо, ба камолоти комили ҳамаҷонибаи миллӣ расидан манбаи ғоявиро ташкил медод. Ғояҳои диннӣ ва фарҳангии онҳо, ба мисли синтоизм, буддизм ва конфутсия аст, ки аз манбаъҳои ахлоқӣ сарчашма мегирифт ва заминаи такмили муносибатҳои навин гаштанд. Махсусан, инкишофи ғояи миллӣ дар синтоизм акс ёфта, японҳоро ҳамчун халқи илоҳӣ тавсиф намуда, шахсияти императорро воло медонад. Он арзиши муҳим ба ҳисоб мерафт. Буддизм бошад, кӯшиши мутобиқшавиро дар раванди тағйирот таъмин карда, мухторияти шахс ва инфиродиятро таҷассум намуда, дар рӯҳияи арзишҳои қадршиносӣ, поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ, инсондӯстӣ ва ғайра тарбия менамояд [6.97].

Дар байни ғояҳои фарҳангии мазкур конфутсиягароӣ дар ташаккули худшиносии миллии японҳо мавқеи махсус дорад. Вай чун синтези синтоизм ва буддизм баромад мекунад. Конфутсионизм хусусиятҳои анъанавии синтоизм ва хосиятҳои инфиродпарастии буддизмро омезиш дода, дар тафаккури миллии японҳо манбаи худшиносӣ ва худогоҳиро таъмин месозад, ки баҳри ташаккули давлати миллии онҳо равона гардидааст. Инсон дар тафаккури миллии японҳо ҳамчун офаранда, ихтироъкор ва такмилдиҳандаи ҳаёти хеш ва ҷомеа ҳисобида мешавад. Мавҷуд будани чунин заминаи мафкуравӣ боиси қабули дастаҷамъонаи навовариҳои сиёсӣ аз ҷониби мардум мегардад.

Илова бар ин, шароити ҷуғрофии кишвар ва хусусиятҳои анъанавии муносибат нисбат ба он, масалан, сарфакорона истифода намудани сарватҳои табиӣ, такмили интизоми меҳнат, фаъол будан дар соҳаи коркарди технологӣ ва ғайра вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеаи японӣ дониста мешавад.

Дар рафти амалишавии тарҳи японӣ мавҷуд будани зиддиятҳо дар манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва такмили чунин муносибатҳо дар сатҳи институтҳои сиёсӣ, ки бо ҳокимияти давлатӣ алоқаманд буданд, хело зарур аст. Чунин инкишоф ёфтани муносибатҳо дар низоми модернизатсионӣ баробари ва муътадилии қабули қарорҳои сиёсӣ ва пайдарҳамии онҳоро таъмин намуда, ҳолати баръаксро, яъне аз низоми навин ба пешина баргаштанро ба вуҷуд намеорад. Ҳамин тариқ, тарҳи японии модернизатсия тарҳи дар заминаи таҷрибаи хуби ахлоқӣ таъсисёфта, алоқамандии таркиботи амудӣ ва уфуқии ҳокимиятдориро муҳайё месохт.

**Тарҳи скандинавии модернизатсия.** Он тарҳи идеалӣ ҳисоб мешавад, зеро дигаргуниҳо ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам дар сиёсат ба таври амалӣ гаштаанд. Модернизатсияи сиёсӣ инкишофи низоми намояндагии манфиатҳоро, ки мазмуни барқароркунии муносибатҳои бозоргониро дорад, таҷассум менамояд. Лекин назорати рафти модернизатсия дар ду соҳа - иқтисодиёт ва сиёсат хело душвор аст. Бинобар ин, шаклҳо ва механизмҳои модернизатсия ба заминаҳои таърихӣ - фарҳангӣ, иҷтимоӣ- сиёсии ҷомеа такя менамояд [1.23].

Дар кишварҳои Европаи Шимолӣ рафти демократикунонӣ бо ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар муддати тақрибан 180 сол такмил ёфта, амалӣ гаштааст. Ба ин, пеш аз ҳама, ахлоқи протестантӣ, ки арзишҳои инфиродият, моликият, озодӣ ва рақобати солимро ташфиқ менамуд, мусоидат намудааст. Мавҷуд будани санадҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорони озодро дар ҷомеа ва давлат таъмин месохтанд, боиси кафолати ҳимояи ҳуқуқии онҳо гаштанд. Дараҷаи инкишофи доимии некӯаҳволии мардум зиддиятҳои синфиро то андозае нарм сохт ва

комёбиҳои он дар шакли макроконсенсус (созиши умум вобаста ба арзишҳо ва инкишоф) зоҳир гардид. Равшан аст, ки ҳолати нейтралитети кишварҳои мазкур дар сиёсати берунӣ боиси истифодаи ҳамаи воситаҳои моддӣ барои муносибатҳо ва ҳалли масъалаҳои ҳаёти дохилӣ сарфа гардиданд, на барои ҳарбикунонии кишвар.

Дар чунин ҳодат новобаста ба камбудиҳои ҷойдошта модели скандинавии модернизатсия вазифаҳои худро ба хубӣ анҷом дод. Пеш аз ҳама, механизмҳои мақсадноки фаъолияти инсонӣ коркард шуд ва истифодаи самараноки он муҳайё гашт. Ба мисли муҳайё сохтан ва таъмини кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаклҳои гуногуни худшиносии (иденфикатсия) иҷтимоӣ, таъмини мустаҳкамии низом ва фаъолнокии институтҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра.

Њамин тариқ, тарҳҳои зикршудаи модернизатсия намунаи интиҳоии тақсимоти таҷрибаи сиёсии кишварҳои олам ба ҳисоб намераванд. Равшан аст, ки таҷрибаи сиёсии бештари кишварҳои олам, ки замонашавии навъи хоссаро пеша кардаанд, масъалаи ташаккули тарҳҳои навро дар назар доранд. Тарҳҳои модернизатсия заминаи асосӣ баҳри ташаккули тарҳҳои дигар мебошанд, ки дар такя ба онҳо сохта мешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Братерский М.В. Теория модернизации: обзор американских концепций / М.В. Братерский // США: экономика, политика, идеология. - 1990. - №9. -С.23-29.
2. Дарендорф Р. Дорога к свободе: демократизация и её проблемы в Восточной Европе / Р. Дарендорф // Вопросы философии. – 1990. - №9. -С.71.
3. Ильин М.В. Идеальная модель политической модернизации и пределы ее применимости / М.В. Ильин. –М., 2000. -310с.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ /Г.Н. Зокиров. - Душанбе: Деваштич, 2007. -602с.
5. Козловский В.В. Модернизация: от равенства к свободе / В.В. Козловский, А.И. Уткин, В.Г. Федотова, - СПб, 1995.
6. Красильщиков В.А. Мировые модернизации в судьбы страны / В.А. Красильщиков //Свободная мысль. – 1999. - №1. -С.93.
7. Купряшин Г.Л. Кризисы модернизации / Г.Л. Купряшин // Кентавр. -1994. -№3.
8. Мухаев Р.Т. Политология //Концепция модернизации как парадигма анализа политических изменений / Р.Т. Мухаев. -М., 2011. -С.486-491.
9. Модернизация: зарубежный опыт и России. – М., 1994.
10. Пантин В.И. Волны политической модернизации и истории России / В.И. Пантин, В.В. Лапкин //Полис.-1998. - №2.
11. Поляков Л.В. Методология исследования российской модернизации / Л.В. Поляков // Полис. - 1997. - №3. -С.35-48.
12. Согрин В.В. Современная российская модернизация: этапы, логика, цена / В.В. Согрин // Вопросы философии. – 1994. - №11 -С.16.

**МОДЕЛИ МОДЕРНИЗАЦИИ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ПРАКТИКА СТРАН МИРА**

В статье рассматриваются модели модернизации и их практическая реализация на опыте стран Европы, Азии и Латинской Америки. Автором раскрывается сущность модернизации как процесс политического развития, предпосылки и темпы модернизации, стратегия и тактика модернизационного процесса. Анализируется классическая, запаздывающая, испанская, форсированная и другие модели модернизации.

**Ключевые слова**: политическая модернизация, предпосылки и темпы модернизации, стратегия и тактика модернизации, модели модернизации, ограниченная модернизация, форсированная модернизация, рыночная экономика, политическая культура.

**MODEL OF MODERNIZATION AND POLITICAL PRACTICE OF THE WORLD**

The article considers the model of modernization and their implementation on the experience of countries in Europe, Asia and Latin America. The author reveals the essence of modernization as a process of political development, the background and the pace of modernization, strategy and tactics of the modernization process. We are analyzing the classical retard, Spanish, and other forcing models of modernization.

**Key words:** political modernization, prerequisites and the pace of modernization, strategy and tactics of modernization, modernization model, limited modernization, accelerated modernization, market economy, political culture.

**Сведения об авторе**: ***Муродова Н.С.***- доцент кафедры политологии ТНУ. Телефон **918-20-66-65.**

# ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ И ТЕРРОРИЗМУ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ПОИСК ЭФФЕКТИВНЫХ РЕГУЛЯТОРОВ*

***П.Р.Нуриддинов***
**Таджикский национальный университет**

Если сделать обзор материалов по рассмотрению и прогнозированию ситуации в Центральной Азии, то можно заметить, что они в своем подавляющем большинстве готовятся экспертными центрами и авторами, представляющими страны Запада и Россию, и конструируют различные варианты будущего ЦА, исходя из собственных видения, подходов и способов анализа. В этих условиях ощущается острый дефицит в анализе ситуации в регионе со стороны местных экспертов. К сожалению, за последние 20 лет мы (страны Центральной Азии) так и не сформировали о себе целостного видения. Нередко на экспертном уровне имеет место апеллирование к внешним оценкам без соответствующего их критического восприятия. При этом сохраняется преувеличение

значения внешних факторов без полноценного учета внутренних процессов, которые зачастую и определяют тот или иной вектор изменений[1].

По оценкам экспертов, между странами Центральной Азии наблюдается только видимость тесного сотрудничества в военно-политической и экономической сферах через организации вроде ШОС и ОДКБ. Однако в реальности уровень внутрирегионального сотрудничества оставляет желать лучшего. ОДКБ и ШОС были созданы для решения определенных тактических задач (в основном, дипломатического характера), при этом события в Кыргызстане 2010 года показали, что в случае возникновения реальных угроз безопасности эти структуры оказываются неэффективными. В этой связи у экспертов преобладает скептическая оценка относительно дальнейшей роли этих организаций как механизма повышения внутрегионального сотрудничества *(«ОДКБ – клуб подготовки военных кадров», «ШОС – китайский зонтик»)*[2].

Эксперты, рассматривающие ситуацию в Центральной Азии с точки зрения «борьбы за региональное лидерство», считают лидерами региона Казахстан и Узбекистан. При этом, по мнению специалистов, сложилось устоявшееся позиционирование этих стран, как конкурентов. Такая ситуация мешает развитию двусторонних отношений, ведь два сравнительно сильных государства в Центральной Азии должны вести не соперническую, а согласованную политику, чтобы обеспечить стабильность региона[2].

Однако на уровне руководства стран такое понимание, по мнению экспертов, отсутствует. Более распространено пренебрежительное отношение: «чем слабее сосед, тем я сильнее», т.е. отсутствие общих стратегий и задач. Каждое государство думает и принимает решение, исходя исключительно из собственных интересов, ни одна страна не готова нести ответственность за ситуацию в регионе в целом.

Афганская угроза актуализируется в связи с возможностью вывода коалиционных войск к 2014 году. Есть мнение, что бедная и живущая за счёт производства наркотиков страна, оставшись предоставленной сама себе, опустится в пучину хаоса (гражданская война). В этом случае, по мнению ряда экспертов, южные границы Центральной Азии превращаются в постоянный источник угроз безопасности для стран региона. Рост числа беженцев и нелегальных мигрантов также возможные последствия дестабилизации Афганистана.

Однако уход США, по мнению некоторых экспертов, не обязательно приведет к негативному развитию ситуации в Афганистане и регионе в целом. Во-первых, полного вывода коалиционных войск из Афганистана не будет, но даже если он состоится, это, наоборот, снизит геополитическую напряженность в регионе, так как сразу «успокоятся» Пакистан, Иран, Китай и Россия. Во-вторых, за последние годы соседние страны научились строить взаимоотношения с Афганистаном, и у лидеров этих стран есть чёткое понимание, какие нужно предпринимать действия, чтобы не допустить эскалации напряженности в этой стране.

По оценкам отдельных экспертов, афганская угроза, при всей ее раскрученности, не более чем миф. По их мнению, происходит специальное «стравливание» региона с Афганистаном, чтобы «направлять защитные действия в регионе в неверном направлении».

Противодействие экстремизму и терроризму является одним из приоритетных направлений в обеспечении региональной безопасности Центральной Азии.

Страны Центральной Азии решительно осуждают экстремизм и терроризм во всех их формах и проявлениях и выступают за принятие коллективных усилий мирового сообщества по борьбе с этими явления.

Центрально-азиатский регион неукоснительно выполняет требования Резолюции СБ ООН и ежегодно представляет Национальный доклад о проделанной работе в Контртеррористический Комитет ООН. Поддержано создание и принято активное участие в деятельности Международной контртеррористической коалиции.

Например, Казахстан присоединился к четырнадцати международным универсальным инструментами по борьбе с терроризмом. В настоящее время Казахстаном проводятся внутригосударственные процедуры по ратификации 2-х протоколов и поправок к ним (Протокол к Протоколу о борьбе с незаконными актами, направленными против безопасности стационарных платформ, расположенных на континентальном шельфе, 2005 года; Протокол к Конвенции о борьбе с незаконными актами, направленными против безопасности морского судоходства, 2005 года)[3].

В регионе считают, что международное сотрудничество в борьбе с экстремизмом и терроризмом должны осуществляться в полном соответствии с нормами международного права, а также поддерживают дальнейшее совершенствование антитеррористических договорных механизмов, в том числе в отношении принятия Всеобъемлющей конвенции о борьбе с международным терроризмом.

В декабре 2003 года распоряжением Президента Республики Казахстан создан Антитеррористический центр для более эффективной работы всех силовых структур в борьбе с проявлениями терроризма и религиозного экстремизма[3].

На АТЦ возложена координация деятельности всех специальных, правоохранительных и иных ведомств по борьбе с терроризмом. На территории Центральной Азии запрещены организации, деятельность которых носит террористический характер. Организации признаются террористическими, если их

уставные цели и деятельность противоречат Конституции и Законам стран Центральной Азии и международным договорам, участником которых являются страны Центральной Азии; в случае, если существуют потенциальные опасности активизации функционирования этих организаций по дестабилизации обстановки в государствах центрально-азиатского региона.

В список террористических и экстремистских организаций, деятельность которых запрещены в регионе, включены 16 структур («Аль-Каида», «Асбат аль-Ансар», «Братья-мусульмане», «Боз гурд», «Жамаат моджахедов Центральной Азии», «Исламское движение Узбекистана», «Исламская партия Восточного Туркестана», «Курдский народный конгресс», «Талибан», «Лашкар-и-Тайба», «Хизб-ут-Тахрир», «Таблиги джамаат» и «Общество социальных реформ», «АУМ Синрикё», «Организация освобождения Восточного Туркестана», «Джунд-аль-Халифат (Солдаты халифата)»)[4].

Понимая, что борьба с международным терроризмом и экстремизмом требует взаимодействия государств на всех уровнях (глобальном, региональном и двустороннем), странам Центральной Азии подписан ряд международных и межгосударственных договоров и соглашений в данной сфере.

Большое значение придается развитию регионального сотрудничества, представленного в настоящее время деятельностью Антитеррористического центра Содружества Независимых Государств, Региональной антитеррористической структуры Шанхайской организации сотрудничества, а также в рамках предпринимаемых мер в сфере борьбы с терроризмом и экстремизмом Организации Договора о коллективной безопасности.

Осуществляется практическое взаимодействие государств-участников СНГ, входящих в состав созданного по инициативе Президента Казахстана в 2000 году Антитеррористического центра. Определен порядок организации и проведения совместных антитеррористических мероприятий на территории стран Содружества. Механизм его функционирования успешно апробирован в ходе крупномасштабного совместного учения специальных служб и органов безопасности стран Содружества «Каспий-Антитеррор-2005», состоявшегося в Казахстане в августе 2005 года[5].

Состоявшееся в период 25-28 января 2005 г. в г. Алматы при поддержке инициативы глав государств СНГ IV Специальное заседание Контртеррористического Комитета Совета Безопасности ООН, свидетельствует о признании международным сообществом важной роли, которую играют страны Содружества в борьбе против международного терроризма. Показательным выступает взаимодействие государств-членов Содружества в рамках Договора о сотрудничестве в борьбе с терроризмом от 1999 года[5].

Весомым компонентом обеспечения безопасности и стабильности, региональным и общемировым политическим фактором становится основанная 15 июня 2001 года «Шанхайская организация сотрудничества» (ШОС). В рамках регионального и субрегионального контртеррористического сотрудничества реализованы мероприятия по укреплению правовых основ противодействия терроризму в формате ШОС. Подписаны конвенция ШОС против терроризма, а также соглашения ШОС о подготовке кадров для антитеррористических формирований и о сотрудничестве в борьбе с незаконным оборотом оружия, боеприпасов и взрывчатых веществ. Ратифицировано Положение о политико-дипломатических мерах и механизмах реагирования ШОС на ситуации, ставящие под угрозу мир, безопасность и стабильность в регионе. Утверждена Программа сотрудничества государств-членов ШОС в борьбе с терроризмом, сепаратизмом на 2010-2012 годы[4].

В рамках ШОС с 1 января 2004 года действует Исполком Региональной антитеррористической структуры (РАТС) в г. Ташкенте. С момента создания Региональной антитеррористической структурой ШОС налажено взаимодействие с региональным представительством Управления ООН по наркотикам и преступности в Центральной Азии[6].

В формате Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) подписано Соглашение о Коллективных силах оперативного реагирования (КСОР), к задачам которых отнесена и борьба с терроризмом. Соответствующими нормативными правовыми актами регламентированы организационные аспекты создания КСОР. Принят Перечень организаций, признанных террористическими и экстремистскими на территориях государств-участников ОДКБ.

Страны центрально-азиатского региона открыты и активно сотрудничают в вопросах реализации организуемых международным сообществом мер в борьбе с международным терроризмом с Контртеррористическим Комитетом Совета Безопасности ООН, по соответствующим программам с НАТО / СЕАП, ОБСЕ.

21-22 июля 2011 года в г. Алматы состоялась Третья экспертная встреча по реализации Контртеррористической стратегии ООН в Центральной Азии при поддержке Регионального центра превентивной дипломатии для Центральной Азии. Данная встреча является последней в серии встреч, которые были направлены на подготовку Плана действий по выполнению четырех основных направлений Глобальной Контртеррористической стратегии ООН[7].

Наши страны на практике поддерживают усилия международного сообщества по борьбе с экстремизмом и терроризмом, развивают всесторонние сотрудничество и

взаимодействие. Правовое обеспечение противодействия различным формам экстремизма и терроризма требует комплексного правового, социологического и политологического анализа этого сложнейшего социально-политического феномена.

Начиная с 70-х годов XX в. правительствами различных стран мира предпринимаются усилия по выработке единого подхода к решению проблемы экстремизма и терроризма.

За рубежом сложились три точки зрения на сей счет:

**Первый принцип:** не вступать ни в какие переговоры с экстремистами и террористами и немедленно проводить полицейскую или войсковую операцию – предельно жесткая линия. Вину за возможные жертвы среди заложников полностью возлагать на террористов и экстремистов.

Правительства не должны удовлетворять требования экстремистов и террористов.

**Второй принцип:** многие страны, придерживаясь концепции «никаких уступок экстремистам (террористам)» как основополагающего принципа, тем не менее, склонны к использованию более гибкой тактики в отношениях с экстремистами и террористами.

**Третий принцип:** при выборе способа действий в условиях экстремизма исходит из национальной принадлежности его участников.

Основными направлениями противодействия экстремизму и терроризму являются: создание международной правовой базы как важнейшего условия для осуществления согласованных и результативных антитеррористических действий; формирование международных антитеррористических центров и привлечение вооруженных сил для борьбы с экстремизмом; оздоровление социально-экономической обстановки в странах и регионах, являющихся основными источниками вооруженных конфликтов[7].

Важнейшими условиями повышения эффективности противодействия экстремизму и терроризму для Центральной Азии являются разработка общерегиональной комплексной программы, включающей не только правоохранительный, но и политический, социальный, экономический, правовой, идеологический, пропагандистский, информационный, силовой, специальный (оперативный, розыскной) и другие аспекты по устранению социальных условий, способствующих развитию террористических операций с учетом их типологии, форм подготовки и проведения, а также мониторинга текущего состояния и прогнозирования развития экстремизма и терроризма.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Аналитический доклад «Центральная Азия-2020: взгляд изнутри». Часть 1. – 2012. http://www.iarex.ru/articles/29104.html
2. Аналитический доклад «Центральная Азия-2020: взгляд изнутри». Часть 2. – 2012. http://www.iarex.ru/articles/29105.html
3. Актуальные вопросы внешней политики Казахстана. http://www.kazembassy.by/politic/relevant_questoins.html
4. Противодействие терроризму в рамках ШОС (Справка). http://www.mid.ru/bdomp/ns-rasia.nsf/3a0108443c964002432569e7004199c0/c32577ca0017458644257937002 6ab3a!OpenDocument
5. Борьба с терроризмом и экстремизмом в Казахстане. http://www.mfa.kz/index.php/ru/vneshnyaya-politika/aktualnye-voprosy-vneshnej-politiki-kazakhstana/protivodejstvie-novym-ugrozam-i-vyzovam/12-material-orys/617-borba-s-terrorizmom-i-ekstremizmom-v-kazakhstane
6. Реализация Глобальной Контртеррористической Стратегии ООН в Центральной Азии. http://www.un.org/ru/terrorism/ctitf/3rd_expert_meeting_almaty.pdf
7. Нуриддинов П. Р. Проблема противодействия экстремизму в Российской Федерации, поиск эффективных регуляторов / П. Р. Нуриддинов // Материалы XLIX Международной научной студенческой конференции «Студент и научно-технический прогресс», 16-20 апреля 2011 г.: Управление. – Новосибирск : СибАГС, 2011. – С. 215.


## ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ И ТЕРРОРИЗМУ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ПОИСК ЭФФЕКТИВНЫХ РЕГУЛЯТОРОВ*


В статье рассматривается проблема противодействия экстремизму и терроризму в Центральной Азии, а также условия повышения эффективности противодействия экстремизму и терроризму в Центральной Азии.



**Ключевые слова:** Центральная Азия, экстремизм, терроризм, афганская угроза, региональная безопасность, ОДКБ, международное сотрудничество.


## COUNTERING EXTREMISM AND TERRORISM IN CENTRAL ASIA: SEARCH EFFECTIVE REGULATOR


The article deals with the problem of extremism and terrorism in Central Asia and the conditions increase the efficiency countering of extremism and terrorism in Central Asia.



**Key words:** Central Asia, extremism, terrorism, the Afghan threat, regional security, the CSTO, international cooperation.



**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов П.Р.*** - ассистент кафедры международных отношений, факультета международных отношений Таджикского национального университета, ведущий специалист Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан Телефон: **(+992) 907-35-35-02**

## П Е Д А Г О Г И К А

# ВНЕДРЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СИСТЕМУ ГУМАНИТАРНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Присутствие и взаимодействие толерантных и интолерантных учащихся в пространстве учебного заведения обусловлено их общим местом жизнедеятельности и одинаковыми контактами с окружением. Однако их ценностные установки, приемы общения и взаимодействия остаются разными.

Проявление интолерантности ведет к возникновению конфликтных ситуаций, затрудняет успешность, в конечном счете, препятствует самому образовательному процессу и личностному росту. Преимуществом толерантных людей является то, что они действуют в интересах успешности ведения «культурного» диалога и в целях избегания межкультурных конфликтов с различными социальными, культурными группами или их представителями. Взаимодействие на основе построения толерантного мировосприятия помогает построить открытую, бережную, свободную от напряженности среду в учебном заведении, которая позволит учащимся свободно делиться своими переживаниями, идеями и представлениями.

Можно выделить два механизма перехода от интолерантной среды к толерантной:

Первый заключается в пресечении негативных, агрессивных или враждебных реакций по отношению к другому. Это могут быть определенные ограничения, описанные в правилах и регламентирующих документах учебного учреждения. Их можно найти в международных стандартах прав человека, различных законах, в которых содержатся не просто конкретные формулировки такого рода ограничений, но и налагается ответственность за проявления интолерантности. К сожалению, такие ограничения выражают минимальный уровень уважения к другим, и, если он не выдерживается, люди и общество скатываются к нетерпимости и нарушению прав человека.

Другой механизм развития и укрепления толерантности выражается в создании условий, необходимых для осуществления прав человека и утверждения демократии. В рамках образовательного пространства образовательного учреждения переход к толерантности означает культивирование отношений открытости, реальную заинтересованность в культурных различиях, признание многообразия, развития способности распознавать несправедливость и предпринимать шаги по ее преодолению, а также способность конструктивно разрешать разногласия и обеспечивать продвижение от конфликтных ситуаций к примирению и разрешению противоречий. Он проявляется в нацеленности педагогов и учащихся на конструктивное разрешение конфликтов совместной деятельности, а также в организации групповой рефлексии, в которой отражается понимание различного поведения людей.

Эти механизмы не конкурируют между собой, а находятся в отношениях взаимного дополнения, особенно в ситуации, когда налицо проявления интолерантности. Задача педагога моментально реагировать и пресекать такие проявления. Но самая важная задача педагога - научиться видеть и различать первые признаки возможной конфликтной ситуации, дабы предотвратить ее развитие или найти компромиссный, толерантный выход из конфликта. Доминирующими методами воспитания и самовоспитания толерантности во взаимоотношениях являются: убеждение и самоубеждение, стимулирование и мотивация, внушение и самовнушение, требование и упражнение, коррекция и самокоррекция, воспитывающие ситуации и социальные пробы-испытания, метод дилемм и рефлексия.

Практическая подготовленность учащегося состоит в приобретении умений и навыков гибкого реагирования на различные социальные воздействия, в формировании запаса творческих решений реальных социально-значимых задач, выработке потребности творческих исканий, принятии оптимальных решений, уверенности в своих возможностях. Современная социально-культурная ситуация определила насущную необходимость в формировании толерантности в качестве условия выживания человечества в будущем; как ценности социально-культурной системы; как нормы гуманных человеческих отношений, как мировоззрения и осознанного ориентира построения взаимоотношений с окружающим миром [2]. Это позволяет рассматривать толерантность как многокомпонентное явление объективной реальности.

Воспитание в духе толерантности, прежде всего, решает задачу раскрытия смысла бытия человека в мире через понимание характера и способов его взаимодействия с этим миром. Процесс образования и воспитания в толерантной среде состоит в осмыслении человеком своего места в мире, в овладении способами взаимодействия с ним. В конечном счете, речь идет о восприятии толерантности как личностно-значимой ценности.

Настало время понять - при всем различии людей на Земле, мы — одни и те же. Норма толерантности – это понимание, что мы при всей своей непохожести, очень близки. Толерантность — это искусство жить с непохожими людьми. Толерантность — это норма ценности отличий другого человека и поддержка этих отличий. Толерантность — это норма, которая позволяет не только понять другого человека, но и принять его, что намного сложнее. Толерантная культура — это видение ценности различий. Именно различия обеспечивают становление и развитие системы[8].Толерантное отношение способствует тому, что мы начинаем ценить различия людей, тем самым мы ценим и различные выходы из конфликтных ситуаций. В ситуации кризиса, тупика всегда выиграет культура достоинства и толерантности, а не тоталитарная культура. Толерантность как норма поддержки разнообразия эволюционно выигрышна в культуре. Кто встает на путь толерантности, тот обеспечивает стратегический эволюционный выигрыш. Кто встает на путь тоталитарный, где уничтожаются все различия, рано или поздно подрубает путь своего собственного развития.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Гафуров Б. Таджики / Б. Гафуров - М., 1983.
2. Гершунский Б.С. Философия образования для XXI века (в поисках практико-ориентированных образовательных концепций) / Б.С. Гершунский. - М., 1998.
3. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школ: автореф. дисс. докт. пед. наук / И.Х. Каримова. - Душанбе, 2000.
4. Мец А. Мусульманский Ренессанс / А.Мец. - М., «Наука». 1966. 460 с.
5. Пчелинцева И. Толерантность и школьник / И.Пчелинцева. -М.: МОЗАИКА-СИНТЕЗ, 2003.
6. Пчелинцева И. Толерантность, как она формируется?/ И. Пчелинцева. - М.: МОЗАИКА-СИНТЕЗ, 2001.
7. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории / Эмомали Рахмон. - Душанбе, 1999. -132 с.
8. Кузнецов Ю. В. Проблема толерантности в условиях глобализации / Ю. В.Кузнецов, Г.В. Жигунова. http://www.helion-ltd.ru/tolerant-pro - 5 С.

**ФОРМИРОВАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ СОВРЕМЕННОЙ МОЛОДЕЖИ В СИСТЕМЕ ЦЕННОСТНЫХПРИОРИТЕТОВ ОБРАЗОВАНИЯ**

Построение толерантной среды в образовательном пространстве любого учебного заведения затрагивает социологический, психолого-педагогический и методологический уровни в пространственной организации жизнедеятельности человека. Идея формирования толерантности в образовательных заведениях имеет определенную специфику, которая состоит в том, что эта идея получает здесь дополнительную межличностную окраску. В качестве особой ценности образования рассматривается взаимодействие с другими людьми, в ходе которого происходит личностное взаимообогащение и развитие.

**Ключевые слова.** Толерантность, терпимость, современная молодежь, образовательная система Республики Таджикистан.

**FORMATION OF TOLERANCE OF MODERN YOUTH IN THE SYSTEM OF VALUE PRIORITIES OF EDUCATION**

Construction of a tolerant environment in the educational space of any educational institution affects the sociological, psychological, pedagogical and methodological level in the organization of human life. The idea of formation of tolerance in educational institutions has a certain specific which is that this idea gets here additional interpersonal color. As a special value of education is considered the interaction with other people, during which there is mutual enrichment and personal development.

**Key words.** Tolerance, the youth of today, the educational system of the Republic of Tajikistan.

**Сведения об авторе:** ***Исмаил Челик*** – аспирант НИИ РО Академии образования Таджикистана.

# ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

*Маҳмадамин Қаюмов*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ**

Мутафаккири барҷастаи тоҷик Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино зуҳуроти бисёр нодир ва мустаснои на танҳо илму тамаддуни тоҷик, балки тамаддуни башарист. Истеъдод ва ақлу заковати фавқулодда ба Абӯалӣ ибни Сино имкон дод, ки дар зиндагонии кӯтоҳи хеш тамоми осори фалсафӣ, табиӣ ва тибби Эрону Ҳинд ва муҳимтар аз ҳама Юнонро на танҳо мавриди омӯзиш, балки мавриди таҳқиқ ва муҳокима қарор диҳад.

Ба қавли М. Диноршоев тафаккури шахсе, ки «...фалсафаи Арастуро танқидан аз худ кард, бисёр ақоиди Суқрот, Афлотун ва афлотунияи ҷадидро рад намуд, ба Гераклиту Зенон, Пармениду Демокрит бомуваффақият баҳс намуд, таълимоти софистҳо ва идеализми математикии пифагориҳоро беасос номид» [3,42] пас чӣ гуна наметавонад, дар муқобили ақидаҳои фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирони Юнон, ки асоси таълимоти фалсафӣ-педагогии мутафаккирони Аврупоро таълимоти онҳо ташкил менамояд, ақида ва таълимоти тарбиявӣ-ахлоқии худро надошта бошад?

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино аз он шаҳодат медиҳад, ки ин мутафаккири барҷаста дар ҷодаи таълиму тарбия на танҳо чун идомабахши таълимоти педагогии бузургони гузаштаи то аҳди зиндагонии хеш мебошад, балки дар баёни афкор, таълифи асар дар мавриди таълиму тарбия аз дигар мутафаккирон пеш рафта, таълимоти педагогии ӯ махсусиятҳои хосро касб кардааст. Зеро, ба ақидаи муҳаққиқон Х. Афзалов., Б. Раҳимов: «Дар таърихи афкори педагогикаи тоҷик Ибни Сино аввалин шуда дар боби алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ масъала пеш гузоштааст. Мақсади тарбияи ҷисмониро ӯ аз инкишоф додан ва мустаҳкам намудани қувваи ҷисмонии бачагон иборат медонист. Ибни Сино барои обутоби ҷисми бачаҳо ташкили чунин бозиҳои варзиширо пешниҳод намуда буд: ҷаҳидан, давидан, тӯббозӣ, гӯштингирӣ, аспсаворӣ, шамшерзанӣ ва ғайраҳо. Ба ақидаи ӯ тарбияи ҷисмонӣ беҳтарин дармонест барои инсон» [2, 41].

Аммо, мутаассифона, то ба имрӯз оид ба паҳлӯҳои таълимоти педагогии ин мутафаккири барҷаста дар илми педагогикаи тоҷик танҳо як таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи С. Охунова [5] ба анҷом расидаасту халос, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳанӯз дар замони низоми Шӯравӣ оид ба таълимоти педагогӣ-психологии Абӯалӣ ибни Сино таҳқиқотҳои диссертатсионӣ роҳандозӣ гардидааст, ки аз байни онҳо таҳқиқотҳои С. Раҳимов [6] хеле барҷаста мебошад.

Муҳаққиқон М. Орифӣ, Х. Афзалов, Б. Раҳимов, Қ. Хоҷаев, Қ. Қодиров, А. Аминҷонова, М. Ғиёсиев, Ҷ. Саидзода, А. Ҳалимов ва дигарон дар таҳқиқотҳои илмии хеш, новобаста аз он, ки дар мавзӯоти мухталифи таърихи педагогикаи халқи тоҷик бахшида шудаанд, афкор ва таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Синоро ёдрас кардаанд.

Масалан, муҳаққиқон Х. Афзалов., Б. Раҳимов дар мавриди алоқамандии масъалаи тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ дар афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино чунин қайд намудаанд, ки: «Мақсади асосии тарбияи оилавӣ иборат аз тарбияи ахлоқӣ ва ҷисмонист. Ӯ таъкид карда буд, ки ҳанӯз пеш аз мактаб рафтани бача ба ӯ бояд одоби гуфтор ва рафтори некро талқин намуд.

Тифл бояд ҳар рӯз машқҳои сабуки ҷисмониро иҷро кунад. Ҳар як машқи ахлоқӣ ва ҷисмониро бояд тифл бо шавқу ҳавас иҷро намояд. Волидайн бояд кӯшиш намоянд, ки ин машқҳо бачаро дилгир накунад. Агар ин талабот риоя нашавад, бачагон суstирода, лоғар, тарсончак ва асабӣ ба воя мерасанд…» [2, 41].

Муҳаққиқ Ҷ. Саидзода қайд менамояд, ки: «Андешаҳои педагогии Сино дар бисёре аз осори ӯ бозтоб ёфтаанд. Масалан, дар китоби «Тадбири манзил» боби вижае тартиб дода, онро «Омӯзишу парвариши мадрасаи фарзанд» унвонгузорӣ кардааст. Ибни Сино таълими илму адаби ҳамагонӣ, роҳу равишҳои тарбияву таълим, тарбияи фарзанд дар оила, нақши инсон дар ҷомеа ва масъулияти он ва амсоли инро дар гӯшаи шоиста нишон додааст» [7, 9-10].

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ дар афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино бештар дар рисолаҳои «Урҷуза фи-т-тиб» ва « Тадбири манзил» ҷой гирифтааст. Рисолаи «Урҷуза фи-т-тиб» ба таври фармоишӣ аз тарафи мутафаккир таълиф гардидааст, зеро дар оғози рисола муаллиф қайд намудааст, ки: «Барои ҳакимону фозилони қадим таомул шуда буд, ки хизмати подшоҳон, амирон, халифаҳо, вазирон ва қозикалонҳо ва фақеҳонро ба ҷо оварда, асарҳои манзуму мансур, санъатию илмӣ тасниф ва таълиф намоянд. Махсусан, табибони шоир аз ин доира дар канор набуданд» [1,253 ].

Рисолаи «Урҷуза фи-т-тиб» асарест, ки комилан дар маҷмӯи масъалаҳои илмӣ ва амалии тиб баҳс намояд ҳам, аммо таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино оид ба тарбияи ҷисмонӣ маҳз дар ҳамин рисола бештар фароҳам оварда шудааст. Масалан, дар бораи манфиати варзиш дар рисола қайд намудааст, ки: «Дараҷаи муътадилии варзиш хуб аст, пас лозим меояд, ки ҳамин ҳолати муътадилӣ нигоҳ дошта шавад. Варзиш баданро муътадил гардонида, чизҳои ношоям ва нодаркорро берун мебарорад» [1, 262].

Абӯалӣ ибни Сино таъкид менамояд, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз кӯдакӣ бояд омӯзонд, зеро тарбияи дурусти ҷисмонӣ чи дар муҳити хонаводагӣ ва чи машғулиятҳои ҷисмонӣ дар мактаб ва машғулиятҳои варзишӣ барои нашъунамои кӯдакон ва наврасон таъсири бузург мерасонад. Дар ин маврид мутафаккир қайд менамояд, ки: «Варзиш аз як тараф, узвҳоро барои хуб қабул кардани ғизо тайёр намояд, аз тарафи дигар, барои дуруст нашъунамо ёфтани хурдсолон кӯмак мерасонад» [ 1,263].

Аммо, бояд қайд намуд, ки бо таъкиди Абӯалӣ ибни Сино варзиш ва тарбияи ҷисмонии номунтазам ба саломатӣ зарар мерасонад, зеро ба қавли ин мутафаккир: «Агар дараҷаи варзиш аз ҳад гузарад, он рӯҳро суст намуда, касро хастаю бефароғат мекунонад » [ 4,263].

Дар баробари тарғиби тарбияи ҷисмонӣ бахри солимӣ ва тандурустӣ Абӯалӣ ибни Сино ба тозагӣ ва гигиенаи ҷисм низ диққати асосӣ додааст, зеро ба ақидаи ӯ : «Дар сари вакт бахри аз чирк тоза шудан ба ҳаммом рав. Дар ин бобат сустӣ макун, то ки ба василаи ҳаммом чизҳои бекора (зиёдатӣ) аз сатҳи бадан хориҷ шаванду пӯсти бадан аз чиркҳо (нопокиҳо)-и пайдошуда тоза гардад» [ 1,263].

Аз ин рӯ, таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино, зимни тарбияи ҷисмонӣ боз ба насли наврас ва ҷавонон тарбияи гигиенӣ ва зебоипарастиро талқин менамояд, ки дар ин маврид, ягон мутафаккири дигар ба мисли Абӯалӣ ибни Сино ба масъалаҳои тарбия диққати асосӣ надодааст.

Абӯалӣ ибни Сино дар мавриди тарбияи ҷисмонӣ ба таври ҳамгиройӣ ба дигар навъҳои тарбия масъалагузорӣ намудааст. Масалан, дар мавриди тарбияи ҷисмонӣ бештар ба тарбия ва нигоҳдории кӯдакон аҳамият додааст, ки дар баробари ба тарбияи ҷисмонии кӯдак фарогир гардидани падару модар, бояд ба пешгирии осебпазирии ҷисмонии ӯ аҳамият диҳанд, зеро бемориҳое, марбут ба бадан ба миён меоянд, дигар онро тарбияи ҷисмонӣ бартараф карда наметавонад. Дар ин маврид, қайд менамояд, ки: « Ва гоҳҳо мешавад, ки тифли худро танҳо мегузоранд, ки дар натиҷа вай аз нодонӣ ғалтида, ягон ҷояшро мешиканад, ки дигар тиб қодир нест онро ба шакли аввалааш баргардонад» [ 1,263].

Қайд, кардан бамаврид аст, ки илми педагогика қонуниятҳои тарбия, таълим ва роҳу усулҳои онро меомӯзад ва натиҷагирии ҳама таҳқиқотҳои педагогӣ ба манфиати инсон равона гардидааст. Аз ин рӯ, тамоми таълимоти педагогии Абӯалӣ Ибни Сино маҳз барои инсон ва пешравии ӯ равона гардидааст.

Абӯалӣ ибни Сино дар «Тадбири манзил» менависад: «Худованди қодири мутаъол хасоисе аз неъматҳои худро ба бани навъи инсон ихтисос дода ва сабаби онҳо мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намуда аст» [1,13].

Ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино инсон зеботарин махлуқ мебошад, комилтарин табиат дорад ва таркибаш муътадилтарин аст. Сифатҳои волои инсонӣ аз назари Абӯалӣ ибни Сино, пеш аз ҳама, аз ақлу басират, одоби ҳасана, ахлоқи карима, малакоти фозила иборат мебошад, зеро ин сифатҳои инсонӣ, асоси зиндагии одамиятро ташкил медиҳанд. Дар таълимоти педагогии ӯ инсонҳои чунин фазилатҳоро дошта, зиндагии беҳтарин дорад.

Абӯалӣ ибни Сино ҳамчунин дар рисолаи «Тадбири манзил» ба омӯзгорон тавсия медиҳад, ки пеш аз ҳама бояд қобилияту рағбати бачагонро омӯзанд ва донанд. «Устод, - менависад ӯ, - мехоҳад саноат (фан) биомӯзад, бидонад, ки наметавонад ба ҳар шогирд саноатеро таъмин кунад, балки ҳар кадоме аз шогирдон завқу шоистагии омӯхтан ва фаро гирифтани саноати махсусеро доранд. Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш саноат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи матлуб намедиҳад» [ 1, 24].

Масалан, Абӯалӣ ибни Сино дар мавриди замони ба тарбия фаро гирифтани фарзанд чунин қайд менамояд, ки: «Замоне, ки мафосили бадани бача сахту забони вай дуруст гӯё ва гӯшаш барои шунидану пазируфтани сухан омода ва вуҷудаш мустаиди фаро гирифтани илму адаб гардид, бояд ба ӯ илму адаб омӯхт» [1,24].

Рисолаи «Тадбири манзил» ба масъалаҳои гуногуни ахлоқу одоб, расму ойин, маишату рӯзгордорӣ, оилаву хонадорӣ, таҳсилу таълим, омӯзиши касбу ҳунар, санъату варзиш, сиёсату идораи мамлакат ва дигар паҳлӯҳои зиндагии инсон бахшида шудааст. Абӯалӣ ибни Сино, ки бо тақозои мафкураи ҳукмрони замонаш, ки ҷанбаи динӣ дошт, таваҷҷуҳи хонандаро ба шинохтани ҳаққи падару модар ҷалб менамояд, аз фазилатҳои асосии инсон-некиву накӯкорӣ мулоҳизаҳо баён мекунад. Дар ҳамин рисола, ҳамчунин дар бораи ташаккули фарзанд аз кӯдакиву ҷавонӣ то пирӣ ва аз омӯзиши илму пешаҳои гуногун, тадриҷан то ба дараҷаи ҳукмронии мамлакат расидани ӯ сухан меронад [1,292].

Имрӯз, таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино дар мавриди тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таълиму тарбияи муосир низ арзиши худро гум накардааст, балки коррбуди тавсияҳои пешниҳоднамудаи ин мутафаккир дар дастурҳои таълимии фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва тавсияҳои мураббиёни варзиш бениҳоят судманд мебошанд. Масалан, мутафаккир таъкид менамояд, ки: «Инчунин баъди варзиши зиёд оби хунукро нанӯш, ки зиёновар мебошад» [ 4, 293].

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино зарурати таҳқиқоти диссертатсиониро тақозо менамояд. Масалан, дар баробари вусъат ёфтани намудҳои гуногуни варзиши ҷаҳонӣ дар

Тоҷикистон, аксари намудҳои варзиши миллӣ ҳам ҷоннок мегарданд, ки мо инро ҳангоми баргузории ҷашнҳои миллӣ ва санаҳои муҳимми таърихӣ мушоҳида менамоем. Бешак, варзиши миллӣ низ дар радифи намудҳои варзиши муосир дар байни мардум мухлисони зиёд дошта, барои густариши тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, мо бояд ҳарчӣ бештар кӯшиш намоем, ки на танҳо варзиши миллиро муаррифӣ намоем, балки афкори тарбияи ҷисмонӣ ё варзишии мутафаккирони гузаштаи хешро низ тарғиб намоем.

Масалан, агар имрӯз дар тарғиби варзиши тиббӣ ва гигиенаи мактабӣ ва варзишӣ мо бештар ба дастурҳои тавсиявии муҳаққиқони Аврупо такя мекунем, аммо мебинем, оддитарин қоидаҳои талаботи гигиениро оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва машқҳои варзишӣ Абӯалӣ ибни Сино пешниҳод намудааст.

Аммо, азбаски таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино дар пояи арзишҳои динӣ баён гардидаанд, мутафаккир бештар пояҳои ахлоқи исломиро тарғиб намудааст. Ба ақидаи С.Сулаймонӣ, ки: «Ислом ба эътибори хеш барои таълиму тарбият аҳамияти вижаро қоил аст ва донишмандонро ворисони Паёмбар (с) мехонад ва донишҷӯйиро бар зану марди мусалмон воҷиб мешуморад ва аз онҳо мехоҳад, ки аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯянд ва дар пайи дониш то ба Чин роҳ бипаймоянд. Инояти хосси ислом ба таълиму тарбият сабаб шуд, ки хостгоҳи муҳаддисону фақеҳон, файласуфон, адибону мутакаллимон, сӯфиёну доиратулмаорифпардозон ва донишмандоне шавад, ки ҳар яке ба фаъолиятҳои илмии худ дорои усул, равишҳо ва ҳадафҳои тарбиятӣ будаанд» [8].

Ҳамин тавр, бояд қайд, намуд, ки дар шароити низоми таълиму тарбияи муосир, таҳлили маводҳои таълимӣ, методии вобаста ба кӯдакони томактабӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд дастурҳои тавсиявии тарбиявии зиёде ба нашр расида бошанд ҳам, аммо дар онҳо вобаста ба мазмун ва мундариҷаи ҳамон мавод, пораҳои тарбиятӣ вобаста ба тарбияи ҷисмонӣ аз афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино оварда нашудааст.

Набудани хоҳишу талабот, маҳорату малакаи омӯхтан, таҳлилу ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами педагогии кормандони муассисаҳои томактабиро дар он дидан мумкин аст, ки мутахассисон доир ба маводу дастурҳои таълимию методӣ дар хаҷми хурд бошад ҳам, тақризу андешарониро дар саҳифаҳои матбуоти даврии педагогӣ раво надонистанд. Агар, чунин, тақризу андешаронӣ сурат мегирифт, баъдан ошкор мегардид, чаро маҳз дар дастурҳои мазкур мисолҳо аз таълимоти педагогии мутафаккирон, бахусус аз Абӯалӣ ибни Сино оварда нашудааст, чаро ба ин масъала диққати асосӣ дода намешавад?

Аз тарафи дигар, илмсанҷии педагогӣ метавонад ба ҳама саволҳое, ки имрӯз дар назди педагогикаи тоҷик дар мавриди таҳқиқи тарбияи ҷисмонӣ аз диди муттафаккирон ва сабабҳои камтаҳқиқии ин масъала ҷавоб гӯяд.

Зимни таҳқиқи масъалаҳои тарбия аз нигоҳи мутафаккирони тоҷик, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ, муҳаққиқон чунин даъво пешниҳод менамоянд, ки бояд натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи онҳо вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар зинаҳои таҳсилот паҳн карда шаванд, ё омӯзгорон ба омӯзиши масъала ва корбасти он дар амалия машғул шаванд.

Дар адабиёти педагогӣ соҳаҳои зерини худомӯзии муаллим ба назар гирифта шудаанд: оид ба педагогика ва психология, оид ба ихтисос, оид ба сиёсат, илм ва ғайраҳо. Маҷмӯи ин соҳаҳо мундариҷаи нақшаи худомӯзии муаллимро муайян менамояд. Вале, агар муаллим ба ҳамаи ин масъалаҳо якбора машғул шавад, кораш барор намегирад.

Ҳамин тавр, вазифаи таҳқиқоти илмӣ иборат аз он аст, ки натиҷаашро бояд амалӣ намуд ва омӯзгорон метавонанд, дар натиҷаи худомӯзӣ оид ба педагогикаи ниёгон аз таҷрибаи пешқадами мутафаккирон дар мавриди таълиму тарбия огоҳ шаванд, аз ҷумла омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ аз таълимоти педагогии Абӯалӣ ибни Сино дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

Чун мавзӯи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ дар афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино васеъ ва доманадор аст, имконият пайдо намегардад, ки дар сатҳи мақола оид ба ин масъала амиқтару муфассалтар маълумот бидиҳем.

Муҳаққиқ М. Орифӣ дар ин маврид низ қайд намудааст, ки:

«Албатта, рӯй додани баъзе аз ин камбудиҳо ба сабабҳои маъмулии воқеъӣ вобастагӣ дорад. Чунончи, хурд будани хаҷми асар ва маҳдуд будани мақсади назди худ гузоштаи мо имконият надод, ки баъзе аз масъалаҳо пурратар равшан карда шаванд» [4, 6].

**АДАБИЁТ**


1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб / Абӯалӣ ибни Сино. -Душанбе, Ирфон, 1983. -Ҷ.2. -528 с.
2. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х. Афзалов, Б Раҳимов. –Душанбе: Ирфон,1994. -190 с.
3. Диноршоев М.Д. Натурфилософия Ибн Сины / М.Д. Диноршоев. -Душанбе: Дониш, 1985. -256 с.
4. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик / М. Орифӣ. - Душанбе, 1962. -143 с.
5. Охунова С. Х. Педагогические взгляды Абуали ибн Сино: дисс ... кан. пед. наук / С. Х. Охунова. - Душанбе, 1996.- 141 с.

6. Рахимов С.Р. Психолого- педагогические взгляды Абу Али Ибн Сины / С.Р. Рахимов. –Тошкент: Укитувчи, 1979.
7. Саидзода Ҷ. Ақидаҳои педагогии Соиб / Ҷ. Саидзода. –Душанбе: Ирфон, 2012. -144 с.
8. Центральная Азия на пути к культуре мира: формирование толерантного сознания, воспитание культуры мира: материалы международной конференции; сост. и ред. Каримова И.Х.; Академия образования Таджикистана. –Душанбе: Ирфон, 2011.- с.

**ФИЗИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ АБУАЛИ ИБН СИНА**

Данная статья посвящена изучению педагогических воззрений Абуали ибн Сина в области физической культуры и спорта. В статье отмечается, что в настоящее время для пропаганды личной гигиены и развития физической культуры в общеобразовательных учреждениях, учебных заведениях мы чаще всего обращаемся к учебникам, учебным пособиям и рекомендациям европейских исследователей. Изучая педагогические воззрения мыслителя, автор пришел к выводу, что относительно элементарных правил соблюдения личной гигиены в физической культуре и спорте, выполнение спортивных упражнений, Абуали ибн Сина в свое время предложил собственную систему.

**Ключевые слова*:*** физическая культура, педагогичское учение, педагогика, воззрение, Абуали ибн Сина, исследование, спорт, гигиена, изучение.

**PHYSICUL CULTURE AND PEDAGOGICUL OUTLOOK OF ABUALI IBN SINO (AVICENA)**

This article is dedicated to the research of pedagogical outlook of Abuali Ibn Sino (Avicenna) in a sphere of physical culture and sport. This article indicates that, we frequently appeal to the manuals, teaching aids and recommendations of European investigators regarding to advocacy of personal hygiene and development of physical culture in comprehensive school, in present time. Learning the pedagogical outlook of thinker, the author concluded that, the most elementary rules of observation of personal hygiene in physical culture and sport, fulfilling the sport exercises, have been proposed by Avicenna in his own system in that period.

**Key words:** physical culture, pedagogical studies, pedagogy, outlook, Avicenna, research, sport, hygiene, learning.

**Сведения об авторе:** ***Каюмов М.*** – соискатель НИИРО Академии образования Таджикистана.
Телефон: **(+992) 91893814.** E-mail: **Makmadamin 05.82@mail.ru**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ НАСЛИ НАВРАС

***И. Қодиров***
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Пас аз ҳазору сад сол баъд аз давлатдории Сомониён ба халқи тоҷик бори дигар муяссар гашт, ки соҳиби давлати мустақилу соҳибистиқлол шавад. Аммо барои паси сар намудани ин роҳи тӯлонии таърихӣ ба халқи мо лозим омад, ки ҳазору сад сол мубориза барад. Ин роҳ аҷаб роҳи тӯлонӣ, роҳи пур аз ҷангу ҷидол ва ҷабру ситам, роҳи пур аз азобу шиканҷаҳо, ашку хун ва қурбониҳо ба сӯйи озодӣ ва истиқлолият буд. Ба чунин тақдири талх нигоҳ накарда, халқи тоҷик на фақат тавонист маданият, фарҳанг ва ахлоқи хешро нигоҳ дорад, балки дар пешравии тамаддуни башарӣ саҳми арзандаеро низ гузорад.

Сарчашмаҳои таърихие, ки то ба замони мо омада расидаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки халқи тоҷик дар давоми асрҳо баҳри озодӣ, истиқлолият ва ҳифзи хоки муқаддаси ниёгон - Ватани хеш, мубориза бурдааст. Ба хотири тасдиқи фикри мазкур басанда аст, ки Спитамен, Муқаннаъ, Темурмалик ва дигаронро, ки барои ҳимояти озодӣ ва истиқлолияи Ватан ҷони худро нисор кардаанд, ёдовар шавем. Ватан барои халқи тоҷик дар ҳама давру замон аз ҳама арзишҳои зиндагӣ дида арзиши воло ва муқаддастарин буд ва мебошад.

Мусаллам аст, ки пас аз пош хӯрдани давлати Шӯравӣ халқи тоҷик ба монанди дигар халқҳои собиқ ИҶШС соҳиби давлати соҳибихтиёр шуд. Аммо дар фазои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки оламро фаро гирифт, яъне баъди ба даст овардани истиқлолият, мардуми мо ба яке аз вазифаҳои умдатарин - ҳифзи озодию истиқлолияти Ватани худ рӯ ба рӯ омад. Аз ин лиҳоз, имрӯз масъалаи ватандӯстию ватанхоҳӣ, ҳифзи Ватан-Модар аҳамияти аввалиндараҷаро касб кардааст.

Бинобар ин, ҷомеаи имрӯзаи мо тақозо менамояд, ки дар баробари ҳалли дигар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ масъалаи таълиму тарбияи насли наврас низ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ҷавобгӯйи ниёзҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ бошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷомеа дар назди ҳар як насли нав вазифаҳои нав ба нави тарбиявиро гузошта, ҳалли онҳоро тақозо менамояд. Дар айни замон яке аз вазифаҳои асосии ҷомеа рушду нумӯи илму фарҳанг, маданияту маънавиёт ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас мебошад. Баъди он ки халқи тоҷик истиқлоли миллиро соҳиб гашт, яке аз масъалаҳое, ки аҳамияти аввалиндараҷаро гирифтааст, ин ҳимояи марзу бум ва истиқлолияти бадастомада мебошад. Дар ҳалли ин масъала лозим аст шахсеро парвариш намуда ба воя расонем, ки ӯ дар шароити давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иқтисоди бозорӣ меҳнат, бунёд, эҷод ва зиндагӣ карда, дар баробари ин ватанхоҳу ватандӯсти ҳақиқӣ буда, ҳамеша барои ҳимояи Ватани хеш тайёр бошад. Ба хотири тақдири худ ва тақдири имрӯзу фардои халқу ватани хеш меҳнат карда, ӯро муҳофизат намояд. Тарбия намудани чунин шахс, албатта, кори осон нест. Аммо дар давраи кунунӣ барои ҷомеаи мо ба воя расонидани чунин шахс ҳам фарзу ҳам суннат аст.

Ҳар вақте ки мо оид ба мафҳуми Ватан сухан оғоз менамоем, одамон онро аз мавқеи фаҳмиши худ шарҳҳои гуногун медиҳанд. Ҳар як шахс меҳру муҳаббати худро нисбат ба Ватан мувофиқи фаҳмиши хеш ба таври хосса баён менамояд. Ва ҳар як шахс ватанашро ба таври худ дӯст медораду ба таври худ садоқати хешро нисбати ӯ дар амал муайян месозад. Муҳаббат ва садоқат ба Ватанро яке дар набардҳои майдони муҳориба мебинад, дувумин, дар майдони ҳарбу зарби меҳнат, савумин бошад, дар ҷодаи илму фарҳанг. Мафҳуми Ватан бошад, дар асл басо васеъ ва доманадор аст. Аз ин лиҳоз, ҳар фарде, ки новобаста аз намуди кор, мансаб, аслу насаб, ақида, ҷаҳонбинии ӯ, агар кореро баҳри дигарон анҷом диҳад, ин қадамест ба пеш дар роҳи ватанпарастӣ.

Яке аз нишонаҳои ватандӯстӣ маҳз дар гуфтору амали ҳаррӯзаву доимӣ ба ҷо овардани хизмати шахсони наздик, хешу табор, ёру дӯстон, деҳа, ноҳия, вилоят, кишвар, халқу ватан ва иҷро кардани қарзи шаҳрвандӣ аз ҷониби афрод аст. Ватандӯсти ҳақиқӣ будан ин бо меҳнати ҳалоли ҳаррӯзаи худ баҳри ҷомеа нафъе овардан, бо амали доимии худ барои дигарон намунаи ибрат будан аст. Пас чӣ бояд кард, ки шахс ватандӯсти ҳақиқӣ ба воя расад? Кори тарбияи насли наврасро чӣ тавр ба роҳ мондан лозим аст, ки барои ӯ аз ҳама арзиши воло ва муқаддас халқу Ватан бошад? Бо кадом роҳу усулҳо ба ҷаҳони маънавӣ ва дили ҳар як шахс роҳ ёфта, рӯҳияи миллӣ ва меҳри Ватанро ҷой диҳем?

Бояд таъкид кард, ки барои рушду такомули ақлу заковат ва тафаккури ҳар як шахс, пеш аз ҳама, ҷаҳони маънавии ӯро бою ғанӣ гардонидан лозим аст. Моро зарур аст, ки дар ниҳоди ҳар як шахс дар навбати аввал рӯҳияи ифтихори миллиро бояд парвариш намоем. Рӯҳияи ифтихори миллӣ ин мубориза баҳри озодӣ, истиқлолият, ободӣ ва ҳимояи сарзамини аҷдодӣ мебошад. Рӯҳияи ифтихори миллиро дар навбати худ, фарзандони бузургу баору номуси ӯ меофаранд. Бале, фарзандоне меофаранд, ки ба хотири озодӣ, истиқлолият ва муҳофизати халқу Ватани хеш дар майдони набард ҷони худро фидо кардаанд. Фарзандоне, ки ба хотири ном, шаъну шараф ва ору номуси халқу Ватани худ азобу шиканҷаҳои зиндагиро паси сар карда, шоҳасарҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ офаридаанд. Фарзандоне, ки ба хотири ободонӣ ва гулгулшукуфии ин сарзамин ва шаъну шарафи халқи азизи худ шабу рӯз меҳнат карда, бо арақи ҷабини хеш бароиояндаи нек ин кишварро ободу зебо кардаанд. Барои ин, пеш аз ҳама, бояд ба омӯзиши амиқи таърихи халқи худ рӯ оварем.

Ба он бикӯшем, ки насли наврас аз таърихи халқи худ ба хубӣ огоҳ бошад. Шахс танҳо ҳамон вақт метавонад худро шиносад, ки агар рӯҳияи халқи худро эҳсос намуда, Ватани хешро азиз донад. Аммо барои ин сараввал ӯ бояд аз саҳифаҳои таърих оид ба муборизаҳо, қаҳрамониҳо ва роҳҳои инкишофу ташаккулёбии халқи худ ба пуррагӣ огоҳ бошад.

Дар ин мавзӯъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманди кишварамон хеле бамаврид таъкид кардаанд: «Нарасидани хотираи таърихӣ, ҳифз накардани таърихи миллат ва суннатҳои волои он, маҳдудияти шуури таърихӣ, ҳисси масъулияту ҷавобгариро аз дӯши ҷавонон дар назди имрӯзу оянда дур месозад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ гирифтори тафаккури ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат, ба инкори гузашта бурда мерасонад» [1, 375].

Шахсе, ки аз таърихи халқу Ватани худ ба хубӣ огоҳ бошад, пас ӯ метавонад ба дараҷаи худогоҳиву худшиносӣ расад. Вақте ки шахс худро шинохт, ӯ қарзи шаҳрвандӣ ва масъулияти бузургеро дар назди халқу Ватани хеш эҳсос мекунад, ҳисси неруи миллат, дарки масъулият дар назди халқу Ватан, ин шуълае мебошад дар дили инсон, ки ҳаргиз хомӯш намегардад. Яке аз вазифаҳои умдатарини оила, мактаб ва аҳли ҷомеа аз он иборат мебошад, ки ин шуъла дар дили шаҳрвандон ҳеҷ гоҳ хомӯш нашавад. Тамоми фаъолияти таълиму тарбиявии аҳли ҷомеа бояд ба он равона карда шавад, ки ҳар як шахс неруи миллати хешро ҳис карда, худро дар назди халқу Ватанаш қарздор ва масъул эҳсос намояд.

Дар раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас, дар ҳар як шахс ташаккул ва рушд додани дигар фазилатҳои инсонӣ низ ҳатмӣ мебошад. Чунки дар маҷмӯъ ин фазилатҳои ахлоқӣ дар дили бача ҷиҳати бедор намудани ҳиссиёт нисбат ба меҳри Ватан нақши ҳалкунандаро хоҳад бозид. Шахсе, ки дорои фазилатҳои неки ахлоқӣ, ба монанди инсондӯстӣ, эҳсоси қарз, садоқат, ифтихори миллӣ, меҳру муҳаббат ба оила, ба забони модарӣ, ба табиат ва пос доштани хотираи ниёгон набошад, пас ватандӯсти ҳақиқӣ шудани ӯ дар гумон аст.

Меҳр ба Ватан аз меҳр ба инсон ва хизмат ба Ватан аз хизмат ба инсон оғоз меёбад. Бигзор, ки ин меҳр ва хизмат ба инсони наздиктарин бошад. Шахсе, ки инсони наздиктарин - падару модар ва бародару хоҳари худро дӯст дорад, пас ӯ одамони дигар ва Ватанашро низ дӯст дошта метавонад. Зеро дар ҷараёни ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми шахсони наздики хеш дигар сифатҳои зарурии ахлоқи неки инсонӣ дар дили ӯ парвариш меёбанд ва ӯ рафтору муносибатҳои худро бо одамони гирду атроф дар асоси ин сифатҳо амалӣ мегардонад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки дар ҳар як шахс маҷмӯи хислатҳои неки инсонӣ ташаккул ёбанд. Чунки, агар дар дили кӯдак ин хислатҳо ҷой наёфта бошанд, пас ӯ чизи дар дил набударо ҳеҷ гоҳ дар ҳаёт амалӣ гардонида наметавонад. Ташаккул ва инкишофи хислатҳои неки инсонӣ

ба шахс имконият медиҳад, ки рафтор ва муносибатҳои ҳаррӯзаи худро бо табиат ва одамони дигар дуруст ба роҳ монда, аз муносибати ӯ ба дигарон танҳо манфиат бошад. Шахсе, ки хизмати наздикон, падару модар ва хешовандонро ба ҷой овардааст, қодир аст, ки хизмати одамони дигар, ҳамватанон, ҷомеа, халқ ва Ватани хешро адо намояд. Яъне, барои он ки фарзандон ва шогирдони мо Ватани худро дӯст доранду ҳамеша ба Ватан содиқ бимонанд, ба мо лозим аст, ки сараввал дар дили онҳо муҳаббат ва садоқат ба инсонро парвариш намоем. Танҳо ҳамон вақт онҳо Ватани худро дӯст медоранд, ки инсонро дӯст дошта, қарзи шаҳрвандии хешро дар назди одамони дигар, дар назди халқ ва ҷомеа ҳис карда тавонанд.

Дар раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас нақши аввалиндараҷа ва асосиро оила мебозад, чунки нахустин шуълачаҳои ҳисси инсонӣ дар дили кӯдак аз навозиш ва аллаи модар аланга мегирад. Аввалин ғунчаҳои меҳру муҳаббат ба Ватан дар дили ҳар як инсон ба воситаи шири модар, аллагӯиҳои ширину дилнишини сари гаҳвора ва суханҳои зебою дилнавози забони модар ба шукуфтан оғоз менамояд. Маҳз навозишҳои маҳин ва аллаҳои дилнишини модар имкон медиҳад, ки меҳр нисбат ба инсон дар дили кӯдак лона сохта, якумрӣ парвоз намояд. Аввалин бор барои кӯдак шиносоӣ ба олами гирду атроф аз оила оғоз меёбад. Бинобар ин, аз он ки падару модар дар дили фарзандони худ кадом хислатҳоро ҷой мекунанд, дар кадом рӯҳия ӯро таълиму тарбия медиҳанд, барои ҳаёти ояндаи ӯ аҳамияти бузург дорад.

Бояд тазаккур дод, ки оила дар раванди тарбияи шуур ва ҳисси ватандӯстии кӯдакон муҳити махсусе буда, хосиятҳои муайяни худро доро мебошад. Масалан, аввал ин ки оила микроколлективи иҷтимоӣ-психологие мебошад, ки аъзои худро (волидайн, фарзандон) дар асоси муносибатҳои наздиктарини хешутаборӣ муттаҳид месозад. Аз ин нуқтаи назар, имкониятҳои оила дар ташаккули шуур ва ҳисси ватандӯстии кӯдак таъсири зиёд дорад. Дар навбати дувум, барои кӯдак дар раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ҳаёти падару модар ҳамчун намунаи ибрат ба ҳисоб меравад, чунки кӯдак дар симои падару модар оила, хона, деҳа, табиати диёр ва Ватани худро тасаввур мекунаду мебинад. Савум, муҳити оилавӣ ин муҳити хоссае мебошад, ки дар байни калонсолону хурдсолони оила муносибат ва муоширати доимӣ барқарор мегардад. Чунин муносибату муоширати хосса ва мунтазам одӣ набуда, балки пешкаш намудани таҷрибаи бойи зиндагӣ, корнамоиҳо аз қаҳрамониҳои бобою бобокалон, падару модар ва дигар аъзои оила, барои фарзанду наберагон намунаи ибрат мебошад.

Бо мақсади он ки тарбияи ватандӯстии кӯдакон дар оила самаранок бошад, ба падару модар лозим аст, ки кори тарбиявии оиларо аз рӯйи мақсад ва низоми муайян ба роҳ монанд. Тавре ба ҳамагон маълум аст, дар зиндагӣ гоҳо ҳолатхое рух медиҳанд, ки дар як тараф неъмати фаровон, шодиву тараб ва лаззати дунёи интизор асту дар тарафи дигар азобу шиканҷа, ноумедиҳо, худқурбонӣ ва, ҳатто, марг ба хотири зиндагӣ, осудагӣ ва хушбахтии дигарон. Аз он ки дар чунин ҳолатҳои зиндагӣ фарзандони мо кадом роҳро пешаи худ месозанд, вобаста ба таълиму тарбияи оила мебошад. Аз ин лиҳоз, ба волидайн зарур аст, ки дар оила кори таълиму тарбияро чунон ба роҳ монанд, ки фарзанд дар чунин ҳолатҳо роҳи дурустро интихоб намояд.

Падару модар бояд, ки дар раванди ташаккули ҳисси ватандӯстии фарзандон ба ташкил карда гузаронидани корҳои тарбиявии зерин (чорабиниҳои тарбиявӣ) диққати махсус диҳанд: суҳбатҳои волидайн бо фарзандон дар бораи ҳаёти худашон; сафарҳои оилавӣ ба ҷойҳои таърихӣ; вохӯриҳо бо дӯстон ва рафиқони волидайн; омӯзиш ва хониши китобҳо, ҳуҷҷатҳо ва маводи дигар оид ба таърих ва дигар корнамоиҳои қаҳрамонони халқ; дар фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ дар асоси асарҳои адабиёт ва санъат; саёҳат ба осорхона, ҷойҳои таърихӣ ва манзараҳои табиии диёр, кишвар ва ғайра. Ҷашн гирифтани идҳои таърихӣ; ботантана гусел намудани фарзандон, хешу табор ба сафи Артиши миллӣ; риоя намудани расму ойин ва анъанҳои оилавӣ ва ғайра.

Нуктаи дигарро бояд қайд намуд, ки дар ташаккул ва инкишофи ҳисси ватандӯстии насли наврас мактаб низ яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол менамояд. Бо назардошти шароити имрӯза лозим аст, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла ватандӯстӣ, дар насли ҷавон шаклҳо, роҳҳо, воситаҳо ва имкониятҳои мавҷудбударо эҷодкорона ва дар асоси талаботи маҳорати баланди педагогӣ ба роҳ монем.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои муҳимми мактаб аз он иборат аст, ки дар дили ҳар як мактаббача меҳри Ватанро ҷой карда, ҷараёни тарбияро чунон ба роҳ мондан лозим аст, ки ҳар як хонанда дар навбати аввал худро ҳамчун аъзои ҷомеа ва заррачаи ҷудонашавандаи халқ ҳисобида, рӯҳи халқ ва меҳри Ватани худро эҳсос намуда, то ба дараҷаи худогоҳиву худшиносии миллӣ бирасад.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон дар мактаб бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки дар ин раванд мазмуни тарбияеро, ки кӯдак дар оила гирифтааст, пурра созад. Омӯзгорон ва волидайн дар раванди тарбияи ватандӯстии фарзандону шогирдон дар якҷоягӣ ба он бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд, ки онҳо хушбахтии (мазмуни) зиндагии худро дар хизмат ба Ватан ва халқи худ бубинанд. Дар ҳалли ин масъала мактаб (омӯзгор) нисбати оила ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бояд нақши ҳалкунандаро

бозида, раванди тарбияи ватандӯстии хонандаро зери назорати худ бигирад. Зеро, кӯдак ба мактаб ҳамчун ба боргоҳи маърифат ва илму дониш боварии махсус дорад.

Бинобар ин, муаллим бояд кори таълиму тарбияро тарзе ба роҳ монад, ки боварии кӯдакро нисбат ба мактаб дучанд созад. Вақте ки кӯдакон аввалин бор ба остонаи мактаб қадам мегузоранд, омӯзгор онҳоро бояд дар навбати аввал бо таърихи халқ ва сарзамине, ки онҳо дар он олам омаданду умр ба сар мебаранд, шинос намояд. Вақте ки инсон миллати худ, Ватани худро мешиносад, ҳисси олии инсонӣ-эҳсоси қарз ва масъулият дар назди халқу Ватанро ҳис мекунад. Ин роҳ он роҳе мебошад, ки инсонро ба сӯйи худогоҳиву худшиносӣ мебарад.

Дар бораи давраи кӯдакӣ, рӯзгор ва корнамоиҳои қаҳрамонони ин сарзамин ҳикоя намояд. Аммо ҳикоя танҳо аз пешкаши факту рақам ва далелҳои хушку холӣ иборат набуда, балки суханони омӯзгор бояд чунон гуфта шаванд, ки ба шуур ва дили кӯдак таъсир расонанд. Ҳикояи муаллим, сухани муаллим ҳамон вақт метавонад таъсирбахш ва самаровар бошанд, ки торҳои дили хонандаро навозиш диҳанд. Барои он ки гуфтаҳои муаллим ба дили кӯдак таъсир расонад, ба омӯзгор зарур аст, ки самимӣ сухан гӯяд.

Иддае аз омӯзгорони имрӯза ҷонибдори чунин ақидаанд, ки дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ барои тарбияи хуби насли наврас шароити зарурӣ муҳайё нестанд. Бинобар ин, дар бораи сифати тарбия низ ҳоҷати сухан гуфтан ҳам нест. Ва мо дар бисёр ҳолатҳо шоҳиди он мегардем, ки омӯзгорон набудани шароити заруриро баҳона карда, кори тарбияро ба ҳоли худ гузоштаанд. Мақсад аз ин гуфтаҳо он нест, ки мо муҳайё сохтани шароити заруриро рад карданием. Ҳадафи асосӣ он аст, ки агар санъат ва маҳорати педагогии омӯзгорон сифатан дар зинаи баланд бошаду самимӣ меҳнат кардан хоҳанд, метавонанд аз шароит ва имкониятҳои мавҷуда низ истифода карда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд. Ба хотири пешравии кор, ба омӯзгорон лозим аст, ки нисбат ба таълиму тарбия эҷодкорона ва навоварона муносибат намуда, санъат ва маҳорати педагогии хешро ба кор баранд.

Имрӯз дар мактаб омӯзгорони зиёд ҳастанд, ки соҳиби санъат ва маҳорати баланди педагогӣ мебошанд. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи онҳо санъат ва маҳорати омӯзгории хешро ба пуррагӣ баҳриояндаи шогирдони худ, баҳри озодиву ободии меҳани азизашон пурсамар истифода мебаранд.

Ё худ саволе ба миён меояд, ки шароити зарурие, ки мо интизор мебошем, мумкин ки дар солҳои наздик имконияти фароҳам овардани онҳо набошад, пас ба мо лозим меояд, ки то муҳайё сохтани шароити зарурӣ интизор шавему кори тарбияро ба ҳоли худ гузорем? ё худ беҳтар он нест, ки аз имкониятҳои мавҷуда ба хотириояндаи фарзандону шогирдони худ ба пуррагӣ истифода намоему дар баробари ин бо мурури замон ва имконият шароити заруриро муҳайё созем?

Оид ба масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ 16 майи соли 1998 бисёр бамаврид қайд карда буданд: «Вале имрӯз мо, агар мушкилиҳоро баҳона карда, таълиму тарбияи ҷавононро ба ҳоли худ гузорем, мутахассисони сатҳи ҷаҳониро омода насозем, касе фикриояндаи моро намекунад» [1, 364].

Мисолеро аз ҳаёти мактаби имрӯза пеши назар меорем, ки дар тарбияи насли наврас, хусусан тарбияи ватандӯстии мактаббачагон, бениҳоят нақши калонеро хоҳад бозид. Агар ба мактабҳои деҳа рафта, назар намоем, қитъаҳои замини гирду атрофи мактаб холӣ, ба ҳоли худ гузошта шудаанд. Саволе ба миён меояд, ки магар, дар ҳамин қитъаҳои замини бекорхобида бо ёрӣ ва кувваи худи хонандагон боғеро бунёд кардан мумкин нест? Дар рафти бунёди боғ бо дастони (қувваи) худи хонандагон, агар аз як тараф, онҳоро ба меҳнат ҷалб намуда, дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намоем, аз тарафи дигар, дар дили онҳо меҳри диёру Ватан маъво мегирад.

Дар дили бача ҳамон вақт эътиқоди ватандӯстӣ қавӣ мегардад, ки ӯ бо дастони худ барои халқи диёр ва деҳааш дарахте шинонда, сабзонида бошад, ё дигар кори зарур ва судмандеро барои дигарон иҷро карда бошад. Бо ҳамроҳи дарахти сабзонидааш ва кори барои дигарон иҷро кардааш, дар зодгоҳаш зарраи дили худро мемонад. Ва минбаъд дар куҷое, ки ӯ набошад, ин кори неки барои зодгоҳаш кардаро доимо эҳсос мекунад ва дар ёд мегирад. Чунин самари меҳнат дар дили бача фараҳ бахшида, ҳисси ифтихорро ба вуҷуд меорад. Ин аст алангаи меҳру муҳаббати Ватан, ки то охири умр дар дили бача дурахшида меистад.

Мактаб ҳамчун боргоҳи илму дониш ва таълиму тарбия бояд дар парвариши насли наврас, хусусан тарбияи ватандӯстӣ, ташаббуси касбиро ба даст гирифта, ҷараёни тарбияи оилаоро зери назорат гирад. Ба омӯзгорон зарур аст, ки дар тарбияи ватандӯстии мактаббачагон имкониятҳои падару модарон, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеаро ба як низоми муайян дароварда, барои ҳалли масъалаи марбут равона намояд. Дар раванди амалӣ гардонидани ин масъала омӯзгорон шаклҳо, роҳҳо ва воситаҳои гуногуни тарбиявиро истифода карда метавонанд. Масалан, истифода намудани маводи маҳаллӣ, ки сухан дар бораи корнамоиҳои меҳнатию ҷангӣ меравад, истифода намудани осорхонаҳои мактаб ва маҳал дар тарбияи ватандӯстии волидон ва кӯдакон, ташкил карда гузаронидани идҳои умумихалқӣ, вохӯриҳо бо собиқадорони ҷангу меҳнат, дар мавзӯи ватандӯстӣ ташкил карда гузаронидани мизҳои мудаввар, шабнишиниҳо бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ - 23 феврал, 9 май, саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва манзараҳои диёр, ташкил карда гузаронидани конференсияҳо (бо иштироки падару модарон, аҳли ҷомеа) дар мавзӯи ватандӯстӣ,

тамошои кинофилмҳо ва муҳокимаи онҳо, ба тамошои ҷойҳои таърихӣ, осорхонаҳои шаҳру ноҳия ва вилояту ҷумҳурӣ рафтан, дар мавзӯи ватандӯстӣ ташкил карда гузаронидани вохӯриҳои якҷояи омӯзгорон, волидайн ва мактаббачагон, соатҳои тарбиявӣ, вохӯриҳо бо аҳли илму фарҳанг, шоирону нависандагон ва ғайра.

Дар раванди корҳои тарбиявии мактаб, аз ҷумла чорабиниҳо оид ба тарбияи ватандӯстӣ, дар замони ҳозира низ камбудиву норасоиҳо зиёданд. Дар ин раванд чорабиниҳо формалӣ, бе тайёрӣ, ҳатто дар баъзе мавридҳо бе ҳадафу қалбакӣ ташкил карда, гузаронида мешаванд. Аммо яке аз норасоии асосие, ки дар ҳалли проблемаи мазкур ба чашм мерасад, ин дар ҳамоҳангӣ ташкил карда гузаронида натавонистани чорабиниҳои коллективӣ ва инфиродии хонандагон мебошад. Имрӯз муҳим аст, ки дар чорабиниҳои тарбиявӣ ҳар як хонанда шахсан иштирок варзида, дар доираи чорабинӣ нақш ва ҷойи худро дошта бошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳалли масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагон мактаб бояд масъулияти бештареро ба зиммаи худ гирифта, дар ҳамоҳангӣ бо оила, такшилотҳои тарбиявии берунаэмактабӣ ва аҳли ҷомеа тарбияи ватандӯстии насли наврасро ба роҳ монад.


**АДАБИЁТ**

1. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. - Ч.2.
2. Консепсияи тарбияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006.
3. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогика ва мактаби миллӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1991.
4. Мазмуни барномаи тарбияи ҷавонон. – Душанбе, 2000. -40с.


**НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ**


В данной статье, автор анализирует некоторые основные проблемы патриотического воспитания молодого поколения в современных условиях Таджикистана. Автор, исследуя данную тему приходит к выводу о том, необходимо формировать и развивать патриотические чувства молодого поколения, исходя из требований современного развития нашего общества.



**Ключевые слова:** патриотизм, чувство долга, самосознание, самоопределение, национальный дух, Родина, совершенствование, формирование, развитие, народная сила, духовный мир.


**SOME PROBLEMS OF PATRIOTIC EDUCATION OF YOUNG GENERATION**


In this article, the author analyzes some of the main problems of Patriotic education of young generation in modern conditions of Tajikistan. The author, exploring the subject comes to the conclusion about the need to form and develop the Patriotic feelings of the young generation, based on the requirements of the modern development of our society.



**Key words:** patriotism, sense of duty, self-awareness, self-determination, national spirit, home, improvement, generation, development, people's power, the spiritual world.



**Сведения об авторе:** ***Кодиров И.*** **–** преподаватель кафедры журналистики КГТУ им.Носира Хусрава Телефон: **985-74-53-35**


## ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ


***М.И. Иззатова***

**Кулябский государственный университет им.А.Рудаки**


В процессе углубляющихся реформ в области образования, осуществляющиеся в условиях экономического и политического преобразований, в ходе которых существенно изменяется содержание воспитательно-образовательной работы и принципы функционирования образовательных учреждений, зарождаются основы исследования процесса становления дошкольных учреждений, в частности, самой системы образования в целом.

Необходимость преобразования, в том числе дошкольного, как первой ступени системы образования Республики Таджикистан, связана со сложившейся экономической ситуацией актуализации в педагогике принципов гуманизации, культуросообразности, предполагающие максимальный учет психофизиологических особенностей развития детей дошкольного возраста, создание таких условий, которые способствовали бы эффективному и полноценному развитию ребенка, его успешному обучению и воспитанию в школе. Также с приобретением суверенитета в Республике Таджикистан возросла необходимость создания дошкольных учреждений нового типа (частные детские центры, группы, классы по подготовке детей к школе) с учетом потребностей родителей и задач подготовки детей к обучению в школе.

Перестройка системы дошкольного образования и воспитания нашла отражение в нормативно-правовых документах, принятых Правительством страны - Закон РТ «Об образовании» (2004), «Национальная концепция образования в РТ» (2002), «Национальная концепция воспитания в РТ» (2006), Закон РТ «Об ответственности родителей в обучении и воспитании детей» (2011), Концепция развития дошкольного воспитания (1993), Государственная программа развития системы дошкольного воспитания в период 2006-2010гг (2005) и другие директивные документы.

**Полоиши дил аз разоили ахлоқӣ.** Шаҳиди Сонӣ полоиши дил аз разоили ахлоқиро аз аввалин заруриёти касби муаллимӣ медонад. Ба фикри ӯ, ғайри хондани намоз, Қуръон, гирифтани рӯза, воҷиботу фароиз, гуфтаҳои фақеҳон ва дигар навъҳои ибодат, инчунин амалҳое низ ҳастанд, ки иҷрои онҳо барои муаллим ва умуман олиму донишманд лозим ва зарурӣ мебошад. Ин амалҳо иборатанд аз полоиши дилу ҷон аз разоили ахлоқӣ монанди такаббур, риё, тазоҳур, ҳасад, кина ва мисли ин ахлоқи нописанде, ки шахсияти рӯҳӣ ва маънавии инсонро ба нобудӣ мекашонад. Фарди олиму донишманд бояд забонашро аз ғайбат, суханчинӣ, гуфтори нифоқомез, зикри айбҳо ва айбтарошиҳои беҷо аз мусулмонон ва амсоли ин гуна суханҳо ҳаросат ва пок кунанд [8].

Шаҳиди Сонӣ бовар дорад, ки бо қироати китобҳои илмии фақеҳон, хариду фурӯши мол, иҷора ва ё дигар корҳо, муаллим ба чунин мақсад, яъне полоиши дил аз разоили ахлоқӣ расида наметавонад. Балки, ӯ ба муаллимон маслиҳат медиҳад, ки барои ноил шудан ба ин мақсад онҳо бояд ба уламо муроҷиат кунанд. Аниқтараш, ба он уламое, ки ҳам илми хуб доранд ва ҳам дар амал пойбанди илми худ ҳастанд, ё ин ки бояд ба китобҳое муроҷиат кард, ки сирфан вазоиф ва муқарраროти мазкур дар он тадвин шудааст.

Ин қазия бисёр шигифтовар аст, ки олим ва донишманде бо улуми расмӣ ва маҳдуд басанда кунад ва аз ин ки донишҳои маъмулиро фаро гирифтааст, худро дилхуш созад. Вале аз ислоҳи нафс ва оростану перостани ҷону дил, инчунин кӯшиш дар ҷалби ризои Парвардигор ғофил монад. Ғурур, ғафлат ва дилбохтагии донишманде, ки бо чунин шароит кор мекунад, аз тариқи илму амал ва ё ба иборaи дигар, аз тариқи огоҳиҳо ва рафтораш зоҳир мегардад [4].

Шаҳиди Сонӣ он муаллимеро, ки илми хуб дорад, лекин дилаш аз ҳар гуна разоили ахлоқӣ пок нест, ба табибе монанд мекунад, ки худ дучори бемории қаттоле гаштааст. Лекин ӯ ба ҷойи ин ки ба бемории худ дорую даво тайёр кунад, фақат ба дорушиносӣ, нусхапардозӣ, қироат, такрор, хондани нусхаи дору ва таълими он дору ба дигарон кифоят мекунад, ё ин ки ӯ чунин муаллимро ба табибе монанд мекунад, ки ба бемориҳои бавосир ва барсом (илтиҳоби кабуд) гирифтор аст. Аз шиддати ин ду беморӣ ба лаби марг омадааст. Чунин табиби бемор бояд доруи дармонбахш ва тарзи ба кор бурдани онро шиносоӣ кунад. Лекин ӯ шабу рӯз худро дар баррасии давои ҳайз ва истиҳоза (бемории занона) ва такрори он сарф намояд. Дар ҳоле ки ӯ яқинан медонад, ки дар тамоми тӯли умри худ ба ҳеҷ ваҷҳ дучори истиҳоза намегардад. Вале мегӯяд: мумкин аст зане дучори ин ҳолат шавад ва аз ман роҷеъ ба ин масоил пурсиш намояд. Возеҳ аст, ки ин гуна тарзи тафаккур камоли ғафлат, ғурур ва нишондиҳандаи аҳмақӣ аст. Зеро чунин шахс ба ҷойи он ки худро бо шиносоии доруи дармонбахш ва истифода бурдани он аз бемории бавосир ва барсом наҷот диҳад, саргарми ҳамон масъалаҳои вобаста ба истиҳоза аст, ки ҳаргиз гирифтори он нахоҳад шуд.

Олими фақеҳ, донишманд ва муаллиме, ки ба тамоилоти нафсонӣ пайваст шуда, ба дунё муттако аст, пас ӯ, ба фикри Шаҳиди Сонӣ, ба бемориҳои кушандаи ҳасад, тазоҳур, худнамоӣ, хашм, кинаву ғурур мубтало ва гирифтор аст. Чунин олим дар айни ин бемориҳо тасаввур мекунад, ки аъмоли дуруст ва шоистаеро анҷом медиҳад. Агар ботин ва даруни ин гуна донишмандон мавриди тафтишу бозрасӣ қарор гирад, мебинем, ки он пур аз нопокиҳо, гуноҳони ошкор ва палидиҳое аст, ки барои ҳеҷ кас тардиде дар зишт будани онҳо вуҷуд надорад.

Муаллиф барои ҷалби таваҷҷуҳ ва илтифоти чунин фардҳо, дар китобаш аз чунин суханони Расули Акрам (с) истифода бурдааст, ки фармудаанд:

- «Ночизтарин риё ва худнамоӣ ба унвони ширк талаққӣ мешавад».
- «Он ки дар дилаш камтарин ҳолати кибр ва худбузургбинӣ вуҷуд дорад, ба биҳишт дарнамеояд».
- «Ҳасад ва тангназарӣ ҳасанот ва корҳои неки инсонро фурӯ мебаранд, ончунонки оташ ҳезумро фурӯ мебарад».
- Ва ё ин ки: «Молдӯстию ҷоҳталабӣ нифоқро дар дили инсон мерӯёнад, ҳамон гуна ки об гиёҳро мерӯёнад» [8].

Шаҳиди Сонӣ дар китобаш таъкид мекунад, ки муаллим ҳангоми тадрис набояд манфиатҳои молӣ, дунявӣ, гирифтани обрӯю эътибори баланд дар байни мардум ё

худнишондиҳиро ҳадафи хеш қарор диҳад, балки ҳадафи ягонаи ӯ бояд ризои Парвардигор бошад.

Агар ҳадафи донишманд аз касби маълумот ва додани он ба дигарон, яъне шогирдон, ба даст овардани ризои Худо ва итоат аз амрҳои ӯ бошад, бояд дар тартиби улум ва тасҳили онҳо улуми муҳимтар ва нофеътарро пеш аз улуми дигар мувофиқи аҳамият ва нафъи онҳо фаро гирад. Дар ғайри ин сурат, бояд гуфт, ки ӯ дучори ҳайрату саргардонӣ ва ғафлату бехабарӣ нисбат ба улум ва маориф мегардад ва ӯ фарди риёкору фиребхӯрдае аст, ки ҷӯёи раёсат, ҷоҳу мақом ва мол мебошад [7].

Барои чунин донишмандон, Шаҳиди Сонӣ якчанд намуна ва мисолҳои ибратангез овардааст. Аз ҷумла, ин гуна мардумро, яъне онҳое, ки дилашон аз разоили ахлоқӣ пок нест, ба хонае монанд мекунад, ки андаруни он тира ва зулмонӣ аст, вале чароғи фурӯзоне бар боми ин хона медурахшад, ки беруни хонаро равшан месозад, вале даруни хона ҳамчун шаб тираю торик аст. Инчунин, онҳоро ба чоҳи обе ташбеҳ додааст, ки зоҳири он бо сангу гаҷ сафедкорӣ ва ороста шудааст, вале оби дохили он сахт ифлос аст. Ё ин ки, ба монанди касе аст, ки шахсияти барҷастаеро даъват ба меҳмонӣ кунад, ба ҳамин ҷиҳат беруни хонаро бо гаҷкорӣ меорояд, вале дар даруни манзил ифлосиҳо зиёд буда ва фикре ба ҳоли ин ифлосиҳо намекунад.

Бетардид, чунин ҳолатҳои ин ашхос намоёнгари фиребхӯрдагӣ ва найрангёбӣ аз шайтон аст. Онон бояд барои дармони яке аз ин ду беморӣ – ғафлат ва риёкорӣ доруҳои дармонбахши онҳоро пайдо кунанд ва пеш аз он ки ба яке аз ин ду беморӣ гирифтор гарданд ва шахсияти маънавӣ ва инсонии онҳо аз пой дарафтад, ба муолиҷа ва дармони онҳо кӯшиш варзанд.

Аз дуоҳое, ки Шаҳиди Сонӣ онро бисёр такрор мекард, бармеояд, ки худи ӯ дорои ахлоқи волои инсонӣ ва беҳтарин муаллими замони хеш будааст. Аз ҷумла ин дуоҳоро намуна меорем: «Аз Худованди мутаол мехоҳем, ки нахуст моро ба ислоҳи хештан муваффақ сохта, то дарун ва ботини худро биороем ва чашмони моро ба айб ва ноқисиҳоямон бино гардонад. Ва моро аз раҳгузари маълумот ва маорифи мо баҳраманд созад ва мояҳои илмии моро далеле зиёнбор ба мо қарор надиҳад. Тавфиқ ва комёбии мо дар найл ба ин орзуҳо ба дасти тавонои Худое аст, ки аз тамоми меҳрварии зиндагон ва мавҷудоти дилсӯз меҳрубонтару дилсӯзтар аст» [8].

**Хоксорию, фурӯтанӣ ва такмили нафс.** Ба фикри Шаҳиди Сонӣ ҳам муаллим ва ҳам шогирд дар масъалаи ахлоқ ва ҳусни хулқ нисбат ба дигар мардум вазифае бештар ва сангинтаре доранд. Он ду азифадоранд, ки хоксорӣ, фурӯтанӣ ва мадорои комилро бо дигарон маъмул доранд ва то ҳадди тавону тоқати хеш, ба манзури такмили нафс дареғ наварзанд. Аз Муовия бинни Ваҳаб ривоят шуда, ки гуфт аз Имом Содиқ (а) шунидам, ки фармуд: «Ҷӯёи илму дониш бошед ва бо он бо омезаи ҳилм, бурдборӣ, матонат ва виқор хештанро биёроед ва нисбат ба касе, ки аз ӯ илму донишро дархост мекунед, хоксор ва фурӯтан бошед ва ҳамчун донишмандони ҷаббор ва ашрофманиш набошед. Чун тарзи рафтори ботил ва ноҳақи шумо, ҳаққи шуморо аз миён мебарад» [3].

Ҳалабӣ дар «ал-Саҳеҳ» ё дар зимни ҳадиси саҳеҳе аз имом Содиқ (а) нақл кардааст, ки гуфт: Амиралмуъминин (а) фармуд: «Мехоҳед, ки фақеҳ ва донишманди воқеиро ба шумо муаррифӣ кунам? Ӯ иборат аз касест, ки мардумро аз меҳр ноумед намесозад. Ва дар айни ҳолононро нисбат ба азоби Худованд эҳсоси эминӣ намекунонад ва ба мардум дар иртикоби гуноҳ озодии амал намедиҳад ва Қуръонро ба хотири рағбат ба ғайри Қуръон раҳо намекунад.

Бидонед, илму донише, ки дарку фаҳми одамиро бедор насозад, тиловате, ки бо тадбир ва андешидан дар ҳақиқат ва муҳтавои Қуръон ҳамгом набошад, ибодате, ки тафаккур ва андеша дар он роҳ надорад, хайру некбахтиро набояд дар онҳо ҷустуҷӯ намуд» [8]. Бояд муаллим бидонад он касе, ки ҷомаи илм дар бар мегирад ва ба унвони олиму донишманд дар миёни ҷомеа муаррифӣ мешавад, мардум ба ӯ чашм медӯзанд, то он ҷо ки рафтору гуфтор ва, ҳатто, тарз ва шакли зоҳирии ӯро намуна ва сармашқи худ қарор медиҳанд. Агар ба хушномӣ шинохта шавад ва ҳолоте шоиста ба як донишманд аз ӯ мушоҳида гардад ва тавозӯъ ва фурӯтаниро дар бархӯрд бо дигарон дар пеш гирад ва дар аъмолу рафтори худ дорои ихлоси ният бошад, хусусиёти ӯ ба дигарон мунтақил мешавад. Ва дар натиҷа хайру некӣ дар миёни ҷомеа ривоҷу равнақ ёфта, вазъ ва аҳволи зиндагонии онҳо назм ва созмон меёбад.

Аммо вақте вазъ ва шароити зиндагонии олим ва донишманд вожгун бошад ва рафтору гуфтори нописанд шева ва пешаи ӯ бошад, қаҳран мардум ба дараҷоте бадтару зишттар аз ӯ рафтор ва гуфторашонро танзим мекунанд. Чунин донишманд, на танҳо хештанро табоҳ месозад, балки сабаби фасод ва табоҳии дигар мардум низ мегардад. Аҳамияти гуноҳ ва ҷурми як олим ва донишманди табоҳкор ва дурии ӯ аз ҳақ дар нуктаи фавқ ироа шудааст. Сухан ба ҳамин миқдор барои нишон додани азамати гуноҳ ва тирарӯзии донишманди табоҳкор ва парҳезкор кофӣ ва басанда аст.

Яке аз орифон гуфтааст: ҳамаи мардум нисбат ба олим ва донишманд ҳамвора аз лиҳози мақому манзалат дар як дараҷаи поёнтар қарор доранд. Агар олим ва донишманд бо вуҷуди илм аз фазлҳои дигаре, аз қабили порсоӣ, тақво, салоҳ ва шоистагӣ дар гуфтору кирдор бархӯрдор бошад, тӯдаи мардум даст ба аъмоле мезананд, ки мубоҳ ва раво аст. Ва агар ҳамон донишманд ба аъмоли мубоҳ ва ҷоиз даст занад, тӯдаи мардум дастандаркори аъмоли шубҳанок мешаванд. Ва агар олиму донишманд ба аъмоли шубҳанок даст занад, тӯдаи мардум ба аъмоли ҳаром даст

мезананд. Агар олим ва донишманд ба амалҳои маҳрумот даст занад, тӯдаи мардум кофир мешаванд [6].

**Полоиши зоҳир аз разоили зоҳирӣ.** Муаллим ва шогирд набояд дар рафтори ошкор ва ниҳони хеш сирфан ба аъмоле, ки мубоҳ ва ҷоиз аст, басанда кунанд. Бояд бикӯшанд, ки худро бо зебандатарину комилтарин аъмоли зоҳирӣ ва аъмоли ниҳон биороянд, зеро уламо ва донишмандон дар назари тӯдаи мардум намуна ва сармашқҳое ҳастанд, ки ононро тахти таъсир қарор медиҳанд. Онон ба унвони марҷаъ ва марказе талаққӣ мегарданд, ки мардумро ба сӯйи хеш ҷалб мекунанд.

Ӯ бояд узвҳо ва аъзои худро пок кунад, зеро аъзо ва андоми инсон низ дорои аҳком ва муқаррароти вижае аст. Ин аҳкому муқаррарот ва нуқсоне, ки марбут ба андомҳои мухталифи инсон аст, дар ҷойҳои худ мавриди баҳсу барраси қарор гирифтааст, ки ҳар муаллим ё устод ногузир бояд онҳоро фаро гирад ва дар баробари ин муқаррарот сари таслим фуруд орад .

Бояд муаллим бо омодагии комил ва бо либосу бадани озодаву покиза вориди ҷаласаи дарс шавад. Хуб аст, агар либоси худро аз матои сафед таҳия кунад, зеро либоси сафед беҳтарину зеботарин либоси инсон аст. Ба либоси фохиру гаронбаҳо аҳамият надиҳад, балки ӯ бояд ҷомае дар бар кунад, ки виқору матонати ӯро ҳифз карда, дилҳои нозиронро ба вай ҷалб намояд. Чунонки ҳадисҳо ва насиҳатҳое дар борай либоси пешвоён, барандаҳои маҳфилу маҷлисҳо, пешвоёни намози ҷумъа ва ғайра ба мо расидааст. Бояд мақсади муаллим аз оростани зоҳир иборат аз таҷлилу бузургдошти илму дониш ва арҷ ниҳодан ба шариати муқаддаси ислом бошад. Ӯ бояд ҳангоми воридшавӣ ба дарс худро хушбӯй сохта, мӯйи худро шона зада, худро биорояд.

Яке аз бузургони салаф, он гоҳ ки мардум барои шунидани ҳадис ба ӯ муроҷиат мекарданд, ғусл мекард ва саропойи андоми хешро шустушӯ мекард. Пас аз он ки бадани худро муаттару хушбӯ месохт, ҷомаи нав дар бар мекард ва сипас дар ҷойгоҳи тадрис менишаст. Ҳамвора моддаи муаттаре истифода бурда, фазои дарсро хушбӯ месохт, то он гоҳ ки аз гуфтани ҳадис фориғ мешуд ва мегуфт:

«Ман сахт алоқамандам, ки ҳадиси Расули гиромӣ (с)-ро арҷ ниҳода ва посдори шукӯҳу азамати он бошам».

## АДАБИЁТ


1. Аминӣ Иброҳим. Ойини тарбият / Аминӣ Иброҳим. -Теҳрон: Исломӣ, 1368. – 184 с.
2. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2012. – 270 с.
3. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Фалсафаи ахлоқӣ / Мутаҳҳарӣ Муртазо. –Теҳрон: Садро, 1366. – 220 с.
4. Ҳусайнӣ Алиакбар. Ахлоқ дар хонавода / Ҳусайнӣ Алиакбар – Теҳрон: Интишороти Симо ва садои Ҷумҳурии Исломӣ, 1369. – 162 с.
5. Шаҳиди Сонӣ. Одоб таълим ва таъаллум дар ислом / Шаҳиди Сонӣ: нигориши доктор Сайид Муҳаммадбоқири Ҳуҷҷатӣ.-Теҳрон: Дафтари нашр ва фарҳанги исломӣ, 1359. -576с.
6. Шаҳиди Сонӣ. Мания-ул-мурид фӣ одоб-ул-муфид вал-мустафид / Шаҳиди Сонӣ. -Теҳрон: Дафтари нашр ва фарҳанги исломӣ, 1364. - 430с.
7. Сулаймонӣ С. Муаллим ва шогирд: аз афкори тарбиятии Шаҳиди Сонӣ / С. Сулаймонӣ, И. Холматов. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 216 с.
8. Шарифзода Ф. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон / Ф.Шарифзода, Ҷ. Файзалиев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 415 с.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ЭТИКА УЧИТЕЛЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ШАХИДА САНИ


В статье исследуются профессиональная этика и правила поведения учителя с точки зрения великого средневекового учёного Шахида Сани.

Учитель в вопросах соблюдения этики поведения и нравственности по сравнению с обычными людьми, более ответственен. Он обязан быть всегда скромным, простым, вежливым, обходительным, и направить все свои усилия, способности и умения на совершенствовании этих качеств в себе. В статье подчеркивается, что основу поведения, как учителя, так и ученика составляет их искренность и чистосердечие.



**Ключевые слова:** Шахид Сани, этика, поведение, учитель, ученик, занятие, намерения, личные качества.


## TEACHER'S PROFESSIONAL ETHICS IN WORKS OF SHAHID SANI


In this article is taking professional ethics and rules of conduct for teachers from the point of view of the great medieval scientist Shahid Sani. Teacher in observing ethics and morals compared to ordinary people, more responsible. He must be always humble, simple, polite, courteous, and direct all their efforts, skills and abilities to improve these qualities in himself. It stresses that the basis of conduct, both teachers and pupils are their sincerity and upright.



**Keywords:** Shahid Sani, ethics, behavior, teacher, student, class, intentions, personal qualities.



**Сведения об авторе:** ***Исмоил Холматов*** **–** аспирант Академии образования Таджикистана.
Телефон: **93-833-43-63**

# МЕТОДҲОИ ИСТИФОДАИ МАВОДҲОИ КИШВАРШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

*С. Насриддинов, С.Холназаров*
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба ном Носири Хусрав**

Масъалаи истифодаи маводи кишваршиносӣ дар замони гуманизатсиякунонӣ ва милликунонии мазмуни таълим, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Дар охирҳои солҳои шастум ва ҳафтодуми асри гузашта маводҳои методӣ оид ба методикаи истифодаи кишваршиносӣ (маҳаллӣ) дар омӯзиши фанни химия пайдо шудаанд. Ин дастурҳои методиро метавонем ба 5 гурӯҳ ҷудо намоем: 1) дастурҳои таълиме, ки масъалаҳои умумии истифодаи кишваршиносиро дар таълими фанҳо, аз ҷумла химия, нишон медиҳанд; 2) дастурҳои методие, ки методикаи истифодаи маводи кишваршиносиро дар тартиб додан ва ҳалли масъалаҳои химиявӣ инъикос мекунанд; 3) дастурҳоиметодие, ки аҳамиятимаводикишваршиносиро дар таълими химия нишон медиҳанд; 4) дастурҳоиметодие, ки аҳамиятимаводикишваршиносиро барои таълими политехникии хонандагон дар таълими химия инъикос мекунанд; 5) дастурҳое, ки ба методикаи истифодаи маводи кишваршиносӣ дар раванди корҳои беруназсинфӣ аз химия бахшида шуданд. Масалан, дар даҳсолаҳои охири асри гузашта масъалаи интихоби касбяке аз проблемаҳои марказӣ буда, оид ба беҳтар кардани он эътибори махсус дода мешуд, ҳатто дар маркази ҷумҳурӣ кабинети методӣ доир ба интихоби касб амал мекард.

Интихоби касб – яке аз масъалаҳои мураккаб ва масъули ҳаётӣ – амалӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд инсон ҳал намояд. Бесабаб дар ин бора К. Д. Ушинский на гуфтааст: «Агар Шумо дуруст меҳнатро интихоб кунед ва ба он тамоми ҳастиатонро бахшед, дар ин ҳолат хушбахтӣ Шуморо мекобад».

Вазифаҳои асосии интихоби касбро, ки бояд муаллими химия дар мавриди истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳал намояд, инҳоянд:

а) омӯзиши шавқу ҳаваси касбии хонандагон;

б) шинос кардани хонандагон ба асосҳоии илмии истеҳсоли ҳозиразамон;

в) дар хонандагон ташаккул додани маҳорат ва малакаи хусусияти политехникидошта, ки барои фаъолияти меҳнатӣ дар саноат ва хоҷагии қишлоқ заруранд;

г) хонандагонро тайёр кардан барои кор кардан дар истеҳсолот.

Шавқу ҳавас хонандаро ба ҷустуҷӯ ва интихоби воситаҳои такмилёфтаи кори мустақилона, васеъ ва амиқ намудани дониш оварда мерасонад, ки дар бисёр мавриди ба шавқу завқ ба фан табдил меёбад.

С. Л. Рубинштейн менависад: «Шавқу ҳавас ҳамаи равандҳои психикиро дарбар гирифта, ба қабул, фикркунӣ тафаккурро равона месозад. Шавқу ҳавас инчунин фаъолияти шахсиятро фаъол мегардонад».

Дар хонандагон тарбия намудани шавқу ҳавас ба химия, ба меҳнат ва истифодаи амалии он дар раванди таълими системавии курси химия, ба шарте муяссар мешавад, ки мазмуни курс ва ғояи он аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва маводи омӯзиш бо ҳаёт ва истеҳсолот алоқаманд бошад. Дар ҳолати нишон додани муваффақияти илму техника, вазни таҷрибаи химиявӣ, яъне намоиши таҷрибаҳо, корҳои лабораторӣ ва амалӣ, шинос намудани хонандагон ба он соҳаҳои хоҷагии халқ, ки химия ба таври васеъ иштирок менамояд, истифода намудани усулу воситаҳои дидактикӣ фаъолияти маърифатии хонандагонро фаъол менамоянд, истифодаи муносибати индивидуалӣ ба хонандагон дар раванди таълими химия ба мақсад расидан мумкин аст. Барномаи химияи мактабӣ то як андоза ахбороти заруриро доир ба химия дар хоҷагии халқ, яъне истифодаи маҳсулоти гуногуни химиявӣ, шароит ва роҳҳои ҳосил кардани онҳо дар заводҳо, асоси илмии истеҳсолоти химиявӣ ва оядаи инкишофи онро ба хонандагон дар назар дорад.

Дар истифодаи кишваршиносӣ нақши асосиро муаллим мебозад. Ӯ хонандагонро бояд ба ояндаи касбҳои хусусияти химиявӣ дошта ва дар истеҳсолоти маҳалли мактаб мавҷудбуда шинос намояд. Дар мавриди омӯзиши истеҳсолот бояд хонандагон ба масъалаҳои ояндаи он, алоқаи он ба илм, техника, равандҳои технологӣ, касбҳои муҳимми химиявӣ ва аҳамияти онҳо барои хоҷагии халқи мамлакат нишон дода шавад.

Тайёр будани хонандагонро ба меҳнат дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти ба химия алоқаманд бо чунин меъёрҳомуайян кардан мумкин аст:

а) Мавҷудияти шавқу ҳавас ба меҳнат ва талаботи ҷамъият. Дар инҷо тайёрии ғоявии хонанда ба меҳнат шарт аст; тарбияи қарзи ватандорӣ, муносибати масъул ба меҳнат, мақсаднокӣ ва дигар сифатҳои шахсии хонанда.

б) Сатҳи баланди донишҳои химиявӣ, чунки бе онҳо дар оянда дар истеҳсолоти химиявӣ кор кардан номумкин аст.

в) Аз худ намудани системаи донишҳо дар бораи асосҳои илмии истеҳсолоти ҳозиразамони саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ.

г) Маҳорати аз тарафи хонандагон истифода кардани донишҳои назариявӣ аз химия барои ҳалли ин ё он масъалаҳои амалӣ.

ғ) Мавҷудияти маҳорат ва малакаҳои хусусияти политехникии зарурӣ барои фаъолияти меҳнатӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ.

д) Мушоҳида кори баланд, бодиққатӣ, муносибати эҷодӣ ба меҳнат.

е) Натиҷаи реалии меҳнати хатмкунандагони мактаб дар истеҳсолот. Дар ин ҷо мушоҳида кардани он ки чӣ тавр мехонанд ва ё чӣ тавр кор мекунанд?

Аз ихтисоси интихобкардаи худ розиянд? Чӣ тавр онро такмил дода истодан шарт аст.

Чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро оид ба истифодаи маводи кишваршиносӣ барои тарбияи касбинтихобкунӣ оҳиста–оҳиста, вобаста ба синну сол, сатҳи дониш ва рушди умумии хонандагон гузаронидан лозим аст.

Яке аз роҳҳои истифодаи маводи кишваршиносӣ дар таълими химия, ин тартиб додан ва ҳал кардани масъалаҳои химиявӣ аз рӯйи маводи маҳал мебошад. Далелҳои бахонандагон равшан ва наздик, ки асоси мазмуни масъалаҳоро ташкил мекунанд, дар хонандагон шавқу завқи баландро бедор карда, диққати онҳоро нисбати проблемаҳои химиявӣ-технологӣ равона месозанд. Яке аз масъалаҳои муҳим, ин интихоб ва тартиб додани масъалаҳое мебошад, ки он хусусияти истеҳсолоти маҳаллиро инъикос карда тавонад.

Ҳалли ин масъала –ҷустуҷӯ карда гирифтан аз маҷмӯаи масъалаҳо аз химия, ки муаллим дар ихтиёр дорад ва аз ҷиҳати мазмун ба тарзи фаъолияти корхона ин аз ди мактаб наздик аст, ҷудо карда гирифтани масъалаҳо мебошад. Лекин дар китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаи масъалаю машқҳо аз химия, масъала ва машқҳои истеҳсолоти алоҳидаи Тоҷикистонро акскунанда қариб нест. Ин табиист, чунки дастури таълимӣ барои ҳамаи мактабҳо навишта мешавад, на барои мактабҳои алоҳида. Барои ҳамин, ба муаллим лозим меояд, ки мустақилона худаш масъалаҳоро доир ба истеҳсолоти маҳал тартиб диҳад: а) маълумотҳои масъалаҳоро дигар кунад; б) далелҳои истеҳсолӣ – теҳнологии объектро тағйир диҳад; тағйироти комплексӣ дарорад ва ғайраҳо.

Баъд дар тартиб додани масъала аҳамияти илмӣ, техникӣ ва омӯзиши таълимии масъалаҳо, алоқаи онҳо бомаводи таълимӣ, инъикоси рушди ҷабҳаи алоҳидаи хоҷаги ихалқ, инкишофи илмӣ – технологӣ-химиявӣ дар мамлакат ба назар гирифта шавад. Бояд қайд намоем, ки дар тартиб додан ва ҳалли масъалаҳо мазмуни таърихӣ–кишваршиносӣ ва истифодаи методҳои фаъоли замонавии химия, принсипи таърихӣ дар назар дошта мешавад. Дар ин ҳолат раванди азхуд намудани дониш шавқовартар шуда, маводи кишваршиносиро бой мегардонад, ки дар натиҷа шавқу завқи маърифатии хонандагон ба химия меафзояд.

Мазмуни кори кишваршиносӣ аз химия ба мақсаднокӣ, системанокӣ ва ҷабҳаи муайяни омӯзиши реаксияҳои химиявӣ, ки асоси истеҳсолоти маҳалро ташкил мекунанд, вобастагии калон дорад. Ин кор ду раванди ба якдигар алоқамандро дарбар мегирад: 1) омӯзиши кишвари худ ва ҷамъ кардани маълумот дар бораи он; 2) истифода намудани маълумотҳои ҷамъовардашуда дар таълим ва тарбияи хонандагон.

Мактаби таҳсилоти миёнаиҳо зиразамон бояд шахсияти эҷодкорро, ки дар ҷамъият мавқеи фаъол дорад, тайёр намояд. Вобаста ба ин, тайёрии политехникии хонандагон аҳамияти калон пайдо мекунад, ки чунин нуктаҳоро фаро мегирад:

1. Аз ҷиҳати илмӣ шарҳи моҳият, принсипҳои истеҳсолоти химия ва маҳсулоти онҳо.
2. Пайдо намудани фаҳмиши технологӣ.
3. Шиносоӣ бо истеҳсолоти ватанӣ бо истифода аз равандҳои химиявӣ.
4. Додани маълумот оид ба истифодаи маводи химиявӣ дар ҳаёт ва хоҷагии халқ.
5. Ошкор сохтани моҳияти химиконидани хоҷагии халқ ва ояндаи он, нишон додани робитаи илм ба истеҳсолот ва ҷамъият;
6. Ҳосил кардани маҳорату малакаҳои ҳалкарда тавонистани масъалаҳои ба истеҳсолоти химиявӣ алоқаманд; хондан ва тартиб дода тавонистани нақша, графикҳо, корҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани моддаҳо.
7. Нишон додани аҳамияти химия барои баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳалли мушкилоти озуқаворӣ.
8. Тарғиби интихоби касб ва маълумот додан дар бораи касбҳои ба химия алоқаманд ва тарбияи меҳнатӣ.

Омӯзиши маводи маҳал дар таълими химия ҷойи махсуси худро доро буда, яке аз омилҳои тарбияи меҳнатӣ мебошад. Омӯзиши фаъолияти илмӣ –таҳқиқотии олимони химияи ватанӣ, дар бораи тарбияи меҳнатии хонандагон маводи фаровон медиҳад.

Дар ин ҷо нишон додани маҳсули меҳнати онҳо ва аҳамиятнокиашон барои хоҷагии халқ, илм, пешравии ҷамъият шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Масъалаи тарбияи меҳнатиро ба воситаи фаъолияти хонандагон дар дарсҳо ва кори мустақилона бо маводи кишваршиносӣ амалӣ намудан мумкин аст. Меҳнати дастаҷамъонаи таълимӣ, кумак ба якдигар натанҳо меҳнатро осон мекунад, балки иззату эҳтиромро ба меҳнат бавуҷуд меорад.

Бесабаб нест, ки бисёр таҳқиқотчиён шинос кардани хонандагонро бо соҳаҳои асосии истеҳсолот, боигариҳои кишвар, ки асоси ашёи хоми истеҳсолоти кишварро ташкил мекунанд, яке аз воситаҳои тарбияи меҳнатӣ ҳисоб мекунанд. Муносибати оқилона ба меҳнат дар хонандагон тафаккури эҷодӣ, малакаҳои навовариро ташаккул медиҳад.

Гузаронидани экскурсия ба истеҳсолот ва стансияи метереологӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, саноат, корхонаҳо ватабиат дониши хонандагонро аз химия чуқуртар намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба химия зиёд мекунад.

Шартҳои асосии интихоби объекти экскурсия инҳоянд:

- аҳамияти он барои хоҷагии халқи мамлакат;
- дар он истифода шудани технологияи ҳозиразамон;
- мувофиқати он ба барномаи таълими химия.

Экскурсия бакорхонаҳои саноатӣ якчанд давраро дар бар мегирад;

- тайёрии пешакӣ ба экскурсия;
- коркарди роҳҳо ва тарзи гузаронидани экскурсия;
- мушоҳидаи техника ва технологияи истеҳсолот;
- шиносшави бо шароити кории кормандони ихтисосҳои гуногун;
- навиштани ҳисобот ва маърӯза ба конференсияи ҷамъбастӣ.

Гузаронидани экскурсияи кишваршиносӣ бояд ба барномаи таълимӣ алоқаманд карда шавад. Асоси онро бояд принсипҳои асосии педагогӣ – политехникӣ, алоқамандии таълим бо ҳаёт ва тарбия, мантиқифан, аёният, баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон ташкил намояд. Муаллим пеш аз он ки хонандагонро ба экскурсия барад, худаш бояд дар бораи он объектмаълумоти пурра дошта бошад.

Барои гузаронидани ҳар як экскурсия нақшаи пурра тайёр намуда, хонандагонро бо он шинос менамоянд.

Масалан, нақшаи тахминии экскурсия ба корхонаи Нуриҳои нитрогении Вахш чунин шуда метавонад:

1. Таърихи корхона (шиносшавӣ то экскурсия).
2. Аз кадом сеххо иборатаст?
3. Ашёи хоми завод.
4. Равандҳоихимиявие, кидарзаводмегузаранд.
5. Маҳсулот.
6. Вақтизарурӣ барои пурра ба охир расонидани раванд (реаксияҳо).
7. Маҳсулотииловагӣ ва истифодаи онҳо.
8. Ихтисосҳо, ҳолати ҷойи кории онҳо, коргарони беҳтарин.
9. Лаборатория ва аҳамиятион.
10. Дурнамои корхона.
11. Ҷамъи коллексияҳо: намунаи маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда.

Баъди экскурсия гузаронидан дарси ҷамъбастӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Мо чунин нақша ва методикаи гузаронидан иэкскурсия ба табиатро пешниҳод менамоем:

1. Тайёрии муаллим: а) омӯхтани адабиёти зарурӣ; б) интихоби дурусти хатсайри роҳ; в) тартиб додани нақшаи экскурсия; г) тайёр кардани таҷҳизоти зарурӣ (лабораторияи химиявии сайёр, пробирка, корд, қалам, қоғаз, асбоби суратгирӣ ва ғайра);

2. Тайёр кардани хонандагон: а) суҳбат бо хонандагоне, ки ба экскурсия меравнд; б) фаҳмондани мақсад ва вазифаҳои экскурсия; в) шинос кардан бо хатсайр; г) фаҳмондани тарзи гузаронидани мушоҳида, маводи таҳқиқотӣ, бо худ гирифтани таҷҳизот; д) ба ҳар як хонанда додани супориши мушаххас.

3. Гузаронидани экскурсия.

4. Коркарди маводи ҷамъовардашуда ва тартиб додани ҳисобот дар бораи экскурсия.

Маводи экскурсия дар ду давра ҷамъбаст карда мешавад. Дар давраи аввал ҳамаи он чизе, ки ҳангоми экскурсия дида шуд, ба хотир оварда мешавад. Бо ин мақсад муаллим ба хонандагон саволҳоеро пешкаш мекунад, ки пай дар пай чизи дидашударо ба ёд оранд. Дар ин вақт муаллим ба хонандагон бо баъзе маълумотҳои иловагие, ки аз радио, телевизор, нашриёт ва интернет дастрас кардааст, ёрӣ мерасонад.

Давраи дуюм навиштани ҳисоботи хаттӣ мебошад. Ин кор метавонад дар намуди коллексияҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо ва ғайра илова карда шавад. Хонандагон метавонанд стендҳо тайёр кунанд, ки дар он ашёҳои маҳсулоти тайёрро ҷойкарда, инчунин албом омода созанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бисёр муаллимон дар мавзӯъҳои «Экскурсия ба истеҳсолот», «Экскурсия ба табиат», «Химия ва ҳаёт» ва ғайраҳо шабнишинӣ, конфренсияҳо гузаронида, рӯзномаҳо, намоиши расмҳо тайёр менамоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили психологӣ–педагогӣ, методии адабиётҳо ва таҷрибаи кори муаллимони химия имконият медиҳад, ки чунин хулоса барорем:

1. Истифодаи маводи кишвар шиносӣ дар таълими химия ҳоло ба системаи таълиму тарбияи ҳар як мактаб ва ҳар як муаллим дохил нашудааст. Ҳатто,

муаллимони химияи мактабҳои қишлоқ дар дарсҳои химия, бисёр кам мисолҳоиистифодаи моддаҳои химиявиро дар хоҷагии қишлоқ дар рӯзгор ва истеҳсолот меоваранд.

2. Проблемаи васеъ истифода бурдани маводи кишваршиносӣ алҳол дар таълими химия мавзӯи таҳқиқоти иҷтимоӣ нагардидааст, гарчанде ки хосияти хосси истеҳсолот, шароити иқлим ва табиати ҷумҳурӣ инро талаб мекунад.

3. Дар адабиёти солҳои охир бисёр муаллифон кӯшиш кардаанд, ки заруратиин масъаларо кушоянд, вале ҳалли ин масъала яктарафа пешниҳод шудааст.

4. Муаллимони химияи мактабҳои таҳсилоти умумӣ муҳимии масъалаи истифодаи маводи кишваршиносиро қайд кунанд ҳам, вале барои амалӣ намудани он донишҳои назариявӣ, психологӣ – педагогии кофӣ надорад. Институтҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон ба ин масъала аҳамияти зарурӣ намедиҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Бондарева А.Ф. Краеведческая работа по физике: в сб. Краеведение в средней школе: ( сборник статей: опыт школьно- краеведческой работы) / А.Ф. Бондарева; под. ред. граф. А.А. Яковлева. – М.: Изд-во АПН РСФСР, 1949. -С.79-82.
2. Зубайдов У. Методикаи таълими химия: китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / У. Зубайдов. С. Холназаров. -Душанбе, 2011. -385с.


**МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КРАЕВЕДЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ХИМИИ**


Одной из главных задач школы является развитие у школьников познавательных интересов, творческого подхода, стремления к самостоятельному и сознательному пополнению знаний, и совершенствование их применения практической деятельности. Так как эффективность обучения находится в прямой зависимости от уровня активности обучающихся. В данной статье авторами рассмотрены методы использования краеведческого материала в процессе обучения химии.



**Ключевые слова**: процесс обучения химии, краеведческие материалы, обучение химии, сознательное пополнение знаний, интерес к предмету, причины потери интереса к предмету.


**METHODS OF USE OF LOCAL HISTORY MATERIALS IN THE PROCESS OF STUDYING CHEMISTRY**


One of the main tasks of the school is the development of pupils ' cognitive interests, creativity, commitment to self and the conscious acquisition of knowledge, and improving their application in practical activity. Since the effectiveness of learning is in direct proportion to the activity levels of students. In this article the authors consider the methods of local history material use in the process of learning chemistry.



**Key words:** teaching chemistry, study materials, teaching chemistry, the conscious acquisition of knowledge, interest in the subject, the reasons for loss of interest in the subject.



**Сведения об авторах:** ***С. Насриддинов*** **–** соискатель КГТУ им.Носира Хусрава

***С.Холназаров*** **–** доктор педагогических наук, профессор КТГУ им.Носира хусрава


# СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ СИСТЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ


***Т.К Хусанова., Э.Азимов***

**Технологический университет Таджикистана,**

**Таджикский национальный университет**


Реформирование национальной системы высшей школы и приведение её в соответствие с общепринятыми мировыми стандартами – приоритетное направление современной политики в сфере образования. Главная задача заключается не в реформах, не в технологиях самих по себе, а в осуществлении целого комплекса преобразований, обеспечивающих условия для полноценного развития личности. Необходимо не только подготовить профессионала в конкретной сфере деятельности, но дать выпускнику возможность самостоятельно избрать область их применения. Это, собственно говоря, и есть задача высшего образования.

Работа по реформированию существующей системы высшего образования требует глубокого и всестороннего учёта международного опыта, накопленного в этой области. Одним из главных направлений реформирования системы образования является переход на многоуровневую систему подготовки специалистов (бакалавр, магистр).

Педагогика давно искала пути достижения если не абсолютного, то хотя бы высокого результата в работе с воспитанниками и постоянно совершенствовала свои средства, методы и формы. Длительное время считалось, что достаточно найти какие-то приёмы или методы, и желаемая цель будет достигнута. Постепенно педагогическая практика накопила много средств, методов и форм обучения и воспитания, но результаты их применения были не всегда однозначны.

Любая система образования функционирует и развивается в определённой социальной, научно-технической, экономической, культурной и, наконец, политической среде, которые, с одной стороны, обусловливают цели образования, а с другой - создают определённые предпосылки для их реализации и дальнейшего развития. Успех любой деятельности, в том числе и учебной, во многом зависит от правильной постановки цели и задач, определяющих мотивацию, направленность, способ и характер действий человека.

Стратегической целью информационно-технологической подготовки будущего специалиста является воспитание его информационно-технологической культуры. В соответствии с поставленной целью подготовки определяются задачи для каждого учебного занятия. При этом необходимо определять весь комплекс задач с учётом преемственности в формировании знаний и умений.

Очевидно, что оптимизация педагогического процесса путём совершенствования методов и средств является необходимым, но отнюдь не достаточным условием. Отбор методов, средств и форм должен совмещаться с реализацией конкретной цели и отработкой системы контроля показателей обучения и воспитания. Этому призвана помочь технологизация педагогического процесса.

В настоящее время целесообразно говорить о педагогических технологиях, которые по своим функциям были бы адекватны специфике личностно-ориентированного, гуманистического подхода, вбирали бы в себя все достижения современной педагогической науки. Рассматривая сущность интенсивных технологий обучения русскому языку, следует исходить из того, что современное образование выдвигает новые требования к профессиональной подготовке специалиста, способного свободно ориентироваться в сложных социокультурных обстоятельствах, готового обслуживать не только инновационные процессы, но и процессы коммуникации в широком смысле этого слова. Экономист, учитель, менеджер и многие другие специалисты должны обладать коммуникативной культурой, способностью к сотрудничеству, умением вести диалог, проявлять гибкость в общении, т.е. быть коммуникативно компетентными.

При обновлении системы образования, когда объективно требуется переводить процесс обучения на новый уровень, а также технологизация общества обусловили появление педагогических технологий. Г.К. Селевко полагает, что исходя из структуры учебного процесса, компонентами технологии следует выделять: концептуальную основу; содержательную часть обучения; процессуальную часть. Процессуальная часть и представляет сам технологический процесс, который состоит из организации учебного процесса; методов и форм учебной деятельности учащихся; методов и форм работы преподавателя; деятельности преподавателя по управлению процессом усвоения материала; диагностики учебного процесса. Мы выделяем следующие критерии технологичности: концептуальность (опора на определенную научную концепцию - философское, психологическое, дидактическое и социально-педагогическое обоснование достижения образовательных целей); системность (признаки системы: логика процесса, взаимосвязь всех его частей, целостностью); управляемость (возможность диагностического целеполагания, планирования, проектирования процесса обучения, поэтапной диагностики, варьирования средствами и методами с целью коррекции результатов); эффективность (условия конкуренции – должны быть эффективны по результатам и оптимальным по затратам, гарантировать достижение определенного стандарта обучения; воспроизводимость (возможность применения в других однотипных образовательных учреждениях, другими субъектами) [1].

На основе данных критерий Г.К. Селевко классифицирует современные педагогические технологии: по уровню применения (общепедагогические, частнопредметные, узкометодические); по философской основе (материалистические / идеалистические, диалектические / метафизические, гуманистические /антигуманистические и т.п.); по ведущему фактору психического развития (биогенные, социогенные, психогенные, идеалистические); по концепции усвоения (ассоциативно-рефлекторные, развивающие, гештальтехнологии, суггестивные, нейролингвистические и т.п.); по ориентации на личностные структуры (информационные, операционные, саморазвития, формирования, эвристические);по характеру содержания и структуры (обучающие/воспитательные, общеобразовательные/ профессиональные и т.п.); по организационным формам (классно-урочные/альтернативные, индивидуальные/групповые и т.п.); по типу управления познавательной деятельностью (классическое, с помощью ТСО, компьютерное и т.п.); по подходу к обучающемуся (авторитарные, личностно-ориентированные, гуманно-личностные, технологии сотрудничества и др.);по преобладающему методу (догматические, объяснительно-иллюстративные, развивающее обучение, проблемно-поисковое, творческое, игровое, диалогическое и т.п.); по направлению модернизации существующей традиционной системы (на основе активизации и интенсификации деятельности учащихся, на основе эффективности организации и управления и т.п.); по категории обучающихся (массовая технология, работа с трудными/одаренными и т.п.) [1].

Данная классификация является довольно развернутой и подробной, в этом ее преимущество и вместе с тем недостаток, большинство технологий существующие на сегодняшний день нашли свое отражение в этой классификации, но вместе с тем дробление на некоторые подвиды не всегда оправдано, например, по направлению модернизации существующей традиционной системы автор выделяет семь технологий, несмотря на то, что все современные технологии на сегодняшний день можно отнести к этому типу.Под технологией обучения подразумевается определённый способ обучения, в котором основную нагрузку по реализации функции выполняет средство обучения под управлением человека. В технологии обучения ведущая роль отводится средствам обучения: преподаватель не обучает студентов, а выполняет лишь функции

стимулирования и координации их деятельности, а также функцию управления средством обучения. Педагогическое мастерство преподавателя состоит в том, чтобы отобрать нужное содержание, применить оптимальные методы и средства обучения в соответствии с программой и поставленными педагогическими задачами.

Перед таджикскими школами стоит задача обеспечить такое образование, которое гарантирует выпускнику социальную устойчивость и мобильность, условия для его самоопределения и саморазвития. Новые требования общества к уровню образованности и развития личности в условиях кредитной технологии обучения приводят к необходимости изменения технологий обучения. Сегодня продуктивными являются технологии, позволяющие организовать учебный процесс с учётом профессиональной направленности обучения, а также ориентацией на личность студента, его интересы, склонности и способности.

Инновационное мышление предполагает прокладку новых путей к цели, которые раньше были неизвестны субъекту деятельности. Эти пути могут быть сотканы из совершенно новых элементов мысли, а также собраны в обновленных цепочках из уже встречавшихся структур. Инновационное мышление предполагает умственную концентрацию на проблеме и сосредоточение на ней интеллектуальных усилий.

Поэтому на сегодняшний день остро встает вопрос развития инновационного мышления у студентов. Без осознания законов дидактического воздействия на личность, без развития творческой мысли, полного восприятия мира трудно воспитать гармонично развитую личность.

Однако для инновационных процессов существуют реальные барьеры. В.И. Андреев выделяет следующие из них:

- консерватизм определенной части педагогов (особенно опасен консерватизм администрации образовательных учреждений и органов образования);
- слепое следование традиции по типу: "У нас и так все хорошо";
- отсутствие необходимых педагогических кадров и финансовых средств для поддержания и стимулирования педагогических инноваций, особенно для педагогов-экспериментаторов;
- неблагоприятные социально-психологические условия конкретного образовательного учреждения и др.

При организации инновационной деятельности следует помнить, что:

- в педагогике, по мысли К.Д. Ушинского, передается не опыт (технология), а мысль, выведенная из опыта;
- "чужой" опыт педагог должен "пропускать через себя" (через свою психику, сложившиеся взгляды, способы деятельности и т. д.) и вырабатывать свой метод, в наибольшей степени соответствующий уровню своего личностного и профессионального развития;
- инновационные идеи должны быть четкими, убедительными и адекватными реальным образовательным потребностям человека и общества, они должны быть трансформированы в конкретные цели, задачи и технологии;
- инновация должна овладеть умами и средствами всех (или большинства) членов педагогического коллектива;
- инновационная деятельность должна морально и материально стимулироваться, необходимо правовое обеспечение инновационной деятельности;
- в педагогической деятельности важны не только результаты, но и способы, средства, методы их достижения [2].

В процессе изучения гуманитарных дисциплин, осуществляется коммуникация, носящая идейно-эстетический характер. Учебный материал на уроках русского языка можно охарактеризовать с позиций речеразвивающего подхода как речь обращенную, представляющую своеобразную сферу сложной коммуникации преподавателя и студентов.

Однако сам учебный материал ещё не может обеспечить инновационное мышление студентов в нужной системе, для осуществления которой необходимы определенные педагогические условия, а именно:

- тщательный отбор и оптимальная дозировка материала на занятие;
- личностная значимость предметного содержания деятельности студента;
- исходный тип мотивационной структуры;
- применение новых технологий в обучении русскому языку;
- специфика учебного предмета и вид учебного задания.

Умелое применение приемов и методов, обеспечивающих высокую активность в учебном познании, является средством развития творческих способностей обучаемых [3.С.19-25].

Итак, для творчества не нужно изыскивать дополнительное время и, тем более специальных занятий. Творчеством должен быть пронизан весь урок, все, что делается на уроке. Обязательные компоненты урока следует пополнить творчеством.

Таким образом, инновационное мышление определяется как процесс приема, смысловой переработки, сохранения полученных знаний и применения их в новых ситуациях, при решении практических и теоретических задач, то есть эти знания используются в форме умения и на их основе решаются новые, оригинальные задачи

[4.357с.] В условиях образовательных реформ особое значение в профессиональном образовании приобрела инновационная деятельность, направленная на введение различных педагогических новшеств. Они охватили все стороны дидактического процесса: формы его организации, содержание и технологии обучения, учебно-познавательную деятельность.

К инновационным технологиям обучения относят: интенсивные технологии обучения, технологию проектного обучения и компьютерные технологии.

В психологической теории обучения интенсивным называется обучение, основывающееся на психологии человеческих взаимоотношений. Технологии интенсивного обучения рассматриваются как способы усвоения знаний, формирования умений и навыков в процессе взаимоотношений и взаимодействий педагога и обучаемого как субъектов учебной деятельности. Сущность их состоит в том, что они опираются не только на процессы восприятия, памяти, внимания, но, прежде всего, на творческое, продуктивное мышление, поведение, общение. При этом процесс обучения организуется таким образом, что обучаемые учатся общаться, взаимодействовать друг с другом и другими людьми, учатся критически мыслить, решать сложные проблемы на основе анализа производственных ситуаций, ситуационных профессиональных задач и соответствующей информации.

В интенсивных технологиях обучения существенно меняются роли обучающего (вместо роли информатора — роль менеджера) и обучаемых (вместо объекта воздействия — субъект взаимодействия), а также роль информации (информация не цель, а средство для освоения действий и операций).

Все интенсивные технологии обучения делятся на не имитационные и имитационные. В основу классификации положен признак воссоздания (имитации) контекста профессиональной деятельности, ее модельного представления в обучении.

Инновационные технологии обучения, отражающие суть будущей профессии, формируют профессиональные качества, инновационное мышление специалиста, являются своеобразным полигоном, на котором студенты могут отработать профессиональные навыки в условиях, приближенных к реальным. Характерные особенности формирования инновационного мышления студентов на занятиях русского языка посредством интенсивных технологий:

- овладение русским языком за короткое время за счет мобилизации ресурсов личности и его скрытых резервов;
- русский язык не изучается, в него вживаются через общение;
- овладение русским языком подобно овладению ребенком родным языком;
- занятия начинаются с общения, а не с усвоения грамматических правил; грамматика представлена в очень красивой «обвертке», причем на этой красивой и элегантной обвертке не написано слово «грамматика»
- обучение иноязычному общению проходит в форме ролевой игры.

Сложился стереотип, что индивидуальное обучение гораздо эффективнее, чем обучение в группе. Однако обучение в группе создает возможность общения не только ученика с преподавателем, но и учеников друг с другом. Широкое использование групповых форм взаимодействия в учебном процессе приводит к тесному переплетению методики и социальной психологии. Это единственная психолого-педагогическая концепция, которая строит учебный процесс на основе принципа коллективного взаимодействия, «социального взаимодействия». Именно поэтому единицей организации учебного материала и учебной деятельности является ситуация взаимодействия, динамическое событие, моделирующее образы реальной жизни.

Процесс формирования инновационного мышления студентов на занятиях русского языка посредством интенсивных технологий обеспечивается, прежде всего, совместной творческой учебной деятельностью преподавателя и студентов, которая организуется на основе метода активизации. Обучаемые включаются в учебную деятельность, имея определенную прагматически определенную цель и разный исходный уровень заинтересованности. В начале обучения обучающийся заинтересован в индивидуальных достижениях и безразличен к успехам других членов группы, затем он осознает пользу учебной группы для себя самого, а в конечном итоге, столь же значимыми для него становятся проблемы группы в целом. Организация учебного процесса в соответствии с принципами метода активизации способствуют появлению новых потребностей и целей, мотивов и интересов обучаемых.

Очень важно осознать, что эмоции являются обязательной составляющей психического состояния человека. Это эмоциональный модус жизнедеятельности индивида, который «является реальным и неизбежным внутренним фактором, постоянно участвующем в регуляции субъектом своей целенаправленной активности».

Характером, стилем общения между преподавателем и студентами в учебной группе создается и поддерживается такая психологическая атмосфера, в которой получают возможности для удовлетворения важные социально-психологические потребности людей: потребность в признании, уважении, внимании со стороны окружающих, авторитете. Это также дополнительно стимулирует учебно-познавательную активность студентов. И сама по себе реально возникающая перед студентами перспектива овладеть навыками и умениями иноязычного общения, довольно быстро получающая

положительное подкрепление в достигаемых успехах, обеспечиваемых концентрацией учебного материала и интенсивной работы с первых занятий, выступает еще одним мощным мотивом, интенсифицирующем учение. Активизация возможностей личности – это, прежде всего усиление мотивации учения, и как результат, ускоренное развитие всех ее резервов, а значит и результативность учебно-познавательной деятельности в целом.

В коллективе, точнее в системе взаимодействий и взаимоотношений, складывающихся в процессе обучения между преподавателем и студентом, заложены большие, но обычно недостаточно используемые резервы обучения. Непрерывное общение, организованное между участниками учебного процесса, согласно принципам метода активизации, способствуют ускорению передачи и усвоения знаний, формирование умения и навыков, становления адекватной самооценки. Положение личности в системе коллективных отношений самым существенным образом зависит от ее индивидуального социального опыта.

